# АСОСҲОИ ИҚТИСОДИЁТ

11



Р. Мирбобоев, М. Саидмуродова,
Ф. Убайдов, И. Хоркашов,
Д. Фозилхонов, М. Имомназаров

# АСОСҲОИ ИҚТИСОДИЁТ

***Китоби дарсӣ барои синфи 11-ум***

Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
тавсия кардааст

Душанбе
«Собириён»
2015

ББК 65.9 (2 тоҷик) Я72
А–83

Р. Мирбобоев, М. Саидмуродова, Ф. Убайдов, И. Хоркашов, Д. Фозилхонов, М. Имомназаров. **Асосҳои иқтисодиёт**. Китоби дарсӣ барои синфи 11-ум. – «Собириён»: Душанбе. 2015. 192 с.

***Хонандаи азиз!***

*Китоб манбаи донишу маърифат аст, аз он баҳравар шавед ва онро тоза нигоҳ доред. Кӯшиш кунед, ки китоб соли хониши оянда низ ҳамин гуна зебову ороста ба дасти додару хоҳарони шумо бирасад ва онҳо ҳам аз он истифода намоянд.*

Истифодаи китоб:

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали соли таҳсил | Охири соли таҳсил |
| 1. | | | | | |
| 2. | | | | | |
| 3. | | | | | |
| 4. | | | | | |
| 5. | | | | | |

ISBN 978-99975-846-1-8
Моликияти давлат

© Р. Мирбобоев, М. Саидмуродова,
Ф. Убайдов, И. Хоркашов,
Д. Фозилхонов, М. Имомназаров, 2015.
© «Собириён», 2015.

# САРСУХАН

Фанни иқтисодиёт дар кулли муассисаҳои таҳсилоти умумии дунё таълим дода мешавад. Агарчи барномаи ин фан дар ҳамаи кишварҳо якхела нест, амалан ҳамаи барномаҳо ба омӯзиши масъалаҳои асосии иқтисодиёт: истеҳсолот, мубодила, тақсимот ва истеъмолот равона карда шудаанд. Дар баробари инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ ва ба вуҷуд омадани тағйироти куллӣ дар ҷаҳони муосир бо мақсади боз ҳам беҳтар гардонидани таълиму тарбияи насли наврас зарурати таҳия ва пешниҳоди китоби нави дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба миён омад.

Дар шароити муосири иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таълими фанни асосҳои иқтисодиёт дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мавқеи махсусро касб карда, он ба ташаккул ёфтани тафаккури иқтисодии хонандагон ва аз тарафи онҳо оқилона истифода карда тавонистани донишҳои иқтисодӣ, ба вуҷуд овардани заминаҳо барои таҳсилоти минбаъдаи касбӣ, фаъолияти амалии ба мақсад мувофиқ ва самаранок нигаронида шудааст. Дар баробари дигар кишварҳои дунё, ин фан дар мактабҳои миёнаи умумӣ ва миёнаи махсуси Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таълим дода мешавад, аммо мутаассифона, ҳаводорони омӯзиши ин фанни ҳаётан муҳимро мушкилоти сахте ба мисли набудани китоби дарсӣ бо забони давлатӣ (тоҷикӣ) ҳамеша домангир аст. Ҳадафи асосии таҳияи китоби мазкур ҳалли мушкилоти хонандагон оид ба омӯзиши асосҳои иқтисодиёт мебошад, зеро инсони аз нигоҳи иқтисодӣ босавод, қобилияти на танҳо пешниҳод кардани ғояҳои нав, балки, муайян кардани вариантҳои имконпазир, қабули қарорҳои самаранокро дар шароити маҳдудияти захираҳо дошта метавонад. Дар баробари ин китоби мазкур барои толибилмоне, ки дар оянда хоҳиши интихоб кардани касбу ихтисосҳои ба иқтисодиёт вобастабударо доранд, кӯмак мекунад.

Азнавсозиҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ аз хонандагон тақозо менамояд, ки дар шароити бо суръати баланд тағйирёфтаистодаи муҳити иқтисодӣ онҳо бояд донишҳои умумиро оид ба иқтисодиёти оила, фирма (корхона), давлат ва иқтисодиёти ҷаҳонӣ аз худ карда, маҳорати мутобиқ шудан ва самаранок фаъолият карданро дошта бошанд.

Дар доираи омӯзиши фанни асосҳои иқтисодиёт ба масъалаҳои ташаккул додани тафаккури иқтисодии хонандагон аҳамияти махсус дода мешавад. Бо назардошти ин, таълими фанни мазкур имрӯз қисми

таркибӣ ва муҳими таҳсилоти миёнаи умумӣ маҳсуб меёбад. Робитаи мутақобили фанни асосҳои иқтисодиёт бо математика, технологияи иттилоотӣ, таърих, география ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ ба хонандагон имконияти фаҳмиши комилан мувофиқро оид ба ҷаҳони муосир фароҳам меоварад.

Илми муосири иқтисодӣ – илми хеле мураккаб ва ташаккулёфтаистода маҳсуб ёфта, ба моделсозии математикии равандҳои иқтисодӣ такя мекунад. Бо истифода аз ин китоб хонандагон донишҳои базисии иқтисодиро дарёфт карда, минбаъд ба таври доимӣ дар заминаи сарчашмаҳои иттилоотии мавҷуда савияи донишҳои худро пурра мекунанд ва бо кордонӣ ба ҳодисаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ баҳо дода, озодона ба тамоюлҳои навини бозор сарфаҳм мераванд ва имкониятҳои онро барои беҳтар намудани некӯаҳволии худ истифода мекунанд.

Ин китоб ба хонандагон имкон медиҳад, ки донишҳои базисиро оид ба мафҳумҳои асосии иқтисодиёти бозорӣ, механизми рақобат, шаклҳои ташкили бизнес, ташаккулёбии даромадҳои аҳолӣ, буҷети давлатӣ ва бисёр дигар ҳодисаҳои иқтисодӣ аз бар карда, дар бораи чи гунагии ҷиҳати иқтисодии ҳаёт ва дар инкишофи худ ба кадом қонуниятҳо тобеъ будани он тасаввуроти умумӣ дошта бошанд. Китоби мазкур дар асоси дастовардҳои навини илми иқтисодӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ таҳия шуда, нисбати дигар китобҳои дарсӣ аз мафҳумҳои кӯҳнаи идеологӣ ва ақидаҳои мутлақ нисбати ҳодисаҳои иқтисодӣ озод буда, муаллифон кӯшиш намудаанд, таълимоти муҳимтарини иқтисодиро ба хонандагон бо лафзи сода пешниҳод намоянд.

Китоб инчунин бо мақсади пайдо кардани тасаввуроти муайян оид ба паҳлуҳои мухталифи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва ҷаҳонишавии ҳаёти иқтисодӣ таҳия шуда, барои хонандагони синфи 11-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод мешавад.

Муаллифон эътимод доранд, ки барои хонандагон шиносоӣ бо иқтисодиёт гуворо ва шавқовар мегардад ва бо сипосгузорӣ мулоҳизаҳои танқидӣ ва пешниҳодҳоро нисбат ба беҳтар кардани китоби дарсӣ қабул мекунанд.

# МАВЗӮИ 1. МАСЪАЛАҲОИ АСОСИИ ИҚТИСОДИЁТ

## 1.1. Иқтисодиёт чист?

Дар бораи иқтисодиёт ҳама ва ҳар рӯз ҳарф мезананд. Бинобар ин дар саҳифаҳои китоби мазкур моро суҳбате оид ба иқтисодиёт интизор аст. Дар аввал бояд донист, ки «иқтисодиёт» чист? Истилоҳ (ё вожаи «иқтисодиёт»-ро) се хел таъриф кардан мумкин аст:

Якӯм иқтисодиёт – ин маҷмӯи муносибатҳое мебошад, ки байни одамон дар доираи истеҳсолот, тақсимот, муомилот ва истеъмоли неъматҳо ва хизматрасониҳои моддӣ ва ғайримоддӣ сурат мегиранд. Бояд дар назар дошт, ки иқтисодиёт бо риштаҳои ноайён ҳамаи паҳлӯҳои ҷомеаро фаро мегирад.

Дуюм, иқтисодиёт тарзи ташкили фаъолияти одамонро ифода карда, барои ба вуҷуд овардани неъматҳои зарури истеъмолӣ ва қонеъ гардонидани талаботи онҳо нигаронда шудааст. Талабот ҳоҳиши бошуурона ва ё бешууронаи одамонро барои ба даст овардани неъматҳои зарурӣ ба мақсади пешбурди фаъолият ва инкишофи шахс ифода менамояд.

Сеюм, иқтисодиёт илмест, ки истифодабарии самараноки захираҳои маҳдудро барои қонеъ гардонидани талаботи номаҳдуди одамон меомӯзад. Умуман истилоҳи «иқтисодиёт»-ро ҳамчун қонун, қоидаи хоҷагидорӣ, яъне тарзу усулҳои хоҷагидорӣ бо мақсади таъмини талаботи одамон тавассути истеҳсоли неъматҳои ҳаётан зарур маънидод кардан мумкин аст. Аз сабаби он ки илми иқтисодиёт рафтор, фаъолияти одамонро меомӯзад ба гурӯҳи илмҳои ҷамъиятӣ дохил мешавад.

Дар ҳаёти иқтисодӣ одатан се иштирокчии асосӣ фаъолият мекунанд: оилаҳо (хоҷагиҳои хонагӣ), фирмаҳо ва давлат. Фаъолияти онҳо байни ҳамдигар вобастагии мутақобила дошта, тавассути бозори омилҳои истеҳсолот (яъне, захираҳое, ки барои истеҳсоли неъматҳо заруранд) ва бозори молҳои истеъмолӣ (неъматҳои аз тарафи



Расми 1.1. **Сохтори иқтисодиёт**

одамон истеъмол ва ё тавассути шартҳои бозорӣ мубодилшаванда) ба роҳ монда мешавад.

**НЕЪМАТҲО ҳамаи он воситаҳое мебошанд, ки барои қонеъ гардондани талаботи инсон нигаронида шудаанд.**

**ОМИЛҲОИ ИСТЕҲСОЛОТ захираҳое мебошанд, ки аз тарафи одамон барои истеҳсол кардани неъматҳои ҳаётӣ истифода мешаванд.**

Бояд қайд намуд, ки дар раванди фаъолият дар иқтисодиёт ба сифати иштирокчии асосӣ шахс, оила ва ё хоҷагии хонагӣ баромад мекунад. Бахусус, барои қонеъ гардондани талаботи хоҷагиҳои хонагӣ тамоми фаъолияти иктисодиёт дар ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон равона карда шудааст.

**ХОҶАГИИ ХОНАГӢ воҳиди иқтисодиест, ки аз як ва ё якчанд нафар иборат буда, ҷиҳати ба даст овардани даромад аз ҳисоби омилҳои истеҳсолоти дар ихтиёрдошта ва истифода кардани ин даромадҳо барои дарёфти молу хизматрасониҳо бо мақсади истеъмоли шахсӣ мустақилона қарорҳо қабул мекунад.**

Намуди одии хоҷагии хонагӣ шахси алоҳида мебошад, ки бидуни наздикон зиндагии ҷудогона бурда, воситаҳои заруриро худ ба даст меоварад ва истеъмол мекунад. Намуди мураккаби хоҷагии хонагӣ оила аст, ки аз волидайну фарзандон иборат буда, дар хонаи алоҳида хоҷагии умумиро пеш мебарад. Аъзои оила дорои омилҳои истеҳсолот, пеш аз ҳама, меҳнат қувваи корӣ мебошад. Бар ивази меҳнати дар корхонаҳо иҷрокарда дар шакли музди кор аъзои оила даромад ба даст меорад ва оид ба истифодаи он ба мақсади харид намудани маҳсулоти истеъмолӣ, сару либос, пардохти хизматҳои коммуналӣ, истироҳат ва ғайраҳо қарорҳо қабул мекунад.

Ғайр аз меҳнат аъзои оила метавонад соҳибмулки дигар омилҳои истеҳсолот, ба монанди заводу фабрика, қитъаи замин ва дигарҳо низ бошад. Оила аз истифодаи ин омилҳои истеҳсолот низ даромад ба даст оварда метавонад. Бояд қайд намуд, ки хоҷагиҳои хонагӣ дар қатори давлат соҳибмулки захираҳои табиии мамлакат маҳсуб меёбанд. Бинобар ҳамин ҳамаи кӯшишҳои давлат барои самаранокии истифодаи захираҳои иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии хоҷагиҳои хонагӣ равона карда шудаанд.

Аз ин лиҳоз илми иқтисодиёт рафтор ва фаъолияти одамонро дар раванди хоҷагидорӣ меомӯзад. Омӯзиш ва донистани ин илм барои одамон, корхонаҳо ва давлат баҳри беҳтар шудани фаъолияти хоҷагидорӣ ва истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда мусоидат мекунад.

Чи хеле ки маълум аст, тамоми мавҷудоти зиндаи сайёраи Замин аз табиат истифода мебаранд, вале танҳо инсон барои қонеъ гардондани

талаботи худ қобилияти дигаргун кардани неъматҳоро (дар ҳаҷм ва намудҳои гуногун) дорад.

Дар баробари ин на ҳамаи неъматҳоро метавон ба вуҷуд овард ва истеҳсол кард. Бинобар ин илми иқтисодӣ тамоми неъматҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: 1) ***неъматҳои ғайрииқтисодӣ (табиӣ, озод)***; 2) ***неъматҳои иқтисодӣ.***

**НЕЪМАТҲОИ ҒАЙРИИҚТИСОДӢ гурӯҳи неъматҳоеанд, ки дар табиат захираи беохир доранд ва барои қонеъ кардани талаботи одамон кифояанд.**

Ин гурӯҳи неъматҳо зарурати истеҳсолӣ надошта, дастраси ҳамагонанд, озодона ва ройгон мавриди истифода қарор дода мешаванд. Ба неъматҳои ғайрииқтисодӣ ҳаво, нури Офтоб, оби борон, моҳӣ дар уқёнус ва ғайра дохил мешаванд.

Қисми зиёди талаботи инсон аз ҳисоби **неъматҳои иқтисодӣ**, яъне молу хизматрасониҳое, ки аз тарафи одамон истеҳсол шудаанд, қонеъ гардонида мешаванд. Ҳаҷми ин неъматҳо барои пурра қонеъ гардондани талаботи одамон нокифояанд ва танҳо аз ҳисоби истифодаи омилҳои иловагии истеҳсолот зиёд гардонида шуда, бо тарзҳои гуногун тақсим карда мешаванд.

Имрӯз одамон нисбат ба давраҳои қадим зиндагии хубтар доранд, ки ин ҳама натиҷаи афзоиш ва беҳтаршавии хусусиятҳои неъматҳои иқтисодист (хӯрока, сару либос, манзил ва ғ).

Барои истеҳсоли неъматҳои ҳаётан зарур одамон захираҳои табиӣ, меҳнат ва дигар воситаҳои махсус (таҷҳизот, объектҳои истеҳсолӣ ва ғ.)-ро истифода мебаранд, ки ҳамаи онҳо омилҳои истеҳсолотро ташкил медиҳанд.

Намудҳои зерини омилҳои истеҳсолотро ҷудо кардан мумкин аст: ***меҳнат; замин; сармоя***.

Зери мафҳуми **меҳнат** ҳамчун омили истеҳсолот, фаъолияти одамон оид ба истеҳсоли молу хизматҳо фаҳмида мешавад.

**МЕҲНАТ дар раванди истеҳсоли неъматҳои иқтисодӣ истифода кардани қобилияти зеҳнӣ ва ҷисмонии одамон мебошад.**

Бузургии ин омил дар маҷмӯъ дар миқёси мамлакат аз миқдори аҳолии синни қобили меҳнат, сатҳи таҳсилоти одамон, касбияти онҳо асосан вобастагӣ дорад. Соҳиби захираи меҳнат даромад мегирад, ки онро музди меҳнат меноманд.

Зери мафҳуми **замин** ҳамчун омили истеҳсолот, тамоми захираҳои табииро, ки барои истеҳсоли неъматҳои иқтисодӣ истифода мешаванд, дар бар мегирад. Соҳибмулки захираҳои табиӣ низ даромад мегирад ва он рента номида мешавад.

Мафҳуми **сармоя** ҳамчун омили истеҳсолот, биною иншооти истеҳсолӣ, дастгоҳу таҷҳизотро, ки барои истеҳсоли неъматҳои иқтисодӣ истифода мешаванд, дар бар мегирад. Бояд қайд намуд, ки меҳнат ва замин омилҳои аввалиндараҷаанд, яъне бе мавҷудияти онҳо хоҷагидорӣ вуҷуд дошта наметавонад. Сармоя бошад, омили дуюмдараҷа аст ва он тавассути меҳнати инсон сохта мешавад, чунки дастгоҳу таҷҳизот дар табиат худ аз худ пайдо намешаванд.

Барои таҳлили равандҳои иқтисодӣ одатан аз меҳнат боз як омили дигари истеҳсолот – **соҳибкорӣ** ҷудо карда мешавад, ки он **қобилияти** одамонро, ба монанди *дуруст баҳо додан барои пешниҳоди молҳои нав ба харидорон ва ё ворид намудани технологияҳои нав бо мақсади соҳиб шудан ба фоидаи зиёд, ҷой доштани хавф ва зарар дидан аз фаъолияти тиҷоратӣ ва хавфи аз даст додани пасандозҳои худ ва инчунин пурсамар истифода бурдани дигар омилҳоро барои истеҳсоли неъматҳои зарури ҷамъиятӣ* дар бар мегирад.

Дар мавриди аввал барои мо муайян нест, ки меҳнат аз қобилияти соҳибкорӣ чӣ фарқе дорад, дар ҳоле ки ҳам соҳибкор ва ҳам коргари кироя якҷо фаъолият мекунанд. Албатта, фарқияте ҳаст, чунки коргари кироя танҳо амалҳоеро ба анҷом мерасонад, ки аз тарафи соҳибмулк-соҳибкор фармуда мешаванд. Соҳибкор бошад, такя ба қобилиятҳои худ намуда, оид ба чӣ, чӣ қадар ва чӣ тавр дар корхона бояд истеҳсол намудан қарорҳо қабул мекунад. Ғайр аз ин қарорҳои соҳибкор бояд пешомади раванди истеҳсолот ва фурӯши маҳсулотро низ фаро гирифта тавонад. Ана, ҳамин ҳолатҳо иқтисодчиёнро водор месозанд, ки қобилияти соҳибкориро ба сифати омили истеҳсолот ворид намоянд.

Дар асри XX **иттилоот** низ ба қатори омилҳои истеҳсолот ворид шуда, тамоми маълумот ва ахбореро, ки ба одамон барои пеш бурдани фаъолият дар иқтисодиёт зарур аст, дар бар гирифт. Ҳаҷми ин захираро чен кардан имконнопазир аст, лекин арзиши он басо гарон мебошад.

Мукаммал намудани тарзи истифодаи омилҳои истеҳсолот барои ҷамъият ду унсури муҳим, яъне махсусгардонии меҳнат ва мубодилаи натиҷаи онро ба миён овард.

Махсусгардонии меҳнат дар принсипҳои инкишофи хоҷагидории ҷамъиятӣ асос меёбад, ки муҳимтарини онҳо: *тақсимоти бошууронаи меҳнат байни одамон; бо касбҳои нав омӯзондани одамон; имконияти ҳамгироӣ, яъне ҳамкорӣ баҳри ноил гаштан ба мақсади умумӣ мебошанд.*

Умуман, арзишнокии махсусгардонии меҳнат ба асосҳои зерин такя мекунад: якум, ҳамаи одамон қобилияти гуногуни зеҳнӣ ва ҷисмонӣ доранд ва фаъолияти онҳо низ аз рӯи қобилияти меҳнатиашон интихоб мегардад. Дуюм, махсусгардонии меҳнат барои одамон имкон медиҳад, ки касби интихобкардаашонро такмил диҳанд ва бо сифати баланд молу хизматҳоро пешниҳод намоянд. Сеюм, рушди қобилияти меҳнатӣ вақтро

низ сарфа намуда, зарари гузариш аз як намуди меҳнат ба намуди дигари онро кам мекунад.

Махсусгардонӣ ва афзоиши ҳосилнокии меҳнат барои одамон имконияти истеҳсоли зиёди неъматҳоро таъмин намуд, ки ба ғайр аз қисми истеъмолшаванда, қисми изофаро ба вуҷуд овард. Ҳолати мазкур зарурати мубодилаи доимии неъматҳоро ба миён овард.

Мубодилаи доимии молу хизматрасониҳо ҳамчун сарчашмаи пайдоиши фаъолияти муҳим, яъне тиҷорат мебошад, ки шакли хариду фурӯш ё ки мубодилаи молро ба пул мефаҳмонад.

**МОЛ ашёи моддиест, ки барои истеъмол ва ё мубодила истеҳсол карда мешавад.**

**ХИЗМАТРАСОНИҲО гуфта фаъолияти самаранокеро меноманд, ки арзишнокии муайянро доро мебошад.**

**ТИҶОРАТ мубодилаи озоду самараноки неъматҳост, ки шакли хариду фурӯши молҳо ва хизматрасониҳоро тавассути пул мефаҳмонад.**

## 1.2. Маҳдудияти захираҳои иқтисодӣ

Мақсади асосии фаъолияти хоҷагидорӣ қонеъ гардонидани талаботи (биологӣ) одамон буда, барои ба даст овардани неъматҳои муайян равона шудааст. Ба гурӯҳи аввалиндараҷаи талаботи одамон хӯрока ва пӯшокаро дохил кардан мумкин аст. Ин намуди талабот шароити одии зисти одамонро инъикос карда, то ҳол дар рӯи Замин пурра ҳалли худро наёфтааст, чунки дар баъзе давлатҳо одамон то ба имрӯз ба мушкилоти гуруснагӣ гирифтор мебошанд.

Сотсиологи машҳури амрикоӣ *Абраам Маслоу* тамоми намуди талаботи одамонро дар шакли «пирамидаи талабот» нишон додааст (рас. 1.2).

Расми 1.2.
**Талаботи аввалиндараҷаи одамон**



Дар қатори талаботи физиологӣ дигар намудҳои талабот низ пайдо гардидаанд, ки барои ба пуррагӣ қонеъ намудани онҳо захираҳо нокифоя мебошанд. Башарият ҳатто аз давраҳои пеш танқисӣ ба неъмат дошт, чунки танҳо замин омили асосии истеҳсолот ва қонеъкунандаи талабот ба ҳисоб мерафт. Аз ҳамон давраҳо сар карда, талаботи одамон ва шумораи аҳолӣ мунтазам зиёд шуда истодааст. Ҳолати мазкур масъалаи асосии илми иқтисодиётро инъикос намуда, дар шароити маҳдудияти захираҳо чӣ тавр ба роҳ мондани истеҳсоли неъматҳоро муайян мекунад.

**МАҲДУДИЯТИ ЗАХИРАҲО – ин нокифоягии ҳаҷми тамоми намудҳои захираҳои ҷойдоштаро ҷиҳати истеҳсоли неъматҳои барои ҷамъият зарур ифода мекунад.**

Масъалаи тақсимоти захираҳои маҳдуд миёни соҳаҳои хоҷагидорӣ бахри қонеъ гардонидани талаботи гуногун имрӯз набояд аз мадди назар дур бошад. Бояд муайян кард, ки барои чӣ захираҳо нисбатан маҳдуд мебошанд?

Маҳдудияти меҳнат ба шумораи аҳолии қобили меҳнат дар ҳар як кишвар вобаста аст. Ғайр аз ин вобаста ба қобилияти зеҳнию ҷисмонии одамон на ҳамаи онҳо ба гурӯҳи захираҳои меҳнатӣ ворид карда мешаванд.

Маҳдудияти замин аз рӯи масоҳати кишвар ва ё канданиҳои фоиданок муайян мегардад.

Маҳдудияти сармоя аз рӯи иқтидорҳои истеҳсолии ҷойдоштаи кишвар вобаста аст. Ин маҳдудиятро тавассути сохтани биною иншооти нави истеҳсолӣ кам кардан мумкин аст, лекин ин дар навбати худ, ҳам вакт ва ҳам захираҳои зиёдро талаб мекунад.

Маҳдудияти қобилияти соҳибкорӣ ҳамчун омили истеҳсолот дар он зоҳир мегардад, ки на ҳама кишвар дорои нафарони корчаллону соҳибкори зиёд мебошад.

Маҳдудияти захираҳо масъалаҳои дигарро дар раванди хоҷагидорӣ ба миён меорад. Пеш аз ҳама, пайдоиши моликият ва ҳуқуқи истифодабарии он. Одамон ҳанӯз аз давраҳои қадим хоҳиши табдил додани захираҳоро ба моликият доштанд. Имрӯз ҷамъият ба таври муайян қоидаҳои ба даст овардан ва ё истифодаи моликиятро ба таври мушаххас ба роҳ мондааст. Бинобар ин дар тамоми кишварҳо қонунҳое амал мекунанд, ки ҳуқуқҳои моликиятро ба тартиб даровардаанд. Чунончи: *ҳуқуқи соҳибӣ кардан; ҳуқуқи истифода бурдан; ҳуқуқи идора кардан***.**

Вобаста ба ин чунин шаклҳои моликиятро аз ҳамдигар фарқ мекунанд: *давлатӣ; мунисипалӣ; хусусӣ.*

Акнун мо бояд донем, ки байни ин шаклҳои моликият чӣ фарқияте вуҷуд дорад.

Моликияти хусусӣ бо он фарқ дорад, ки ҳамаи ҳуқуқҳои соҳибӣ, ихтиёрдорӣ ва истифодабарӣ аз тарафи қонун на ба давлат, балки ба

шахси алоҳида ва ё гурӯҳи одамон, ки бо фаъолияти истеҳсолию тиҷоратӣ машғуланд, тааллуқ дорад. Бо мақсади афзун намудани самараи иқтисодӣ соҳибони моликияти хусусӣ метавонанд онҳоро якҷоя кунанд, ки дар натиҷа пайдошавии моликияти саҳҳомӣ ва ё муштаракро ба миён меорад. Ба ин намуди моликият метавонанд хона, амволи оилавӣ, корхонаҳо, натиҷаҳои илмӣ ва ғайраҳо дохил гарданд. Дар амал моликияти шахсӣ низ мавриди истифода қарор дода мешавад. Моликияти шахсӣ аз моликияти хусусӣ фарқ мекунад, зеро он на бо мақсади гирифтани даромад, балки танҳо барои қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ, яъне талаботи маишӣ-иҷтимоии одамон истифода мегардад.

Моликияти мунисипалӣ шакли моликияте мебошад, ки ҳуқуқи моликиятро ҷамоатҳои шаҳру деҳот бар зиммаи худ доранд ва ба сифати субъекти он мақомоти маҳаллӣ баромад мекунад. Ба гурӯҳи моликияти мунисипалӣ он объектҳое дохил мешаванд, ки аз истифодаи онҳо фоида гирифтан ғайриимкон аст ва ҳамаи истиқоматкунандагони ҳамон шаҳр ва ё деҳот аз он бояд истифода намоянд. Масалан, кӯчаҳои шаҳр, шабакаҳои обтаъминкунӣ, мактабҳои миёна, нуқтаҳои тиббӣ, боғҳои истироҳатӣ ва ғайраҳо.

Ба ғайр аз ин объектҳое ба монанди марказҳои калони тиббӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ, китобхонаи миллӣ, музею театрҳо ва ғ. мавҷуд ҳастанд, ки аз онҳо на танҳо истиқоматкунандагони як шаҳр, балки тамоми кишвар бояд истифода баранд. Чунин объектҳо ба гурӯҳи моликияти давлатӣ тааллуқ дошта, аз тарафи мақомоти давлатӣ идора мешаванд.

Новобаста аз он ки шаклу намудҳои гуногуни моликият мавҷуданд, давлат бо фароҳам овардани шароити мусоид онҳоро бо мақсади инкишофи устувори кишвар ва ё аз байн бурдани муноқишаҳо ҳифз мекунад.

Соҳиби моликият имконияти пешниҳод кардани захираҳои дар ихтиёрдоштаи худро бар ивази пул бо дигарон дорад ва дар ин маврид захира ва ё омили истеҳсолот ба сифати сарчашмаи даромад фаъолият мекунад. Ин намуди даромадҳо вобаста аз намуди захираҳои фурӯхташаванда гуногун буда метавонанд.

**ДАРОМАДҲОИ ОМИЛӢ даромадҳоеанд, ки аз ҳисоби омилҳои истеҳсолот ба даст оварда мешаванд.**

Масалан, даромад аз ҳисоби меҳнат шакли музди корро дорад. Даромад аз ҳисоби замин ва ё захираҳои табиӣ рента номида мешавад. Даромад аз ҳисоби фаъолияти соҳибкорӣ дар шакли фоида баромад мекунад. Даромад аз ҳисоби сармоя фоиз номида мешавад.

Маҳдудияти захираҳо масъалаи интихобро барои истеъмолкунандагон ба миён меорад. Ҳар як интихоб дорои нархи муайян буда, он дар адабиёти иқтисодӣ хароҷоти алтернативӣ номида мешавад.

Дар зери мафҳуми нархи интихоб ҳамон арзишеро мефаҳманд, ки дар натиҷаи интихоби як намуди захира имконияти ба даст овардани захираи дигарро аз байн мебарад. Масалан, агар дар замин картошка кишт шуда бошад, дар болои он пиёзро кишт кардан ғайриимкон аст. Ҳолати мазкур асоси мантиқии зиндагӣ буда, дар ҳар як қадам масъалаи интихобро дар иқтисодиёт ба миён меорад, бинобар ин одамон доимо дар ҷустуҷӯи ҷавоб додан ба се савол дар иқтисодиёт ҳастанд: **1) Чӣ бояд истеҳсол кард, яъне кадом намуди молу хизматрасониҳо барои истеъмолкунандагон пешкаш шаванд? 2) Чӣ тавр бояд истеҳсол кард, яъне кадом усули истеҳсоли неъматҳоро бо назардошти имконияти захираҳои мавҷуда ба роҳ монд? 3) Барои кӣ бояд истеҳсол кард, яъне кӣ имконияти ба даст овардани молу хизматрасониҳоро дорад?**

Дар ҷавоб ба саволи *чӣ бояд истеҳсол намуд*, одамон захираҳои маҳдудро байни истеҳсолкунандагони неъматҳои гуногун тақсим мекунанд. Ба саволи *чӣ тавр бояд истеҳсол кард*, одамон усулу технологияҳои самарноктаринро барои истеҳсоли неъматҳо интихоб мекунанд. Ба саволи *барои кӣ бояд истеҳсол кард*, одамон муайян мекунанд, ки дар натиҷа чӣ қадар неъматҳо бояд дастрас гарданд.

Таърихи башарият барои ҷавоб ба ин саволҳо ба чунин усулҳо такя намудааст: *анъанавӣ – тақсимот дар заминаи анъанаҳои дар ҷамъият ҷойдошта; марказонидашуда – тақсимот дар асоси фаъолияти мақомоти марказонидашуда ва бозорӣ – тақсимот дар асоси механизми бозорӣ ба роҳ монда мешавад.*

Дар аксари кишварҳои ҷаҳон имрӯз тақсимот дар заминаи механизми бозорӣ зиёдтар ба чашм мерасад. Аз як тараф, неъмат ба истеъмолкунандае дастрас мегардад, ки нархи баландтарро пешниҳод кунад, аз тарафи дигар, фурӯшанда ба нархе мефурӯшад, ки харидор ба ӯ пешниҳод мекунад. Вобаста ба ин хариду фурӯш дар асоси самараи ҳам фурӯшанда ва ҳам харидор ба роҳ монда мешавад, вагарна харидор бе неъмат ва фурӯшанда бе пул мемонанд.

Ҳамин тавр, масъалаи махдудияти захираҳо ба ҳама гуна ҷамъият новобаста аз дараҷаи инкишофи он ва сатҳи некуаҳволии шаҳрвандони он, ҳам дар гузашта ва ҳам дар оянда хос аст, яъне талаботи доимоафзоянда аз захираҳои дар ҷамъият дастрасбуда ҳама вақт зиёд мебошанд. Дар иртибот бо ин масъала маҳдудияти захираҳо ҳамчун масъалаи асосии иқтисодиёт боқӣ мемонад.

**?!**

1. Зарурати омӯзиши иқтисодиётро шарҳ диҳед.
2. Фарқияти неъматҳои ғайрииқтисодӣ аз неъматҳои иқтисодӣ.
3. Омилҳои истеҳсолотро шарҳ диҳед.
4. Шаклҳои талаботи одамон кадомҳоянд?
5. Сабаби нокифоягии захираҳои иқтисодиро шарҳ диҳед.
6. Интихоби захираҳо ва ҳалли масъалаҳои асосии иқтисодиёт чӣ гуна сурат мегиранд?

# МАВЗӮИ 2. НАМУДҲОИ НИЗОМИ ИҚТИСОДӢ

## 2.1. Низоми иқтисодиёти анъанавӣ ва бозорӣ

Башарият дар тӯли ҳазорсолаҳо тавассути таҷрибаҳо ва хатоиҳо роҳҳои самарноктарини ташкили фаъолияти хоҷагидориро ҷустуҷӯ кардa истодааст. Дар ин муддат якчанд усули ташкили фаъолияти хоҷагидорӣ ба роҳ монда шудааст, ки онҳоро дар адабиёти иқтисодӣ ҳамчун низомҳои иқтисодӣ ном мебаранд. Фарқият дар он дида мешавад, ки масъалаҳои асосии иқтисодиёт (чӣ ва чӣ тавр бояд истеҳсол кард? барои кӣ истеҳсол кард?) чӣ гуна ҳалли худро ёфтаанд ва кадом намуди моликият дар ин кишварҳо бартарият доранд. Вобаста ба ин чор намуди низоми иқтисодӣ, яъне *анъанавӣ*, *бозорӣ, маъмурию фармонфармоӣ* (*амрӣ)* ва *омехтаро* аз ҳам ҷудо кардан мумкин аст.

**НИЗОМҲОИ ИҚТИСОДӢ шаклҳои ташкили фаъолияти хоҷагидорие мебошанд, ки аз рӯи: 1) тарзи ташкили фаъолияти хоҷагидории одамон, корхонаҳо ва давлат; 2) шакли моликият ба захираҳои иқтисодӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд.**

Аз ҳама қадимтарини онҳо низоми иқтисодиёти анъанавӣ ба ҳисоб меравад.

**НИЗОМИ ИҚТИСОДИЁТИ АНЪАНАВӢ тарзи ташкили фаъолияти хоҷагидориест, ки замин ва сармоя дар он моликияти умумӣ буда, захираҳои маҳдуд дар асоси урфу одатҳо ва анъанаҳои таърихӣ тақсим мегарданд.**

Масъалаи моликият дар низоми иқтисодиёти анъанавӣ характери коллективӣ дошта, он ба қабила ва ё иттиҳоди одамон тааллуқ дошт. Бо мурури замон нишонаҳои низоми иқтисодиёти анъанавӣ башариятро ба пуррагӣ қонеъ нагардонид, чунки таҷрибаи ҳамон давра нишон додааст, ки омилҳои истеҳсолот агар дар ихтиёри шахсони алоҳида ва ё оила набошанд самаранок истифода бурда намешаванд, . Имрӯз дар ягон кишвари ҷаҳон асоси ҳаёти ҷамъиятро моликияти умумӣ ташкил намедиҳад, лекин дар кишварҳои сусттараққикардаи қашшоқ ин намуди моликият то ҳол ба чашм мерасад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон додааст, ки бозорҳо ва корхонаҳо ҳалли масъалаи тақсимоти самараноктарини махдудияти захираҳоро нисбат ба қарорҳо ва ё маслиҳатҳои пирони қабилаҳо, ки дар низоми иқтисодиёти анъанавӣ қабул карда мешуданд, хубтар ба роҳ мондаанд.

Аз ин лиҳоз низоми иқтисодиёти анъанавӣ бо гузашти вақт зарурати худро дар аксар кишварҳои ҷаҳон гум карда, нишонаҳои онро имрӯз аҳён-аҳён вохӯрдан мумкин аст.

Дар аксар кишварҳои ҷаҳон имрӯз низоми иқтисодиёти бозорӣ мавқеи хосаро пайдо кардааст, ки асоси онро ***мавҷудияти моликияти хусусӣ***, ***озодии иқтисодӣ*** ва ***рақобат*** ташкил медиҳад.

Ҳуқуқи моликияти хусусӣ барои одамон на танҳо ҳуқуқи доштани амвол, балки ҳуқуқи истифодабарии захираҳои истеҳсолиро дода, ҳамчун натиҷаи он гирифтани даромадро ба соҳибмулкаш таъмин менамояд. Айнан имконияти доштани захираҳои истеҳсолӣ, яъне сармоя ва дар ин асос ба даст овардани даромад сабабгори гирифтани номи дуюм – капитализм барои ин низом гаштааст.

**НИЗОМИ ИҚТИСОДИЁТИ БОЗОРӢ тарзи ташкили фаъолияти хоҷагидориест, ки дар он замин ва сармоя дар дасти шахсони ҷудогона буда, тақсимоти захираҳои маҳдуд дар асоси қонуниятҳои бозор ба роҳ монда мешавад.**

**МОЛИКИЯТИ ХУСУСӢ моликиятест, ки шаҳрвандон ва ё ташкилотҳо онро қонунан соҳибӣ мекунанд, истифода мебаранд ва бо мақсади истеъмоли хусусӣ ва ё гирифтани даромад ихтиёрдорӣ мекунанд.**

Моликияти хусусӣ ҳуқуқи имконияти озодона истифода кардани захираҳои иқтисодиро ба соҳибмулкон медиҳад. Озодии иқтисодӣ ҳуқуқи ҳар як соҳибмулки захираҳои иқтисодӣ мебошад, ки дар натиҷа онҳо метавонанд мустақилона аз рӯи диди худ моликияти худро истифода баранд ва даромадро аз истифодаи он ба даст оранд.

Бозори омилҳои истеҳсолот ва молҳо чунин фаъолияти муташаккилеро нишон медиҳад, ки ба мубодилаи молҳо ва тақсимоти захираҳои маҳдуди ҷамъият равона шуда, *дараҷаи самаранокии ин ё он қарори ҳоҷагидорӣ ва ҳаҷми даромадеро, ки аз истифодаи моликият соҳибмулк ба даст гирифта метавонад, муайян карда, тақсимоти алтернативии захираҳои маҳдудро байни соҳаҳо ба амал мебарорад.*

Бартарияти низоми иқтисодиёти бозорӣ дар он аст, ки ҳар як истеҳсолкунанда доимо барои қонеъ намудани талаботи истеъмолкунанда молу хизматрасониҳоро пешкаш намуда, дар натиҷа даромад ба даст меорад. Агар истеҳсолкунанда ин иқдомро пешгирӣ накунад, дар натиҷа молҳои истеҳсолкардаи ӯ ба фурӯш намераванд ва даромад низ гирифта наметавонад. Харидор низ дар навбати худ ба молҳои пешниҳодшуда маблағеро пардохт мекунад, ки бозор онро муайян мекунад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки бозорҳои дар асоси рақобат амалкунанда тақсимоти захираҳоро самаранок ба роҳ мемонанд. Имрӯз рақобат нақши муҳимро дар ташкили фаъолияти хоҷагидорӣ ва иктисодиёт иҷро мекунад. Одамон бо мақсади дарёфти музди баланди кор бо якдигар дар рақобат буда, бартарияти донишу малакаи худро пешкаш менамоянд. Корхонаҳои молҳои якхела истеҳсолкунанда барои пули харидорон

ҳама вақт рақобат бурда, бартарияти моли худро асоснок мекунанд. Харидорон низ ба молҳои наву камёфт рақобат нишон дода, кӯшиши ба даст овардани онро мекунанд.

**РАҚОБАТ ҳарифии иқтисодӣ буда, барои ба даст овардани ҳуқуқи қисми зиёди захираҳои маҳдуд нигаронида шудааст.**

Бояд қайд намуд, ки дар навбати худ низоми иқтисодиёти бозорӣ дорои камбудиҳо низ мебошад. Масалан, ба миён омадани масъалаи тафриқа дар даромад ва бойигарӣ, ки яке сарватманд мешавад ва дигаре камбизоатона ба сар мебарад. Ҳолати мазкурро дар шароити имрӯзаи аксарияти кишварҳои ҷаҳон низ дидан мумкин аст.

## 2.2. Низоми иқтисодиёти маъмурию фармонфармоӣ (амрӣ) ва омехта

Баъзе аз нишонаҳои низоми иқтисодиёти амриро дар фаъолияти хоҷагидории давраҳои пеш дучор гардидан мумкин аст. Аммо пайдоиши ин низом аз Инқилоби Кабир (Октябр)-и соли 1917 оғоз меёбад, ки дар натиҷаи он давлати нав бо номи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ барпо гардида буд. Роҳбарони он давра ғояи мавҷудияти моликияти хусусиро инкор намуда, тарафдори он буданд, ки бойигарии ҷамъият моликияти умумихалқӣ буда, бояд бевосита аз тарафи давлат идора гардад. Шурӯъ аз ҳамон давра низоми иқтисодиёти маъмурию фармонфармоии сотсиалистӣ ба фаъолият оғоз намуд.

**НИЗОМИ ИҚТИСОДИЁТИ МАЪМУРИЮ ФАРМОНФАРМОӢ[1] тарзи ташкили фаъолияти хоҷагидорист, ки дар он сармоя ва замин моликияти давлатӣ буда, тақсимоти захираҳои маҳдуд бо фармоишоти мақомоти идораи марказӣ ва бо дарназардошти нақшаҳо ба роҳ монда мешавад.**

Дар ин намуди низоми иқтисодӣ моҳияти асосиро кӯшиши аз байн бурдани моликияти хусусӣ ва барҳам додани рақобат, ҳамчунин ба таври максималӣ маҳдуд намудани таъсири гурӯҳҳои гуногуни иқтисодӣ ба раванди идоракунии давлатӣ ташкил медиҳад.

Бо мақсади дарки фаъолият дар ин низоми иқтисодиёт ба таърихи он назар менамоем, ки он замон фаъолияти хоҷагидории корхонаҳои истеҳсолӣ чунин роҳандозӣ гардида, танзим карда мешуданд:

Чӣ бояд истеҳсол кард? – Мақомоти банақшагирии давлатӣ муайян мекард.

Чӣ тавр бояд истеҳсол кард? – Вазоратҳои соҳавӣ ҳам таъмини технологияи истеҳсолот ва ҳам пешбинии маблағҳоро барои хариди таҷҳизот муайян мекарданд.

---

[1] Фармон – фармоишӣ, нақшавӣ, марказонидашуда, амрӣ.

Барои кӣ бояд истеҳсол кард? – Кумитаи давлатии таъминот аз кӣ харидани захираҳоро барои истеҳсолот муайян менамуд.

Бо кадом нарх бояд фурӯхт? – Кумитаи давлатии нархгузорӣ аниқ карда, нархҳоеро муайян мекард, ки даҳсолаҳо тағйир намеёфтанд.

Ба коргарон чӣ қадар бояд музди кор дод? – Кумитаи давлатии меҳнат ва музди кор муайян мекард.

Даромадҳои корхонаҳоро чӣ тавр бояд истифода бурд? – Вазорати молия муайян мекард.

Барои инкишофи истеҳсолот чӣ бояд сохта шавад? – Кумитаи давлатӣ оид ба сохтмон муайян мекард.

Чӣ қадар пул бояд гирифт ва бо кадом мақсад? – Бонкҳои соҳавии давлатӣ муайян мекарданд.

Чиро ба хориҷа бояд фурӯхт ва ё аз хориҷа харид? – Вазорати савдои хориҷӣ муайян мекард.

Бояд қайд намуд, ки ғояи банақшагирӣ дар иқтисодиёт басо муҳим аст. Банақшагирӣ дар корхонаю ширкатҳо васеъ истифода карда мешавад. Дар навбати худ банақшагирии фаъолияти истеҳсолӣ *дар асоси фармоишоти соҳибмулк, ки масъулияти пурраи моддиро барои дурустии нишондиҳандаҳои банақшагирӣ ва муваффаққияти он бар дӯш дорад, ба роҳ монда мешавад.*

Давлат дар сурате метавонад барои истифодабарии захираҳо фармон диҳад, ки қонунгузорӣ истифодаи онро барои соҳибмулкони хусусӣ манъ карда бошад. Агар тамоми захираҳои иқтисодӣ хислати истифодаи умумихалқӣ дошта, ихтиёрдории онро хизматчиҳои давлатию ҳизбӣ ба уҳда дошта бошанд, он гоҳ ин ҳолат ба раванди иқтисодӣ хатарнок аст. Вобастагии даромади одамон ва ширкатҳо аз самаранокии истифода ва пешниҳоди захираҳо аз байн меравад, ки дар натиҷа барои ҷамъият беманфиат ҳисобида мешавад. Дар ин ҳолат дигар хусусиятҳо афзалиятноктар мегарданд: а) ***барои корхонаҳо*** дараҷаи иҷро ва барзиёдии иҷрои нақшаҳо оид ба истеҳсоли молҳо. Молҳои истеҳсолшуда талаботи одамонро қонеъ мекарданд ва ё не, ин муҳим набуд. Харидор бо хоҳиши худ ва ё маҷбурӣ ин молҳоро харидорӣ мекард, чунки дигар молҳои алтернативиро намеёфт; б) ***барои одамон*** – муносибати дуруст бо роҳбароне, ки молҳои камёфт (мошинҳо, хонаҳо, мебелҳо ва ғ.)-ро тақсим мекарданд.

Оид ба низоми иқтисодиёти амрӣ ва ё бозорӣ қайд кардан бамаврид аст, ки дар асл шакли тозаи ин низомҳоро танҳо дар адабиёт ва ё асарҳои олимон дидан мумкин аст. Хоҷагидории ҳақиқӣ баръакс, омехта шудани нишонаҳои ҳамаи низомҳоро доро мебошад.

Низоми иқтисодиёти муосир дар аксари кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон хислати омехтаи низоми иқтисодиётро дорад. Аксари масъалаҳои иқтисодии минтақавӣ ва умумимиллӣ дар ин низом аз тарафи давлат ҳалли худро меёбанд.

Мувофиқи қоида сабабҳои асосии иштироки давлат дар ҳаёти иқтисодӣ чунинанд: *қисми талаботи ҷамъият, ки хусусияти неъматҳои ҷамъиятиро доранд (мавҷудияти қӯшунҳои ҳарбӣ, қабули қонунҳо, ташкили ҳаракат дар кӯчаҳо, мубориза бар зидди эпидемияҳо ва ғ.), аз тарафи бозор ба пуррагӣ қонеъ гардонидани онҳо ғайриимкон аст; метавонад оқибатҳои манфии механизми бозориро пешгирӣ намояд (тафриқаи калон байни дороии шаҳрвандон, зарар расонидан ба муҳити зист ва ғ.).*

Бинобар ин, дар замони муосир низоми иқтисодиёти омехта бартарият дорад.

**НИЗОМИ ИҚТИСОДИЁТИ ОМЕХТА чунин тарзи ташкили фаъолияти хоҷагидориест, ки ба шаклҳои гуногуни моликият асос ёфта, тақсимоти захираҳои маҳдуд дар он ҳам тавассути бозор ва ҳам аз тарафи давлат ба роҳ монда мешавад.**

Дар низоми иқтисодиёти мазкур моликияти хусусӣ нисбат ба захираҳо бартарият дошта, ҳамзамон дар баъзе кишварҳо (Фаронса, Олмон, Британияи Кабир ва ғ.) бахши давлат низ хеле назаррас мебошад. Дар низоми мазкур дар баробари бозор давлат низ ҳамчун танзимгари муносибатҳои иқтисодӣ ширкат мекунад. Дар ин низом масъалаҳои асосии иқтисодиёт аз тарафи бозор ҳаллу фасл мегарданд ва ҳамзамон тақсимоти қисми зиёди захираҳо бо истифода аз механизми бозор ба амал баровarda мешавад. Давлат дар ҳалли масоили асосии иқтисодӣ бо роҳи дар ихтиёри худ мутамарказонидани қисми захираҳои иқтисодӣ иштирок менамояд. Ин захираҳо ба хотири аз байн бурдан ноадолатиҳои бозорӣ ва ё ба ҳадди ақал расондани онҳо равона мегардад.

Ҳаёти иқтисодии инсоният метавонад бо тарзҳои гуногун ба роҳ монда шавад, ки ин фарқият дар воситаҳои қабули қарорҳои хоҷагидорӣ ва шаклҳои моликият ба намудҳои асосии захираҳо метавонад зоҳир гардад.

Ҳамзамон бояд донист, ки низоми иқтисодиёти имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ гуна аст? Ҷавоби он чунин аст: *асосҳои низоми иқтисодиёти амрӣ дар кишвари мо аз байн рафта, механизми низоми бозорӣ бо фарогирии унсурҳои низоми омехта пайваста амалӣ шуда истодааст; омилҳои истеҳсолот ҳоло ба пуррагӣ ба моликияти хусусӣ табдил наёфтаанд.*

?!

1. Шаклҳои асосии низомҳои иқтисодро номбар кунед.
2. Хусусиятҳои хоси низоми иқтисодиёти анъанавӣ аз чӣ иборат аст?
3. Низоми иқтисодиёти бозорӣ ва нишондиҳандаҳои онро шарҳ диҳед.
4. Хусусиятҳои истифодаи захираҳоро дар низоми иқтисодиёти амрӣ номбар кунед.
5. Тарзи истифодабарии моликият дар низоми иқтисодиёти амрӣ чӣ гуна аст?
6. Хусусиятҳои низоми иқтисодиёти омехтаро шарҳ диҳед.

# МАВЗӮИ 3. БОЗОР ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН. УНСУРҲОИ АСОСИИ БОЗОР

## 3.1. Мафҳуми талабот ва бузургии он. Чандирӣ ва қонуни талабот

Мафҳумҳои асосии низоми иқтисоди бозорӣ талабот ва таклифот мебошанд. Харидорон ба молҳо талабот доранд, фурӯшандагон бошанд, молҳоро пешниҳод мекунанд. Таъсири мутақобилаи харидорон ва фурӯшандагон дар бозор ба вуқӯъ меояд.

Ҳар як инсон ба ин ё он неъмат ниёз дорад. Агар ин неъматро истеҳсол карда натавонад, ё барояш харидани он беҳтар бошад, ба бозор меравад. Бешубҳа, ӯ бояд барои харид кардан маблағ дошта бошад, зеро дар бозор ягон чиз ройгон ба даст оварда намешавад. Дар ин маврид мо дар бозор на танҳо ба масъалаи истеъмол, балки ба талабот низ дучор мешавем. Талабот инъикоси эҳтиёҷоти одамон ба ин ё он мол, хизматрасонӣ мебошад.

Истилоҳи мазкур, аниқтараш шакли пурраи он – «пардохтпазирии талабот» аз ҷониби иқтисодичии бузурги англис *Томас Роберт Малтус* (1766–1834) истифода гардидааст. Ӯ истилоҳи мазкурро дар доираи байни орзуҳои инсон барои соҳиб шудан ба ягон неъмат ва имконияти ҳақиқии ба даст овардани он мавриди истифода қарор додааст.

Иқтисодчии англис *Адам Смит* қайд карда буд: «Ҳатто инсони камбағал метавонад ба мафҳуми том талабот ба орзуи калоне, ки ба аробаи аспи шашгона баста шудааст, дошта бошад ва ҳатто метавонад орзу намояд, ки онро дошта бошад; лекин талаботи ӯ ҳеҷ гоҳ дар ҳақиқат, амалӣ шуда наметавонад, зеро моли мазкур ба бозор маҳз барои қонеъ гардонидани хоҳиши ҳамон инсон ворид намегардад».

*Т. Малтус* ин мафҳумро то фаҳмиши ниҳоӣ расонда қайд намуд, ки *А. Смит* мафҳуми «талаботи ҳақиқӣ»-ро пардохтпазирии талабот номидааст. Хулосаи вай ба мо имкон медиҳад яке аз қоидаҳои муҳими ҳаёти иқтисодиро аниқ муайян намоем: «Барои раванди иқтисодиёт танҳо он хоҳиши одамон аҳамият дорад, ки бо маблағи пулӣ таъмин бошад ва он дар ҳақиқат, барои харид намудани як қатор молҳо кифоягӣ намояд».

Талабот дар ин маврид вазъи бозорро нишон дода, миқдори молу хизматҳоеро ифода менамояд, ки истеъмолкунандагон эҳтиёҷ доранд ва метавонанд онро бо нархи қобили қабул дар вақти муайян харидорӣ намоянд.

Маҳз робитаи мазкурро расми 3.1. ифода намуда нишон медиҳад, ки агар нарх дар бозор ҳар қадаре паст бошад, ҳамон қадар харидор метавонад бештар харид намояд.




Расми 3.1. **Бузургии робитаи байни харидкунӣ ва сатҳи нарх**

Бо ибораи дигар, миқдори харидкунӣ ё чи тавре ки иқтисодчиён мегӯянд, бузургии талабот бевосита аз сатҳи нарх вобаста мебошад. Бинобар ин, талабот на танҳо эҳтиёҷот, балки имконпазирии хариди мол, эҳтиёҷоти бо пул таъминбудаи истеъмолкунанда мебошад.

Ба бузургии талабот омилҳои гуногуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ таъсир мерасонанд. Лекин сарфи назар аз ин омилҳо, барои харидор муҳим аст, ки оё даромади вай имкон медиҳад, ки ин мол бо чунин ҳаҷми даромад харида шавад. Пас, талабот ба моли мушаххас аз нархи он ва ҳаҷми даромади барои истеъмол ҷудокардаи харидор вобаста аст.

Миқдори молҳое, ки харидорон мехаранд, ҳамеша аз нархи онҳо вобаста аст. Аз ин ҷо талабот муносибати мутақобилаи байни нарх ва миқдори моли харидоришаванда мебошад. Чи қадаре ки нарх баланд бошад, ҳамон қадар онро харидорон кам мехаранд ва баръакс, паст будани нарх хариди зиёди онро аз тарафи онҳо ҳавасманд месозад. Ин вобастагии байни сатҳи нарх ва миқдори моли харидшавандаро метавонем дар расми 3.2 тасвир намоем.

Гузориши рақамҳо дар график нишон медиҳад, ки дар нуқтаҳои муайяни он тирхатчаҳои нарх ва бузургии талабот ҳамдигарро мебуранд. Дар сурати бо ҳам пайваст кардани ин нуқтаҳои буриш каҷхатае пайдо мешавад, ки онро каҷхатаи талабот меноманд ва бо ҳарфи *D*




Расми 3.2. **Каҷхатаи талабот (дар мисоли бозори дучархаҳо)**

(ҳарфи аввали калимаи англисии «*demand*» – талабот) ифода мекунанд. Каҷхатаи талабот миқдори талаботро дар бозори молҳо тасвир намуда, вобастагии байни *нархи молҳо ва имконияти ҳаҷми хариди онро ҳангоми гуногун будани сатҳи нарх ифода мекунад.*

Каҷхатаи талабот имконият медиҳад, ки ба ду савол ҷавоб диҳем: *Бузургии талабот хангоми гуногун будани сатҳи нарх чӣ қадар мешавад? Бузургии талабот ҳангоми қисман тағйир ёфтани сатҳи нарх чӣ қадар тағйир меёбад?*

Ҳар як нуқта дар каҷхата бузургии талаботро ба мол (имконпазирии миқдори харид) ҳангоми сатҳи муайяни нарх ифода мекунад. Масалан, мутобиқатии нуқтаи координата (120; 750) онро ифода мекунад, ки ҳангоми сатҳи нарх ба 750 воҳиди пулӣ баробар будан харидорон тайёр ҳастанд 120 воҳид дучархаро харидорӣ намоянд.

Каҷхатаи талабот имконпазирии ҳамаи бузургии талаботро дар бозор дар ҳамин лаҳза тасвир менамояд. Бинобар ин вақте ки мо вазъи умумии бозори молҳои муайянро тасвир менамоем, истифода бурдани на танҳо истилоҳи «бузургии талабот», балки истилоҳи «талабот» ба мақсад мувофиқ мегардад.

Ба чунин савол ҷавоб гардонидани соҳиби мағоза: «Ҳангоми нархи мол ба 10 сомонӣ баробар будан дар як моҳ харидорон аз шумо чӣ қадар харид менамояд?» – иттилоот оид ба БУЗУРГИИ ТАЛАБОТ мебошад.

Агар саволро ба тарзи дигар гузорем, яъне: «Ҳангоми гуногун будани сатҳи нарх ба ҳамин мол дар як моҳ харидорон аз шумо чӣ қадар харид менамоянд?» – ҷавоб ба ин савол хусусияти талаботи харидоронро дар бозори мазкур ифода менамояд.

Барои дуруст дарк намудани механизми алоқамандии нарх ва ҳаҷми молҳои фурӯхташуда маълумотҳои дар ҷадвали 3.3. овардашударо (ин тарзи қабулгардидаи тартиб додани ҷадвал шкалаи талабот номида мешавад) дида мебароем. Рақамҳои сутуни якум имконпазирии сатҳи нарх ба дучархаҳоро нишон медиҳанд, сутуни дуюм бошад, шумораи дучархаҳоеро нишон медиҳад, ки харидорон тайёранд дар ин ё он сатҳи нарх онро харид намоянд.

Ҳангоми нарх ба 3500 воҳиди пулӣ баробар гардидан дар бозор вазъияте ба вуҷуд меояд, ки истеъмол ба дучархаҳо вуҷуд дорад, лекин бузургии талабот ба сифр баробар мебошад. Сабаби ин бисёр одӣ аст: бо ин нарх ягон нафар аз харидорон моли мазкурро харидорӣ кардан намехоҳад.

Бузургии талабот аз сифр дар он мавриди боло меравад, ки сатҳи нарх нисбатан паст гардад. Ҳангоми нарх 3000 воҳиди пулӣ гардидан харидорон омода ҳастанд 12 воҳид дучархаро харид намоянд. Дар мисоли мо

Ҷадвали 3.3. **Бузургии талабот ба дучархаҳо ҳангоми гуногун будани сатҳи нарх**

| Нархи дучарха, воҳиди пулӣ | Шумораи имконпазирии харид, воҳид |
|---|---|
| 3500 | 0 |
| 3000 | 12 |
| 2400 | 27 |
| 2000 | 38 |
| 1650 | 50 |
| 1300 | 66 |
| 1000 | 88 |
| 750 | 120 |
| 500 | 145 |

бузургии талабот ҳангоми нархи дучарха ба 500 воҳиди пулӣ баробар гардидан аз ҳама бештар мегардад (150 воҳид).

Аз ин ҷо дарк кардан мумкин аст, ки ҳангоми пастшавии нарх, мисол аз 2400 то 2000 воҳиди пулӣ ба ҳар як фоизи пастшавии сатҳи нарх афзоиши талабот ба 2,04% рост меояд. Лекин ҳангоми пастшавии нарх аз 1000 то 750 воҳиди пулӣ таъмин намудани афзоиши шумораи харидорон баробари як фоиз паст шудани нарх ҳамагӣ ба 1,46% рост меояду халос. Ба ибораи дигар гӯем, бузургии талабот дар ин мисол ба тағйирёбии нарх таъсири гуногун дорад.

Вазъи талабот ба молҳо дар бозор ба назардошти таъсири омилҳои гуногун метавонад ҳархела бошад. Ҳассосияти талабот зери таъсири ин омилҳо миқдоран ченшаванда аст ва онро бо коэффисиенти чандирӣ ҳисоб мекунанд. Мафҳуми чандирии талабот раванди мутобиқшавии бозорро ба тағйироти омилҳои (нархи мол, нархи молҳои дигар, даромади истеъмолгарон ва ғайра) муайянкунандаи талабот нишон медиҳад. Маъмултарин коэффитсиенти чандирии талабот чандирии талабот вобаста ба нарх мебошад.

Коэффитсиенти чандирии талабот тағйирёбии фоизии як тағйирёбандаро дар натиҷаи 1-% тағйир ёфтани тағйирёбандаи дигар нишон дода, бо истифода аз формулаи зерин ҳисоб карда мешавад.

$$\varepsilon_p^d = \frac{\Delta Q}{Q} : \frac{\Delta P}{P} = \frac{\Delta Q}{\Delta P} \times \frac{P}{Q'}$$

Дар ин ҷо $\varepsilon_p^d$ – коэффитсиенти чандирии талабот аз рӯи нарх, $P$ – нархи ибтидоӣ, $Q$ – талаботи ибтидоӣ, $\Delta Q$ – тағйирёбии талабот, $\Delta P$ – тағйирёбии нарх.

Коэффитсиенти чандирии талабот аз нарх, вобастагии ҳаҷми хариди молро ($Q$) аз тағйироти нархи бозор ($P$) нишон медиҳад.

Ба дараҷаи чандирии талабот дар баробари нарх боз як қатор омилҳои дигар, ба монанди мавҷудияти молҳои ҳамдигарро ивазкунанда (масалан, чой ва қаҳва), ҳаҷми даромади истеъмолкунанда, сифати мол, интизории истеъмолкунанда ва ғайра таъсир мерасонанд.

Одатан дараҷаи баланди чандирии талабот хоси молҳои ҳамдигарро ивазкунанда мебошад.

Ба чандирии талабот имконоти дастрасии мол низ таъсири калон мерасонад. Маҳдудияти дастрасии мол боиси пастшавии чандирии талабот ба он мегардад.

Ҳам дар расм ва ҳам дар мисол вобастагии байни нарх ва бузургии талабот чунин омадааст, ки сатҳи нисбатан баланди нарх ба камшавии ҳаҷми харид овардааст.

Дар ин вобастагӣ мо робитаи сабабиву натиҷавии устувор ва такроршавандаро мушоҳида мекунем. Дар иртибот бо ин хулоса кардан мумкин, ки ин ҷо қонуни иқтисодие ҷой дорад, ки дар адабиёти илмӣ онро қонуни талабот меноманд. Мазмуни ин қонун аз он иборат аст, ки агар нархи мол баланд шавад, дар сурати бе тағйир мондани шароитҳои дигари бозор, талабот ба ин мол кам мешавад. Агар ба бозор воридоти мол зиёд гардад, пастшавии нархи он ва афзоиши талабот ба миён меояд. Ба ифодаи дигар, бузургии талабот ба сатҳи нарх дар мутаносибии чаппа қарор дорад.

**ҚОНУНИ ТАЛАБОТ миқдори молҳое мебошад, ки харидорон имконияти дар бозор харидорӣ карданро доранд ва он аз сатҳи нарх вобастагии баръакс дорад, яъне афзоиши нарх одатан ба камшавӣ ва пастшавии нарх ба афзоиши бузургии талабот меорад.**

Ба сабаби он ки вазъи бозор тағйирёбанда аст, талабот низ бетағйир шуда наметавонад. Аз ин ҷо бояд мафҳумҳои тағйироти бузургии талабот ва тағйири талабот аз ҳамдигар фарқ карда шаванд.

Бузургии талабот вақте тағйир меёбад, ки агар танҳо нархи мол тағйир ёбад. Ин ҳолатро мо дар ҳаракат «болои каҷхатаи талабот» дар расми 3.2 мушоҳида мекунем ва онро ҳолатҳои $Qd_1$, $Qd_2$, $Qd_3$ дар каҷхата нишон медиҳад. Тағйироти нарх аз нуқтаи 500 воҳиди пулӣ то ба 3500 воҳиди пулӣ дар ҳолати бетағйир будани омилҳои дигар нишон медиҳад, ки ҳаракат дар каҷхатаи талабот ба тарафи поён ва рост ба вуҷуд омада, афзоиши хариди мол аз $Qd_1$ то ба $Qd_3$ ... ба амал меояд.

Тағйирёбии талабот бошад, зери таъсири омилҳои ғайринархӣ ба амал меояд. Омилҳои ғайринархии ба талабот таъсиркунанда гуногунанд. Дар қатори онҳо тағйирёбии даромади харидорон, тағйирёбии миқдори харидорон дар бозор, тағйир ёфтани нархи молҳои ҳамдигарро ивазкунанда, интизории тағйирёбии нарх ва ё даромадҳо, тағйироти

шумораи аҳолӣ, дигаргуншавии табъу завқи истеъмолкунандагонро ҷудо кардан мумкин аст.

Ба тағйир ёфтани даромад, дар интихоби истеъмолӣ дигаргунӣ ба амал меояд. Афзоиши даромади аҳолӣ боиси зиёдшавии талабот ба молҳо мегардад. Камшавии даромад ҳолати баръаксро ба вуҷуд меорад.

Тағйирёбии миқдори харидорон дар бозор низ боиси тағйирёбии талабот мешавад. Аз сабаби он ки талаботи бозорӣ ба ҳосили ҷамъи истеъмоли фардҳои алоҳида баробар аст, афзоиши миқдори онҳо боиси зиёдшавии талабот мегардад.

Нархи молҳои ҳамдигарро ивазкунанда метавонанд боиси тағйирёбии талабот гардад. Молҳои ҳамдигарро ивазкунанда молҳое мебошанд, ки талаботи якхеларо қонеъ месозанд ва истеҳсолкунандагон (фурӯшандагон)-и онҳо барои харидорон байни худ рақобат мекунанд. Афзоиши нархи яке аз онҳо боиси афзоиши талабот ба намуди дигари он мегардад (мисол, афзоиши нархи равғани пахта боиси афзоиши талабот ба маргарин мегардад). Ҳамчунон молҳои ҳамдигарро пурракунанда низ ба талабот таъсир расонида метавонанд. Молҳои ҳамдигарро пуркунанда молҳое мебошанд, ки дар якҷоягӣ бо молҳои дигар истифода мешаванд (масалан, видеомагнитофон ва фита, автомобил ва бензин ва ғайра). Афзоиши нархи яке аз молҳои ҳамдигарро пуркунанда боиси камшавии талабот ба моли дигар мегардад.

Интизории тағйироти даромад ва нархҳо яке аз омилҳои муҳими ба талабот таъсиркунанда ба ҳисоб меравад. Масалан, интизории афзоиши нархҳо боиси афзоиши талабот мегардад.

Дигаргуншавии табъу завқи харидорон низ сабаби тағйир ёфтани талабот, бахусус, ба молҳои нав зиёд гардида, хариди молҳои аз мӯдрафтаро маҳдуд мегардонад.

### 3.2. Таклифот ва бузургии он. Чандирии таклифот

Одамон имконияти харид кардани молҳои ба худ зарурро дар бозор ба туфайли пешниҳод намудани мол аз тарафи истеҳсолкунандагон ба фурӯш доранд. Лекин ҳаҷми пешниҳоди молҳо ба фурӯш аз чӣ вобаста мебошад?

**БУЗУРГИИ ТАКЛИФОТ миқдори намуди муайяни мол аст, ки фурӯшандагон тайёранд (мехоҳанд ва метавонанд) дар давраи муайян аз рӯи нархи ҷойдошта онро дар бозор ба фурӯш гузоранд.**

Фаъолияти фурӯшандагонро дар бозор омӯхта, дарк кардан душвор нест, ки миқдори молҳои барои фурӯш пешниҳодшуда (бузургии таклифот) бевосита аз сатҳи нарх дар бозор вобаста мебошад.

Одатан ҳар чӣ қадаре ки бо нархи баланд неъматҳои иқтисодиро (талаботи молро истифода бурда) фурӯхтан мумкин бошад, ҳамон қадар




Расми 3.4. **Алоқамандии бузургии пешниҳоди молҳо ва сатҳи нарх**

миқдори фурӯшандагон ва истеҳсолкунандагони он тайёр ҳастанд, ки ба бозор зиёдтар мол пешниҳод намоянд. Ҳамин тавр, ҳар чӣ қадар фурӯшанда аз молҳои фурӯхтаи худ маблағи зиёд ба даст орад, метавонад ҳамон қадар бештар барои қонеъ гардонидани талаботи шахсии худ аз он сарф намуда, ҳаёти осударо соҳиб гардад.

Алоқамандии бузургии таклифоти молҳоро бо сатҳи нарх расми 3.4 шарҳ медиҳад.

Чӣ хеле ки мебинем, ҳар чӣ қадаре ки нарх баланд бошад, ҳамон қадар фурӯшандагон кӯшиш менамоянд ба бозор бештар ба ивази пули харидорон мол пешниҳод намоянд. Бо ибораи дигар, ба ҳар як сатҳи нарх дар бозор молҳо бузургии таклифоти худро доранд, ки аз тарафи фурӯшандагон (истеҳсолкунандагон) мувофиқа карда мешавад.

Бузургии таклифот одатан ба он самте, ки нарх тағйир меёбад, ҳаракат мекунад.

Ба монанди талабот фарқияти байни истилоҳи «бузургии таклифот» ва «таклифот»-ро муайян намудан осон аст, агар ҳар яке аз онҳо ба саволи мушаххас ҷавоб диҳанд.

Ба чунин савол ҷавоб гардонидани соҳиби мағоза: «Ҳангоми нархи мол ба X воҳиди пулӣ баробар будан дар як моҳ истеҳсолкунандагон ба шумо чӣ қадар мол барои фурӯш пешниҳод карда метавонанд?» иттилоот оид ба БУЗУРГИИ ТАКЛИФОТ мегардад.

Агар саволро ба тарзи дигар гузорем, яъне: «*Ҳангоми гуногун будани сатҳи нарх ба ҳамин мол дар як моҳ истеҳсолкунандагон ба шумо чӣ қадар мол пешниҳод карда метавонанд?*» – ҷавоби ин савол ба хусусияти таклифот дар бозори мазкур вобаста мебошад.

Бояд дар назар дошт, ки ҳаҷми таклифоти ҳар як истеҳсолкунанда вобаста ба дараҷаи нарх тағйир меёбад. Агар нарх паст бошад, фурӯшандаҳо миқдори ками молро пешниҳод мекунанд. Афзоиши нарх фурӯшандагонро барои таклифоти бештари мол ҳавасманд мегардонад.

Дар байни нарх ва миқдори моли ба фурӯш пешниҳодшаванда таносуби муайян ба вуҷуд меояд, ки онро ба истифода аз системаи координат дар график метавонем инъикос намоем (расми 3.5).

Гузориши рақамҳо дар хатҳои координат нишон медиҳад, ки дар нуқтаи муайяни майдони расми 3.5 тирхатчаҳои нарх ва бузургии

таклифот ҳамдигарро мебуранд. Дар сурати бо ҳам пайваст кардани ин нуқтаҳои буриш каҷхатае пайдо мешавад, ки онро каҷхатаи таклифот меноманд ва бо ҳарфи *S* (ҳарфи аввали калимаи англисии «*Supply*» – таклифот) ифода мекунанд. Каҷхатаи таклифот муносибати байни нарх ва миқдори молеро, ки истеҳсолкунандагон омода ҳастанд онро истеҳсол карда ба фурӯш баророанд, нишон медиҳад. Майли каҷхатаи таклифот хилофи каҷхатаи талабот мебошад ва ба самти рост ба боло ҳаракат карда, вобастагии муайяни байни сатҳи нарх ва бузургии таклифотро нишон медиҳад.

Азбаски бузургии таклифот вобаста аз тағйирёбии сатҳи нарх тағйир меёбад, пас, мо оид ба чандирии таклифот аз рӯи нарх сухан ронда метавонем.

**ЧАНДИРИИ ТАКЛИФОТ АЗ РӮИ НАРХ миқёси тағйирёбии бузургии таклифот (дар %) ҳангоми тағйир ёфтани нарх ба як фоиз аст.**

Сатҳи чунин чандирӣ ба таври тақсим намудани фарқияти (дар %) бузургии пешниҳод то ва баъд аз тағйир ёфтани нарх ба бузургии тағйирёбии нархҳо (дар %) муайян карда мешавад. Сатҳи чандирии таклифот ҳамчунин аз рӯи молҳо фарқ карда мешавад ва бинобар ин нисбат ба бузургии нарх баробартағйирёбӣ нобаробар афзоиш ёфтани пешниҳоди молҳои гуногунро ба вуҷуд оварда метавонад.

Чандирии арза зери таъсири пешрафти илму техника ва тағйироти таркиби сифатӣ ва миқдории захираҳои истифодашаванда дигаргун мешавад. Зиёдшавии маҳдудияти захираҳо, ки дар истеҳсоли ин ва ё он мол истифода мешаванд, боиси пастшавии коэффитсиенти чандирии арза мегардад.




Расми 3.5. **Каҷхатаи таклифот (дар мисоли бозори дучархаҳо)**

***Ҳар як нуқта дар ин каҷхата*** *бузургии таклифоти мол (имконпазирии ҳаҷми истеҳсолот)-ро ҳангоми сатҳи муайяни нархи он ифода мекунад. Масалан, нуктаи координата (70, 1300) ҳангоми нарх 1300 воҳиди пулӣ будан онро ифода мекунад, ки истеҳсолкунандагон метавонанд 70 воҳид дучархаро ба фурӯш пешниҳод намоянд.*

Ҳамин тавр, каҷхатаи таклифот (ниг. ҷадвали 3.6) имконияти ба чунин саволҳо ҷавоб доданро медиҳад: *Бузургии таклифот хангоми гуногун будани сатҳи нарх чӣ қадар мешавад? Бузургии таклифот ҳангоми қисман тағйир ёфтани сатҳи нарх чӣ қадар тағйир меёбад?*

Ҷадвали 3.6. **Бузургии таклифоти дучархаҳо ҳангоми гуногун будани сатҳи нарх**

| Нархи дучарха, воҳиди пулӣ | Имконпазирии ҳаҷми истеҳсол, шумора |
|---|---|
| 3500 | 130 |
| 3000 | 122 |
| 2400 | 108 |
| 2000 | 97 |
| 1650 | 85 |
| 1300 | 70 |
| 1000 | 56 |
| 750 | 42 |

Бинобар ин, дилхоҳ истеҳсолкунанда (фурӯшанда) ба кор шурӯъ намуда, аз пайи ҷустуҷӯи ҷавоб ба чунин саволҳо мегардад: *Оё даромад аз фурӯш он хароҷотҳоеро, ки бо истеҳсоли ҳамин мол алоқаманд мешаванд (ташкили фурӯш), пӯшонда метавонад? Оё истеҳсол (фурӯши)-и ҳамин мол шахсан ба ӯ даромад меорад ва агар ҳа, пас, чӣ қадар?*

Чун қоида афзоиши нарх ба зиёдшавии шумораи молҳои ба фурӯш пешниҳодшавандаро ба вуҷуд меорад ва пастшави нарх бошад, баръакс.

Дар ин вобастагӣ робитаи сабабу оқибатии устувор ва такроршаванда мушоҳида мешавад, ки онро ҳамчун қонуни таклифот намоён месозад. Мазмуни қонуни таклифот аз он иборат аст, ки бо болоравии нарх дар сурати бетағйир мондани шароитҳои дигар таклифоти мол зиёд мешавад. Дар сурати пастшавии нарх таклифот маҳдуд мегардад. Пас, бузургии таклифот ба сатҳи нарх мутаносиби роста мебошад.

**ҚОНУНИ ТАКЛИФОТ миқдори молҳоест, ки фурӯшандагон ба бозор пешниҳод карда метавонанд ва дар вобастагии бевосита аз сатҳи нарх ба ин молҳо қарор дорад, яъне баландшавии нарх одатан ба афзоиши бузургии таклифот ва пастшавии он бошад, ба камшавӣ меорад.**

Дар таҳлили таклифот ба монанди талабот, мафҳумҳои тағйироти бузургии талабот ва тағйири талабот аз ҳамдигар фарқ карда мешаванд.

Тағйироти бузургии таклифот чунин ҳолати таклифот мебошад, ки зери таъсири тағйирёбии нарх ба амал меояд. Ин ҳолатро дар расми 3.5 метавонем дар ҳаракати болои каҷхатаи таклифот мушоҳида намоем. Тағйироти нарх аз 750 воҳиди пулӣ то ба 3500 воҳиди пулӣ боиси афзоиши бузургии таклифот аз $QS_1$ то $QS_3$ ... мегардад. Ин ҳаракат дар сурати тағйирёбии нарх ва бетағйирии омилҳои дигар ба амал меояд.

Тағйир ёфтани таклифот инчунин зери таъсири омилҳои ғайринархӣ ба амал омада метавонад, яъне дар зери таъсири онҳо таклифот метавонад зиёд ва ё маҳдуд шавад.

Омилҳои ғайринархие, ки ба таклифот таъсир расонида, боиси зиёд ва ё кам шудани он мегарданд, инҳоянд:

1) ***Нархи захираҳои иқтисодӣ***. Афзоиши нархи захираҳо боиси зиёдшавии хароҷоти истеҳсолӣ гардида, таклифотро маҳдуд месозанд ва баръакс. 2) ***Сатҳи истифодаи комёбиҳои илмию техникӣ.*** Истифодаи васеи онҳо имкон медиҳад, ки хароҷоти истеҳсолот кам карда, таклифоти молҳо зиёд шавад. Маҳдуд будани истифодаи ин комёбиҳо таклифотро маҳдуд месозад. 3) ***Нархи молҳои ҳамдигарро ивазкунанда***. Истеҳсоли аз ҳад зиёди як мол дар ҳолати маҳдудияти захираҳо боиси кам истеҳсол шудани молҳои алтернативӣ мегардад. 4) ***Миқдори фурӯшандагон.*** Афзоиши онҳо боиси зиёдшавии таклифот мегардад. 5) ***Самаранокии интизории фурӯшандаҳо***. Афзоиши истеҳсолот на ҳамеша боиси зиёдшавии таклифот мегардад. Агар интизор равад, ки дар оянда нархҳо баланд мешаванд, дар ин ҳолат таклифоти ҷорӣ ба хотири дар оянда бо нархи баланд фурӯхтани молҳо маҳдуд мегардад.

Ҳарчанд омилҳои номбурда боиси тағйироти таклифот мегарданд, лекин таъсири нарх ба бузургии таклифот бештар дар ҳаёт ба назар мерасад. Бо мақсади муайян кардани таъсири тағйироти нарх ба таклифот нишондиҳандаи чандирии таклифот истифода мешавад.

Дарк намудан душвор нест, ки мантиқи рафтори харидорон ва истеҳсолкунандагон дар бозор ба ҳам муқобил мебошад: ҳангоми афзоиши нарх истеҳсолкунандагон ва фурӯшандагон тайёр ҳастанд ҳар чӣ бештар миқдори молҳоро ба бозор пешниҳод намоянд, вақте ки харидорон ба афзоиши нарх бо кам намудани бузургии талабот ҷавоб мегардонанд.

Дар натиҷаи мухолифати аксуламалии бузургии талабот ва таклифот манфиатҳои муқобил ба вуҷуд меоянд (дар бозори харидорон ва фурӯшандагон). Харидорон кӯшиш менамоянд, ки ба маблағи маҳдуди пули доштаи худ ҳар чӣ бештар мол харидорӣ намоянд, фурӯшандагон бошанд, баръакс, мехоҳанд ба миқдори маҳдуди молҳои худ ҳар чӣ бештар маблағи пулии зиёд ба даст оранд.

Чӣ гуна бозор ин манфиатҳои ба ҳам муқобили фурӯшандагон ва харидоронро мувофиқ мегардонад, дар дарси дигар муайян менамоем.

## 3.3. Ташаккули нархи бозорӣ, изофагӣ ва камчинӣ

Барои ба таври осон фаҳмидани механизми нархгузории бозорӣ фавран аз мисоли мушаххас оғоз менамоем, ки аллакай ҳангоми омӯхтани бозори дучархаҳо маълумотҳо истифода гардидаанд.

Дар ибтидо дар як ҷадвал ҳамаи иттилоотро оид ба бузургии талабот ва таклифоти дар ин бозор мавҷудбуда ҳангоми гуногун будани сатҳи нарх якҷоя менамоем.

Ҷадвали 3.7

| Нарх (воҳиди пулӣ) | Бузургии талабот (дона) | Бузургии таклифот (дона) | Барзиёдии таклифот нисбат ба талабот (дона) | Намуди вазъи бозор (И – изофагӣ, К – камчинӣ, М – мувозинат) |
|---|---|---|---|---|
| 3500 | 0 | 130 | 130 | И |
| 3000 | 12 | 122 | 110 | И |
| 2400 | 27 | 108 | 81 | И |
| 2000 | 38 | 97 | 59 | И |
| 1650 | 50 | 85 | 35 | И |
| 1300 | 66 | 70 | 4 | И |
| 1150 | 60 | 60 | 0 | М |
| 1000 | 88 | 56 | –32 | К |
| 750 | 120 | 42 | –78 | К |

Мо мебинем, ки ҳангоми сатҳи нарх ба 3500 воҳиди пулӣ баробар будан истеҳсолкунандагон метавонанд ба бозор 130 дучарха пешниҳод намоянд, харидорон бошанд, тамоман харид намекунанд (0).

Ин чунин маъно дорад, ки дар ин сатҳи нарх дар бозор ҳолати изофагии таклифот ё ин ки ғункунии барзиёд ба вуҷуд омада метавонад (ин ҳолат бо ҳарфи *И* – изофагӣ ишора карда мешавад).

Ин ҳолат то он вақте нигоҳ дошта мешавад, ки сатҳи нарх дар ҳудуди якчанд бузургӣ дар доираи 1000–1300 воҳиди пулӣ ба як адад дучарха паст нагардад.

Дар ҳақиқат, маълумотҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳангоми нарх ба 1000 воҳиди пулӣ баробар будан мо дар бозор бевосита ҳолати ба ҳам муқобилро мебинем: бузургии талабот нисбат ба бузургии таклифот зиёд мегардад. Дар натиҷа норасоӣ, камчинии молҳо ба вуҷуд меояд (ин бо ҳарфи *К* – камчинӣ ишора шудааст).

**ИЗОФАГӢ (ҒУНКУНӢ) ҳолатест ки ҳангоми сатҳи нархи ҷойдошта фурӯшандагон ба фурӯш ҳаҷми бештари молро нисбат ба харидороне, ки бо ин нарх харид карда метавонанд, пешниҳод мекунанд.**

**КАМЧИНӢ ҳолатест, ки ҳангоми сатҳи нархи мавҷудбуда харидорон метавонанд ҳаҷми бештари молро нисбат ба фурӯшандагоне, ки бо чунин нарх онро ба фурӯш пешниҳод менамоянд, харид намоянд.**

Лекин оё дар бозор на изофагӣ ва на камчинии мол ҷой дошта метавонад?

Ба нуқтаи мувофиқатии сатҳи нарх ба 1000 ва 1300 воҳиди пулӣ нигоҳ кунед (онҳо ҳатто махсус бо ҳарфи дигар ҷудо карда шудаанд). Дар доираи нарх 1000–1300 воҳиди пулӣ дар бозор ба як воҳид дучарха баробар будан тағйироти ҷиддӣ ба вуҷуд меояд: яъне изофагии молҳо ба камчинӣ табдил меёбад.

Пас, дар ин доира нархе вуҷуд дорад, ки дар бозор на изофагӣ ва на камчинии мол ба назар мерасад: чӣ қадаре ки мол ба фурӯш пешниҳод карда шавад, ҳамон қадар харид мегардад.

Иқтисодчиён чунин ҳолатро мувозинати бозорӣ меноманд, яъне талабот ва таклифот дар ин маврид гӯё якдигарро баробар менамоянд. Мувофиқан нархе, ки чунин мувозинатро ба вуҷуд меорад, нархи мувозинатӣ ва ҳаҷми молҳое, ки бо ин нархҳо фурӯхтан мумкин аст, мувозинати ҳаҷми фурӯш (ин бо ҳарфи *М* ишора шудааст) номида мешавад.

## 3.4. Механизми ба амалбарории нархи мувозинатӣ дар бозор

**НАРХИ МУВОЗИНАТӢ нархест, ки имконияти фурӯхтани ҳамаи миқдори молҳоро медиҳад ва истеҳсолкунандагон (фурӯшандагон) барои фурӯхтани он бо чунин нарх розӣ мебошанд.**

Дар график чӣ гуна фаъолият кардани механизми бозориро дида мебароем.

Ҳолати мувозинати бозорро дар график омӯхтан мумкин аст, агар дар он каҷхатаи талабот ва таклифотро баробар тасвир намоем. Чӣ хеле ки мо мебинем, дар расми 3.8 дар яке аз нуқтаҳо онҳо якдигарро буридаанд. Аз нуқтаи буриши каҷхатаи талабот ва таклифот поён рафта, дар перпендикулярҳои хатти ординатӣ «Нарх» ва дар абстсисса «Шумораи дучархаҳо» нишон дода шудаанд ва дарк менамоем, ки ин нуқтаҳо (ҳангоми қисман доирашакл) дар координатҳои 68 ва 1250 ҷой доранд. Ба ибораи дигар, график нишон медиҳад, ки танҳо ҳангоми нарх баробари 1250 воҳиди пулӣ будан дар бозор ҳолати махсус ба вуҷуд меояд: яъне миқдори молҳое, ки истеҳсолкунандагон тайёр ҳастанд, онҳоро ба бозор (68 воҳид дучарха) пешниҳод намоянд, ба миқдори молҳое, ки харидорон метавонанд харид намоянд, баробар мегардад.

Нуқтаи буриши каҷхатаи талабот *D* ва таклифот *S* ҳолати мувозинати бозориро ифода мекунанд.

Дар ин расм маълум аст, ки ҳамаи се ҳолате, ки дар бозор имконпазир аст: *мувозинати бозор ҳангоми нарх* $P^*$ *ва ҳаҷми харид* $Q^*$*); изофагии молҳо (ғункунӣ) ҳангоми нархи бозорӣ аз нархи мувозинатӣ баланд, яъне*




Расми 3.8. **Таъсири мутақобилаи талабот ва таклифот дар бозор**

*$P_1$ будан; камчинӣ (норасоӣ)-и молҳо ҳангоми нархи бозорӣ аз нархи мувозинатӣ, яъне $P_2$ будан ба вуҷуд меоянд.*

Дар расми 3.9 раванди муваффақшавӣ ба мувозинати бозорӣ нишон дода шудааст. Дар ин ҷо аввал фурӯшандагон ба миқдори $Q_1$ молҳоро бо нархи $P_1$ ба фурӯш пешниҳод намуданд (нуқтаи *B*). Лекин бо ин нарх харидорон ҳаҷми камтари ин молҳоро харидорӣ карда метавонистанду халос. Он ба $Q_2$ баробар аст (нуқтаи *A*). Дар бозор ҳолати изофагии молҳо (ғункунӣ) дар ҳаҷми ($Q_1$–$Q_2$) пайдо мешавад. Барои фурӯхтани ҳамаи молҳои истеҳсолшуда фурӯшандагон маҷбур ҳастанд, ки нархро то сатҳи $P_2$ (нуқта С) паст намоянд. Маҳз ҳамин нархро онҳо дар оянда барои фаҳмидан ҳангоми муайян кардани ҳаҷми пешниҳоди миқдори нави молҳо ба бозор қабул намуданд.

Ҳангоми паст будани сатҳи нарх онҳо ҳаҷми молро баробари $Q_3$ миқдор пешниҳод карда метавонанду халос (нуқтаи *D*), лекин аллакай харидорон имконияти бештар ($Q_1$) харид кардани молҳоро доранд. Пас дар бозор ҳолати камчинии молҳо дар ҳаҷми ($Q_3$–$Q_1$) пайдо мешавад. Маълум аст, ки мол камчин гашт, фурӯшандагон нархро баланд мебардоранд, то он вақте ки харидорон ба сатҳи харид намудани ҳамаи ҳаҷми молҳо $Q_3$ муваффақ нашаванд. Дар натиҷа нарх дар бозор то сатҳи $P_3$ (нуқтаи *E*) баланд мегардад. Лекин бо чунин сатҳи нарх барои фурӯшандагон минбаъд ба бозор пешниҳод намудани ҳаҷми бештари мол ($Q_4$) (нуқтаи *F*) фоиданок мегардад. Боз ҳолати мазкур изофагии молҳоро ба вуҷуд меорад. Фурӯшандагон маҷбур мешаванд, ки сатҳи нархро то сатҳи $P_4$ паст карда, минбаъд онҳо ба бозор $Q_5$ миқдори молҳоро пешниҳод намоянд.

Ҳар вақт раванди мувофиқгардонии бозории манфиатҳои фурӯшандагон ва харидорон ба ташаккулёбии ҳаҷми фурӯш ва нарх оварда, ба ҳолати мувозинатӣ ҳар чӣ бештар наздик мешаванд. Дар графики 3.9 ба




Расми 3.9. **Сабабҳои ба вуҷуд омадани камчинӣ ё ин ки изофагии молҳо**




Расми 3.10. **Ҳолати муваффақшавии бозор ба мувозинат («тортанакшакли мувофиқатии бозор»)**

он нуқтаи буриши каҷхатаи талабот ва таклифот дар координатаҳо ($Q^*$, $P^*$) мувофиқат мекунад.

Мутаассифона, ин нуқтаро танҳо дар китоби дарсӣ пайдо кардан осон мебошад. Дар ҳаёт бузургиҳои мувозинати бозориро бо усулҳои санҷиш ва иштибоҳ ёфтан зарур мешавад. Лекин агар раванди ташаккулёбии нархи бозорӣ бе ягон монеа гузарад, он гоҳ ҳолати мувозинатии бозор ба вуҷуд меояд. Тағйирёбӣ аз рӯи «доми мувофиқшавии бозорӣ» (он дар графики 3.10 пайвасткунии нуқтаҳои *A, B, C, D, E, F, G, H*-ро ифода мекунад), яъне, бозор ба фурӯшандагон ва харидорон барои муайян кардани он нархе, ки тамоми ҳаҷми моли ба фурӯш пешниҳодшуда харидорӣ карда мешавад, кумак мерасонад. Бояд қайд намуд, ки ин механизм ҳам дар ҳолати изофагӣ (ин вариантро дар боло дида баромадем) ва ҳам дар ҳолати камчинӣ баробар фаъолият мекунад.

Оё ташаккулёбии мувозинати бозорро идора кардан мумкин аст? Албатта. Барои ин дар таҷрибаи бизнес як қатор воситаҳои гуногун вуҷуд доранд, ки яке аз онҳо тарғиб (реклама) мебошад.

Реклама яке аз усулҳои куҳнатарини ҳавасмандкунии фурӯш ба ҳисоб меравад. Муҳлати дуру дароз реклама ҳамчун усули монополикунонии фаҳмиши харидорон ҳукмронӣ намуд. Дар вақтҳои охир нуқтаи назари дурандешона бартарӣ пайдо кард, ки реклама дар худ танҳо шакли иттилоотдиҳиро ифода намуда, натиҷаи он аз хусусияти иттилооти интиқолшаванда вобаста мебошад. Бо вуҷуди ин воқеан нисбат ба таъсири рекламаҳо ба рафтори бозории харидорон бо нафаре баҳс кардан кори басо душвор аст.

Мутобиқкунии механизми бозории манфиатҳои фурӯшанда ва харидорро таҳлил намуда, *Адам Смит* дар китоби машҳури худ «Тадқиқот оид ба табиат ва сабабҳои бойигарии халқ», ки соли 1776 аз чоп баромадааст, чунин навишта буд: «*Ҳар як инсон танҳо оид ба манфиати худ андеша мекунад, лекин дасти ноаёне ӯро ба самти дигар нигаронида, ба натиҷае меорад, ки вай худаш тамоман андеша накарда буд*».

Он чизе, ки ба «дасти ноаён» тааллуқ дорад, имконият медиҳад, ки низоми иқтисоди бозорӣ фаъолияти миллионҳо одамонро ба ҳамдигар мувофиқ гардонад. Истилоҳоти зеринро дар замони *Адам Смит* иқтисодчиён механизми нарх номиданд, ки дар иқтисоди бозорӣ нақши марказиро мебозад. Маҳз нарх барои ҳамаи фурӯшандагон ва харидорон сарчашмаи асосии иттилоот оид ба вазъи кору фаъолият дар бозор гашта, таносуби пешниҳоди молҳо ва талаботро ба онҳо муайян мекунад.

**МЕХАНИЗМИ НАРХ ташаккул ва тағйирдиҳии нархи бозор аст, ки дар зери таъсири зиддияти манфиатҳои харидорон ва фурӯшандагон ташаккул ёфта, барои қабули қарори мувофиқ мусоидат мекунад.**

Иттилоот маънои сетарафа дорад:

– *агар нарх баланд шавад, пас, маълум аст, ки ба бозор мол кам ворид шудааст, нисбат ба он ки харидорон бо ин сатҳи нарх тайёр ҳастанд харидорӣ намоянд;*

– *агар нарх паст шавад, пас, маълум аст, ки ба бозор мол бисёртар ворид шудааст, нисбат ба он ки харидорон бо ин сатҳи нарх тайёр ҳастанд харидорӣ намоянд;*

– *агар нарх қариб бетағйир монад, пас маълум аст, ки ба бозор ҳамон қадаре мол ворид шудааст, ки харидорон тайёр ҳастанд бо ин сатҳи нарх ҳамон миқдор молҳоро харидорӣ намоянд.*

Азбаски аз сатҳи нарх ҳам бузургии даромади фурӯшандагон (яъне даромади шахсии онҳо дар шакли фоида) ва ҳам хароҷоти харидорон вобастагии бевосита дорад, он гоҳ нархҳо ба «чароғак»-и ба худ хос барои ҳамаи иштирокчиёни бозор табдил меёбанд.

Ба истеҳсолкунандагон ва фурӯшандагон онҳо огоҳӣ медиҳанд, ки оё истеҳсол ва фурӯхтани ин ё он намуди мол зарурат дорад ва то чӣ андоза ҳангоми сатҳи нархи мавҷудбуда фоидаовар мебошад. Ба харидорон онҳо барои қабули қарори дуруст иттилоъ медиҳанд: яъне оё онҳо имконияти харидорӣ кардани молро доранд. Бинобар ин бозоре, ки низоми нарх дар он озод ташаккул меёбад, аз рӯи натиҷаи савдо байни фурӯшанда ва харидор доимо ҳамаи иштирокчиёни бозорро маҷбур мекунад, ки чунин фаъолият намоянд ва ҳолати мувозинат ба вуҷуд ояд.

Бозор дар холати мувозинат имконпазирии созиши беҳтарин байни манфиатҳои фурӯшандагон ва харидорон аст.

?!

1. Мафҳуми талаботро шарҳ диҳед.
2. Чандирӣ чист?
3. Мафҳуми таклифотро шарҳ диҳед.
4. Чандирии таклифотро аз рӯи нарх шарҳ диҳед.
5. Мафҳуми изофагӣ ва камчиниро чӣ тавр мефаҳмед?
6. Механизми ба амалбарории нархи мувозинатӣ чӣ гуна аст?

# МАВЗӮИ 4. ГУРӮҲБАНДИИ БОЗОР ВОБАСТА БА ШАКЛҲОИ РАҚОБАТ. ТАЪСИРИ ИНҲИСОР БА ВАЗЪИ БОЗОР

## 4.1. Мафҳум ва моҳияти рақобат

Рақобат яке аз унсурҳои муҳими механизми бозор ба ҳисоб меравад. Муносибатҳои бозорӣ дар ҷомеа муҳитеро ба вуҷуд меоранд, ки дар он субъектҳои гуногуни иқтисодӣ кӯшиш мекунанд манфиатҳои иқтисодии худро амалӣ намоянд. Дар ин раванд ногузир бархӯрди манфиатҳои иштирокчиёни бозор ба амал меояд. Воқеан рақобат мубориза, муқовимати манфиатҳо мебошад. Ба монанди дигар намуди мубориза рақобат имконияти амалҳои рақибонро, ки танҳо ба муқовимат бар зидди ноилшавӣ ба мақсадҳои гузошташудаи шумо равона карда шудаанд, истисно намекунад.

Рақобат байни субъектҳои бозор баҳри шароитҳои беҳтарини истеҳсолот ва тиҷорат, хариду фурӯши молҳо, ба тарафи худ ҷалб намудани харидорон, нисбат ба дигарон зиёдтар гирифтани фоида ба амал бароварда мешавад.

Ҳарифии муборизаи иқтисодиро дар бозор чунин шароитҳои объективӣ ба вуҷуд меоваранд: мустақилии комили ҳар як истеҳсолкунанда дар асоси моликияти хусусӣ ба воситаҳои истеҳсолот, вобастагии манфиатҳо аз конъюнктураи бозор, дар мубориза барои харидорон нисбат ба дигар истеҳсолкунандагон афзалият доштан. Муборизаи рақобатӣ унсури муҳимтарини механизми танзимкунандаи бозор мебошад. Дар натиҷаи рақобат ба маҳсулоти якхела нархи умумӣ (бозорӣ) ба вуҷуд меояд.

Дар низоми бозорӣ рақобат истеҳсолкунанда ва фурӯшандаро маҷбур месозад, ки талаботро таъмин намоянд. Зиёд шудани талаботи истеъмолкунандагон ба мол нархи онро дар бозор нисбат ба арзишаш хеле баланд мебардорад. Фоидаи дар натиҷаи он гирифташуда моҳиятан хабар ба истеҳсолкунанда мебошад, ки барои ҷамъият миқдори зиёди чунин маҳсулот зарур аст. Танҳо рақобат метавонад, ки дар як вақт истеҳсолотро васеъ намояд ва нархи молро паст. Рақобат соҳибкорро маҷбур мекунад, ки технологияи самараноктарини истеҳсолотро ҷорӣ

намояд ва дар баробари ин шароитҳои ба пешрафти техникӣ мусоидаткунандаро муҳайё созад.

Дар адабиёти иқтисодие, ки ба масъалаи рақобатпазирӣ бахшида шудааст, се нуқтаи назар оид ба муайяннамоии рақобат мавҷуд аст. Якум, рақобатро ҳамчун мусобиқа дар бозор муайян менамоянд. Дуюм, рақобатро ҳамчун унсури механизми бозорӣ, ки имконияти мувозинат намудани талабот ва таклифотро медиҳад, дида мебароянд. Сеюм, рақобатро ҳамчун меъёри муайянкунандаи навъи бозори соҳавӣ муайян мекунанд ва он дар назарияи морфологии бозор асос меёбад.

Нуқтаи назари мазкур оид ба масъала яктарафа буда, рақобатро танҳо ҳамчун фаъолияти озодии рақибонро маҳдудкунанда дида баромада, ҳавасмандии худи субъектҳоро бо натиҷаи мусбӣ ба инобат намегирад. Чунин нуқтаи назари омӯзиши моҳияти рақобатпазирӣ яқин нокифоя мебошад. Ҳамин тариқ, дар ин ҳолат моҳияти рақобатпазирӣ ба таври истисноӣ аз мавҷудияти имконият ва воситаҳои муқовимати самаранок ба озодии фаъолияти рақибон иборат мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар ин ҳолат ҷузъи таркиби ниҳоят муҳим ва асосгузори рақобат – принсипи сабқат дида баромада мешавад. Рақобат ба ифодаҳои гуногун ҳам бошад, ҳамчун муқовимати субъектҳои иқтисодӣ фаҳмида мешавад.

Дар чаҳорчӯбаи назарияи классикии иқтисодӣ рақобат чун унсури ҷудонашавандаи механизми бозорӣ баромад мекунад. Вақте ки фурӯшандагон ва харидорони инфиродӣ дар бозор барои хариду фурӯши нисбатан манфиатнок мувофиқан мусобиқа менамоянд, *А. Смит* ин рақобатро ҳамчун категорияи рафтор маънидод намудааст. Рақобат ҳамон «дасти ноаён»-и бозор мебошад, ки фаъолияти иштирокчиёни онро ба ҳам мутобиқ менамояд.

Ҳамин тариқ, тарафи дигари рақобат қувваи ҳаракатдиҳанда барои ҳар як иштирокчӣ, ҳавасмандии шахсӣ, ҳавасманд будан дар ноилшавӣ ба натиҷаи барои худ мусбат мебошад. Муқовимат ба ҳарифон набояд ва наметавонад мақсади худи рақобат бошад. Он бояд натиҷаи дуюминдараҷаи кӯшишҳои амалишаванда барои ноил гардидан ба натиҷаҳои барои худ манфиатбахш бошад.

## 4.2. Рақобати озод

Ба бозори рақобати озод пеш аз ҳама, шумораи зиёди субъектони хоҷагидорӣ (харидорон ва фурӯшандагон) ва инчунин, таҳвили як мол хос мебошад. Зеро бо таъсири талабот ва таклифот нархҳо ба ҳам наздик мешаванд, яъне дар минтақаи алоҳида дар вақти муайян нархҳо қариб ки якхела мешаванд. Мувофиқан дар шароити иқтисоди бозорӣ кӯшиши ҳар як фурӯшанда оид ба гирифтани фоидаи максималӣ меафзояд. Барои

нигоҳ доштани мавқеи худ дар бозор фурӯшанда (истеҳсолкунанда) тахфифро (скидка) истифода мебарад (3–5%). Дар натиҷа фоидаи фурӯшанда аз ҳисоби зиёд гардидани таҳвили мол ба бозор бештар мегардад.

Дар амалияи воқеӣ мавҷудияти рақобати озод ҳолати камшумор ба ҳисоб рафта, танҳо баъзе аз намуди бозорҳои алоҳида, ба монанди бозори ғалла, қоғазҳои қиматнок, асъори хориҷӣ ва амсоли онҳо ба рақобати озод наздик мебошанд. Дар ин самт барои мо на танҳо соҳаи амалии татбиқнамоии донишҳои назариявии азхуднамуда (дар ин бозорҳо), ҳамчунин омилҳое низ аҳамиятнок мебошанд, ки вобаста ба онҳо рақобати озод ҳолати одӣ ба шумор рафта, барои муқоиса ва баҳо додани самаранокии равандҳои воқеии иктисодӣ намунаи аввалияи меъёрҳоро муайян мекунад.

**Рақобати озоди арзанда.** Дар давраи дарозмуддат шарти рақобати озод баробарии $MR = MC = AC = P$ (*Ҳудуди даромад = Ҳудуди хароҷот = =Хароҷоти миёна =* $P_{нарх}$) мушоҳида карда мешавад (расми 4.1).

Албатта, дар шароити рақобати озод корхона метавонад дар муддати кӯтоҳ даромади зиёдеро ба даст орад ва ё ин ки баръакс, зарар бинад. Лекин заминаи мазкур дар доираи вақти зиёд ғайриимкон буда, метавонад дар шароити озоди дохилшавӣ ва хориҷшавӣ ба соҳа таваҷҷуҳи корхонаҳои дигарро ба худ ҷалб намояд. Дар натиҷа корхонаҳои зараровар муфлис гардида, аз соҳа хориҷ мегарданд.

Рақобати озод имкон медиҳад захираҳои маҳдуди мавҷуда тавре тақсим гарданд, ки дар заминаи он қонеъгардонии максималии талабот таъмин карда шавад. Чунин ҳолат ҳангоми ҷой доштани як шарт $P=MC$ будан имконпазир мешавад. Ин маънои онро дорад, ки корхонаҳо миқдори максималии маҳсулотро то мавриде истеҳсол карда метавонанд, ки хароҷоти ниҳоии захираҳо ба нархе, ки аз рӯи он харидорӣ карда шудани маҳсулот даст дода истодааст, баробар намегардад. Дар ин маврид на танҳо самаранокии баланди тақсимоти захираҳо, ҳамчунин самаранокии баланди истеҳсолӣ низ ба даст оварда мешавад. Рақобати озод корхонаҳоро маҷбур менамояд маҳсулоти худро бо хароҷоти миёнаи минималӣ истеҳсол намуда, онро бо нархе, ки ба хароҷоти пешниҳодкардашуда мутобиқат менамоянд, ба фурӯш бароранд. Ба таври графикӣ ин маънои онро дорад, ки каҷхатаи хароҷоти миёна танҳо ба каҷхатаи



Расми 4.1. **Ҳолати мувозинатии корхонаи рақобатпазир дар давраи дарозмуддат**

талабот мерасаду халос. Дар ҳолате ки агар хароҷоти истеҳсолӣ нисбат ба ҳар як воҳиди маҳсулот аз нархи он барзиёд гардад ($AC>P$), пас барои корхона аз нуқтаи назари иқтисодӣ истеҳсоли ҳама гуна маҳсулот зарарнок гардида, боиси аз соҳа рафтани он мегардад. Агар хароҷоти миёна нисбат ба каҷхатаи талабот ва мутобиқан нисбат ба нарх паст бошад ($AC<P$), ин маънои онро дорад, ки каҷхатаи хароҷоти миёна каҷхатаи талаботро гузашта, як навъ ҳаҷми истеҳсолоти фоидаи зиёддиҳандаро ба вуҷуд меорад. Дар ин маврид миқдори корхонаҳо дар соҳа зиёд гардида, фоидаи мазкурро дер ё зуд ба сифр баробар менамоянд. Ҳамин тавр, каҷхатаҳо танҳо ба ҳамдигар мерасанду халос, ки ин ҳолати мувозинатӣ дар давраи дарозмуддат на фоида ва на зарарро ба вуҷуд меорад.

Дар ин ҷо муаммои ба худ хос ба вуҷуд меояд: дар шароити мувозинатӣ барои ҳама гуна корхонаи дар соҳа фаъолияткунанда бояд хароҷоти якхела рост ояд. Лекин чунин замина ғайриимкон аст, зеро мо медонем, ки як корхона бо ашёи хоми босифат фаъолият намуда, корхонаи дигар дорои таҷҳизоти муосир ва самаранок мебошад, сеюмӣ кормандони соҳибтаҷрибаро ҷалб намуда, чорумӣ менеҷерҳои беҳтаринро гирд овардааст. Зиёда аз ин ягон корхонаи якхела ҷой дошта наметавонад. Корхонае, ки аз захираҳои беҳтарин истифода мебарад, комилан маълум аст, ки хароҷоти нисбатан камтар дорад. Аз ин ҷо чунин омили баръало намоёнро бо ҳолате ки аз рӯи он хароҷоти корхонаҳо дар шароити рақобати озоди соҳа якхелаанд, чӣ гуна мувофиқ кардан мумкин аст?

Дар иқтисодиёт тартиби зерини шарҳ додани муаммои мазкур вуҷуд дорад: дар назар дошта шудааст, ки соҳибони захираҳои нисбатан беҳтар мукофотпулии зиёдтареро ба даст меоранд. Масалан, кормандони соҳибтаҷриба музди меҳнати хуб мегиранд, барои таҷҳизоти муосир арзиши калонтар пардохт карда мешавад. Аз ин ҷо маблағҳои аз ҳисоби истифодаи захираҳои нисбатан самаранок сарфагардида барои нигоҳ дошта шудани онҳо хароҷот карда мешавад. Чунин ҳолат дар навбати худ раванди мувозинатии хароҷоти дар шароити рақобатпазирии соҳа мавҷударо ифода менамояд.

**Норасоии рақобати озод.** Рақобати озод дар маҷмӯъ ба монанди иқтисоди бозорӣ дорои як қатор норасоиҳо мебошад. Вобаста ба ин дар хусуси аз тарафи рақобати озод таъмин карда шудани тақсимоти самараноки захираҳо ва то ба ҳадди максималӣ қонеъ гардонда шудани талаботи харидорон сухан ронда, онро фаромӯш набояд кард, ки чунин ҳолат аз пардохтпазирии талабот, аз тақсимоти даромадҳои пулӣ, ки қаблан ба миён омада буданд, пайдо мегардад. Ҳолати мазкур баробарии имкониятҳоро ба вуҷуд оварда, баробарии натиҷаро кафолат намедиҳад. Рақобати озод танҳо ҳамон хароҷотҳоеро ба назар мегирад, ки онҳо рӯйпӯш мегарданд. Аммо дар шароити нокифоягии таснифоти ҳуқуқи

моликият манфиатҳо (хароҷот)-е ҷой доранд, ки онҳо аз тарафи корхонаҳо ба инобат гирифта намешаванд: онҳоро ҷомеа ба амал мебарорад.

Дар ин маврид сухан дар бораи нафъ ё ин ки хароҷоти беруна (экстернали мусбӣ ё ин ки манфӣ) меравад. Бинобар ин, дар шароити норасоии таснифоти ҳуқуқи моликият кам истеҳсол шудани экстерналҳои мусбӣ ва барзиёд истеҳсол шудани экстерналҳои манфӣ эҳтимолият доранд.

Рақобати озод истеҳсол карда шудани неъматҳои ҷамъиятиро пешбинӣ наменамояд, гарчанде онҳо боиси қаноатмандии истеъмолкунандагон мегарданд, аммо, онҳо наметавонанд ба таври аниқ ва мушаххас тақсим, баҳодод ва ба ҳар як истеъмолкунанда дар алоҳидагӣ (донабайъ) фурӯхта шаванд. Чунин ҳолат ба як қатор неъматҳои ҷамъиятӣ, ба монанди амнияти зиддисӯхторӣ, мудофиаи миллӣ ва монанди инҳо тааллуқ дорад.

Рақобати озоде, ки шумораи зиёди корхонаҳоро дар назар дорад, на ҳама вақт имконияти таъмин намудани ҷамъоварии захираҳои барои тезондани раванди илмӣ-техникӣ зарурбударо дорост. Ин пеш аз ҳама, ба тадқиқотҳои бунёдӣ (тадқиқотҳое, ки одатан зараровар мебошанд), соҳаҳое, ки аз ҷиҳати илмӣ ва сармоявӣ калонҳаҷм мебошанд, тааллуқ дорад.

Рақобати озод барои баробарнамоӣ ва ба талабот мувофиқ намудани маҳсулот мусоидат менамояд. Он доираи васеи интихоби истеъмолиро дар маҷмӯъ ба назар намегирад. Дар баробари ин, дар ҷамъияте, ки сатҳи баланди истеъмолиро ноил гардидааст, завқу салиқаҳои гуногун инкишоф меёбанд. Дар ин маврид истеъмолкунандагон на танҳо ба таъйиноти ашё, инчунин ба тартиби ороиш, ташаккул додан, имконияти мутобиқ намудани он ба хусусиятҳои хоси фардии ҳар як инсон ҳарчи бештар диққат зоҳир менамоянд. Мутобиқ ба ин, ҷиҳатҳои мазкури ашё танҳо дар шароити гуногунии мол ва хизматрасониҳо имкон медиҳад, ки он хоҳу нохоҳ бо зиёд намудани хароҷоти истеҳсолӣ алоқаманд бошад.

**Таснифоти сохтори бозорӣ**. Маҳдудияти рақобати озод дар шароити навъҳои гуногуни сохтори бозорӣ бартараф карда мешавад. *Рақобате, ки дар он ҳадди ақал яке аз унсурҳои рақобат риоя карда намешавад, рақобати ғайрикомил эътироф карда мешавад*. Дар ин самт ҳолати истисноӣ ***инҳисори соф (pure monopoly)*** ба шумор меравад, ки *аз рӯи он дар соҳа танҳо як корхона ҳукмрон буда, доираи амали он бо доираи амали соҳа мутобиқат менамояд.*

Ҳангоми дар соҳа фаъолият намудани шумораи ками корхонаҳо ҳолати ***олигополӣ*** фаро мерасад. Ҳолати акс дар мавриде рух дода метавонад, ки агар дар соҳа шумораи корхонаҳо зиёд буда, ҳар яке аз онҳо ҳаддалимкон барандаи қисмати муайяни ҳукмронии инҳисорӣ мебошанд.




Расми 4.2. **Таснифоти намудҳои асосии сохтори бозорӣ**

Ҳолати мазкурро ҳамчун ***рақобати инҳисорӣ*** ном мебаранд (ниг. ба расми 4.2).

**Намудҳои асосии сохтори бозорӣ** ҳадди охирони намуди сохтори бозорӣ набуда, ҳамчунин намудҳои дигари зиёди онҳо фарқ карда мешаванд. *Дар бозор ҷой доштани як истеъмолкунанда **монопсония** номида мешавад. Корхонае, ки маҳсулоти худро ба категорияи гуногуни истеъмолкунандагон бо нархи гуногун мефурӯшад, **корхонаи истифодабарандаи гуногунии нарх** номида мешавад.*

Дар ҳолати ба ҳам бархӯрдани монопсонист-истеъмолкунанда бо монополист-фурӯшанда инҳисори дутарафа ба вуҷуд меояд. Дар соҳа фаъолият намудани ду корхона, ки чунин ҳолати бештар ба назаррасандаи олигополия мебошад, ***дуополия*** номида мешавад.

Дар мавриди гузаштан ба омӯзиши роҳҳои гуногуни омезиши шаклҳои таклифот ва талабот, миқдори имконпазири сохторҳои бозорӣ меафзояд (ниг. ба табл. 4.3). Лекин ҳангоми таҳлили ҳолати мавҷуда одатан аз тахмине бармеоянд, ки аз рӯи он талабот рақобатпазир буда, бо омӯзиши шаклҳои гуногуни таклифот маҳдуд мешавад.

Таблитсаи 4.3. **Таснифоти шакли бозор**[1]

| Шаклҳои таклифот<br>Шаклҳои талабот | Рақобат (полиполия) | Олигополия | Инҳисор |
|---|---|---|---|
| Рақобат (полипсония) | Рақобати озод | Олигополия | Инҳисор |
| Олигопсония | Олигопсония | Олигополия, маҳдудияти олигопсония | Инҳисор, маҳдудияти олигопсония |
| Монопсония | Монопсония | Монопсония, маҳдудияти олигополӣ | Инҳисори дутарафа |

Дар навбати аввал инҳисори софро баррасӣ менамоем.

[1] Аз рӯи асари Ойкен В. "Основные принципы экономической политики". М.: Прогресс, 1995. С. 75 тартиб дода шудааст.

## 4.3. Инҳисори соф

***Хусусиятҳои хос.*** Аксуламали рақобати озод инҳисори соф (монополия) ба шумор меравад (калимаи юнонӣ «моно» – як, «полио» – мефурӯшам), ки вобаста ба он дар соҳа танҳо як корхона фаъолият менамояд, дар ин ҷо мафҳуми «корхона» бо мафҳуми «соҳа» мутобиқат менамояд. Аз нигоҳи аввал, чунин ҳолат аз эҳтимол дур буда, дар миқёси мамлакат кам мушоҳида мешавад. Дар мавриде ки агар мо қисмати муайяни миқёсӣ, масалан, як шаҳри хурдро ба инобат гирем, пас маълум мегардад, ки ҳолати инҳисори соф ҳолати муқаррарист. Дар ин гуна шаҳр танҳо як пойгоҳи барқӣ, як роҳи оҳан, фурудгоҳи ягона, як бонк, як корхонаи калон, як мағозаи китобфурӯшӣ ва монанди инҳо арзи ҳастӣ менамоянд. Мисол, дар ИМА 5%-и ММД дар шароити наздик ба инҳисори соф истеҳсол карда мешавад.

Инҳисори соф одатан дар ҳамон ҷое ба миён меояд, ки дар он ҷо алтернативаи воқеӣ ҷой надошта, ивазкунии маҳсулоти истеҳсолшаванда вуҷуд надорад ва он ягона ба шумор меравад. Чунин ҳолатро ба таври комил ба монополияҳои табиӣ нисбат додан мумкин аст, ки дар ин соҳа фаъолият намудани шумораи зиёди фирмаҳо барои зиёд гардидани хароҷоти миёна оварда мерасонад. Мисоли муқаррарии монополияи табииро хадамоти коммуналии мунисипиалӣ ташкил медиҳад. Дар шароити инҳисори соф монополист (истеҳсолкунандаи ягона) нисбат ба маҳсулоти истеҳсолшаванда ҳокимияти мутлақро соҳиб буда, дар андозаи муайян назоратро аз болои нарх ба амал мебарорад ва он ба тағйир дода шудани миқдори мол таъсир мерасонад.

Инҳисор ҳамчунин дар ҳамон ҷо ва дар ҳамон вақт ба миён меояд, ки вобаста ба он барои дохил шудан ба соҳа монеаҳои бузург ҷой доранд. Ин мумкин аст бо миқёси иқтисодиёт (масалан, дар саноати автомобилӣ), бо инҳисори табиӣ (вақте ки ширкати муайян – дар соҳаи почта, алоқа, газ, обтаъминкунӣ – ҳолати монополии худро бо роҳи аз ҳукумат гирифтани бартарият мустаҳкам менамояд) вобаста мебошад.

Дар ин самт давлат бо роҳи додани иҷозатнома ва патент монеаҳои расмиро эҷод менамояд. Мутобиқи муқарраротӣ ҳуқуқи патентии ИМА, ихтироъкор нисбат ба ихтирооти худ дар муҳлати 17 сол ҳуқуқи мутлақи ба амал баровардани назоратро дорад. Патент дар пешрафти ширкатҳои зерин, ба монанди «Ксерокс», «Истман Кодак», «Интернэшнл Бизнес Машин» (IBM), «Sony» ва амсоли инҳо нақши бузургро бозидаанд. Ҳолати монополии бо патент асосёфта ба сифати ҳавасмандкунии сармоягузорӣ ба корҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ (КИТТК) баромад намуда, дар ҳамон як вақт омили асосии пурзӯр намудани ҳукмронии инҳисорӣ ба шумор меравад. Дохил шудан ба соҳа мумкин аст ҳамчунин бо роҳи дода шудани иҷозатнома ба таври

назаррас маҳдуд карда шавад. Дар ИМА зиёда аз 500 номгӯйи касбҳо (духтурон, таксистҳо ва монанди инҳо) зери иҷозатномадиҳӣ қарор дода шудаанд. Иҷозатнома мумкин аст чи ба фирмаҳои хусусӣ ва чи ба ташкилотҳои давлатӣ дода шавад (мисоли классикӣ – таърихи инҳисори обӣ дар Россия).

Инҳисор метавонад нисбат ба захираҳои муайян ҳуқуқи истисноӣ дошта бошад (масалан, ба омилҳои табиии истеҳсолот). Мисоли таърихии чунин ҳолат фаъолияти ширкати «Де Бирс» ба шумор меравад, ки дар Африқои Ҷанубӣ солиёни зиёд сарчашмаҳои калонтарини истеҳсоли алмосро монополия намуда, бозори ҷаҳонии алмосро назорат мекунад.

Дар асри гузашта ва ҳозира публистони самти сотсиалистӣ ба фаъолияти агрессивии монополӣ тавсифҳои гуногунранг дода буданд. Чунин ҳолатро дар асарҳои Ҷ.А. Гобсон «Империализм» (1902), Р.Гилфердинг «Капитали молиявӣ» (1910), Н.И. Бухарин «Хоҷагии ҷаҳонӣ ва империализм» (1915) ва В.И. Ленин «Империализм ҳамчун нуқтаи олии капитализм» (1916) мушоҳида кардан мумкин аст. Дар шароити муосир амали қатъии монополия ҳамчун «рақобати бевиҷдонона» дар маҷмӯъ, аз тарафи мамлакатҳои дорои иқтисодиёти бозории пешрафта қотеъона манъ карда шудааст, гарчанде чунин ҳолат дар гӯшаву канорҳои ҷаҳони муосир мушоҳида карда мешавад.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилҳои боло чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст: фирмаро ҳамон вақт монополисти соф номидан мумкин аст, ки агар он ягона истеҳсолкунандаи неъмати иқтисодӣ буда, ивазкунандаи наздиктарини он (субститутҳо) ҷой надошта бошад ва аз рақобати бевосита тавассути монеаҳои баланди дохилшавӣ ба соҳа ҳимоя карда шуда бошад.

Ҳисоб менамоянд, ки нархҳои инҳисорӣ одатан нархҳои аз ҳама баланд мебошанд. Дар ҳақиқат, ҳамчун қоида, онҳо нисбат ба маҳсулоти рақобатӣ баландтар мебошанд, лекин онро ёдовар шудан лозим аст, ки монополист кӯшиши то ба ҳадди максималӣ расонидани даромади худро менамояд, на ин ки фоида ба ҳисоби воҳиди маҳсулот. Аз ҳама муҳимаш, болоравии нарх беохир набуда, бо чандирии талаботи нарх нисбат ба маҳсулоти корхонаи мазкур маҳдуд карда мешавад.

## 4.4. Рақобати инҳисорӣ. Шарти пайдоиш

Рақобати инҳисорӣ дар ҷое ба миён омада метавонад, ки дар он даҳҳо корхона фаъолият намуда, дар байни онҳо имконияти гуфтушуниди пинҳонӣ ғайриимкон аст. Ҳар корхона дар асоси хатар ва таваккалии худ амал намуда, сиёсати нархии худро муқаррар менамояд.

Рақобати инҳисорӣ дар ҳамон ҷое инкишоф ёфта метавонад, ки дар он ҷо гуногунии маҳсулот зарур аст ва дар он ҷо харчи бештар муайян

карда шудани табъу завқи истеъмолкунанда бо мақсади ба фурӯш баровардани маҳсулот талаб карда мешавад. Саноати сабук ва хӯрока, соҳаи хизматрасонӣ ба мо даҳҳо мисолҳоро дода метавонад: курта, пичак, палто, маҳсулоти аз шоколад тайёршуда, қаҳвахонаҳо, театрҳо, эстрадаҳо ва амсоли ин. Гуногунии маҳсулот мумкин аст на танҳо ба тавофут дар сифати мол, инчунин ба ҳамон фаъолиятҳое, ки бо хизматрасонӣ алоқаманданд, асос ёбад. Сабаби аз тарафи истеъмолкунанда харидорӣ карда шудани маҳсулот метавонад қоғазпечи нисбатан дилкаш, реҷаи корӣ ва ҷойи ҷойгиршавии мағоза, хизматрасонии олӣ ба харидор, ба харидор пешниҳод кардани тахфиф дар нарх ва монанди инҳо бошад. Чунин ҳолат ба андозаи зарурӣ дар мағозаҳои хурд, сартарошхонаҳо, нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ, хушкашӯйиҳо ва амсоли ин ҷой дошта метавонад.

Дар шароити гуногунии неъматҳои иқтисодӣ ду корхонаеро, ки ҳамон як маҳсулот ва ё ҳамон як хизматрасониро пешниҳод намоянд, ёфтан амри маҳол аст. Ҳудуди соҳа васеъ гардида, муайян кардани он душвор мешавад ва дар баъзе ҳолатҳо бошад, ғайриимкон аст, зеро дар ин самт континууми маҳсулот ва хизматрасонӣ мушоҳида карда мешавад.

На танҳо нарх, инчунин омилҳои ғайринархӣ низ, ба монанди реклама, шароити фурӯш, имконияти ба қарз харидорӣ карда шудани маҳсулот, ҷой доштан ва ё надоштани хизматрасонии кафолатӣ ва ғайра аҳамияти муҳимро соҳиб мегарданд.

Дар шароити рақобати инҳисорӣ барои ворид шудан ба соҳа монеаҳои бузург ҷой надоранд. Самараи миқёс аҳамияти муҳим надорад, сармояе, ки барои оғоз намудани фаъолият талаб карда мешавад, одатан калон нест.

Осон ворид шудан ба соҳа маънои онро надорад, ки гӯё дар ин соҳа ягон маҳдудият мавҷуд набошад. Ба сифати он патент оид ба маҳсулот, иҷозатнома, сурғучҳои фабрика ва ё нишони тиҷоратӣ метавонанд баромад намоянд. Лекин дар фарқият аз инҳисори соф дар ин ҷо патент дорои хислати истисноӣ нест, зеро дар ин ҷо танҳо молҳо-субститутҳо литсензионида карда мешаванду халос.

***Муайян намудани нарх ва ҳаҷми истеҳсолот***. Агар дар шароити рақобати озод каҷхатаи талабот ($D_c$) бо хатти абтсисса мувозӣ бошад, пас, дар рақобати инҳисорӣ он майли на он қадар манфиро ба даст меорад (ниг. $D_m$ ба расми 4.4). Ин маънои онро дорад, ки каҷхатаи талабот нисбат ба мавриди рақобати озод камтар чандирӣ буда, дар инҳисори соф хислати бештари чандириро дорад. Дар шароити рақобати инҳисорӣ дараҷаи чандирӣ ҳам аз шумораи рақибон ва ҳам аз сатҳи гуногунии маҳсулот (хизматрасониҳо) вобаста аст.

Ҳамин тавр, гуногунии маҳсулот дар гуногунии нарх инъикос мегардад. Истеъмолкунандае, ки ба ин ва ё он маҳсулот одат кардааст, аз




Расми 4.4. **Рақобати инҳисорӣ**




Расми 4.5. **Рақобати инҳисорӣ: мувозинат дар давраи дарозмуддат**

харидорӣ карда шудани он ҳатто дар мавриди боло рафтани нарх низ ба осонӣ даст намекашад. Фирма танҳо харидори баҳисобгиранда ва меркантилариро иваз менамояду халос.

Майли манфии каҷхатаи талабот маънои онро дорад, ки дар шароити рақобати инҳисорӣ миқдори ками маҳсулот истеҳсол карда мешавад. Агар дар мавриди рақобати озод маҳсулоти $Q_c$ аз рӯи нархи $P_c$ истеҳсол карда шавад, пас, дар шароити рақобати инҳисорӣ маҳсулоти $Q_m$ аз рӯи нархи $P_m$ истеҳсол карда мешавад (ниг. ба расми 4.4).

Корхона метавонад дар муддати кӯтоҳи вақт ҳам фоида ба даст орад ва ҳам зарар бинад. Лекин ҷой надоштани монеаҳои бузурги дохилшавӣ дар соҳа, ки дар он корхонаҳо фоидаи устувори иқтисодиро ба даст меоранд, ба он оварда мерасонад, ки барои ворид шудан ба ин соҳа соҳибкорони дигар низ бештар кӯшиш менамоянд. Дар натиҷа, дар давраи дарозмуддат ҳолате ба миён меояд, ки дар он корхона на фоида мегирад ва на зарар мебинад, яъне фоидаи иқтисодӣ ба сифр баробар мешавад. Чунин ҳолат дар рақобати озод мушоҳида карда мешавад.

Акнун натиҷагирӣ менамоем. Дар шароити рақобати инҳисорӣ ҳаҷми истеҳсолоти корхона нисбат ба рақобати озод камтар буда, ҳамчун қоида маҷмӯи хароҷоти миёна ва нарх нисбатан баланд мебошанд.

**Хароҷоти рақобатии инҳисорӣ**. Ҳаҷми истеҳсоли нисбатан ками маҳсулот боиси баландтар шудани нарх мегардад ва дар натиҷа самараи рақобати инҳисорӣ аз рақобати озод камтар мешавад. Агар дар шароити рақобати озод $P = MC$ (ниг. расми 4.1) бошад, он гоҳ дар шароити рақобати инҳисорӣ $P > MC$ мебошад (ниг. расми 4.5).

Дарк намудан мушкил нест, ки $P_m > min\ AC$, он гоҳ дар шароити рақобати озод бошад, $P = AC$. Ин онро ифода менамояд, ки ҳангоми рақобати инҳисорӣ истифодаи нопурраи иқтидори истеҳсолӣ ба вуҷуд меояд.

Ин иқтидори изофагӣ пардохт ба маҳсулоти гуногун ба ҳисоб мера-вад. Аз расми 4.5 маълум аст, ки ҳар қадаре каҷхатаи талабот ҳаракат ба майли кунҷ намояд, ҳамон қадар ҳаҷми истеҳсолот аз ҳаҷми беҳтарин, ки дар нуқтаи минималии *AC* расидааст, ба тарафи чап майл менамояд (муқоиса менамоем $Q_m$ ва $Q_c$ дар расми 4.4). Аммо ҳар қадаре ки гуногу-нии неъматҳои иқтисодӣ бештар бошад, ҳамон қадар зиёдтар истеҳсолот манфиатҳои гуногун ва нозукии табъу завқи истеъмолкунандаро қонеъ мегардонад.

Ҳамин тавр, рақобати озод, инҳисори соф ва рақобати инҳисорӣ на-мудҳои гуногуншаклии сохтори бозорро барҳам намедиҳанд.

?!

**1. Мафҳуми рақобатро шарҳ диҳед.**
**2. Рақобати озод чист?**
**3. Норасоии рақобати озод дар чист?**
**4. Инҳисори соф чист?**
**5. Рақобати инҳисорӣ ва шартҳои пайдоиши онро шарҳ диҳед.**

# МАВЗӮИ 5. ПУЛ: ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ВАЗИФАҲОИ ОН

## 5.1. Сабабҳои пайдоиш ва намудҳои пул

Дар ҳақиқат, аксарияти мо имрӯзҳо оид ба ҷаҳони пул маълумоти кам дорем. Ин ҳайратангез нест, чунки ҷаҳони пул механизми мурак-каби иқтисодии тамаддуни муосир аст. Тамоми қонуниятҳои он танҳо ба мутахассисони соҳа – олимон, бонкдорон, молиячиҳо маълуманд. Бо мақсади фиреб нахӯрдан ва ё ба хатоиҳо роҳ надодан дар раванди фаъ-олияти хоҷагидорӣ ҳар яки мо бояд оид ба ҷаҳони пул каме бошад ҳам, маълумотеро дошта бошем.




Расми 5.1. **Вазифаҳои пул дар иқтисодиёт**

Пул гуфтан мумкин аст, яке аз кашфиётҳои башарият буда, дар табиат амсоли он нест.

Ҳатто тамаддунҳои одии кишварҳои ақибмонда пули худро доранд.

Таърихнигорон муайян намуданд, ки дар халқиятҳои қадим нақши пулро молҳои гуногун, мисли намак, матоъҳои пахтагӣ, мис, хокаи тиллоӣ, моҳии хушккардашуда ва ғайра иҷро мекарданд.

Башарият барои пайдо кардани моли махсус ба сифати мубодилаи молҳо хело зиёд дар ҷустуҷӯй буд. Асрҳои зиёд аз ҳама қулайтарини пули молӣ ин фулузоти қиматбаҳо – нуқра ва тилло ба ҳисоб мерафтанд, ки дорои якчанд бартарият буданд: ***нодирӣ*** *– барои ба даст овардани тилло ва нуқра меҳнати зиёд лозим аст ва ҳаҷми ба дастовардашуда доимо нисбат ба талаботи онҳо кам мебошад, бинобар ҳамин, арзиши онҳо баланд буда, барои мубодилаи молҳои гуногун хеле қулайанд;* ***бозоргузарӣ*** *– аз сабаби он ки талабот ба фулузоти қиматбаҳо доимо зиёдтар буд, ҳама вақт ба тамоми намуди молҳо тез мубодила карда мешуданд;* ***дарозумрӣ*** *– тилло ва нуқра фулузоте ҳастанд, ки ба фарсудашавӣ тобоваранд, бинобар ҳамин, тангаҳои тиллоӣ зиёд хизмат мекарданд, инчунин хело қулай барои воситаи андӯхт ҳисобида мешуданд;* ***қулай будан*** *– аз ҳисоби нодирӣ ва қимати баланд доштан метавон тангаҳоеро сохт, ки аз ҷиҳати ҳаҷм хурд ва ё сабук буда, лекин дорои арзиши гаронанд;* ***фарқкунӣ*** *– тилло ва нуқра аз тарафи одамон ба зудӣ муайян карда мешуданд;* ***ба қисмҳо ҷудошавӣ*** *– хусусияти дигари фарққунандаи онҳо ба қисмҳои гуногун ва дар ҳаҷмҳои гуногун тақсимшавии онҳо мебошад;* ***якхелагӣ*** *– одамон ба зудӣ метавонистанд ин фулузотро коркард намуда, тангаҳои лозимаро сохта, тибқи арзишҳои стандартӣ ва баръакс, ҳангоми зарурӣ онҳоро метавонистанд ба як фулузоти калон мубаддал кунанд, дар ин маврид фулузот вазни худро дигар намекард.*

Аз ин лиҳоз садсолаҳо тилло ва нуқра дар шаклҳои тангаю сабиқа (слиток) дар раванди мубодилаи молҳо истифода мешуданд ва то давраҳои наздик «тилло», «нуқра» ва «пул» ҳамчун муродифи якдигар фаъолият мекарданд.

Бо гузашти замон ва инкишофи мубодила муайян гашт, ки фулузоти қиматбаҳо асоси мубодилаи пулӣ нестанд, чунки дорои як қатор камбудиҳо буданд: кашондан ва нигоҳдории онҳо хароҷоти зиёдеро талаб мекунад.

Бо мурури замон бар ивази пулҳои молӣ ҳар намуд хуҷҷатҳое истифода мешуданд, ки хислати пулҳои нишониро доштанд.

**ПУЛҲОИ НИШОНӢ воситаи пардохт (тангаҳо ва пулҳои коғазӣ)-еанд, ки арзиш ва ё қобилияти харидории онҳо аз арзиши худ баландтар ҳисобида мешуданд.**

Аз ин лиҳоз пулҳои коғазӣ ҳамчун як воситаи нав дар мубодилаи пулӣ ба миён омаданд. Аввалин пулҳои коғазӣ дар Хитойи Қадим дар асри IX бо ҳаҷми зиёд интишор гардида, ҳамчун воситаи муомилоти пулӣ ба истифода дода шудаанд. Баъдан дар дигар кишварҳо низ бар ивази тангаҳои фулузӣ пулҳои коғазӣ барои истифода равона карда шудаанд. Арзиши номиналии он аз тарафи сарварони мамлакат ва бо имзои бонкирҳо тасдиқ карда шуда буданд (масалан, дар Хитой тавассути муҳри императорӣ тасдиқ мешуд).

Дар кишварҳои тамаддуни Ғарб аввалин маротиба дар Иттиҳоди шимолии Амрико (штати Массачусетс) соли 1690 пулҳои коғазӣ ба нашр расиданд. Дар Аврупо ин таҷрибаи Амрикоро аввалин маротиба дар Фаронса солҳои 1716–1720 бо ташаббуси иқтисодчӣ – бонкир *Джон Ло* пулҳои коғазӣ интишор ва ба истифода бароварда шуданд.

Бояд қайд намуд, ки ҷорӣ намудани пулҳои коғазӣ ба ҳама низ писанд намеомад, баръакс, ҳанӯз соли 1725 файласуф, таърихчӣ ва иқтисоддони англис *Девид Юм* пешниҳод кардааст, ки 12 млн. фунт стерлингро (ҳамон вақт 40% ҳаҷми пул) бо мақсади ворид намудани металлҳои қиматбаҳо ба хазинаи Англия нобуд созад.

Интишори пулҳои коғазӣ аз назар дур набуд. Вақте ҳамаи кишварҳо ба ташкилкунии бонкҳои марказӣ шурӯъ намуданд, танҳо ҳамин бонкҳо ҳуқуқи интишори пулҳои коғазиро пайдо карданд. Сабаби дигар дар он аст, ки гӯё ин бонкҳо эътимоди баландро таъмин месозанд ва интишори нозарури пулҳои коғазиро, ки бо ягон фулузоти қиматбаҳо таъмин набуданд, аз байн мебаранд.

**ИНТИШОР (ЭМИССИЯ)-И ПУЛ ба муомилот баровардани пулҳои коғазиро дар назар дорад.**

Аз давраҳои Ҷанги якуми ҷаҳон сар карда, дар аксари кишварҳо пулҳои коғазии бонкҳои марказӣ воситаи асосии пардохтҳои накдӣ буданд, яъне шакли асосии воситаи пули накд ҳисобида мешуданд. Дар қатори пулҳои коғазӣ тангаҳои сикказада низ ҳамчун воситаи пули нақд маҳсуб меёфтанд.

Бо инкишофёбии муомилоти пулӣ одамон дар қатори пулҳои нақд воситаи пулии ғайринақдиро низ истифода мебурданд, ки ба он дохил мешавад: *истифодаи ҳамон воҳиди пулӣ, ки дар пулҳои нақд мавҷуд буданд; дар ташкилотҳои махсуси тиҷоратӣ (бонкҳо) нигоҳдошташуда; дар қайди китобҳои махсуси ҳисобӣ ва ё дар фиттаҳои компютерӣ.*

Бо таърихи пайдоиши пул шинос шуда, бояд донем, ки барои чӣ одамон пулро ихтироъ намудаанд?

Пул дар аввал барои сода намудани мубодила ихтироъ шуда буд. Аз сабаби он ки мубодила яке аз фаъолиятҳои қадимаи одамон ба ҳисоб мерафт, ҳамзамон решаи таърихии низоми пулӣ низ аз ҳамон ҷо

оғоз меёбад. Новобоста аз ин имрӯзҳо пул вазифаҳои дигарро низ иҷро мекунад.

## 5.2. Вазифаҳои пул дар иқтисодиёт

Дар иқтисодиёти муосир пул асосан вазифаҳои зеринро иҷро мекунад: *воситаи арзиш (ченкунӣ); воситаи муомилот; воситаи пасандоз.*

Пул аз тиҷорат ба вуҷуд омада, мубодилаи молҳоро сода мекард. Бидуни пул низ мубодила метавонад сурат гирад, агар ҳар ду тараф чизҳои лозимаи якдигарро дошта бошанд. Агар одамон неъматҳои дар дастдоштаи худро бо дигарон мувофиқи розигии якдигар иваз кунанд, пас, талаботи ҳар ду тараф қонеъ мегардад. Чунин ҳолатҳои доду гирифт дар навбати худ метавонад тавассути мубодилаи мол (бартер) сурат гирад.

**МУБОДИЛА (бартер) ивазкунии бевоситаи молу хизматрасониҳо байни якдигар (бе истифода аз пул) мебошад.**

Дар мавриди мавҷуд будани пул, одамон метавонанд моли худро ба пул мубодила намуда, баъдан дилхоҳ молеро харидорӣ кунанд. Дар адабиёти иқтисодӣ иваз намудани як молро ба моли дигар мубодила ва ивазкунии молро ба пул муомилот ном кардаанд. Бинобар ҳамин, ба сифати моли махсус имрӯзҳо пулҳои қоғазӣ баромад мекунад. Махсусияти пулҳои қоғазӣ дар он аст, ки бо воситаи он тамоми молҳову хизматрасониҳоро ба даст овардан мумкин аст.

**ПУЛ моли махсусест, ки аз тарафи ҳама қобили қабул буда, ба дигар молу хизматрасониҳо мубодила карда мешавад.**

Пул воситаи махсусест, ки дар натиҷа харидорону фурӯшандагонро озодона барои амалишавии муомилот равона мекунад.

Чи тавре ки дар боло қайд кардем, вазифаи дигари пул воситаи арзиш ва ё ченкунӣ ба ҳисоб меравад. То пайдоиши пул арзиши як мол бо истифода аз моли дигар муайян мегардид. Масалан, агар як халта гандум ба ду халта картошка иваз шавад, пас, арзиши як халта гандумро ду халта картошка муайян мекард. Баъди ба миён омадани пул арзиши тамоми молҳо бо пул ифода меёбад. Масалан, имрӯзхо мо арзиши як халта гандумро на ба ду халта картошка, балки ба 150 сомонӣ ифода мекунем.

Вобаста ба корхонаҳо гирем, агар хароҷот ва даромади онҳо бо пул ифода гардад, барои муайян намудани фоидаи корхона аз даромади умумӣ хароҷоти умумиро тарҳ мекунем. Дар сурати мавҷуд будани фоида корхона метавонад онро барои инкишофи худ ва ё зиёдкунии музди кор равона кунад ва ё баръакс, дар ҳолати зиёд будани хароҷот бояд таъҷилан роҳҳои камкунии хароҷотро пеш гирад.

Вобаста ба ин суханҳо чунин қайд кардан мумкин аст:

**ПУЛ моли махсусест, ки аз тарафи ҳама қобили қабул буда, ба молу хизматрасониҳои дигар мубодила шуда, арзиши молҳоро чен карда, ҳисоби онҳоро низ пеш мебарад.**

Вазифаи дигари пул воситаи пасандоз буда, қобилияти харидориашро солҳои зиёд нигоҳ дошта, барои соҳиби худ имконияти дар ҳар як маврид харид кардани неъматҳоро таъмин менамояд. Бояд қайд намуд, ки пул шакли ягонаи бойигарӣ буда наметавонад. Ин нақшро метавонад амвол (қитъаҳои замин, хона), чизҳои қиматбаҳо ва ғ. иҷро кунад. Ин намуди дороиҳоро низ дар мавриди зарурӣ метавон ба дилхоҳ неъматҳо иваз намуд. Барои истифодаи дороиҳои ғайрипулӣ соҳибони онҳоро зарур аст, ки яку якбора ба неъматҳои дилхоҳ мубодила кунанд ва ё аввал ба пул табдил дода, баъдан неъматҳоро харидорӣ намоянд. Ҳар қадар дороиҳо тезтар ба пул фурӯхта шаванд, ҳамон қадар амвол бозоргузар ҳисобида мешавад. Ҳамзамон, агар дороиҳо дар шакли пул бошанд, ин ба сабукии кор оварда мерасонад.

Вобаста ба ин пул нисбат ба дигар чизҳову амвол бартарияти бештари бозоргузарии мутлақро дорад. Бо ибораи дигар, дараҷаи баланди бозоргузариро танҳо пул дорад.

**ДОРОИ (АКТИВ)-ҲО чизҳои арзишнок барои одамон, фирмаҳо ва давлат буда, асоси ҳуқуқи моликиятдорӣ ба онҳо тааллуқ дорад.**

**БОЗОРГУЗАР БУДАН имконияти ҳар гуна амволест, ки қобилияти зуд ба фурӯш рафтанро дорад.**

Дар ҳақиқат, барои фурӯхтани хона, қитъаи замин ва ё расми кашидаи наққош вақт ва кӯшиши зиёд лозим аст ва ҳатто пешгӯии он ки ба чӣ қадар маблағ фурӯхта мешавад, хеле душвор аст. Ҳолате мешавад, ки бо нархи хеле гарон фурӯхта мешавад ва баръакс, ҳолате мешавад, ки ҳатто ба нархи арзон ба ҳеҷ кас лозим намешавад. Аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки тамоми чизҳову амвол нисбат ба пул бозоргузарии кам доранд.

Ногуфта намонад, ки пасандози пул на танҳо ҷамъоварии онро мефаҳмонад, балки метавон дар натиҷаи пасандоз ягон хариди калон барои хона, барои гузарондани маъракаҳо лозим гардад. Агар пул ҳамчун воситаи пасандоз аз тарафи аҳолӣ қабул намегардид, дар ин ҳолат вазифаи муомилотро низ иҷро намекард.

Дар мавриди дуруст ва устувор будани низоми пулии мамлакат аз тарафи аҳолӣ қабул гаштани воҳиди пулии давлат ҳамчун ченаки арзиш, воситаи муомилот ва пасандоз маънои онро надорад, ки нигоҳдории пули қоғазӣ қарори хуб аст. Пасандози пулҳои қогазӣ дорои чунин оқибатҳои манфӣ гашта метавонад: *аз даст додани даромад, дар ҳоле ки*

*ин пулҳо дар фаъолияти тиҷоратӣ метавонистанд даромади иловагиро оранд; пастшавии қобилияти харидории пул ҳангоми беқурбшавии он.*

Бинобар ҳамин пасандоз дар шакли пулҳои қоғазӣ ва дигар намуди чизҳо масъалаест, ки на иқтисодчӣ ва ё на шаҳрванди одӣ ҷавоби аниқ дода метавонанд. Барои ҳалли дурусти ин масъала имрӯз дар ҷамъият институтҳои молиявие фаъолият мекунанд, ки маслиҳатҳои муфидро оид ба равона кардани пасандозҳо медиҳанд (одатан барои бизнес ва ё харидории неъматҳо равона шудаанд). Аз ташкилотҳои молиявии мавҷуда муҳимтаринашон бонкҳо, ташкилотҳои амонатӣ, биржаҳои фондӣ, фирмаҳои суғуртавию инвеститсионӣ ва ғайра ба ҳисоб меравconfigured.

Инак, мафҳуми пулро чунин пурратар кардан мумкин аст:

**ПУЛ моли махсусест, ки аз тарафи ҳама барои мубодила ба молу хизматрасониҳои дигар истифода мешавад, имконият медиҳад, ки арзиши тамоми молҳо чен карда шуда, ҳисоби онҳо бурда ва қисми даромадҳои ҷорӣ ҳамчун пасандоз нигоҳ дошта шавад.**

?!

1. Мубодилаи молҳо то пайдоиши пул чӣ гуна сурат мегирад?
2. Зарурати истифодаи пул дар ҷамъият аз чӣ иборат аст?
3. Бартарияти истифодаи пулҳои коғазӣро номбар кунед.
4. Алоқамандии вазифаҳои пулро шарҳ диҳед.
5. Бозоргузарии пул дар иқтисодиёт чӣ маъно дорад?
6. Хусусияти истифодаи пули миллии сомониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳ диҳед.

## МАВЗӮИ 6. БОНКҲО: САБАБҲОИ ПАЙДОИШ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР ИҚТИСОДИЁТ

### 6.1. Сабабҳои пайдоиши бонкҳо дар ҷамъият

Бонкҳо ихтироoти басо қадимии иқтисодианд. Бонкҳои аввалин дар Шарқи Қадим ҳанӯз дар асрҳои VII–VI то мелод, вақте сатҳи некӯаҳволии одамон ҷиҳати ҷамъоварии пасандозҳо имкониятҳо фароҳам овард, пайдо шуданд. Баъд ин иқдомотро Юнони қадим қабул кард. Ин ҷо маъбадҳои нисбатан маъмулу номӣ ба маҳфуз доштани пул дар вақти ҷангҳо шурӯъ карданд, зеро тарафҳои даргир ғорат кардани ҷойҳои муқаддасро раво намедонистанд.

Ҳамин ки дар хазинаҳои бонкҳои қадима халтаҳои пур аз сарват пайдо гардиданд, таваҷҷуҳи соҳибкорони маҳаллӣ – савдогарон ва ҳунармандон ба онҳо нигаронида шуданд. Дар онҳо чунин саволи асоснокитабиӣ пайдо шуд: барои вусъати доираи амалиёти худ аз пасандозҳои дар бонкҳо маҳфузбудаи ашхоси бегона чаро муваққатан истифода бурдан мумкин нест? Ва, албатта, ин амал пулакӣ (музднок) мешавад!

**Соҳибкор дорад:** лоиҳа доир ба роҳандозии фаъолияти соҳибкорӣ
**Ниёзманд аст ба:** сармояи пулӣ
**Омода аст:** барои ба даст овардани маблағи қарзӣ даромадашро бо қарздиҳанда тақсим кунад



**БОНК**

**Соҳиби пасандоз дорад:** пасандоз (маблағи муваққатан озод)
**Ниёзманд аст ба:** даромад аз пасандоз (гирифтани фоида)
**Омода аст:** бар ивази гирифтани фоида ҳуқуқи истифодабарии пасандозро диҳад

Расми 6.1. **Манфиатҳои иқтисодие, ки боиси пайдоиши бонкҳо шудаанд**

Ҳамин тавр, манфиатҳои ду субъекти муҳимтарини иқтисодиёт – соҳиби пасандоз ва тоҷири ниёзманд барои васеъ кардани доираи фаъолияти худ ба ҳам омада, маҳз ба ҳамин сабаб бонкҳо пайдо шуданд (расми 6.1).

**«Пулро болои миз гузоред!» – чунин аст шиори қадимаи бонкдорон.** Шиори **«Пулро болои миз гузоред!»** ҳаргиз дар ҷойҳо (хонаҳо)-и қиморбозӣ ва ё дар олами ғоратгарон пайдо нашудааст. Ин шиор асоси ташкили кори бонк мебошад. Анъанаи фаъолияти идораҳо оид ба иваз кардан (табодул)-и пул ва дигар хизматрасониҳои бонкӣ дар маъбадҳо дар замонҳои хеле қадим пайдо шуда, ҳама ба он одат кардаанд.

Дар воқеъ, ҳанӯз дар Вавилони қадим ва Юнони қадим бо амалиёти бонкӣ машғул мешуданд ва бо ҳамин талаботи ҳаррӯзаи ҷомеаро ҷиҳати нигоҳдории боэътимодии пул ва қарз қонеъ гардонида, онҳоро барои муомилоти тиҷоратӣ ё эҳтиёҷоти шахсӣ истифода мекарданд. Дар хусуси то чӣ андоза муҳим ва сазовори эътирофи умум будани ин эҳтиёҷот чунин далел шаҳодат медиҳад, ки хазинаи пул дар маъбади Аполлон (он ба қисмати ғарбии Юнон хизмат мекард) ҷои муқаддаси умумимиллӣ маҳсуб мешуд.

Ҷои гузаронидани амалиёт вобаста ба қабул кардан, нигоҳдорӣ ва табодули пулҳои давлатҳои сершумори қадимӣ мизи муқаррарии хӯрокхӯрӣ (бо забони юнонӣ – трапеза) буд ва бо ҳамин сабаб бонкдорони он замонро трапезитҳо, яъне хӯрокхӯрандагон низ меномиданд. Бонкдорони Римро бошад, ба шарафи миз (аз калимаи лотинии – менса) менсарҳо ном мебурданд. Пайдоиши калимаи маъмули то замони мо расида, яъне калимаи *бонк* низ аз забони итолиёвии *banko* гирифта шуда, маънояш миз мебошад.

## 6.2. Хизматрасониҳои асосии бонкӣ. Самараи иқтисодии фаъолияти бонкҳо

Бонкҳо корро аз табодули пули давлатҳои гуногун, маҳфуздории пасандозҳо ва додан (пешниҳод)-и қарзҳо сар карда, тадриҷан доираи

хизматрасониҳои хешро васеъ менамуданд ва пеш аз ҳама, барои рушди савдо ёрӣ мерасониданд. Дар бораи дар Аврупои асримиёнагӣ чӣ қудрате пайдо кардани бонкҳо таърихи оилаи Медичи – бонкдоре аз Флоренсия шаҳодат медиҳад.

Бонки Медичи дар асри XV дар Аврупо яке аз пуриқтидортаринҳо гашта, мусоидат кард, ки ин оила муддати 300 сол ҳокими шаҳр (давлат)-и Флоренсия бошад ва соҳиби унвони герсогӣ (ашрофзода) гардад. Зимнан, Медичиҳо барои таъмини ҳимояи манфиатҳои иқтисодии худ танҳо бо герсогӣ (ашрофзодагӣ)-и худ маҳдуд намешуданд. Онҳо аз рӯи нақшаи санҷидашуда амал карда, аввал дар назди салтанати Папаи Рим бонк таъсис доданд ва сипас, дар ин салтанат ду нафар аъзои оилаи худро шинонданд.

Медичиҳо чун сарпарастони бузурги санъат ва илм низ шуҳратёр мебошанд: маҳз бо шарофати онҳо Флоренсия яке аз шаҳрҳои зеботарини ҷаҳон гардид ва ин ҳам решаҳои иқтисодӣ дошт. Медичиҳо бо чунин фаъолият гӯё «гуноҳҳои бонкдорӣ»-и худро мешустанд. Гап дар сари он аст, ки он замон фоизи бонкӣ аз ҷониби калисо чун андоз барои вақт (дар ин маврид – вақти истифодаи пулҳои қарз) баррасӣ мешуд. Вақт бошад, ба ақидаи падарони калисо, ҳиссаи Худо маҳсуб мегашт. Пас, бонкдорон гӯё аз ҳисоби он чи ки танҳо ба Худо тааллуқ дорад, бой мешаванд ва ғарқи гуноҳ мегарданд.

Хушбахтона, имрӯз банкдоронро лозим намеояд, ки барои фоизситонӣ аз қарздорон «худро сафед кунанд» (ҳарчанд дар мамлакатҳои мусулмонӣ то кунун фоизситонӣ мамнӯъ буда, бонкҳо бо усулҳои дигар, аз ҷумла, аз ҳисоби иштирок дар фоидаи ояндаи ширкатҳои қарзгирифта даромад мегиранд). Дар натиҷа ташкилотҳои бонкӣ дар иқтисодиёти бозорӣ мавқеи асосиро ишғол намудаанд. Зиёда аз ин, бонкҳоро аксар вақт дар бисёр кишварҳо «шохаи панҷуми ҳокимият» низ меноманд (агар ба назар гирем, ки чор шохаи аввал парлумон, ҳукумат, суд ва матбуот аст).

Бонкҳо дар иқтисодиёт чор вазифаи асосии зеринро иҷро мекунанд: ***вазифаи ҳисобӣ кардан*** *– бо ташкил кардани ҳисобикуниҳои байниҳамдигарии фурӯшандагон ва харидорони мол ва хизматрасониҳо, ҳатто дар мавриди дар мамлакатҳои гуногун будани онҳо;* ***вазифаи амонатӣ*** *– ба соҳибони пасандозҳо таъмин кардани имконияти муваққатан дар бонк гузоштани пулҳои озод ва аз ин ҳисоб гирифтани даромади иловагӣ;* ***вазифаи қарздиҳӣ*** *– ба субъектҳои хоҷагидорӣ дар асоси шартҳои муайян пешниҳод кардани маблағҳои пулие, ки ба онҳо барои ҳалли ин ё он масъала зарур аст;* ***таъсиси шаклҳои нави пул барои суръатбахшӣ ва осон гардондани пардохтҳо барои мол ва хизматрасониҳо*** *(масалан, пулҳои электронӣ).*

Ғайр аз ин, бонкҳо ба мизоҷон хизматҳои дигар низ мерасонанд, масалан, дар идора кардани пасандозҳояшон кумак мерасонанд, ба ширкатҳо дар ташкили фурӯши саҳмияҳо ва вомбаргҳояшон ёрӣ медиҳанд, бозори хариду фурӯши асъор ташкил менамоянд, барои нигоҳдории сарватҳо сейфҳо пешниҳод мекунанд ва умуман дар давлатҳои пешрафта беш аз 300 намуди хизматрасониҳоро иҷро мекунанд.

## 6.3. Шаклҳои асосии бонкҳо

Бонкҳо дар таърихи дуру дарози худ роҳи басо тӯлонии рушду такомулро тай кардаанд. Натиҷаи ин роҳ ба миён омадани шаклҳои гуногуни муассисаҳои бонкӣ гардид. Намудҳои асосии бонкҳо чунинанд: ***эмиссионӣ*** *(дар ҳар мамлакат чунин бонк танҳо якто буда, ҳатто агар аз рӯи қонун давлатӣ ҳам набошад, якҷоя бо ҳукумат кор мекунад);* ***тиҷоратӣ; амонатӣ; махсус*** *(оид ба соҳаи муайян).*

**БОНКИ ЭМИССИОНӢ дорои ҳуқуқи интишори воҳиди пули миллӣ ва танзими гардиши пул дар мамлакат мебошад.**

**БОНКИ ТИҶОРАТӢ ташкилоти молиявиест, ки оид ба самтҳои зерин фаъолият мебарад: 1) қабули амонатҳо; 2) пешниҳоди қарзҳо; 3) ташкили корҳои ҳисобӣ; 4) хариду фурӯши коғазҳои қиматнок.**

Чун қоида, бонки эмиссионӣ Бонки марказӣ буда, ин вазифаро аз номи давлат иҷро мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бонки эмиссионӣ танҳо Бонки миллии Тоҷикистон мебошад, ки ба давлат тааллуқ дорад. Бонки эмиссионӣ (марказӣ) ба ашхосу ширкатҳои хусусӣ хизмат намерасонад. Он танҳо бо давлат ва бонкҳои тиҷоратӣ кор мебарад (дар ин



Расми 6.2. **Сохтори муосири низоми бонкӣ**

хусус мо поёнтар, вақте бо фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон шинос мешавем, муфассалтар сухан меронем).

Ҳамаи бонкҳои дигар ба гурӯҳи бонкҳои тиҷоратӣ мансуб буда, ба шаҳрвандон ва ширкатҳо хизмат мерасонанд. Онҳо метавонанд комилан хусусӣ ё давлатӣ бошанд. Масалан, Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» давлатист.

Аз рӯи шакли моликият бонкҳо чунин буда метавонанд: ***давлатӣ; коллективӣ; хусусӣ; саҳҳомӣ; омехта.***

Дар асоси гуфтаҳои боло мо метавонем мафҳуми бонкро чунин шарҳ диҳем: **БОНК ташкилоти молиявиест, ки дар самтҳои зерин фаъолият мебарад: 1) қабули амонатҳо; 2) пешниҳод кардани қарзҳо; 3) ташкил кардани ҳисоббаробаркуниҳо; 4) хариду фурӯши коғазҳои қиматнок ва ғайраҳо.**

## 6.4. Шарт (принсип)-ҳои қарзи бонкӣ. Шаклҳои пасандозҳои бонкӣ. Қобилияти қарзадокунии бонкӣ. Гарав ҳамчун усули таъмини баргардонии қарз

Қарз бо як қатор қоида ва меъёрҳо танзим мегардад, вале мо ин ҷо танҳо бо принсипҳои муҳимтарини қарздиҳӣ ва шаклҳои нисбатан маъмулгаштаи он шинос мешавем.

Агар ин принсипҳоро мухтасар баён намоем, онҳо ба таври зайланд: ***муҳлатнокӣ; фоизнокӣ; баргардандагӣ; кафолатнокӣ; мақсаднок истифодабарӣ.***

**Муҳлатнокӣ.** Бонк молики танҳо он қисми (ками) пули дар ихтиёр доштааш мебошад, ки муассисон ҳангоми таъсиси бонк гузоштаанд ва баъдан он аз ҷониби худи бонк аз ҳисоби фоидаҳои гирифтааш ҷамъ шудааст.

Вале бонкҳо барои қарздиҳӣ ба ҷуз аз маблағҳои худӣ инчунин аз воситаҳои пулии барои маҳфуздорӣ дар бонк гузоштаи амонатгузорон ва пасандозкунандагон низ истифода мекунанд. Ба ин тариқ, манбаи асосии воситаҳои пулӣ ҷиҳати қарздиҳӣ пасандозҳои аҳолӣ низ мебошанд.

Пасандозҳои зеринро аз ҳамдигар фарқ мекунанд:

– ***пасандозҳои ҳисобҳои ҷорӣ*** *пасандозҳое мебошанд, ки пасандозкунанда аз онҳо дар дилхоҳ вақт пул гирифта метавонад;*

– ***пасандозҳои муҳлатнок*** *пасандозкунандаро уҳдадор мекунанд аз онҳо то ба анҷом расидани муҳлати пасандоз пул нагирад.*

Мутобиқан бонк низ метавонад пулҳои ба ихтиёри худ гирифтаашро ба муҳлати муайяне пасандоз гузорад, вале он наметавонад аз муҳлате, ки пасандозкунанда бахри истифодаи ин пулҳо иҷозат додааст, зиёд бошад. Бинобар ин қарз ҳамеша ба муҳлати муайян дода мешавад. Агар шахси қарзгирифта маблағи қарзиро дар муҳлати дар **шартномаи**

**қарзӣ** муқарраргардида баргардонда натавонад, бонк тавассути суд аз ӯ ин маблағро мегирад, ё барои таъхир кардан дар муҳлати баргардондани қарз ҷарима меситонад.

**ПАСАНДОЗҲО воситаҳои пулиеро меноманд, ки шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ онҳоро дар бонк барои нигоҳдории муваққатӣ ва бо мақсади гирифтани даромад мегузоранд.**

**ШАРТНОМАИ ҚАРЗӢ созишномаи байни бонк ва шахси аз бонк қарзгирифта (қарздор) мебошад, ки дар он вазифаҳо ва ҳуқуқҳои ҳар кадоме аз тарафҳо пеш аз ҳама, муҳлати пешниҳоди қарз, пардохт барои истифодаи он ва кафолатҳои ба бонк баргардондани маблағи қарзӣ муқаррар карда шудааст.**

**Фоизнокӣ**. Албатта, одамон аз қадим аз хизматрасонии бонкҳо ҷиҳати боэътимод маҳфуз доштани пул истифода мебурданд. Беҳуда нест, ки калимаи «сейф» аз забони англисӣ омада, кайҳо байналмилалӣ шудаасту маънояш «қуттии металлӣ барои нигоҳдории пулу дигар сарватҳо дар бонкҳо» мебошад, ҳамчунин маънои «бехавф», «боэътимод»-ро ифода менамояд.

Бинобар ин бонкҳо пулро барои истифодабарии муваққатӣ танҳо бо гирифтани подош медиҳанд, ки онро «фоиз барои қарз» меноманд.

Андозаи фоиз барои қарз дар асоси қонуниятҳои умумии амал кардани бозори сармоя муайян карда мешавад. Яъне барои қарзҳои муҳлаташон зиёд меъёри фоизи нисбатан баландтар муқаррар мегардад. Зеро чунин қарзҳоро бо амонатҳои муҳлатноки фаъолияташон мувофиқ таъмин кардан лозим аст. Зимнан аз амонатҳои муҳлаташон дароз амонатгузорон фоизи нисбатан баланди даромади худро талаб мекунанд ва бонкҳоро лозим меояд, ки барои гирифтани воситаҳои пулӣ бо ин розӣ шаванд.

**ҚОБИЛИЯТИ ҚАРЗАДОКУНӢ қобилияти қарзгиранда ва дар ӯ мавҷуд будани имкониятҳои сари вақт иҷро кардани уҳдадориҳои худ тибқи шартномаи қарзӣ, яъне баргардондани маблағи асосии қарз ва пардохтани маблағҳои фоизӣ барои он мебошад.**

**Баргардандагӣ.** Ин принсипи қарзӣ мураккаб нест: қарз барои истифода ба муҳлати муайян дода шуда, он бояд сари вақт баргардонда шавад. Вале барои худи бонк риояи ин талабот иҷро кардани кори бисёри заҳматталабро оид ба арзёбии қобилияти қарзгирандагон, аниқтар гӯем, қобилияти қарзадокунии онҳоро дар назар дорад.

Бонкҳо барои арзёбии қобилияти қарзадокунии қарзгирандагон таҳлили махсуси иттилоотӣ-иқтисодиро дар бораи вазъи иқтисодии онҳо ё амалиёти тиҷоратиашон мегузаронанд. Масалан, оҷонсии машҳури амрикоии «Dun and Bradstreet, Inc» барои қарздиҳандагон оид ба

ширкатҳои тиҷоратии қарзгиранда аз рӯи садҳо нишондиҳандаҳо, ҳатто то маълумотҳои ниҳонӣ дар бораи одатҳои бад ва доғҳои сиёҳ дар ҳолномаи роҳбарони ин ширкатҳо, иттилоот ҷамъ меорад. Зимнан ҳамаи ин корҳо дар чорчӯбаи қонун сурат мегиранд ва ҳар шахси манфиатдор аз оҷонсӣ ҳамон иттилоотеро талаб менамояд, ки барои ӯ зарур аст ва агар ин иттилоот нодуруст бошад, вай метавонад аз болои оҷонсӣ ба суд шикоят барад.

**Кафолатнокӣ.** Тавре мо эътимод ҳосил кардем, бонкҳо одатан ҳамчун қарз пулҳои амонатгузоштаи мизоҷонашонро пешниҳод мекунанд. Барои ҳифзи ин маблағҳо аз гумшавӣ бонкҳо дар баробари таҳлили қобилияти қарзадокунии қарзгиранда аз замонҳои қадим боз як усули дигари бехавфгардониро фикр кардаанд – онҳо аз қарзгиранда исботи дар ӯ мавҷуд будани молу мулкеро талаб менамоянд, ки онро ҷиҳати таъмини баргардондани қарз фурӯхтан ё гарав гузоштан мумкин бошад.

**ГАРАВ моликияти шахси қарзгирандааст, ки ӯ онро зери назорат ва ихтиёрдории бонк гузошта, ҳамчунин дар мавриди баргардонда натавонистани қарз иҷозати фурӯхтани онро медиҳад.**

Масалан, ширкати тиҷоратӣ ҷиҳати харидории молҳо барои мағозаи худ аз бонк қарз мегирад. Дар ин маврид бонк ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки ин молҳо ҳамчун гарав барои қарз расмӣ кунонида, ҳатто зери назорати кормандони он гузошта шаванд. Ва агар ширкат қобилияти сари вақт баргардондани қарзро надошта бошад, бонк метавонад ин молҳоро аз вай гирад ва барои пӯшондани хароҷоташ бо сабаби қобилияти пардохти қарз надоштани ширкат онҳоро мустақилона фурӯшад. Дар ин маврид қарз ҳамеша ба маблағи камтар аз он ки аз фурӯши моли ба гарав гузошташуда гирифтан мумкин аст, дода мешавад. Зеро баъзан чунин ҳам мешавад, ки мол бо душворӣ ба фурӯш меравад ва нархи онро паст кардан лозим меояд.

## 6.5. Нақши Бонки марказӣ дар танзими низоми пулию қарзии мамлакат

Дар низоми бонкии ҳар як давлат бонки марказӣ нақши муҳимро мебозад. Аз фаъолияти босамари он рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ва соҳаи бонкӣ вобастагии калон дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши бонки марказиро Бонки миллии Тоҷикистон иҷро мекунад. Бонки миллии Тоҷикистон соли 1991 дар заминаи шуъбаи Бонки давлатии ИҶШС дар Тоҷикистон таъсис дода шуда, дар аввал Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ном дошт, сипас соли 1996 дар асоси қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон он ба Бонки миллии Тоҷикистон табдил дода шуд.

Дар бештари мамлакатҳои ҷаҳон Бонки марказӣ (эмиссионӣ) панҷ вазифаи асосиро иҷро мекунад:

*– бо супориши давлат пулҳои нақд мебарорад (эмиссия);*

*– чун «бонки бонкҳо» фаъолият менамояд, яъне захираҳои пулии бонкҳои тиҷоратиро маҳфуз нигоҳ медорад ва ба онҳо дар мавриди зарурӣ қарз (чун қарздиҳандаи сатҳи аз ҳама боло) медиҳад, ҳамчунин аз номи давлат фаъолияти онҳоро назорат мебарад;*

*– қоғазҳои қиматноки давлатиро (вомбаргҳои давлатӣ ва ғайра) дар биржаҳои фондӣ ҷойгир месозад, дар мавриди зарурат ба ҳукумат қарз медиҳад, барои ҳукумат ва ҳамаи ташкилотҳои давлатӣ амалиёти ҳисобиро ба ҷо меорад, захираҳои давлатиро дар шакли металҳои қиматбаҳо ва асъори озод амалкунанда маҳфуз медорад, нақши бонкдории ҳукуматро иҷро мекунад;*

*– ташкилотчии асосии муомилоти ғайринақдии пул дар мамлакат ба шумор рафта, ба бонкҳои тиҷоратии мамлакат ҷиҳати ҳисобӣ кардан дар амалиёти байни худ ва аз рӯи супоришҳои мизоҷонашон ёрӣ мерасонад;*

*– сиёсати пулӣ – қарзии давлатро таҳия карда, амалиёти пулӣ – қарзиро ба танзим медарорад ва аз болои бонкҳои тиҷоратии дар мамлакат амалкунанда доир ба он ки то чӣ андоза қонунҳоро риоя мекунанд, назорат мебарад.*

**ХАЗИНАДОРИИ ДАВЛАТӢ ташкилоти давлатиест, ки пардохти воситаҳои пулии аз ҷониби идораҳои давлатӣ харҷшавандаро ташкил дода, воситаҳои пулиеро, ки ба даромади давлат дохил мешаванд, қабул мекунад.**

Мақсадҳои асосии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон дар расми 6.3 оварда шудаанд, яъне Бонки миллӣ дар ҷумҳурӣ дар қатори вазифаҳои дар боло номбаршуда бояд вазифаҳои зеринро низ иҷро кунад:

*– ҳифз ва таъмини устувории қурби пули миллӣ (сомонӣ);*

*– рушд ва таҳкимбахшии низоми бонкӣ;*

*– таъмини фаъолияти пурсамар ва бефосилаи низоми пардохтӣ.*




Расми 6.3. **Мақсадҳои асосии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон**

Бояд қайд кард, ки бонкҳои марказӣ дар ҳама гуна мамлакатҳо чи ба шаҳрвандон ва чи ба ширкатҳо хизмат намерасонанд, онҳо фаъолияти тиҷоратии хешро пеш бурда, ҳатто фоида ба даст меоранд. Ин эҳтимол аз он ҳисоб бошад, ки Бонки марказӣ бо иҷрои амалҳои зерин даромади фоизӣ мегирад: *аз ҳисоби захираҳои озоди худ ба бонкҳои тиҷоратӣ қарз медиҳад; ҳангоми табодули захираҳои тиллоию асъории кишвари худ ба қоғазҳои қиматноки кишварҳои хориҷӣ амалиёти хариду фурӯши коғазҳои қиматнокро мегузаронад; дар бозори асъорӣ бо хариду фурӯши асъор машғул мешавад.*

Бонки марказӣ (миллӣ) воқеан ҳам, ҷузъи асосии дастгоҳи давлатии идоракунии иқтисодиёт мебошад. Он, дар ҳақиқат, як қисми вазифаҳои давлатиро оид ба идоракунии иқтисодиёт ба дӯш дорад. Вазифаҳои асосии он дар ин самт инҳоянд: *назорат аз болои таъсисёбӣ ва фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ. Ҳадаф аз ин назорат мусоидат кардан ба дастгирии эътидоли низоми бонкӣ ва боздории бонкҳо аз амалиёти воқеан хеле хавфнок мебошад; муайян кардани қоидаҳои амалиёти пулӣ бо пули миллӣ ва хориҷӣ. Дар Тоҷикистон маҳз Бонки миллии Тоҷикистон қоидаҳои хариду фурӯши асъори хориҷӣ, инчунин ҳудудҳои истифодаи онҳоро дар фаъолияти хориҷӣ муайян менамояд; танзими додани қарз ба бонкҳои тиҷоратӣ; гузаронидани чорабиниҳои мусоидаткунанда ҷиҳати паст кардани суръати беқурбшавии пули миллӣ.*

**?!**

**1. Зери мафҳуми низоми бонкӣ чӣ дар назар дошта мешавад?**
**2. Чаро ҳар мамлакат ҷиҳати рушду таҳкимбахшии низоми худии миллии бонкӣ бояд ғамхорӣ намояд?**
**3. Чаро дар Тоҷикистон истифода аз китобчаҳои чекӣ кам шудааст?**
**4. Чаро эътидоли иқтисодӣ ва сиёсӣ дар мамлакат боиси афзудани пешниҳоди пул дар бозори қарзӣ ва бадин васила вусъат пайдо кардани имкониятҳои маблағгузорӣ ба рушди иқтисодиёти он мегардад?**
**5. Низоми бонкии мамлакат аз чанд зина иборат аст?**
**6. Принсипҳои қарзи бонкиро номбар кунед ва шарҳ диҳед.**

## МАВЗӮИ 7. БОЗОРИ МЕҲНАТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

### 7.1. Мазмуни иқтисодии бозори меҳнат

Бозори меҳнат соҳаи муҳим ва бисёрнақшаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҳаёти ҷомеа мебошад.

Дар бозори меҳнат хизматрасониҳои меҳнатии вобаста бо истифодаи қобилияти зеҳнӣ ва ҷисмонии одамон, ҳамчунин маҳорат ва таҷрибаҳои онҳо барои истеҳсоли неъматҳои иқтисодӣ фурӯхта ва харида мешаванд. Нақши бозори меҳнат дар иқтисодиёти ҳар як мамлакат ба он

сабаб хеле бузург аст, ки аксари одамон дар ҳар як кишвар маҳз ба туфайли фурӯхтани қувваи корӣ даромад мегиранд.

**БОЗОРИ МЕҲНАТ маҷмӯи муносибатҳои байниҳамдигарии иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ буда, ба одамон имконият медиҳад, ки хизматрасониҳои меҳнатии худро бо музди меҳнат ва ё манфиатҳои дигаре иваз намоянд.**

Доираи фурӯшандагон дар бозори меҳнат басо гуногун аст. Ба он ҳам ангиштткан, ки барои истихроҷи ангишт дар зери замин кор мекунад, ҳам сарояндаи номӣ, ки барои баргузор кардани консерт дар толорҳои беҳтарини мамлакат шартнома мебандад, ҳам олим, ки ҷиҳати гузаронидани корҳои тадқиқотӣ барои фармоишгар пул мегирад, ҳам мансабдор, ки ба вай давлат аз роҳбарӣ ба соҳаи муайяни фаъолият маош медиҳад, дохил мешаванд.

Ҳамаи онҳо хизматрасониҳои меҳнатии худро ба бозори меҳнат бо умеди пайдо кардани ҷои кор пешниҳод карда, он ҷо барои истифодаи ин хизматрасониҳо пул медиҳанд. Вале фурӯши муваффақонаи ин хизматрасониҳо дар ҳама як хел нест: яке бе ягон мушкилӣ ҷои кор меёбад; дигаре моҳҳо кор меҷӯяду азоби бекорӣ мекашад; сеюмӣ барои меҳнати худ соҳиби даромаде мешавад, ки имконият медиҳад бо серию пурӣ зиндагӣ кунад; чорумӣ музде мегирад, ки барои рӯзгузаронии аҳли оилааш базӯр мерасад. Фаъолияти бозори меҳнатро таҳлил намуда, сабабҳои чунин гуногунрангиро дар он баррасӣ кардан зарур аст.

Пеш аз ҳама, қайд кардан зарур аст, ки молҳои дар ин бозор фурӯхташаванда хизматрасониҳои меҳнатӣ мебошанд, аз ҷумла: *басо гуногунранганд (хизматрасониҳои меҳнатии пешхизмат ва бонкдор аз ҳамдигар ниҳоят фарқи калон доранд); ин хизматрасониҳо аз одамоне, ки хизмат мерасонанд, ҷудо буда наметавонанд.*

Ин ҳолатҳо ба фаъолияти бозори меҳнат баъзе хусусиятҳои хос мебахшад, чунончи: *дар ин бозор ниёз на ба хизматрасониҳои меҳнати одӣ, балки ба хизматрасониҳои навъу мураккабияшон гуногун (масалан, на ба хизматрасониҳои ронандаи одӣ, балки ба хизматрасонии ронандаи автобусҳо бо дараҷаи муайяни тахассус ва таҷриба) вуҷуд дорад; дар баробари бозори меҳнати умумимиллӣ бозорҳои меҳнати маҳаллӣ низ ҳастанд, ки дар онҳо таносуби талабот ба ҳамон як навъи хизматрасонӣ ва пешниҳоди онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд; пешниҳоди хизматрасониҳои меҳнатӣ бо сабаби он ки одамон метавонанд касбашонро иваз карда, тахассуси дигареро аз худ намоянд, тағйир меёбад.*

Рушди бозори меҳнат аз аҳолии қобили меҳнат хизматрасониҳои меҳнатӣ (аҳолии аз нигоҳи иқтисодӣ фаъол), ки ҳамчун фурӯшанда баромад карда, чӣ гуна рафтор менамоянд, сахт алоқаманд аст. Зери

мафҳуми аҳолии қобили меҳнат одамони синну солашон қобили меҳнате, ки метавонанд ва хоҳиш доранд, хизматрасониҳои меҳнатии худро фурӯшанд, фаҳмида мешавад.

Масалан, зудҳаракатӣ (мобилнокӣ) – аҳолии қобили меҳнат ҳар қадар зиёд бошад, бозори меҳнат ҳамчунон ба осонӣ мувозинат пайдо мекунад ва иқтисодиёти ҳар гуна давлат, чун қоида, рушд мекунад. Дар ин маврид зудҳаракатӣ ду навъ мешавад: ***касбӣ; ҳудудӣ (минтақавӣ)***.

Зери мафҳуми зудҳаракатии *касбии қувваи корӣ* лаёқатнокии одам ҷиҳати аз худ кардани касбҳои гуногун ва тӯли тамоми ҳаёт бо омӯзиш машғул шудани ӯ фаҳмида мешавад. Инсон танҳо дар сурате чунин иқдом менамояд, ки агар вазъият ӯро водор созад, ё ин амал барои ӯ манфиатнок бошад. Дар мамолики аз нигоҳи саноатӣ мутараққӣ ихтисоси худро иваз кардани ҳатто одамони дорои таҳсилоти олӣ ҳодисаи нодир нест. Онҳо бори дигар паси миз нишаста, касбҳои наверо аз худ менамоянд, ки барояшон шароитҳои нисбатан беҳтару манфиатоварро муҳайё месозанд. Чунин вазъият солҳои 90-уми асри гузашта дар Тоҷикистон (ҳамчунин ИДМ) низ ба амал омад. Он замон хароҷоти давлат барои дастгирии ташкилотҳои илмию конструкторӣ якбора хеле кам шуд. Бисёр кормандони ин ташкилотҳо аз баҳри касби пештараи худ гузашта, бо мақсади хӯрондану пӯшонда тавонистани аҳли оилаи худ бо савдо ё ягон фаъолияти дигар машғул шуданд.

Зери мафҳуми зудҳаракатии *ҳудудӣ (минтақавӣ)-и қувваи корӣ* – лаёқатмандӣ ва омодагии шахс барои иваз кардани ҷои зист бо мақсади пайдо кардани ҷои кор фаҳмида мешавад.

Масалан, дар ИМА коргарон ва хизматчиён тӯли ҳаёт ҷои корашонро то 10 маротиба ва ҳатто бештар аз он низ иваз мекунанд, ки дар натиҷа ин ҷо муҳлати миёнаи кор дар як ҷо то 3,6 солро дар бар мегирад.

Дар ҳар як мамлакати ҷаҳон аксари кормандони кироя дар ҷустуҷӯи ҷои коре, ки барои меҳнат музди бештаре медиҳанд, пайваста ба чор тараф «нигоҳ» мекунанд.

Чунин рафтори оқилона ба одамони ҳамаи мамлакатҳо, ҳатто ҷопониҳо, ки дар рӯҳияи анъанаҳои кироии якумрӣ тарбия ёфта, тибқи он болоравии музди меҳнат бевосита ба собиқаи кор алоқаманд мебошад, хос аст. Вале дар охири асри XX дар Япония норасоии қувваи корӣ ба амал омад ва имконияти гирифтани музди меҳнати нисбатан баландтар дар ширкатҳои дигар пайдо шуд ва сокинони Кишвари тулӯи Офтоб айнан мисли амрикоиҳо рафтор намуданд. Аллакай дар соли 1989 қариб 3 миллион нафар ҷопониҳо тарки кори кӯҳна карданд ва пурсишҳо нишон доданд, ки 41% мардони аз 20 то 29-сола барои иваз кардани ҷои кор омода будаанд.

## 7.2. Омилҳои бавуҷудорандаи талабот ба меҳнат. Музди кор

Ба он диққат додан зарур аст, ки бозори меҳнат бозори талаботи аввалия (хӯрока, пӯшока) набуда, балки бозори талаботи ҳосилавӣ аст.

**МУЗДИ КОР маблағи пулии ба корманд баҳри хизматрасониҳои меҳнатиаш дар давраи муайян (соат, баст, моҳ), ё барои иҷрои ҳаҷми муайяни меҳнати зарурӣ (масалан, тайёр кардани ягон асбоб) пардохташаванда мебошад.**

**ТАЛАБОТИ ҲОСИЛАВӢ талабот ба омилҳои истеҳсолот буда, бо зарурати истифодаи онҳо барои истеҳсоли молу хизматрасониҳо ба миён меояд.**

Сухан дар бораи он меравад, ки бо лаёқати касбӣ, яъне кор кардани корманди ҳатто тахассусаш баланд (масалан, харрот ё сартарош) дар баъзе маврид ба касе лозим нест. Ҳама гуна малака вақте барои ҷамъият арзиш пайдо карда, ба моли мавриди таваҷҷуҳи бозор табдил меёбад, ки агар ба он талабот мавҷуд бошад. Ба таври дигар гӯем, лаёқатмандии меҳнати харротро дар бозори меҳнат танҳо вақте фурӯхтан мумкин аст, ки агар дар мамлакат ба ин навъи хизматрасонӣ талабот бошад. Ва сартароши басо ҳунарманд ҳам танҳо вақте ҷои кор пайдо мекунад, ки мардум ба ҷои дар хона риш гирифтану мӯйсар кӯтоҳ кардан аз хизматрасонии ӯ истифода бурданро афзалтар донанд.

Бинобар ин шумораи кормандоне, ки кор пайдо мекунанд (малакаҳои худро мефурӯшанд), бевосита бо вазъияти бозори меҳнат вобаста мебошад. Маҳз ҳамин ҳолат дар расми 7.1 тасвир шудааст.




Расми 7.1. **Робитаи байниҳамдигарии бозори меҳнат ва шуғл:**
***P*** **– нархи меҳнат,** ***Q*** **– миқдори кормандони шуғлдошта,** $D_1$ **– нуқтаи ибтидоии каҷхатаи талабот ба меҳнат,** $D_2$ **– каҷхатаи талаботи нав ба меҳнат,** $S_1$ **– хатти пешниҳоди меҳнат,** $E_1$ **– нуқтаи ибтидоии мувозинати бозорӣ (*eguivalence*),** $E_2$ **– нуқтаи нави мувозинати бозорӣ**

Чи тавре дар расми 7.1 нишон дода шудааст, дар сурати зиёд шудани талабот ба меҳнат каҷхатаи $D_1$ ба самти $D_2$ ҳаракат менамояд ва баръакс. Нуқтаи мувозинатӣ низ вобаста ба тағйироти вазъият мавқеашро дигар мекунад.

Меҳнат шарти зарурии мавҷудияти инсоният аст ва онро сарфи назар кардан нашояд. Фаҳмиши ин нуқта ба ҳар ҳол меҳнатро ба талаботи физиологии одамон табдил намедиҳад, ҳарчанд баъзан кор (меҳнат) ҳам қодир аст, ки хурсандиҳои зиёде ба бор орад (ин алалхусус ба одамони соҳиби касбҳои эҷодӣ хос аст) ё ки обрӯю нуфузи ҷамъиятии дар сатҳи хеле баланд эътирофшаванда медиҳад (ин омил, масалан, дар соҳаи фаъолияти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ равшан ба мушоҳида мерасад).

Бо вуҷуди ин, аксари одамон танҳо ба он хотир бо фаъолияти меҳнатӣ машғул мешаванд, ки он манфиат меорад ва муҳимтар аз ҳама, имконият медиҳад, ки кас соҳиби воситаи рӯзгузаронӣ (зиндагӣ кардан) шавад. Аз ин ҷо ба осонӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст: ҳавасмандии асосӣ аз фаъолияти меҳнатӣ ҳамон пардохтест, ки шахс бар ивази сарфи қувваи корӣ ба даст меорад. Маҳз ба хотири дарёфти музди меҳнат (ки бе он талаботро қонеъ гардонидан нашояд) одам маҷбур мегардад, ки аз нишот даст кашида, машғули кор шавад ва ин пардохт ҳар қадар зиёд бошад, одам ба ҳамон андоза барои меҳнат кардан мубориза мебарад.

Аммо мо инро донистa, ҳанӯз на ҳамаи мантиқи рафтори одамонро дар бозори меҳнат фаҳмида метавонем. Барои ин донистан лозим аст, ки чӣ метавонад омодагии одамонро баҳри кор кардан суст гардонад.

Ба хотир меорем: дар ҷаҳони иқтисод ҳар интихоб нархи худро дорад. Вақте мо барои кор кардан меравем, кадом нархи интихобро мепардозем? Ин нарх бошад, бо он вақти холие чен карда мешавад, ки мо онро барои машғулияти дилхоҳе сарф кардан мехостему лекин маҷбурем, ки онро ба кор кардан бахшем.

Омили дигаре, ки хоҳиши одамонро ба меҳнат коҳиш медиҳад, вазнинии худи фаъолиятҳоест, ки ба ивази пул (подош) иҷро кардан лозим меояд. Ин ё он навъи кор ҳар қадар пурмашаққату хаста (дилгир)-кунанда бошад, одамон барои он ҳамон қадар пардохти бештаре талаб менамоянд.

Ниҳоят, бо пешниҳоди меҳнат мураккабии вазифаҳое, ки онҳоро муваффақона иҷро кардан лозим аст (то ин ки кӯшишҳои меҳнатии ту пардохт гарданд), таъсир мерасонад.

Барои иҷрои бисёр намудҳои кор қобилиятҳои махсус доштан ва дуру дароз таҳсил кардан лозим аст. Аммо на ҳама чунин қобилиятҳоро доранд ва на ҳама розианд, ки ба муҳлати дуру дароз бо омӯзиши касбӣ машғул шаванд. Аксарият он намудҳои фаъолияти меҳнатиро афзалтар медонанд, ки барои омӯзишашон вақти зиёд лозим набошад.

Одамон барои худ масъалаи меҳнат кардан ё бекор гаштан (ва агар меҳнат карданӣ бошанд, пас, кадом касбро бояд интихоб кунанд)-ро ҳал карда, омилҳоеро, ки онҳоро умуман аз меҳнат кардан ё машғул шудан бо навъи мушаххаси фаъолияти касбӣ дилхунук мегардонанд, бо он манфиате, ки аз фаъолияти меҳнатӣ гирифта метавонанд, муқоиса мекунанд.

Мо инро дониста, қонуни таклифотро дар бозори меҳнат чунин шарҳ дода метавонем:

*Пардохте, ки корфармоён омодаанд барои иҷрои намуди кори муайян диҳанд, яъне ҳар қадар нархи меҳнат баланд бошад, шумораи одамоне, ки ин корро иҷро кардан мехоҳанд, ҳамон қадар зиёд мешавад ва баръакс.*

## 7.3. Сабабҳои фарқи сатҳи пардохти музди кор дар бозори меҳнат

Алоқамандии талабот ва таклифот дар бозори меҳнат тобеи қонунҳои равандҳои бозорӣ мебошад. Маҳз зери таъсири ин қонунҳо нархи меҳнат – меъёри музди меҳнати кормандони касбу кори гуногун ба вуҷуд меояд.

Меъёри музди меҳнат бо нархи меҳнат танҳо вақте баробарвазн мегардад, ки агар шумораи одамони омодаи шуғлварзӣ бо кори муайян ва миқдори ҷойҳои корие, ки корфармоён пешниҳод мекунанд, ба ҳам мувофиқат кунанд. Дар расми 7.2 маҳз ҳамин ҳолат тасвир ёфтааст.

Чун нархи мол дар бозор ташаккулёбанда аст, меъёри музди меҳнат низ басо тағйирёбанда аст. Вобаста ба ин, ҳам дараҷаи мутлақи пардохти музди меҳнати кормандони касбҳои муайян ва ҳам таносуби байни онҳо вобаста ба соҳа ё минтақаи мамлакат тағйир меёбанд. Ин аз чӣ вобаста аст?




Расми 7.2. **Ташаккули сатҳи пардохти меҳнат дар бозори меҳнат: *P* – нархи меҳнат, *Q* – шумораи шуғлдоштагон, $D_1$ – талабот ба меҳнат, $S_1$ – таклифот дар бозори меҳнат, $E_1$ – нуқтаи мувозинатии талабот ва таклифот дар бозори меҳнат, $P_e$ – нархи мувозинатии меҳнат, $Q_e$ – миқдори мувозинатии шуғлдоштагон**




Расми 7.3. **Тағйирёбии вазъият дар бозори меҳнат ҳангоми коҳиш ёфтани талабот ба меҳнат дар як соҳа ва болоравии талабот ба меҳнат дар соҳаи дигар**

Мо муайян кардем, ки талаботи инсонӣ басо гуногунранг ва тағйирёбанда аст. Танҳо ҳамин чиз вазъиятро дар бозори меҳнат басо ғайриэътидол мегардонад. Ғайр аз ин, дар ин ҷо боз як қатор омилҳои дигар низ мавҷуд мебошанд: пешрафти илм ва техника; рушди нобаробари иқтисодиёти мамлакатҳои алоҳида; ҳодисаҳои ногаҳонии табиӣ (иқлимӣ), ҳодисаҳои сиёсӣ ва ғайра.

Ҳамаи ин зарурати доимии тағйир додани ҳаҷми истеҳсоли молҳои гуногунро ба миён меорад. Дар натиҷа истеҳсоли молҳои ба фурӯш наравanda қатъ карда шуда, молҳои талаботдошта зиёд мегарданд.

Расми 7.3 нишон медиҳад: чунин калавишҳо бояд ногузир бо тағйир ёфтани шумораи одамони бо истеҳсоли ин мол шуғлдошта мушоҳида шавад. Дар корхонаҳое, ки молҳои талаботнадошта истеҳсол мешаванд, фаъолияти бисёр кормандон зиёдатию нозарур мегардад. Баръакс, корхонаҳои машғули истеҳсоли молҳои харидордошта ҳамеша ниёзманди қувваҳои иловагии корӣ ва мутахассисон мебошанд.

Ҳалли ин масъала маҳз ба туфайли зудҳаракатӣ (мобилнокӣ)-и қувваи корӣ имконпазир аст. Он барои гузаштани коргарони корхонаҳои

истеҳсоли маҳсулотро маҳдудкунанда ба корхонаҳое, ки моли дар бозор харидордошта истеҳсол мекунанд, имконият фароҳам меорад. Азнавтақсимкунии воқеии кормандон бо ёрии механизми нархҳо, ки амали он ба болоравии нархи молҳои камёфт ва ҳамчунин афзудани фоиданокии истеҳсоли онҳо оварда мерасонад, таъмин мегардад. Мутобиқан фоиданокии зиёд ба ин истеҳсолкунандагон имконият медиҳад, ки ба кормандони иловагӣ музди меҳнати нисбатан баланд пешниҳод намоянд.

Тавре аз расми 7.3 дидан мумкин аст, агар ба маҳсулоти як соҳа (дар айни ҳол дастгоҳсозӣ) талабот коҳиш ёбад, пас, истеҳсоли дастгоҳҳоро низ кам кардан лозим меояд. Он гоҳ барои пешбурди истеҳсолот камтар кормандон лозим мешаванд.

Ин чунин маъно дорад, ки талабот ба меҳнат дар ин соҳа коҳиш меёбад ва каҷхатаи талабот, тавре ҳаракати он дар расми 7.3 нишон медиҳад, ба тарафи чап майл мекунад. Мутобиқан нуқтаи мувозинати талабот ва таклифот дар бозори меҳнат дар ин соҳа ба тарафи чап (поён) майл мекунад. Ба таври дигар гӯем, корфармоён дар ин соҳа акнун одамонро камтар киро мекунанд ва ба онҳо музди камтар медиҳанд, зеро нархи меҳнат поён мешавад.

Одамони аз кор ҷавобшуда ё онҳое, ки бо музди меҳнати нисбатан пасттар кор кардан намехоҳанд, аз бозори меҳнати ин соҳа мераванд ва ба ҷое мегузаранд, ки талабот ба маҳсулот меафзояд ва бинобар ин дастони иловагии корӣ лозиманд.

Дар мисоли мо вазъият дар бозори мошинҳои сабукрав чунин аст (расми 7.3, б): ин ҷо каҷхатаи талабот ба тарафи рост майл намудааст ва нуқтаи мувозинатӣ низ ба тарафи рост – болотар аз мавқеи пештарааш кӯчидааст. Яъне ин ҷо ҳам дастони бештари корӣ лозиманд ва ҳам ширкатҳои истеҳсолкунандаи мошинҳои сабукрав омодаанд, ки ба онҳо музди меҳнати баландтар диҳанд, зеро зиёд ба фурӯш баровардани мошинҳои сабукрав ҳамаи ин хароҷотро мепӯшонад.

Мутобиқан, дар ҷамъбаст расми 7.3 нишон медиҳад, ки коргарони аз шуғл маҳрумгашта дар соҳаи дастгоҳсозӣ баҳри кор ба соҳаи истеҳсоли мошинҳои сабукрав мегузаранд. Дар ин маврид шумораи коргарони дар як соҳа аз кор озодгашта ва шумораи коргароне, ки ба таври илова дар соҳаи дигар соҳиби кор гаштаанд, мувофиқат мекунад.

Вале усулҳои дигар низ имконпазиранд: *агар дар як соҳа кормандон назар ба оне* ки дар соҳаи дигар ба кор гирифта мешаванд, бештар озод гарданд, қисми кормандони аз кор озодшуда бекор мемонанд ва ба онҳо лозим меояд, ки ё касбашонро дигар кунанд ё ҷои зисташонро тағйир диҳанд; *агар дар як соҳа кормандон назар ба оне* ки дар соҳаи дигар бо музди меҳнати муайян ба кор гирифта мешаванд, камтар озод

гарданд, пас, дар соҳаи дуюм норасоии кормандон ба амал меояд. Дар чунин вазъият соҳаи аз норасоии кормандон танқисикашанда норасоии кормандонро аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ аз хориҷи кишвар бартараф мекунанд. Масалан, ширкатҳои олмонӣ баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ айнан чунин амал карда, норасоии коргаронро аз ҳисоби шаҳрвандони Туркия бартараф намуданд.

Афзун гардондани шумораи одамони машғули кор имкон медиҳад, ки истеҳсоли молҳои камёфт зиёд карда, бозори он тадриҷан ба сатҳи мувозинат расонда шавад. Ширкатҳое, ки маҳсулоти барои бозор нолозим истеҳсол мекунанд, баръакс маҷбур мешаванд, андозаи шуғл ва ҳатто умуман, фаъолияти худро маҳдуд созанд. Дар натиҷа моли зиёдатии онҳо тадриҷан кам шуда, бозор ба ҳолати мувозинат меояд.

## 7.4. Омилҳои бавуҷудоварандаи талаботу таклифот дар бозори меҳнат

Чуноне дар боло зикр намудем, сабаби ҳаракати одамон байни бозори меҳнати соҳаҳои гуногун ва дар он ҷо тағйир ёфтани сатҳи музди меҳнат вазъи таъмини молҳо дар бозор мебошад, ки ин ё он корхона истеҳсол мекунад. Таносуби талабот ва таклифот дар бозори меҳнат, ки музди меҳнатро муайян менамояд, маҳз аз ҳамин вобастагӣ дорад.

Бинобар ин фарқият дар пардохт ва шароитҳои меҳнат байни ширкатҳои муваффақ ва ширкатҳое, ки давраҳои душворро аз сар мегузаронанд, унсури ҳатмии бозори меҳнат мебошад.

Вале агар музди меҳнат танҳо бо чунин тағйироти кӯтоҳмуддат дар вазъияти бозорӣ чен карда шавад, пас, дар ниҳояти кор дар ҳамаи соҳаҳо ва касбҳо дараҷаи он ба сабаби ҳаракати кадрҳо аз як корхона ба корхонаи дигар аз пайи пардохти нисбатан баландтари меҳнат тахминан якранг хоҳад шуд.

Фарқият дар пардохти музди меҳнат ба панҷ омили асосӣ вобастагӣ дорад:

**Мураккабии меҳнат.** Вазифаҳои меҳнатӣ ҳар қадар мураккаб бошанд, онҳоро ҳамон қадар бештар омӯхтан лозим аст. Барои он ки одамон ба ин розӣ шаванд, кӯшишҳои иловагиашонро бо музди меҳнати нисбатан баландтар ҷуброн кардан зарур мебошад. Дар аксари мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон одамони соҳиби таҳсилоти олӣ, чун қоида, назар ба онҳое, ки корашон чунин таҳсилотро тақозо намекунад, музди меҳнати баландтар мегиранд ва ин қонунист, зеро одамони соҳиби таҳсилот ба бозор бо донишҳои мукаммал ва малакаҳои зиёд меоянд. Ин имконият медиҳад, ки онҳо барои кироягирандагон намудҳои нисбатан пурарзиши корро иҷро намоянд. Онҳо барои ҳаҷми калони сармояи

инсонӣ, ки ба ихтиёри кироягирандагон вомегузоранд, пардохти бештаре талаб мекунанд;

**Вазнинии меҳнат**. Баъзе коргарон назар ба муҳандисон музди меҳнати бештар мегиранд. Ин вобаста ба он аст, ки музди меҳнат бояд ба онҳо на танҳо ба кӯшишҳои омӯзиши ихтисос дода шавад, инчунин вазнинии зиёди корро дар баъзе намудҳои истеҳсолот ҷуброн намояд. Маҳз ба ҳамин сабаб музди меҳнати коргарони саноати металлургӣ ва химиявӣ, инчунин ангиштканон, одатан хеле баланд аст;

**Маҳдудияти истеъдодҳо**. Дар тамоми ҷаҳон маоши варзишгарони варзида, мусиқичиёни рок, сароянддагони номии опера, ситораҳои кино хеле баланд аст. Ҳар кадоме аз чунин одамон бо сабаби истеъдоди фавқулодаи табиӣ доштан дар бозори меҳнат чун «моли нодир» арзиш доранд. «Харидорон»-и чунин молҳо бошанд, хеле зиёданд. Ба таври дигар гӯем, бо вуҷуди зиёд будани талабот, пешниҳоди чунин «молҳо» басо маҳдуд аст. Бо ин сабаб нархи чунин истеъдод, яъне пардохти меҳнати ӯ ҳам то хеле баланд аст;

**Дараҷаи хавфнокӣ**, ки иҷрои ин ё он кор ба он вобаста аст. Хавфи кори барои ҷамъият зарурӣ ҳар қадар баланд бошад, одамони барои иҷрои он розишуда ҳамон қадар музди меҳнати баландтарро барои он талаб мекунанд. Инро аз ҷумла дар пардохти меҳнати кормандони ихтисосҳое, мисли ангиштканон, ҳавонаворд (лётчик) – озмоишгар, кайҳоннаворд, соҳибкорон ва мутахассисон оид ба амалиёти биржавӣ (масалан, бо коғазҳои қиматнок) мушоҳида кардан мумкин аст: ин ҷо яке бо саломатӣ ва ҳаёти худ таваккал мекунад, дигаре бо маблағҳои ҳангуфти пулӣ, ки ба миён гузошта шудааст;

**Сиёсати иҷтимоии давлат**. Агар механизмҳои иқтисодии мамлакат муътадил кор кунанд, бозори меҳнат бо фарқиятҳои зиёд дар сатҳи пардохти музди меҳнат барои одамони касбҳои оммавӣ роҳ намедиҳад.

?!

**1. Дар зарбулмасале омадааст: «Бахт дар пул нест». Агар ин зарбулмасал барои ҳамаи одамон дастуруламали иҷрояш бечуну чаро мешуд, иқтисодиёт чӣ тавр рушд мекард? Агар барои одамон кам ё зиёд музди меҳнат гирифтан фарқияте намедошт, бозори меҳнат дар ҷаҳон чӣ тавр амал мекард?**
**2. Оё ин андеша дуруст аст: «Дараҷаи музди меҳнат дар вобастагии муқобил аз эътибори касб қарор дорад», чаро?**
**3. Дар бисёр мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон профессорони донишгоҳҳо назар ба ҳайати роҳбарикунандаи ширкатҳои тиҷоратӣ музди камтар мегиранд. Бо вуҷуди ин, ягон донишгоҳ ба сабаби набудани профессорон маҳкам нашудааст. Чаро профессорон барои кор кардан ба ширкатҳои тиҷоратӣ намераванд?**
**4. Хусусиятҳои фарқкунандаи бозори меҳнат нисбати дигар бозорҳо дар чист?**

# МАВЗӮИ 8. МАСЪАЛАҲОИ ИҶТИМОИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ

## 8.1. Сабабҳои асосии муноқиша байни корманд ва корфармо. Нақши иттифоқи касаба дар ҳалли он

Яке аз фарқиятҳои асосии бозори меҳнат аз бозорҳои дигар – хусусияти хоси муносибатҳои байниҳамдигарии фурӯшанда (корманди кироя) ва харидор (корфармо), яъне, хислати сиёсӣ-иҷтимоии ин муносибатҳо ба шумор меравад.

Иштирокчиёни бозори меҳнат асрҳо байни ҳам хусумати оштинопазир доштанд. Хусумати мазкур зуд-зуд муноқиша ва ҳатто хунрезиро ба вуҷуд овардааст. Гарчанде қарни XX бо худ як қатор тартиботи навро ҷорӣ намуда, дар аксари мамлакатҳо масъалаи муносибати меҳнатиро бо роҳи осоишта ҳал карда бошад ҳам, дар ин бозор то ҳол оромии комил вуҷуд надорад.

Сухан дар бораи он меравад, ки корфармоён аз аҳди қадим ақида доштанд: муқаррароти асосӣ ҳангоми муайян намудани музди меҳнат – нигоҳ доштани он дар сатҳи ҳаддалимкон пасттарин аст.

Кормандони кироя дар навбати худ бевосита дар муқобили ин ақида қарор дошта, музди меҳнати баландтаринро талаб мекарданд. Дар ин мубориза ҳар яке аз тарафҳо усулҳои шахсии пешбурди «амалиётҳои ҷангӣ»-ро истифода мекарданд.

Стратегияи корфармоён дар қарни XIX ва ибтидои қарни XX истифодаи васеи чунин усулҳоро дар назар дошт:

***а) Тартиб додани «рӯйхати сиёҳ».*** Муборизони нисбатан фаъоли баланд бардоштани музди меҳнат ва беҳтар гардондани шароити меҳнатиро на танҳо аз кор озод мекарданд, инчунин онҳоро ба рӯйхати сиёҳ ворид менамуданд, ки дар натиҷа ягон соҳибкор чунин кормандонро ба кор қабул намекард. Дар Россия ин гуна тартиботро «гирифтани билети сиёҳ» ном мебурданд.

***б) Локаут (калимаи англисӣ lock-out – пӯшидани дар аз рӯи касе)***. Тибқи локаут корфармо бар ивази талаби кормандон оид ба баланд бардоштани музди меҳнат фаъолияти корхонаро ба якчанд рӯз бозмедошт. Онҳо албатта, аз даромад маҳрум мешуданд, лекин «исёнгарон»-ро дар дами марг аз гуруснагӣ қарор медоданд.

***в) Киро намудани штрейкбрехерҳо (калимаи олмонӣ «штрейкбрехер» – шикаст додани корпартоӣ)***. Агар кормандон бо талаби баланд бардоштани музди меҳнат корро қатъ намоянд, пас соҳибони ширкат кормандони муваққатиеро ба кор ҷалб мекарданд, ки барои кор бо музди меҳнати қаблӣ розӣ ҳастанд.

***г) Қарордоди «саги зард» (амрикоиҳо онро чунин ном мебурданд)***. Ширкатҳои усули мазкурро интихобнамуда шахсро дар он мавриди ба кор қабул мекарданд, ки агар вай шартномаи меҳнатии фардиро имзо намуда, қавл медод, ки ба муборизаи муштарак оид ба музди меҳнати баланд ҳамроҳ намешавад. Агар шахс шартномаро вайрон мекард, фавран аз кор озод мегардид, ки ягон суд барои ба кор барқарор намудани ӯ розӣ намешуд.

Ин ва дигар усулҳо, аз ҷумла истифода гардидани қонунгузорӣ, политсия ва ҳатто қувваҳои мусаллаҳ ба муқобили кормандон, ба он нигаронида шуда буд, ки кормандони кирояро барои розӣ шудан ба шарти номуносиби хариду фурӯши қувваи корӣ маҷбур намуда, арзиши қувваи кориро то ҳадди имкон паст намоянд.

Албатта, кормандони кироя барои баланд бардоштани музди меҳнат тарзу усули нави муборизаро такмил ва коркард намуда, мавриди истифода қарор медоданд.

Стратегияи кормандони кироя чунин усулҳои муборизаро дар бар мегирифт:

– **корпартоӣ (забоняккунӣ)** – қатъ намудани кор то он вақте ки корфармоён талаботи корпартоёнро оид ба баланд бардоштани музди меҳнат ё беҳтар намудани шароити он қонеъ нагардонад;

– **кор тибқи тартибот («корпартоии итолиёвӣ», ба ифтихори кормандони итолиёвӣ номгузорӣ шудааст)** – кормандони кироя корро расман қатъ намекунанд, лекин онро бо риояи қатъии ҳама гуна дастурамалҳои эҳтимолӣ ва бо суръати суст (ё бо таваққуфи кӯтоҳмуддати навбатӣ) иҷро мекарданд, ки дар натиҷа ҳосилнокии меҳнат ва фоидаи соҳибкор яку якбора паст мегардид;

– **таъсиси ҳизби сиёсӣ** – «Ҳизби меҳнат» (маҳз чунин тарҷума мегардад яке аз ҳизбҳои сиёсии пешоҳанги Британияи Кабир – лейбористӣ), ки имкон медиҳад қарорҳои давлатӣ тавассути парламент ба манфиати кормандони кироя қабул гарданд: муайян кардани музди меҳнати камтарин, ҷорӣ намудани талаботи умумиҳатмӣ оид ба таъмини бехатарии меҳнат ва ғ.;

– **ташкили иттифоқҳои касаба** – ифода кардани ташкили манфиатҳои умумии кормандони кироя дар гуфтушунид бо соҳибкорон.

Дар бозори қувваи корӣ савдо тавассути истифодаи тарз ва усули мазкур аллакай тӯли қарнҳо пешбурд мегардад. Кормандон бо талаб намудани музди меҳнати баланд корпартоӣ эълон мекунанд, – соҳибкорон бо истифода аз локаут ҷавоб медиҳанд. Кормандони кироя иттифоқҳои касаба созмон медиҳанд, – соҳибкорон барои ба тариқи судӣ манъ намудани фаъолияти онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Кормандон ҳизбҳои

худро таъсис медиҳанд, – соҳибкорон бо созмон дода шудани ташкилотҳои сиёсии хусусӣ ҷавоб медиҳанд.

Баъзан имрӯз ҳатто дар мамлакатҳои бузурги демократӣ низ мубориза дар бозори меҳнат шакли муташанниҷтаринро пайдо мекунад. Масалан, вақте ки авиадиспетчерони ИМА корпартоӣ эълон намуданд, президент Роналд Рейган дар асоси такя ба қонунҳое, ки корпартоиро дар нақлиёт манъ менамояд (бо сабаби таҳдид ба бехатарии ҳаракат ва ҳаёти мусофирон), иттифоқи касабаи авиадиспетчеронро бо ситондани ҷаримаҳои калон пароканда намуда, баъдан, барои пурра шикаст додани муқобилияти корпартоён, усули штрейкбрехериро бо маҷбур намудани авиадиспетчерони ҳарбӣ барои кор дар соҳаи авиатсияи шаҳрвандӣ, истифода кард.

Имрӯз дар мамлакатҳои пешрафта ҳаракати иттифоқҳои касаба ба поён рафтааст, ки сабабҳои асосии он инҳо мебошад: ***тағйирёбии хусусияти фаъолияти меҳнатӣ*** (ихтисор гардидани миқдори корхонаҳо, пайдоиши намудҳои нави ширкатҳо бо иштироки кормандон, ки соҳибони он худи онҳо мебошанд ва ғ.); ***рушди умумии некуаҳволии ҷамъият*** дар ин мамлакатҳо имкон медиҳад нисбат ба кормандони кироя шароити ҳаётӣ таъмин карда шавад, ки дар ин хусус аксар соҳибони фабрикаҳо ҳатто орзу карда наметавонистанд.

Ҳаёт нишон медиҳад: ҳар қадаре мамлакат бой бошад, дар он некуаҳволӣ ҳамон қадар сатҳи баланд қарор мегирад ва муносибатҳои меҳнатӣ ҳамон қадар оромона ба вуҷуд омада, корпартоӣ низ кам мегардад. Лекин дар мамлакатҳое, ки вазъи иқтисодӣ номусоид буда, некуаҳволии шаҳрвандон бидуни инкишоф ҳатто поён рафта истодааст, чи хеле ки ин дар бештари мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон, ки дар натиҷаи буҳрони молиявии соли 2008 ҷабрдида мушоҳида мегардад, нақши иттифоқҳои касаба нисбатан бештар шудааст. Бинобар ин диққат ва назорати қатъӣ додан зарур аст, ки ин гуна ташкилотҳо ба бозори меҳнат чӣ гуна таъсир мерасонанд.

Ташвиши иттифоқҳои касаба бо хусусияти хоси намуди фаъолияте, ки аз ҷониби аъзои он амалӣ карда мешавад, алоқамандии зич дорад ва бинобар ин гуфтан мумкин аст доираи масоили фарз кардем, иттифоқи касабаи рассомон-графикон аз ташвишҳои роҳбарияти иттифоқҳои касабаи шахтёрҳо тафовут менамояд. Ниҳояти кор дар назди тамоми иттиҳодияҳои иттифоқҳои касаба вазифаи ягона қарор дорад, ки ба сифати муҳимтарини онҳо баромад менамоянд:

**Беҳтар кардани шароити меҳнат ва таъмини бехатарии он**. Сухан дар бораи он меравад, ки ҳамаи иттифоқҳои касаба аксаран барои ноил гардидан ба беҳтарсозии шароити санитарию гигиении меҳнат кӯшиш ба харҷ медиҳанд (масалан, паст намудани серғавғоӣ ва чанголудӣ

дар сеххо). Ғамхории иттифоқҳои касаба ва пешниҳоди шароити имтиёзноки меҳнатӣ (қисман кам кардани рӯзи корӣ) ба наврасон ва занон (махсусан, ба занҳои ҳомила ё кӯдаки ба балоғат нарасида).

Ниҳоят, ташвиши доимии иттифоқҳои касаба – паст кардани хавфи фавти кормандон дар истеҳсолот ё бардоштани ҷароҳат. Маҳз зери фишори иттифоқҳои касаба аксарияти мамлакатҳои ҷаҳони муосир имрӯз қонунҳо ва меъёрҳои махсус қабул карданд, ки шароити меҳнат ва таъмини паст намудани ҷароҳатбардориро дар истеҳсолот ба танзим медароранд.

Аммо дар иқтисоди ҷаҳон ҳама қадру қимати худро дорад. Корфармо ҳар қадар барои беҳтар гардондани шароити меҳнат пул сарф намояд, дар натиҷа ҳамон қадар ҳар як корманд ба вай гарон мегардад ва ҳамон қадар шумораи онҳоро камтар киро менамояд.

**Баланд бардоштани музди меҳнат**. Агар ба хотир орем, ки дар боби гузашта оид ба бозори меҳнат чиро омӯхтем, мумкин аст ҳалли масъалаи мазкурро бо фароҳам оварда шудани шароити мазкур эҳтимол кард: *барои рушди талабот ба меҳнат; барои маҳдуд кардани пешниҳоди меҳнат.*

Албатта, баланд бардоштани талабот нисбат ба меҳнат ба иттифоқҳои касаба мушкил аст: онҳо на он қадар имконияти таъсири зиёд расониданро ба бозори меҳнат доранд, ки аз куҷо талабот дар бозори меҳнат ба вуҷуд меояд. Сухан дар бораи он меравад, ки иттифоқҳои касаба одатан нисбат ба маҳдуд кардани воридоти молҳо ба мамлакат бaромад менамоянд. Зеро фурӯши молҳои воридотӣ дар бозори дохилӣ талаботро ба маҳсулоти ширкатҳои ватанӣ кам мегардонанд, ки дар натиҷа талабот ба меҳнат низ дар мамлакат паст мешавад. Пас, ҳангоми кам шудани воридот талабот ба молҳои ватанӣ афзуда, шароити зиёдшавии шумораи кормандон ва музди меҳнат дар бозори дохилии меҳнат беҳтар мегардад.

Бо вуҷуди ин, чунин мавқеи иттифоқҳои касаба ба заиф шудани рақобат дар бозори дохилӣ ва манфиатдор набудан аз беҳтаршавии сифати маҳсулоти ватанӣ меорад. Дар натиҷа маҳсулот рақобатнок намегардад. Имконияти содир кардани он кам мешавад ва чун натиҷа талабот ба меҳнат низ барои истеҳсоли он паст мегардад. Ба ғайр аз ин ҳангоми маҳдуд кардани воридот аз тарафи як мамлакат, мамлакатҳои дигар низ одатан ба ҳамин монанд чораҳо меандешанд. Дар натиҷа имконияти содироти ҳамаи соҳаҳои содиротии мамлакат паст шуда, шароит дар бозори меҳнат низ ба кормандони соҳаҳо ва ширкатҳо бадтар мешавад.

Агар сухан дар бораи маҳдудияти пешниҳоди меҳнат равад, он гоҳ иттифоқҳои касаба одатан бо розигии корфармоён танҳо аъзои иттифоқро барои ба кор қабул намудан, кӯшиш менамоянд. Тактикаи

мазкур, дар давраи асримиёнагии фаъолияти косибон ва ҳунармандон ба вуҷуд омада, дар хориҷа хеле васеъ истифода мешавад.

Масалан, ин ба ҳунармандоне ки барои ҷустуҷӯи кор ба ИМА мераванд халал мерасонад, зеро соҳибони театр ва киностудияҳо онҳоро ба нақш танҳо бо иҷозати иттиҳоди ҳунармандони амрикоӣ даъват менамоянд.

Маҳдудияти имкониятҳои худро барои баланд бардоштани музди меҳнат бо роҳи ҳавасманд гардондани талабот ё ин ки маҳдуд кардани пешниҳод дар бозори меҳнат дарк намуда, иттифоқҳои касаба бо дигар роҳ барои ҳалли ин масъала даст заданд. Яъне онҳо ҳамчун намояндаи ягона аз номи ҳамаи аъзоёни худ ҳангоми муҳокимаи шароити меҳнат ва пардохти он баромад карданд.

Ин масъала бо роҳи гузаронидани гуфтушунидҳои коллективӣ бо корфармоён ҳал мегардад. Барои иттифоқи касаба ин ҳолати мукаррарист: ё ки ҳамаи аъзои он нисбатан музди меҳнати баланд мегиранд ё корпартоӣ оғоз мегардад.

## 8.2. Ҳадди ақали зиндагӣ ва сохтори низоми музди меҳнат. Нафақаи меҳнатӣ ҳамчун усули ҳавасмандгардонии инкишофи ҳосилнокӣ ва сифати меҳнат

Хусусияти асосии бозори меҳнат дар он ифода меёбад, ки дар ин бозор ҳудуди пастшавии нарх вуҷуд дорад. Дар ҳақиқат, агар ягон намуди мол фурӯхта нашавад, соҳиби он (истеҳсолкунанда ё фурӯшанда) нархро то он маврид паст мекунад, ки мол фурӯхта шавад. Дар натиҷа фоида ба даст оварда нашавад ҳам, ҳадди ақал қисми хароҷоти истеҳсолӣ ҷуброн мегардад.

Вобаста ба меҳнат ҳолат тамоман дигар аст: нархи меҳнат, яъне меъёри музди кор ҳудуди объективии пастравӣ дорад. Ии ҳудуд дар асоси нархҳои дар мамлакат барқароргашта, ки барои харидани «сабади» минималии неъматҳо зарур аст, муайян карда мешавад. Чунин «сабад» неъматҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо барои инсон ҷиҳати рӯзгузаронӣ зарур мебошанд. Арзиши ин «сабад»-ро хадди ақали зиндагӣ меноманд.

**ҲАДДИ АҚАЛИ ЗИНДАГӢ маблаӣи пулест, ки барои аз тарафи инсон харидани на камтар аз меъёрҳои физиологӣ маҳсулоти озуқаворӣ ва инчунин барои дар сатҳи минималӣ қонеъ гардонидани талабот ба либос, пойафзол, манзил, хизматрасониҳои нақлиётӣ, маводи санитарию гигиенӣ зарур аст.**

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ» аз 19 майи соли 2009, №521 ҳадди ақали зиндагӣ, ки дар маҷмӯъ ҳисоб карда мешавад, бо мақсадҳои зерин истифода мегардад: *баҳо додани сатҳи зиндагии аҳолӣ барои таҳия ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ ва барномаҳои иҷтимоии мақсаднок; таҳлил ва пешбинии сатҳи зиндагии аҳолӣ; асосноккунии кумакрасонии иҷтимоии давлатӣ ба камбизоатон; тадриҷан наздик кардани андозаҳои муқарраршавандаи ҳадди ақали музди меҳнат, нафақаҳо, ҷубронпулиҳо, кумакпулиҳо ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ; муайян кардани ҳадди камбизоатӣ ва татбиқи тадбирҳо оид ба дастгирии иҷтимоии аҳолӣ.*

**Намудҳои ҳадди ақали зиндагӣ**. Вобаста аз таъйиноти мақсаднок, ҳадди ақали зиндагӣ ба намудҳои зерин тақсим мешавад: *ба ҳар як нафар аҳолӣ; аз рӯи гурӯҳҳои асосии иҷтимоию демографии аҳолӣ.*

Ҳадди ақали зиндагӣ дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он, бо ҷудо кардани аҳолӣ ба сокинони шаҳр ва деҳот, инчунин бо назардошти хусусиятҳои ҷуғрофию иқлимӣ ва хусусиятҳои дигари истеъмоли неъматҳои моддӣ ва истифодаи хизматрасонӣ ба аҳолӣ дар маҷмӯъ муайян карда мешавад.

Муайян кардани бузургии ҳадди ақали зиндагӣ дар таҷриба бо чунин сабабҳо мушкил аст: *нуқтаи назари гуногун* (пеш аз ҳама, корфармоён ва иттифоқҳои касаба) оид ба неъматҳое, ки ҳадди ақали зиндагӣ ҳисобида шаванд ва бояд ба «сабад» шомил гарданд, вуҷуд дорад; *ба нуқтаи назари умумие*, ки нисбат ба сатҳи минималии неъматҳои истеъмолии дар «сабад» овардашуда розӣ шудан душвор аст; *бо сабаби гуногун будани нархҳо дар минтақаҳои мамлакат*, дар ҳадди ақали зиндагӣ фарқияти ҳудудӣ вуҷуд дорад ва бинобар ин, якхела шуда наметавонанд. Масалан, бо зиёд гардидани хароҷоти нақлиётӣ барои таҳвили мол, нархҳо дар минтақаи ВМКБ нисбат ба минтақаҳои марказии ҷумҳурӣ каме баланд мебошанд. Бинобар ин дар мамлакатҳои гуногун барои муайян кардани бузургии ҳадди ақали зиндагӣ усули гуногун истифода бурда мешавад. Дар Тоҷикистон то имрӯз усули асосноккардашуда, ки меъёри минималии истеъмоли неъматҳои гуногун ном дорад, истифода шуда истодааст.

Ин чунин маъно дорад, ки ҳангоми муайян намудани бузургии ҳадди ақали зиндагӣ мутахасисон аввал таъмин будани одамонро бо миқдори ғизои зарурӣ ҳисоб мекунанд, то ин ки одамон аз гуруснагӣ ба беморӣ гирифтор нашаванд.

Мутахассисони дигар истеъмоли минималии молҳои ғайриозуқаворӣ ва хизматрасониҳоро муайян менамоянд. Барои муайян кардани бузургии пулии ҳадди ақали зиндагӣ меъёрҳои натуралии истеъмол бо нархҳои амалкунанда зарб карда мешавад.

Дар бозори муосири меҳнат ҳадди ақали зиндагӣ одатан заминаи асосии ҳисоб кардани меъёри музди минималии меҳнатро ташкил медиҳад (ҳаҷми минималии пардохти музди меҳнат – ҲМПММ). Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми мазкур оҳиста-оҳиста ворид шуда истодааст, лекин муттассифона, то ҳол ҲМПММ аз ҳадди ақали зиндагӣ паст аст.

Масалан, мувофиқи Кодекси меҳнат, андозаи музди меҳнат бо мувофиқаи байни корманд ва корфармо муқаррар карда мешавад. Музди меҳнат камтар аз андозаи ҳадди ақали муқаррарнамудаи давлат (м. 103 КМ) буда наметавонад ва бо ягон ҳадди аксар маҳдуд карда намешавад.

Низоми пардохти музди меҳнат, андозаи ставкаҳои тарифӣ, маошҳо ва дигар намуди музддиҳиро муайян мекунанд:

а) барои кормандони ташкилотҳое, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд – қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

б) барои кормандони ташкилотҳои маблағгузориашон омехта (қисман маблағгузорӣ аз буҷети давлатӣ ва аз фаъолияти соҳибкорӣ) – қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин шартномаҳо (созишномаҳо)-и коллективӣ, санадҳои меъёрии дохилии ташкилотҳо;

в) барои кормандони дигар ташкилотҳо – шартномаҳо (созишномаҳо)-и коллективӣ, санадҳои меъёрии дохилии ташкилотҳо, шартнома (қарордод)-ҳои меҳнатӣ.

Бо андозаи музди меҳнати минималӣ одатан кормандони одии беихтисос музди меҳнат мегиранд, ки аз ҳама кори одиро иҷро менамоянд ва ин бояд аз ҳадди ақали зиндагӣ якчанд маротиба зиёд бошад, яъне сохтори низоми пардохти музди меҳнат чунин тартибот дошта бошад: а) ҳадди ақали зиндагӣ; б) музди меҳнати минималӣ; в) пардохти музди меҳнати ихтисоснок.

Хусусиятҳои бозори меҳнат ва пардохти музди меҳнати кормандонро муҳокима карда, бояд диққат дод, ки оид ба ҳуҷҷатҳои музди меҳнати кормандони кироя одамон ҳангоми рафтан аз бозори меҳнат чиҳоро имзо намоянд. Дар ин ҷо танҳо хусусияти масъала тағйир меёбад: яъне барои корфармо акнун масъалаи асосӣ чунин аст: чӣ бояд кард, ки инсон босифат ва самаранок меҳнат кунад ва барои корманди кироя бошад – чӣ гуна дар доираи низоми амалкунандаи пардохти музди меҳнат ҳар чӣ бештар музди меҳнат гирад.

Ин манфиатҳо дар усулҳои ҳавасмандкунии иқтисодии кормандони кироя таҷассум ёфта қарор мегирад. Инсонгарой якчанд усули чунин ҳавасмадкуниро ба вуҷуд овардааст, ки асоситарини онҳо чунинанд: *ҳавасмандкунии фаъолияти меҳнатӣ ба тариқи музди меҳнат; «иштирок дар муваффақият»; вобастагии бевоситаи ташаккули нафақа аз музди меҳнат.*

**Музди меҳнат.** Шаклҳои нисбатан анъанавии музди меҳнат – вақтбайъ ва корбайъ ба шумор мераванд.

Имрӯз дар мамлакатҳои мутараққӣ усулҳои нави муайян намудани андозаи музди меҳнат паҳн гардидааст, ки миқдори бештари пулкоркунӣ бевосита аз муваффақият ва даромадҳои ширкат дар маҷмӯъ вобаста мебошад. Шаклҳои нави пардохти музди меҳнат аз кӯшишҳои роҳбарияти худи ширкатҳо сахт алоқаманд мебошад.

**«Иштирок дар муваффақият»**. Мақсади асосии он истифодаи усули муосири ҳавасмандкунии кормандони кироя мебошад.

Чи тавре ки равоншиносон тасдиқ менамоянд, барои аксарияти одамон танҳо зиёдшавии даромад кифоя нест. Одамон мехоҳанд дар идора намудани корхона фаъолона иштирок намоянд, инчунин мехоҳанд худро шариксоҳиб ҳис намоянд ва ақидаҳои онҳоро ба назар гиранд. Муносибати меҳнатиро чунин ифодакунии равоншиносон – усули муҳими захиравии баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва сифати маҳсулот эътироф шудааст. Соҳибкорон ва роҳбарони корхонаҳои аксарияти мамлакатҳои тараққикарда ин усулро фавран ба худ қабул кардаанд. Махсусан, Япония дар ин масъала пешрафта мебошад. Дигар мамлакатҳо низ имрӯз кӯшиш карда истодаанд, ки аз мамлакати тулӯи офтоб дар ҷорӣ намудани низоми «иштирок дар муваффақият» қафо намонанд.

Имрӯз усулҳои таъминкунандаи иштироки кормандон дар тақсимоти фоидаи ширкат нисбатан васеъ паҳн карда шудааст. Дар баробари ин шаклҳои мукаммалтари ҳавасмандкунӣ ба вуҷуд омадаанд. Яке аз намудҳои он шариксоҳиби корхона гардидани кормандони кироян дар корхона кор карда истода мебошад. Дар бештари мамлакатҳо ҳатто қонун ба ширкатҳо имтиёз медиҳад, ки ба кормандон имконияти шариксоҳиб гардиданро ба корхона диҳанд.

**Ҳавасмандкунии нафақавӣ.** Ҳар як инсон ҳангоми ба синни муайян расидан ба нафақа мебарояд. Дар аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон занҳо баъд аз 60-солагӣ ва мардҳо 65-солагӣ пурра қобилияти кории худро нигоҳ дошта наметавонанд. Дар натиҷа чунин масъала ба вуҷуд меояд: онҳо аз кадом ҳисоб бояд зиндагӣ кунанд?

Ҳолати мазкурро кори шахсии ҳар як инсон шуморидан мумкин аст: яъне, бигзор, ҳар инсон барои пиронсолии худ маблағ ҷамъ намояд. Лекин чунин рафтори сарфакорӣ на ба ҳамаи одамон муяссар мегардад, дар ҳоле ки ҳамаи пиронсолон хӯрок хӯрдан мехоҳанд. То ин ки дар пиронсолӣ маблағ барои зиндагӣ дошта бошанд, аксарияти мамлакатҳо таъмини низоми нафақаро истифода мебаранд. Яъне баъд аз ба нафака расидани синну сол инсон ҳуқуқи гирифтани нафақаи меҳнатиро пайдо мекунад.

**НАФАҚАИ МЕҲНАТӢ бо тартиби муайян пардохтани маблағҳои пулие мебошад, ки ба шаҳрвандон баъд аз расидан ба синну соли мувофиқи қонун муқараршуда ва инчунин барои хизмати дарозмуддат дода мешавад.**

Лекин нафақа на танҳо масъалаи инсонпарваронаро ҳал менамояд. Ақли инсон барвақт дарк кардааст, ки тарсу ваҳм дар назди гуруснагӣ ҳавасмандӣ ба кори хуб мебошад. Бо ин мақсад механизми нафақа ташкил ёфта, андозаи нафақаи меҳнатӣ бевосита аз андозаи музди меҳнат ва собиқаи кор вобаста мебошад.

Чунин тартибот ҳамчунин дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ пешбинӣ шудааст, ки барои пайдо кардани ҳуқуқи ба андозаи максималӣ гирифтани нафақа, ҳатман бояд на камтар аз 25 сол кор кард. Агар инсон дар давоми ҳаёти худ солҳои зиёд кор карда бошад, он гоҳ андозаи нафақа нисбат ба бузургии базисии он зиёд карда мешавад. Худи бузургии базисӣ бошад, бо фоиз нисбат ба музди меҳнат, ки инсон дар давраи фаъолияти меҳнатиаш гирифтааст, муқаррар карда мешавад. Дар аксарияти мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон андозаи нафақа на камтар 40%-и музди меҳнатеро, ки инсон то ба нафақа баромадан гирифтааст, ташкил медиҳад. Пас, ҳар чӣ қадаре ки инсон хуб кор кунад, ҳамон қадар музди меҳнати ӯ зиёд мегардад ва ҳамон қадар беҳтар дар пиронсолӣ зиндагӣ мекунад.

Нафақа аз фонди махсуси нафақавии ширкатҳои хусусӣ ё давлатӣ пардохт карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нафақаро аз фонди ягонаи нафақавӣ пардохт мекунанд.

Маблағи фонди мазкур аз ҳисоби аъзоҳаққии корхона ҷамъ гашта, қисми маблағи ҷудошудаи суғуртаи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

?!

1. Мафҳумҳои «рӯйхати сиёҳ», локаут, шрейкбрехер ва қарордоди «саги зард»-ро шарҳ диҳед.
2. Ҳадди ақали зииндагӣ чист?
3. Намудҳои ҳадди ақали зиндагиро номбар кунед.
4. Нафақаи меҳнатӣ чист?

## МАВЗӮИ 9. МАСЪАЛАҲОИ ИҚТИСОДИИ БЕКОРӢ

### 9.1. Мафҳуми бекорӣ ва нишондиҳандаҳои асосии он. Тартиби ҳисоб кардани сатҳи бекорӣ

Шумораи кормандон ва дараҷаи музди меҳнати онҳо, ки бо намуди муайяни фаъолият машғуланд, чӣ тавр муайян карда мешавад? Инҳо саволҳое мебошанд, ки ба соҳаи микроиқтисодиёт тааллуқ доранд. Ба онҳо омӯзиши қонуниятҳои амал кардани бозори меҳнат ҷавоб медиҳад.

Вале бо фаъолияти меҳнатӣ масъалаи **бекорӣ** алоқаманд аст. Ин истилоҳ маънии дар мамлакат мавҷуд будани одамонеро дорад, ки омодаи меҳнат кардан дар сатҳи ташаккулёфтаи пардохти меҳнат буда, фаъолона аз пайи ҷустуҷӯи кор барои худ мебошанд, вале онро дарёфт карда наметавонанд.

**БЕКОРӢ дар мамлакат мавҷуд будани одамон мебошад, ки лаёқат ва хоҳиши меҳнат кардан дошта, вале аз рӯи ихтисоси худ кор пайдо карда наметавонанд, ё умуман ҷои кор намеёбанд.**

Бекориро ба масъалаҳои макроиқтисодӣ мансуб медонанд, зеро он: *маҳсули равандҳои дар миқёси тамоми иқтисодиёти мамлакат баамалоянда мебошад; худи он таъсири эҳсосшавандае ба миқёси тамоми хоҷагии мамлакат мерасонад.*

Ҳоло амалан дар ҷаҳон мамлакатеро пайдо кардан мумкин нест, ки дар он ин ё он шакли бекорӣ набошад ва дар ин масъала Тоҷикистон низ истисно нест. Хавфи бекорӣ ҳамеша дар китфони ҳар як корманди кироя бор аст ва тасаввур кардан лозим аст, ки он аз куҷо пайдо мешавад, чӣ қадар тӯлонист ва бо он чӣ тавр мубориза бурдан мумкин аст.

Барои таҳлили масъалаҳои бекорӣ, пеш аз ҳама, зарур аст, ки аниқ муайян карда шавад: киро бекор бояд ҳисоб кард? Меъёрҳои бекор эътироф намудани инсонро одатан қонунҳо ё ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ муқаррар мекунанд ва онҳо дар мамлакатҳои гуногун андаке аз ҳам фарқ доранд. Аммо, чун қоида дар ҳамаи таърифот якчанд аломат мавҷуд аст, ки онҳо чунинанд:

– ***синну соли қобили меҳнат***, яъне одам аз синну соли минималие, ки қонунгузорӣ иҷозати кор кардан ба таври кироя (16-солагӣ) медиҳад, калонтар, вале аз синну соле, ки бо расидан ба он барои ӯ нафақа аз рӯи синну сол таъйин мегардад, хурдтар бошад. Албатта, табиист, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон наврасони то синни қобили меҳнат ё мардони аз 63 ва занҳои аз 58-сола боло ҳатто агар онҳо кор кардан хоҳанду ҷои кор пайдо карда натавонанд, бекор ҳисобида намешаванд;

– ***надоштани манбаи доимии музди меҳнат*** дар тӯли чанд вақт (масалан, моҳ);

– ***кӯшиши исботшавандаи шахс ҷиҳати пайдо кардани кор*** (масалан, мурочиати ӯ ба хадамоти шуғл ва рафтанаш назди корфармоёне, ки ин хадамот ӯро он ҷо барои суҳбат фиристодааст).

Танҳо шахсе, ки ин аломатҳоро дорад, барҳақ, бекор дониста, ҳангоми дар мамлакат муайян кардани *сатҳи умумии бекорӣ,* яъне ҳиссаи бекорон дар теъдоди умумии қувваи кории он ба ҳисоб гирифта мешавад.

**Сатҳи бекорӣ = шумораи бекорон/аҳолии қобили меҳнат × 100%**

Нақшаи 9.1. **Сохтори аҳолии мамлакат аз нигоҳи шуғл**

<table>
<tr><th colspan="4">Тамоми аҳолии мамлакат</th></tr>
<tr><td rowspan="3">Аҳолии ғайри қобили меҳнат</td><td colspan="3">Аҳолии қобили меҳнат</td></tr>
<tr><td rowspan="2">Онҳое, ки хоҳиши кор кардан надоранд (аҳолии аз нигоҳи иқтисодӣ ғайрифаъол)</td><td colspan="2">Онҳое, ки лаёқат ва хоҳиши кор кардан доранд (аҳолии фаъол аз нигоҳи иқтисодӣ)</td></tr>
<tr><td>Дар иқтисодиёт шуғлдошта</td><td>Бекорон</td></tr>
</table>

Бар ҳамин асос акнун мо метавонем, таърифи нави нисбатан аниқи истилоҳи «қувваи корӣ» (аҳолии аз нигоҳи иқтисодӣ фаъол)-ро диҳем. Дар ин кор ба мо нақшаи 9.1 ёрӣ мерасонад.

Тавре аз нақша дидан мумкин аст, аҳолии мамлакат ҳамеша аз ду гурӯҳи калон иборат мебошад: *аҳолии қобили меҳнат; аҳолии ғайри қобили меҳнат.*

Дар навбати худ аҳолии қобили меҳнат ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: *аҳолии қобили меҳнати синну солашон мувофиқ, ки хоҳиши кор кардан надоранд; аҳолии қобили меҳнати синну солашон мувофиқ, ки хоҳиши кор кардан доранд (аҳолии аз нигоҳи иқтисодӣ фаъол).*

Қайд кардан зарур аст, ки на ҳамеша аҳолии аз нигоҳи иқтисодӣ фаъоли мамлакат кор пайдо карда метавонанд ва бинобар ин, бекор мемонанд.

**АҲОЛИИ АЗ НИГОҲИ ИҚТИСОДӢ ФАЪОЛ шумораи умумии шаҳрвандони синну солашон қобили меҳнатро меноманд, ки ҷои кор доранд, ё дошта метавонанд.**

## 9.2. Шаклҳои бекорӣ ва сабабҳои пайдоиши он

Бекорӣ яке аз масъалаҳои нисбатан дарднок ҳатто барои мамлакатҳои мутараққӣ ба ҳисоб меравад. Шиддатнокии масъалаи бекорӣ якчанд сабаб дорад:

**Якум,** инсон захираи иқтисодии навъи махсус аст. Агар ҳоло иқтисодиёт ба ӯ талабот надошта бошад, ӯро «захира кардан»-у то замонҳои хуб дар яхдон нигоҳ доштан мумкин нест. Вақти кории гумшуда барқарорнашаванда аст ва он ҳаҷми неъматҳоро, ки имрӯз истеҳсол нашудаанд, оянда ҷуброн кардан имконнопазир аст.

**Дуюм,** одам ҳатто кор накунад ҳам, истеъмол накарда наметавонад ва ӯ, ба ҳар ҳол, бояд худ ва оилаашро хӯронад. Бинобар ин ҷомеа маҷбур аст, ки воситаҳои наҷоти бекорон аз марг ба сабаби гуруснагӣ ё

мубаддал нагардидани онҳоро ба яғмогарон ҷӯяд. Вале воситаҳои ба ин нигарондашуда ҳаргиз подош барои истеҳсоли неъматҳои нав намегарданд ва пас, ба болоравии минбаъдаи некуаҳволии ҳамаи шаҳрвандони мамлакат намеоваранд.

**Сеюм,** афзуншавии бекорӣ талаботро ба молҳо дар бозори дохилӣ кам мегардонад. Одамоне, ки музди меҳнат намегиранд, маҷбур мешаванд ҳамагӣ бо ҳадди ақали воситаҳои рӯзгузаронӣ қаноатманд шаванд. Дар натиҷа фурӯши молҳо дар бозори дохилии мамлакат душвор мегардад («бозор маҳдуд мешавад»). Барои ҳамин зиёдшавии бекорӣ масъалаҳои иқтисодии мамлакатро шиддатнок мегардонад ва таконе барои камшавии минбаъдаи шуғл мебошад.

**Чорум,** бекорӣ вазъи сиёсиро дар мамлакат шиддатнок мегардонад. Сабаби он зиёдшавии қаҳру ғазаби одамони аз имконияти саробонии шоистаи оилаи худ маҳрумгашта ва рӯзҳоро бо азоби ҷустуҷӯи кор паси саркунанда мебошад.

**Панҷум,** афзоиши бекорӣ метавонад ба болоравии миқдори ҷиноятҳо, ки одамон бо мақсади ба даст овардани неъматҳои зарурӣ содир мекунанд, оварда расонад.

Бекорӣ зуҳуроти миқёси ҷаҳонист. Мувофиқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид дар ҷаҳон тақрибан 800 миллион нафар одамон бекоранд.

Шаклҳои гуногуни бекорӣ ҷой дошта, ҳар кадоме аз онҳо сабабҳои пайдоиши худро доранд. Имрӯз иқтисоддонон намудҳои хоси бекориро ҷудо мекунанд, ки чунинанд: ***фриксионӣ; таркибӣ; даврӣ; мавсимӣ.***

**Бекории фриксионӣ** чунин намуди бекориест, ки ҳатто дар мамлакатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ пешрафта низ мавҷуд мебошад. Сабаби ин аз он иборат аст, ки ба корманди аз коргоҳи худ ҷавобшуда ё онро бо хоҳиши худ тарккарда барои пайдо кардани ҷои нави кор вақти муайяне лозим аст. Барои ин гуна ашхос коре лозим аст, ки ӯро бояд аз ҷиҳати ҳам фаъолият, ҳам сатҳи музди меҳнат қонеъ гардонад. Агар ин гуна ҷойҳои корӣ дар бозори меҳнат бошанд ҳам, одатан зуд пайдо кардани онҳо душвор аст.

Ғайр аз ин, дар бозори меҳнат ҳамеша бекороне ҳастанд, ки бори аввал кор меҷӯянд (ҷавонон, занҳое, ки кӯдаконашонро ба воя мерасонанд ва дигарон).

Илми иқтисодӣ бекории фриксиониро зуҳуроти муътадил ва бехавф меҳисобад (илова бар он ки вай кӯтоҳмуддат аст). Зиёда аз ин, бекории фриксионӣ дар иқтисодиёти муътадил ташкилгардида ногузир аст, зеро дар он аз ҷониби одамон озодона интихоб кардани ҷои кор мушоҳида мегардад.

Чӣ метавонад боиси болоравии сатҳи бекории фриксионӣ шавад?

Ҷудо кардани як қатор сабабҳои асосӣ зарур аст: *огоҳ набудани одамон аз имконияти пайдо кардани кор мувофиқи ихтисоси худ ва бо сатҳи қонеъкунандаи пардохти меҳнат дар ширкатҳои мушаххас; омилҳои ба таври объективӣ камкунандаи зудҳаракатии қувваи корӣ.* Масалан, одам дар шаҳри худ кор пайдо накард, вале ӯ ба шаҳри дигар, ки он ҷо кори дилхоҳаш ҳаст, бо сабаби надоштани қайд кӯчида наметавонад; *хусусиятҳои одатҳои миллӣ ва тарзи зиндагӣ.* Бекории фриксионӣ дар мамлакатҳое зиёд аст, ки шаҳрвандони он тамоми ҳаёт дар як нуқтаи аҳолинишин зиндагонӣ карданро афзал медонанд, яъне онҳо бо зудҳаракатии суст фарқ мекунанд, ки бо сабабҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ вобастагӣ доранд.

**Бекории таркибӣ** дар натиҷаи пешрафти илмӣ-техникӣ, ки талаботро ба кормандони як касб кам карда, баръакс, ба касби дигар афзун мегардонад, пайдо мешавад. Ба таври дигар гӯем, бекории таркибӣ дар натиҷаи имконнопазирии дарёфти кор бо сабаби мавҷудияти фарқият дар сохтори талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар бозори меҳнат пайдо мешавад.

Чунин бекорӣ барои одамон нисбат ба бекории фриксионӣ вазнинтар аст. Пайдоиши бекории таркибӣ чунин маънӣ дорад, ки барои бисёр одамон аз худ кардани касбҳои нав лозим меояд ва маълум нест, ки оянда онҳо ба андозаи вақти машғулшавӣ бо касбҳои пешинаашон музди меҳнат гирифта метавонанд, ё не.

Канораҷӯӣ аз бекории таркибӣ имконнопазир аст. Ин вобаста ба он аст, ки пешрафти техникӣ пайваста молҳо ва технологияҳои нав ва ҳатто соҳаҳои томро ба вуҷуд меорад (ба онҳо, масалан, истеҳсоли компютерҳои шахсӣ, дискҳои лазерӣ ва оптикаҳои нахӣ мансубанд). Дар натиҷа сохтори талабот ба қувваи корӣ хеле дигаргун мешавад ва одамони соҳиби касбҳои пешина акнун нолозим дар канор монда, сафи бекоронро зиёдтар мекунанд.

Масалан, солҳои 90-уми асри гузашта дар Тоҷикистон ва ҳатто дар Россия ҳаҷми маблағҳои пулии барои тадқиқотҳои илмӣ ҷудошаванда хеле коҳиш ёфт ва як қатор пажӯҳишгоҳҳои тадқиқотӣ баста шуданд. Кормандони онҳо, ки бекор монданд, маҷбур шуданд, барои худ манбаъҳои нави гирифтани музди меҳнат ҷӯянд. Дар натиҷа қисме аз онҳо ба тиҷорат рафта, ширкатҳои худро ба вуҷуд оварданд, ё аз нав таҳсилу бозомӯзӣ карда, тахассуси менеҷерҳо ва мутахассисони соҳаҳои бонкдорӣ ё ширкатҳои тиҷоратиро аз худ карданд.

Бекории таркибӣ, сарфи назар аз тамоми гарониҳои худ, барои мамлакат чандон хавфнок нест. Вале агар умуман, ҷойҳои корӣ назар ба бекорон кам бошад, ин хеле бад аст. Ин чунин маънӣ дорад, ки дар мамлакат шакли сеюми аз ҳама ногувори бекорӣ, яъне бекории даврӣ пайдо шудааст.

**Бекории даврӣ** ба мамлакатҳое хос аст, ки дар ин мамлакатҳо пастравии иқтисодиёт (истеҳсолот) мушоҳида мегардад. Дар ин маврид зуҳуроти бӯҳронӣ на дар бозори алоҳидаи молӣ, балки амалан дар ҳамаи бозорҳои молӣ пайдо мешаванд. Душвориҳоро аксари ширкатҳои мамлакат аз сар мегузаронанд, бинобар ин ба таври оммавӣ аз кор ҷавоб додани кормандон дар як вақт қариб дар ҳама ҷо ба амал меояд. Дар натиҷа миқдори умумии ҷойҳои холии корӣ назар ба шумораи бекорон кам мешавад.

Баъзан ба чунин гурӯҳи бекорон, ҳарчанд ки чандон дуруст нест, **кормандони мавсимиро** низ мансуб медонанд. Онҳо одатан ба он сабаб бекор мемонанд, ки баъзе намудҳои фаъолият танҳо дар давраҳои муайяни сол амалӣ мешаванд. Мисоли равшани ба ин хос кормандони соҳаи кишоварзӣ мебошанд, ки танҳо дар давраи ҷамъоварии ҳосил бо кори худ машғул буда, вақтҳои боқимонда корҳои дигари пешомадаро иҷро мекунанд.

**Бекории мавсимӣ** барои одамони соҳиби касбҳои гуногун шинос аст, масалан, барои ҳамаи онҳое, ки аксаран дар фасли тобистон ба истироҳаткунандагони фароғатгоҳҳо хизмат мерасонанд. Чунин бешуғлӣ, албатта, баъзе масъалаҳоро ба миён меорад, вале ин ҷо ҳеҷ фоҷеае нест: мавсими нав фаро мерасад ва ҳамзамон боз кор пайдо мешавад. Зиёда аз ин, чунин бекорон на аз ҳар ҷиҳат ба гурӯҳи бекорон мансуб буда метавонанд, зеро бисёрии онҳо аксаран аз пайи ҷустуҷӯи фаъолонаи ҷои доимии кор намешаванд: ба қисме чунин тарзи зиндагӣ маъқул аст, қисми дигар тахассуси зарурӣ надоранд ва хоҳишманди ба онҳо соҳибшавӣ ҳам нестанд ва ғайра.

Барои иқтисодиёти Тоҷикистон ҳоло бекории таркибӣ, ки бо бекориҳои даврӣ, мавсимӣ ва фриксионӣ пурра мегардад, хос аст. Ин бо сиёсати давлатии солҳои 90-уми асри XX гузаронидашуда (хусусигардонӣ, бозсозии таркибӣ ва ғайра), инчунин бо шароитҳои амал кардани иқтисодиёт вобаста аст.

## 9.3. Шуғли нопурра ва зуҳуроти мавҷудияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар аксарияти мамлакатҳо зуҳуроти хосе, як навъ бо номи **шуғли нопурра** вуҷуд дорад.

**ШУҒЛИ НОПУРРА вазъиятест, ки дар он корманд расман гӯё кор мекунад, аммо музди меҳнат намегирад, зеро дар рухсатии маҷбурӣ аст, ё бо сабаби рӯзи пурраи корӣ меҳнат накардан танҳо як қисми музди меҳнатро мегирад.**

Зуҳуроти дар мамлакат нисбатан паҳншудаи шуғли нопурра чунин аст: *ба кормандон додани рухсатиҳои пардохтнашаванда; ҷорӣ кардани рӯз ё ҳафтаи нопурраи корӣ.*

Одамони дар чунин вазъият қарордошта расман дар қайди хадамоти шуғли аҳолӣ нестанд ва чун бекорон кумакпулӣ намегиранд. Агар меъёрҳои дар илми иқтисодӣ қабулшударо ба назар гирем, онҳоро бекор номидан нашояд. Аммо аз рӯи сатҳи фаъолияти меҳнатӣ ва музди меҳнат онҳо аксаран назар ба бекорон дар вазъияти бадтар қарор доранд.

Решаҳои шуғли нопурраи ҳозира то ба замони низоми фармонфармоии даврони шӯравӣ меравад. Дар замони панҷсолаҳои якум рушди экстенсивии иқтисодиёт ва таҳкимбахшии қонунии ҳуқуқ ба меҳнат дар Конститутсияи ИҶШС (соли 1936) ба барҳам додани бекорӣ дар мамлакат оварда расонд, аммо дар корхонаҳо теъдоди аз ҳад зиёди кормандон нигоҳ дошта мешуданд.

Барои баррасии моҳияти равандҳои дар ИҶШС дар соҳаи шуғли аҳолӣ баамаломада (онро бозори меҳнат номидан нашояд) тавзеҳ додан лозим аст, ки ин ҷо вазъияти **монопсонӣ** ҷой дошт. Монопсон бошад, давлат буд, ки ба вай ба таври воқеӣ тамоми ҷойҳои кории таъйинкунандаи музди меҳнат тааллуқ доштанд.

**МОНОПСОНИЯ вазъияти дар бозор баамалоянда аст дар мавриди мавҷуд будани танҳо як харидори мол (монопсонист), ки бо сабаби чунин вазъият ба сари ҳамаи фурӯшандагон шартҳои харидории ин молҳо ва пеш аз ҳама, нархи онҳоро бор мекунад.**

## 9.4. Роҳҳои паст кардани сатҳи бекорӣ

Гуногунрангии шаклҳои бекорӣ вазифаи кам кардани онро ниҳоят душвор мегардонад. Азбаски «дору (даво)-и ягона аз бекорӣ» вуҷуд надорад ва вуҷуд дошта ҳам наметавонад, ба ҳар як мамлакат ҷиҳати ҳалли ин масъала истифода кардани усулҳои гуногун лозим меояд.

Сатҳи бекории фриксиониро аз ин ҳисоб кам кардан мумкин аст: *беҳсозии таъминоти иттилоотии бозори меҳнат. Дар ҳамаи мамлакатҳо ин вазифаро ташкилотҳои бо кор таъминкунӣ (биржаҳои меҳнат) ба ҷо меоранд. Онҳо аз корфармоён дар бораи ҷойҳои холии кории мавҷуда иттилоот ҷамъоварӣ намуда, ба маълумоти бекорон мерасонанд; барҳам додани омилҳои камсозандаи зудҳаракатии қувваи корӣ. Барои ин, пеш аз ҳама, зарур аст: а) бунёди бозори рушдкардаи манзил; б) вусъат додани миқёси сохтмони манзил; в) бекор кардани монеаҳои маъмурӣ барои рафтан аз як маҳал ба маҳалли дигари зист.*

Ба кам кардани бекории таркибӣ беш аз ҳама, барномаҳои бозомӯзии касбӣ ва азбаркунии ихтисосҳои нав мусоидат мекунанд.

Барои пешгирии пайдоиши бекории таркибӣ ҳамчунин тамоюли донишгоҳҳо ва таълимгоҳҳои дигар ҷиҳати тайёр кардани мутахассисон аз рӯи касбҳое, ки дар замони имрӯза, воқеан, барои иқтисодиёти мамлакат заруранд, аҳамият дорад. Вале ин вазифа дар Тоҷикистон ҳанӯз ҳалли муваффақонаи худро пайдо накардааст. Ва агар ибтидои солҳои 90-ум дар мамлакат норасоии шадиди иқтисоддонон, мутахассисони соҳаи молия ва ҳуқуқшиносон ҷой дошта бошад, ҳоло одамони соҳиби ин касбҳо аксаран дар бозори меҳнат зиёдатианд. Ширкатҳои тоҷикистонӣ имрӯз ниёзманди муҳандисон ва коргарони баландихтисосе мебошанд, ки таҷҳизоти мураккаби замони ҳозираро кор фармуда, идора карда тавонанд.

Бо бекории даврӣ мубориза бурдан аз ҳама душвортар аст. Барои ҳалли ин вазифа чораҳои гуногунро истифода кардан лозим меояд.

Бо баъзеи онҳо шинос мешавем:

**Фароҳам овардани шароитҳо барои афзуншавии талабот ба меҳнат.** Мо аллакай муайян кардем, ки талабот дар бозори меҳнат ҳосилавӣ буда, ба вазъи ҷойдошта дар бозорҳои меҳнат ва хизматрасониҳо вобаста мебошад. Дар натиҷа афзоиши шуғл ва камшавии бекорӣ дар ҳоле ба амал меояд, ки агар бозорҳои меҳнат талаботи зиёд пешниҳод кунанд ва барои қонеъсозии онҳо ба таври илова киро кардани кормандон лозим шавад.

Даъватҳои бисёр сиёсатмадорон ҷиҳати ба иқтисодиёт ворид кардани маблағҳои иловагӣ барои амалисозии нақшаи баланд бардоштани даромади шаҳрвандон – болоравии талабот ба молҳо – болоравии истеҳсоли молҳои талаботдошта ва афзоиши шуғл дар корхонаҳое, ки ин молҳоро истеҳсол мекунанд, аз ҳамин ҷост.

Иллати ҷиддии ин нақшаи мубориза бо бекорӣ ҷаҳишҳои имконпазири суръати беқурбшавии пул мебошад. Зеро барои вусъати истеҳсоли молҳо вакт лозим аст, аммо пулҳои иловагӣ дарҳол ба бозор ворид мешаванд. Дар натиҷа талабот афзун мегардад ва дар мавриди мавҷудияти бузургии пешинаи пешниҳод нархҳо якбора боло мераванд. Дар ин мавриди усулҳои нисбатан оқилонаи афзунгардонии талабот инҳоянд: *ҳавасмандгардонии болоравии содирот.* Ин метавонад ба болоравии ҳаҷми истеҳсолот дар корхонаҳои ватанӣ ва мутобиқан афзоиши шуғл дар онҳо оварда расонад; *дастгирӣ ва мусоидат ба маблағгузорӣ (инвеститсия)-ҳо дар таҷдиди корхонаҳо бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот.* Он гоҳ ба корхонаҳои ватанӣ муяссар мегардад, ки ҳиссаи худро дар бозор афзун гардонда, миқёси истеҳсолот ва шуғлро вусъат бахшанд; *мусоидат ба ҷалб (ҳавасмандсозӣ)-и сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон.* Натиҷаи чунин сармоягузориҳо бунёди корхонаҳои нав ва ё таҷдиди корхонаҳои амалкунанда мегардад. Инчунин

ҳолати зикршуда ба болоравии сатҳи истеҳсолот ва афзуншавии шуғл мусоидат менамояд.

**Фароҳам овардани шароитҳо барои кам кардани пешниҳодоти меҳнат.** Мусаллам аст, ки агар ба ҷойҳои корӣ шумораи ҳар чӣ камтари одамон талабгор бошанд, ҳатто дар мавриди мавҷудияти ҷойҳои зиёди холӣ пайдо кардани кор ҳамон қадар осонтар аст. Кам кардани шумораи довталабон ба ин ҷойҳо ва зиёда аз он, озод кардани ҷойҳои холии иловагӣ барои бекорон амали воқеӣ мегардад.

Ғайр аз ин, дар ин бобат масалан, пешниҳоди имконоти бармаҳал ба нафақа баровардани кормандони ҳанӯз ба синни нафақа нарасида андаке сабукӣ оварда метавонад. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки аз ин усул танҳо дар миқёси хеле маҳдуд истифода кардан лозим аст, чунки он ба хеле зиёд кардани маблағҳои пардохти нафақавӣ оварда мерасонад.

**Фароҳам овардани шароитҳо барои худшуғлварзӣ**. Маънии чунин навъи барномаҳо аз он иборат аст, ки ба одамон баҳри ба роҳ мондани корҳо (шуғлҳо)-и худашон бояд ёрӣ расонд, то онҳо ҳатто агар ба тарзи кироя кор пайдо накунанд ҳам, бо касбу кори дар он маҳорату малакадоштаашон машғул шуда, худ ва аҳли оилаашонро хӯронанд ва пӯшонанд.

Мундариҷаи ин барномаҳо метавонад гуногун бошанд. Масалан, дар як қатор мамлакатҳо барои соҳибкорони навкор (нав ба фаъолият шурӯъкунанда) «бизнес-инкубаторҳо»-и махсус таъсис додаанд. Чунин инкубатор одатан маҷмааи утоқҳоеро мемонад, ки дар он ширкатҳои нав вақти муайяне метавонанд амалан ройгон аз ин утоқҳо, хизматрасониҳои алоқавӣ ва маслиҳатҳои мутахассисон оид ба ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти тиҷоратӣ истифода кунанд. Ширкат ба по рост шуда, ба фоидагирӣ шурӯъ карда, инкубаторро тарк менамояд, яъне ҷойро барои навкори дигаре холӣ мекунад.

Дар Тоҷикистон дастгирии худшуғлварзиро давлат бар дӯши худ гирифтааст. Бо ин мақсад барномаҳои махсуси дастгирии соҳибкории хурд ва миёна қабул шуда, мақомотҳои давлатие таъсис ёфтаанд, ки бо пиёдасозии ин барномаҳо машғуланд. Ҳадафи онҳо кумак кардан ба соҳибкорони нави ватание мебошад, ки фаъолияти худро дар ин ҷабҳа муваффақона шурӯъ карда, чун ҳадди ақал аввал аҳли оилаи худро бо воситаҳои рӯзгузаронӣ таъмин намоянд ва минбаъд, ҳамчун намуна, ҷойҳои нави корӣ таъсис дода, онҳоеро, ки феълан бекоранд, малакаву маҳорати бо бизнес машғул шудан надоранд ва танҳо ба тарзи кироя кор карда метавонанд, ба кор қабул намоянд.

**Татбиқи барномаҳои дастгирии кормандони ҷавон.** Бекорӣ аз ҳама бештар ба одамони пиронсол (онҳоро ба сабаби коҳиши коршоямӣ ва бадшавии вазъи саломатӣ касе ба кор қабул кардан намехоҳад) ва

ҷавонон (онҳоро бошад, ба сабаби тахассуси сатҳи паст ва ҳанӯз надоштани таҷриба ба кор намегиранд) зарбаи гарон мерасонад.

Барои кам кардани сатҳи бекории ҷавонон аз усулҳои гуногуни зерин метавон истифода кард: *ҳавасмандсозии иқтисодии шуғлдории ҷавонон (масалан, пешниҳоди имтиёзҳои муайян ҷиҳати андозбандӣ ба ширкатҳое, ки дар воҳиди кории онҳо кормандони ҷавон ҳиссаи муайяни муқаррargardidaro ташкил медиҳанд); таъсиси ширкатҳои махсусе, ки маҳз ба ҷавонон кор пешниҳод мекунанд; таъсиси марказҳои таълимии ҷавонон, яъне марказҳои омӯзиши касбу ҳунарҳое, ки бо азхудкунии онҳо имконияти ҷавонон ҷиҳати пайдо кардани шуғл хеле зиёд бошад.*

Рӯйхати барномаҳои кам кардани бекориро боз хеле давом додан мумкин аст, зеро дар мамлакатҳои гуногун онҳоро хеле зиёд фикр карда баромадаанд. Аммо фаҳмидан муҳим аст, ки ҳамаи ин барномаҳо бекории давриро наметавонанд барҳам зананд ё хеле кам гардонанд. Ба чунин натиҷа танҳо дар мавриди беҳбудии умумии вазъияти иқтисодӣ дар мамлакат, вақте дар он афзоиши талабот ба молҳо ба миён меояд ва барои истеҳсоли онҳо ба таври кироя ба кор қабул намудани одамоне, ки то имрӯз кумакпулӣ барои бекорӣ мегирифтанд, фоидаовар мешавад, муваффақ шудан мумкин аст. Барои Тоҷикистон маҳз чунин сурат гирифтани рӯйдодҳо лозим аст, то миқдори бекорон дар ҳамаи минтақаҳо ба дараҷаи мувофиқ танҳо то ба сатҳи бекориҳои фриксионӣ ва таркибӣ поён фарояд.

Илми иқтисодӣ масъалаҳои бекориро омӯхта, ба чунин хулоса омадааст: бекориҳои фриксионӣ ва таркибӣ зуҳуроти муътадил буда, барои рушди мамлакат хавфнок нестанд. Зиёда аз он, бе ин навъҳои бекорӣ рушди иқтисодӣ умуман имконнопазир аст. Охир, агар ҳамаи кормандон шуғл дошта бошанд, чӣ тавр ширкатҳои нав таъсис додан ё вусъат бахшидани истеҳсоли молҳое мумкин аст, ки дар бозор талабот ба онҳо хеле зиёд мебошад?

Ғайр аз ин, мавҷудияти бекорӣ одамонро ҳушдор медиҳад, ки аз гум кардани ҷои кори худ ҳаросанд ва баҳри боз ҳам пурмаҳсултару хушсифаттар кор кардан кӯшиш намоянд. Аз ин нуқтаи назар метавон бекориро водорсозӣ ба кори беҳтар номид. Дар Рими қадим истилоҳи «стимулус», ки он ҷо пайдо шудааст, маънии халачӯбро дошт, яъне бо нӯги тези он харҳои боркашро аз қафо ва паҳлу хала мекарданд, то ки тезтар роҳ гарданд. Ана барои ҳамин дар аксари мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон зери мафҳуми шуғли пурра набудани бекории давриро бо мавҷудияти бекориҳои фриксионӣ ва таркибӣ мефаҳманд. Ба таври дигар гӯем, вазъияте, ки дар он бекорӣ дар мамлакат ба **меъёри табиии худ** мувофиқ аст.

Мутобиқан сатҳи шуғли пурра бо баробарии зерин муайян мешавад:

**Шуғли пурра = Қувваи корӣ × (1 – Меъёри табиии бекорӣ)**

Дар Тоҷикистон ҷиҳати кам кардани бекорӣ сиёсати давлатии мусоидат кардан ба болоравии шуғли аҳолӣ нақши муҳим бозида, дар назар дорад: *таъмини имкониятҳои баробар ҷиҳати амалишавии ҳуқуқҳо барои меҳнати ихтиёрӣ ва интихоби озодонаи шуғл ба ҳамаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфи назар аз миллат, ҷинс, синну сол, вазъи иҷтимоӣ, эътиқоди сиёсӣ ва муносибат ба дин; дастгирии ташаббусҳои меҳнатӣ ва соҳибкории шаҳрвандон дар доираи қонун, мусоидат кардан ба рушди қобилиятҳои онҳо барои меҳнати истеҳсолӣ ва эҷодӣ; гузаронидани чорабиниҳои махсуси мусоидаткунанда ба таъмини шуғлдории шаҳрвандоне, ки махсусан ниёзманди ҳифзи иҷтимоианд ва дар ҷустуҷӯи кор дучори душворию монеаҳо мешаванд (масалан, маъюбон, одамони аз муассисаҳои ислоҳӣ (ҳабс) озодшуда, ҷавонони то синни 18-сола, ки бори аввал кор меҷӯянд, ё одамони синнашон ба нафақа наздикрасида); ҳавасмандсозии корфармоёни нигоҳдорандаи ҷойҳои кории амалкунанда ва таъсисдиҳандаи ҷойҳои нави корӣ, пеш аз ҳама, барои шаҳрвандоне, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёзмандии махсус доранд ва дар ҷустуҷӯи кор дучори душвориҳо мешаванд.*

## 9.5 Шуғли пурра ва ҳудудҳои он. Мафҳуми дараҷаи бекории табиӣ. Имкониятҳо ва мушкилиҳои паст кардани сатҳи бекорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ШУҒЛИ ПУРРА чунин ҳолатеро дар бозори қувваи корӣ меноманд, ки дар он бекории даврӣ вуҷуд надорад.**

Аз ҳамин ҷиҳат мафҳуми шуғли пурра 100% ҷои кор доштани аҳолии қобили меҳнат, ё ин ки умуман, вуҷуд надоштани бекориро ифода намекунад.

Дар бозори меҳнат шуғли аҳолӣ аз рӯи нишондиҳандаи сатҳи бекорӣ ($KU$) баҳо дода мешавад, ки он муносибати шумораи бекоронро ($U$) ба шумораи қувваи корӣ ($L$) (бо фоиз) ифода мекунад.

$$KU = \frac{U}{L} \times 100\%$$

Сатҳи бекорӣ ҳангоми мавҷуд будани шуғли пурра «сатҳи табиии бекорӣ» ва ҳангоми мавҷуд будани бекории даврӣ «сатҳи ҳақиқии бекорӣ» номида мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими давлатии бозори меҳнат ва кам кардани шумораи бекорон яке аз вазифаҳои асосии давлат ба шумор меравад. Танзими давлатии бозори меҳнат асосан дар се самт амалӣ мегардад: 1) Бо кор таъмин намудани аҳолии шуғлнадошта ва расонидани кумак барои тайёрии касбӣ бо воситаи биржаи меҳнат; 2) Ҳавасмандгардонии ташкили бозори чандири меҳнат, ки моҳияти он дар

ҳисоби пурраи хусусиятҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ (занҳо, нафақахӯрон, ҷавонон) зоҳир мегардад; 3) Таъминоти ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ; 4) Ҳифзи иҷтимоии нафарони аз бекорӣ зарардида.

Хулоса, дар низоми иқтисоди бозорӣ ба андозаи баробар ҳам шуғли пурра ва ҳам аз ҳад баланд будани сатҳи бекорӣ номумкин аст.

?!

1. Бисёр олимон мегӯянд, ки дар даҳсолаҳои наздиктарин моро инқилоби нави саноатӣ дар пеш аст – дар корхонаҳо роботҳои саноатии на чандон қимат ҷорӣ карда мешаванд. Ин ба бозорҳои меҳнат ва бекорӣ чӣ тавр таъсир мерасонад?
2. Сабабҳои шиддатнокии масъалаи бекорӣ кадомҳоанд?
3. Кадам шакли бекорӣ бештар ба иқтисодиёт таъсири манфӣ мерасонад?
4. Мафҳумҳои шуғли пурра ва шуғли нопурраро шарҳ диҳед.
5. Агар бекорӣ дар натиҷаи ҳаракати қувваи корӣ ба амал омада бошад, пас кадом шакли бекорӣ вуҷуд дорад?
6. Ба оқибатҳои иқтисодии бекорӣ кадом ҳолатҳо дохил мешаванд?

## МАВЗӮИ 10. ФИРМА ВА МАВҚЕИ ОН ДАР НИЗОМИ ИҚТИСОДӢ

### 10.1. Сабабҳои пайдоиши фирма (корхона)

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ҳаёти ҳар як инсон доимо бо ҳамкорӣ ва вобастагии фирмаҳои гуногун алоқаманд аст. Фирмаҳо одамонро ба кор қабул менамоянд ва аз фаъолияти онҳо молу хизматрасониҳо ба миён меояд. Ҳамзамон, натиҷаи фаъолияти фирма бевосита ба муҳити табиат таъсири худро мерасонад, ки дар он одамон ҳаёт ба сар мебаранд.

Аллакай ба мо аниқ гардид, ки фирма чун ташкилот неъматҳоро барои фурӯш истеҳсол мекунад. Фирма ташкилотест, ки дорои хусусиятҳои зерин аст: *барои истеҳсоли молу хизматрасониҳо ташкил карда мешавад; омилҳои истеҳсолотро харидорӣ ва ё ба иҷора гирифта, барои истеҳсоли неъматҳо равона месозад; молу хизматҳояшро барои шахсони алоҳида ва ё дигар фирмаю ташкилотҳо мефурӯшад; соҳибони он аз фурӯши молу хизматҳояшон даромадро дар шакли фоида оварда метавонанд.*

Агар ягон ташкилоти хоҷагидорӣ дорои чунин хусусиятҳо бошад, пас, он ҳамчун фирма ҳисобида мешавад.

**ФИРМА ташкилоти тиҷоратиест, ки омилҳои истеҳсолотро харидорӣ (ва ё ба иҷора гирифта) намуда, мол ва хизматрасониро фурӯхта, дар асоси он фоида ба даст меорад.**

Аз нигоҳи харидорон, соҳибкорон ва иқтисоддонон зарурати ташкили фирмаро чунин шарҳ додан мумкин аст:

*Аз нигоҳи харидорон*, фирмаҳо барои таъмини бозор бо неъматҳои ба талабот ҷавобгӯи харидорон лозиманд. Ҳамзамон, фаъолияти фирмае,

ки молҳои истеҳсолкардаи ӯ ба талаботи истеъмолкунандагон ҷавобгӯ нест, бесамар ҳисобида мешавад.

*Аз нигоҳи соҳибкор,* фирмаҳо бо мақсади ба даст овардани даромад, яъне фоида ва таъмин намудани фаъолияти бомуваффақияти соҳибкорӣ ташкил карда мешаванд. Дар ин маврид соҳибкор аз соҳибмулк бо он фарқ карда мешавад, ки молик ҳама вақт ҳароси аз даст додани моликиятро фикр мекунад, соҳибкор бошад, моликиятро аз даст намедиҳад ва бар замми он даромадеро ба даст меорад.

Агар соҳиби фирма ва ё менеҷери кирояи ӯ аз уҳдаи чунин вазифа бароянд, пас, фирма на танҳо соҳиби даромад мегардад, балки метавонад хароҷоти худро руйпӯш намуда, соҳиби фоида гардад. Бояд гуфт, ки маҳз фирма сарчашмаи инкишофи корхонаҳо ва давлат мебошад.

*Фирма аз нигоҳи иқтисоддонон*, барои он ташкил мегардад, ки он омезиш ва истифодаи омилҳои истеҳсолотро нисбат ба шахси алоҳида самаранок ба роҳ монда, натиҷаи истеҳсолотро хубтар таъмин мекунад. Сабаб дар он аст, ки танҳо дар доираи фирма ҳамаи омилҳои истеҳсолот барои афзоиши ҳосилнокии истеҳсолот равона мегарданд, махсусан: *баландшавии сатҳи техникии истеҳсолот; мукаммалгардонии идоракунӣ ва ташкили раванди истеҳсоли молу хизматрасониҳо; тағйири ҳаҷм ва таркиби истеҳсоли ҳамон молу хизматрасониҳое, ки фоидаи зиёдро таъмин мекунад; омӯзонидани кормандон барои таъмини раванди истеҳсоли муосир.*

Инчунин истеҳсоли баъзе аз намуди молҳо (самолётҳо, мошинҳо) танҳо метавонад аз тарафи фирмаҳои калон ба роҳ монда шавад, чунки шахсони алоҳида истеҳсоли онҳоро ба роҳ монда наметавонанд. Вобаста ба ин фирмаҳо ташкил карда мешаванд барои *истифодаи самараноки омилҳои истеҳсолот, истеҳсоли неъматҳои ба ҷамъият зарур; таъмини фоида барои соҳибони худ.*

Қонунгузорӣ низ ташкил кардани фирмаҳои гуногунро иҷозат медиҳад.

Аз ҳама куҳантарин, содатарин ва машҳуртарин фирмаи инфиродӣ (хусусӣ) аст. Ташкилкунандаи чунин намуди фирма шахси алоҳидаест, ки озодона фаъолиятро ба роҳ монда, фоидаи софро пурра аз они худ мекунад.

**ФОИДАИ СОФ қисми фоидаест, ки баъди пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои зарурӣ дар ихтиёри фирма боқӣ мемонад.**

Одатан фирмаҳои хусусӣ ҳаҷман хурд ҳисобида шуда, имконияти ҷамъоварии маблағҳои калонро барои васеъкунии фаъолият надоранд.

Ҳалли масъалаи норасоии маблағ барои ташкили корхонаҳои тиҷоратии калон намуди нави ташкили хоҷагидорӣ – рафиқонаи пурра ва рафиқона дар асоси боввариро тақозо менамояд, ки иштирокчиёни он *фаъолияти соҳибкориро аз номи ташкилоти рафиқона ба роҳ мемонанд;*

*масъулиятро оид ба амволи корхона якҷоя ба уҳда доранд; фоида ва зарарро баробар аз рӯи сармояашон байни якдигар тақсим мекунанд.*

Дар соҳибкории рафиқона дар асоси боварӣ иштирокчиёни он хавферо оид ба зарари фаъолият доранд ва дар раванди фаъолияти соҳибкорӣ ва ё идораи он иштирок намекунанд.

Инкишофи истеҳсолот талаб намуд, ки фирмаҳои калон бо мақсади ҷамъоварии маблағҳои калон ташкил карда шаванд. Дар натиҷа фаъолияти тиҷоратӣ дар шакли ҷамъияти саҳҳомӣ (кушода ва пӯшида) ташкил карда мешавад. Ин шакли ташкили хоҷагидорӣ дар натиҷаи ҷамъоварии сармоя (дар натиҷаи фурӯши саҳмияҳо) ба роҳ монда шуда, иштирокчиёни он хавфи аз даст додани сармояи худро доранд. Ба вуҷуд омадани ҷамъиятҳои саҳҳомӣ нақши бузургро дар рушди ҳаёти иқтисодии ҷомеа доранд. Дар натиҷаи ба миён омадани ҷамъияти саҳҳомӣ дар асрҳои XIX—XX соҳаҳои калони иқтисодиёт (мошинсозӣ, саноати сабуку вазнин, роҳи оҳан, стансияҳои обӣ-барқӣ ва ғ.) ба роҳ монда шудаанд.

Ҳамзамон ҳар як шакли фирма дорои бартариҳо ва камбудиҳо мебошад, ки онҳоро чунин нишон додан мумкин аст:

| Шаклҳои фирмаҳо | Бартариҳо | Камбудиҳо |
|---|---|---|
| Фирмаи хусусӣ (инфиродӣ) | 1. Ташкил кардани фирма душвор нест.<br>2. Назорати он душвор нест.<br>3. Озодона фаъолият менамояд.<br>4. Аз тарафи давлат кам таъсир расонида мешавад. | 1. Ба даст овардани маблағҳо барои васеъкунии фаъолият душвор аст.<br>2. Фаъолияти устувор надорад.<br>3. Фирмаро бевосита соҳибаш идора мекунад. |
| Фирмаи рафиқона | 1. Ташкил намудани фирма душвор нест.<br>2. Идоракунии фирмаро тақсим кардан мумкин аст.<br>3. Ҷамъоварии маблағ нисбатан осонтар аст.<br>4. Аз тарафи давлат таъсири сахт расонида намешавад. | 1. Эҳтимолияти муноқиша байни иштирокчиён ҷой дорад.<br>2. Аз ҳаёт гузаштан ва ё фаъолиятро қатъ намудани яке аз иштирокчиён ворид кардани тағйиротро дар ҳуҷҷатгузории фирма талаб мекунад.<br>3. Рафиқонаи пурра барои амвол уҳдадории бевосита дорад.<br>4. Барои лоиҳаҳои калон ҷамъоварии маблағ нисбатан душвортар аст. |
| Ҷамъияти саҳҳомӣ | 1. Сармояи зиёдро тавассути фурӯши саҳмия ба даст овардан мумкин аст.<br>2. Уҳдадории саҳҳомон нисбатан кам аст.<br>3. Аз ивазшавии аъзоён устувории фирма тағйир намеёбад.<br>4. Имконияти кироя кардани менеҷерҳои касбиро дорад. | 1. Дар ҳолати қисми зиёди саҳмияҳоро харидани шахси дигар идораи фирмаро аз даст додан мумкин аст.<br>2. Кор бо саҳҳомон меҳнати зиёдро талаб мекунад (тартиби феҳристи саҳҳомон, ташкили пардохти дивидендҳо ва ғ.).<br>3. Соҳибони фирма пардохти андозбандии дукаратаро доранд (андоз аз фоидаи фирма ва даромади шахсӣ баъди пардохти андоз аз фоида). |

Дар кадом шакле фирмаҳо ташкил шуда бошанд, фаъолияти онҳо ҳама вақт хавфи тиҷоратиро дорад. Аз рушди устувори фирмаҳо дар кишвар бисёр чизҳо вобастагӣ дорад: таъмини бозор, сатҳи нархи молҳо, шуғли аҳолӣ, сатҳи некуаҳволӣ ва дигарҳо.

## 10.2. Захираҳои дохиливу берунӣ ва хароҷоти фирма

Фоида чӣ тавр ба даст меояд ва чаро баъзе фирмаҳо бой мешаванду баъзеи онҳо муфлис?

Фаъолияти фирма барои соҳиби он танҳо дар сурати даромад гирифтан дар шакли фоида маънӣ дорад. Фоида бошад, зиёд будани пули аз фурӯши мол ба дастомада аз маҷмӯи хароҷоти барои тайёр кардан (сохтан) ва ташкили фурӯши он сарфшуда ба миён меояд.

Аммо ин таъриф ҳанӯз ба таври кофӣ мушаххас нест, зеро бузургии чунин **хароҷоти умуми**ро ба тарзи гуногун ҳисоб кардан мумкин аст.

Ин вобаста ба он аст, ки ҳама гуна фирма ҳангоми амалисозии фаъолияти худ аз ду намуди захираҳо истифода мекунад: *берунӣ; дохилӣ.*

**ХАРОҶОТИ УМУМӢ хароҷот барои харидани тамоми ҳаҷми захираҳоест, ки фирма барои ташкили истеҳсоли маҳсулот дар ҳаҷми муайян масраф мекунад.**

**ЗАХИРАҲОИ БЕРУНӢ ҳамаи он воситаҳое мебошанд, ки фирма аз дигар ташкилотҳои тиҷоратӣ ё шаҳрвандон харидорӣ менамояд.** Ба ин гурӯҳ маводҳо, деталҳо, қувваи барқ, қувваи корӣ ва ғайра дохил мешавад. Онҳо барои истеҳсоли ҳаҷми муайяни маҳсулот сарф мешаванд, барои такрор истеҳсол кардани ҳамин навъи маҳсулот фирма ин заҳираҳоро боз аз нав харидорӣ мекунад. Масалан, музди меҳнат барои моҳ ҳисоб карда мешавад ва бо он ҳамон ҳаҷми маҳсулот ё хизматрасонӣ пардохт мегардад, ки корманди кироя дар ин муддат тайёр кардааст. Моҳи нав фаро мерасад ва барои хизматрасониҳои меҳнатӣ боз пардохтани музди меҳнат лозим аст.

**ЗАХИРАҲОИ ДОХИЛӢ ҳамаи он чиро ки ба худи фирма таллуқ дорад ва аз ҷониби он барои ташкили фаъолияташ истифода мегардад, мегӯянд.** Муҳимтарини ин захираҳо биноҳо, таҷҳизот, замин, воситаҳои пулии соҳиби фирма мебошанд, ки барои таъсиси он истифода шудаанд.

Ҳамаи ин захираҳо маҳдуд мебошанд ва арзиши худро доранд. Ин арзиш ба нархи интихобе баробар мебошад, ки барои сафарбарнамоии чунин захираҳо ба фаъолияти фирмаи мазкур карда шудааст.

Барои мисол чунин захираҳои дохилиро ба монанди воситаҳои пулии худӣ ва хизматрасониҳои соҳибкории соҳиби фирма дида мебароем.

Дар назари аввал онҳо ройгон, яъне бепуланд: зеро онҳоро аз ягон каси дигар харидан лозим нест. Аммо пасандозҳои пулӣ ва қувваҳои ба фаъолияти фирма гузоштаи шудаŕо соҳиби он метавонист ба мақсадҳои дигар равона карда, бо ин пул ёбад. Масалан, вай метавонист пулашро дар бонк амонат гузошта, дар фирмаи дигаре бо кори кироя машғул шаваду қобилияти худро бар ивази музди меҳнат фурӯшад.

Вале ӯ ин захираҳояшро ба фирмаи худ гузошт. Табиист, чунин иқдом аз нигоҳи иқтисодӣ танҳо вақте оқилона мешавад, ки агар фаъолияти фирма ба соҳибаш даромади ақаллан на камтар аз он маблағе орад, ки ӯ метавонист истеъдоди соҳибкорӣ ва пасандозашро ба таври дигар истифода карда гирад.

Чунин даромадро одатан фоидаи муътадил меноманд ва он ҳамон ҳадди ақаллеро ташкил медиҳад, ки соҳибкор бояд гирад, то ки *воситаҳо ва кӯшишҳои ба ин амал равонакардаашро ҷуброн намояд; манфиатдориашро ба шуғлварзии минбаъда бо корҳои фирма нигоҳ дорад; ҷиҳати рушди фирма минбаъд низ маблағгузориҳое намояд, ки барои нигоҳдории рақобатпазирии он кифоя бошанд.*

Агар соҳибкор фоидаи қаноатмандкунанда нагирад, одатан худи ӯ аз баҳри ин машғулият баромада, корманди кироя мешавад, ё фирма дар ниҳояти кор муфлис гашта, аз бозори рақибон берун мегардад.

Чунин ҳолат барои дигар намудҳои захираҳои дохилӣ (худӣ)-и фирма низ вобастагӣ дорад. Масалан, бинои ба фирма мутааллиқ ва барои фаъолияти он истифодашавандаро ба ягон фирмаи дигар иҷора дода, барои ин иҷорапулӣ гирифтан мумкин буд. Яъне даромадро аз истифодаи бино барои эҳтиёҷоти худ ба андозае гирифтан қобили қабул аст, ки аз иҷорапулии имконпазир кам набошад.

Ҳамаи ин даромадҳои гирифтанашуда аз истифодаи алтернативӣ (нархи интихоб)-и захираҳои берунӣ фоидаи фирмаро айнан чун хароҷоти воқеии вай барои захираҳои берунӣ (харидашуда) кам мегардонанд. Ин чунин маънӣ дорад, ки ҳамаи захираҳои дохилӣ ҳам ба монанди захираҳои берунӣ барои фирма арзиш доранд ва бинобар ин аз бузургии умумии хароҷоти фирма *хароҷоти берунӣ (аён)* ва *хароҷоти дохилӣ (ноаён)* ташкил меёбад

Ба таври дигар, аз нуқтаи назари илми иқтисодӣ, хароҷоти умумии фирма хароҷотеро дар бар мегирад, ки онҳоро барои харидории ҳамаи намудҳои захираҳои дар як ҷо ҷамъоварда фирма ба мақсади ташкили истеҳсолот масраф кардааст (бо фарогирии моликияти худи фирма ва қобилиятҳои соҳибкории соҳиби он). Хароҷоти умумии ба ин тарз фаҳмидашаванда **хароҷоти иқтисодӣ** ном дорад.

Чи муҳосибон ва чи нозироти андоз дар таркиби хароҷоти фирма хароҷоти дохилӣ (ноаён)-и онро ба ҳисоб намегиранд. Барои онҳо танҳо

хароҷоти мавҷуда воқеист. Фоидаи муътадили соҳибмулк, ба андешаи муҳосибон ва нозирони андоз, даромад аст ва даромад бояд андозбандӣ гардад. Ҳамин тавр, на фоидаи муътадили соҳибмулк ва на хароҷоти дигари ноаён аз ҷониби муҳосибон ва кормандони хадамоти андоз ба сифати хароҷот пазируфта намешаванд ва онҳо дар бораи хароҷоти фирма сухан ронда, танҳо ба ном **хароҷоти муҳосибавиро**, ки воқеан шудаанду дар ҳуҷҷатҳои муҳосибавӣ таҷассум гардидаанд, дар назар доранд.

**ХАРОҶОТИ ИҚТИСОДӢ хароҷоти умумии фирма баҳри истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳое мебошад, ки чи хароҷоти бевоситаи пулӣ оид ба ташкили истеҳсолот ва фурӯши молҳо ва чи хароҷоти алтернативӣ, яъне манфиати аз даст додаро аз истифодаи захираҳои фирма ба вариантҳои дигари фаъолият фаро мегиранд.**

Ҳамин тавр, хароҷоти иқтисодӣ раванди воқеии ташаккули хароҷот, муайян кардани роҳҳои эҳтимолии истифодаи захираҳоро ифода менамояд.

**ХАРОҶОТИ МУҲОСИБАВӢ маблағи умумии хароҷоти берунаи (аён) фирмаро баҳри истеҳсоли молҳо ё хизматрасониҳо дар давраи муайян фаро мегирад.**

Вале агар ду маънидодкунии хароҷоти умумии фирма бошад, пас, ногузир ду ақидаи гуногун оид ба бузургии даромад ҳамчун фарқияти байни пули аз фурӯш ба дастомада ва бузургии хароҷот пайдо мешавад.

Ба таври дигар гӯем, агар мо аз пули ба дастомада аз фурӯш хароҷоти иқтисодиро кам кунем, пас, бузургии ҳосилшуда бояд фоидаи иқтисодӣ номида шавад. Агар мо аз пули ба дастомада аз фурӯш танҳо хароҷоти муҳосибавиро кам кунем, натиҷа фоидаи муҳосибавӣ мешавад.

Агар мо инро дар намуди баробарӣ нависем, пас, ҳосил мекунем:

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Фоидаи иқтисодии фирма | = | Пули аз фурӯш ба дастомада | – | Хароҷоти берунӣ | – | Хароҷоти дохилӣ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Фоидаи муҳосибавии фирма | = | Пули аз фурӯш ба дастомада | – | Хароҷоти берунӣ |

Барои беҳтар фаҳмидани он ки чӣ тавр маҳз фирмаҳо хароҷотро идора мекунанд ва дар ин маврид барои онҳо ба назар гирифтани кадом қонуниятҳои иқтисодӣ лозим меояд, мебояд муайян намоем, ки фирмаҳо чӣ хароҷоте дошта метавонанд.

Мо шиносоиямонро бо хароҷоти фирма аз муайян кардани он шурӯъ менамоем, ки хароҷоти берунӣ чӣ тавр ташаккул меёбад ва онҳо аз масрафҳо ва пардохтҳо чӣ фарқият доранд.

Фарз мекунем, ки фирма дастгоҳ ё сад тонна металл мехарад. Барои иҷрои ин амал вай бояд **хароҷот** кунад, яъне барои харидани захираҳо

маблағи муайяни пул сарф кунад – ҳамон маблағи пулиеро, ки вай барои харидани ин захира дар қарордод пешбинӣ кардааст.

Вале имзо кардани қарордод дар бораи харидани захираи барои фирма зарурӣ ҳанӯз чунин маънӣ надорад, ки вай воқеан аллакай хароҷот кардааст. Хароҷот барои фирма танҳо дар лаҳзае, ки он дар ҳақиқат, ба фурӯшанда ҷиҳати аз ӯ харидани ҳамон навъи захира маблағи пулиро медиҳад, воқеӣ мегардад.

Чунин интиқоли воқеии пул (дар шакли нақдӣ ё ғайринақдӣ) **пардохт** номида мешавад. Бояд қайд кард, ки вақти харидани захираҳо ва пардохти маблағи онҳо метавонанд ба ҳам мувофиқат накунанд. Дар амалияи тиҷоратӣ корҳо баъзан аз рӯи принсипи «Имрӯз бихар – фардо пардохт намо!» (харидорро ҳамин тавр тезтар розӣ кунонидан мумкин аст) пеш бурда мешаванд.

Аммо харидории захираҳо ҳам (ва ҳатто далели пардохти воқеии онҳо ҳанӯз чунин маънӣ надорад, ки ин захираҳо воқеан барои эҳтиёҷоти фирма истифода шудаанд. Онҳо, масалан, ба маводҳои **эҳтиётӣ (захиравӣ**) табдил ёфта, метавонанд дар анбор нигоҳ дошта шаванд.

Ва танҳо дар лаҳзае, ки захираҳо, дар ҳақиқат, аз ҷониби фирма барои истеҳсоли молҳо ё хизматрасонӣ истифода (харҷ) мегарданд, ташаккули бузургии хароҷот шурӯъ мегардад. Ба ин тариқ, хароҷот баробар аст ба нархи истеҳсоли як воҳиди маҳсулот, ба ҳаҷми умумии ин захираҳо, ки барои тайёр кардани молҳо ё амалисозии фаъолияти дигари фирма аллакай истифода шудааст.

Фаҳмиши мо дар бораи хароҷот пурра намегардад, агар мо ба тарзи гуногун ташаккул ёфтани хароҷоти фирмаро вобаста ба намуди захираҳои истифодашаванда эътибор надиҳем.

Ба ин мақсад хароҷоти вобаста ба истифодаи маводҳо ва хароҷоти вобаста ба истифодаи биноҳои истеҳсолиро муқоиса мекунем.

Ҳам маводҳо ва ҳам биноҳо захираҳое мебошанд, ки бе онҳо фирма истеҳсолотро ташкил карда наметавонад. Вале агар маводҳо дар раванди тайёр кардани маҳсулот ба маснуоти тайёр табдил ёфта (қисман партов гардида), намуди зоҳирии худро гум кунанд, сехҳои истеҳсолӣ, ҳатто баъди он ки якчанд маротиба миқдори муайяни молҳоро истеҳсол мекунанд, мисли пешина дар ҷои худ барқарор мемонанд.

Ғайр аз ин, ба мо тайёр кардани ҳар қадар воҳиди бештари маҳсулот лозим ояд, ба ин мақсад ҳамон қадар бештар мавод сарф мегардад. Агар барои тайёр кардани як автомобил, фарз кардем, 1,2 тонна металл сарф гардад, пас, барои тайёр кардани 10 автомобил 12 тонна ва 100 автомобил 120 тонна металл лозим мешавад.

Акнун ба сехе, ки дар он автомобил тайёр карда мешаваду он ҷо таҷҳизот гузошта шудааст, эътибор медиҳем. Фарз кардем, онҳо бо

назардошти тайёр кардани 100 автомобил дар як шабонарӯз бунёд гаштаанд. Вале агар дар ин сех ва бо ин таҷҳизот ба сабаби кам шудани талабот на 100, балки фарз кардем, 90 автомобил тайёр карда шавад, аз ин чи андозаи сех ва чи ҳаҷми таҷҳизоти дар он насбкардашуда тағйир намеёбад.

Маҳз чунин фарқиятҳо дар миқёси тағйир ёфтани ҳаҷми истеъмоли захираҳои истеҳсолӣ дар мавриди тағйирёбии ҳаҷми истеҳсолот иқтисоддононро маҷбур кардананд, ки ҳамаи намуди хароҷотро ба ду гурӯҳ тақсим кунанд: *хароҷоти доимӣ; хароҷоти тағйирёбанда.*

Ба **хароҷоти доимӣ** иҷорапулӣ барои бино, хароҷоти вобаста ба хизматрасонӣ ба таҷҳизот, пардохтҳо барои пӯшондани қарзҳои қаблан гирифташуда, ҳамчунин ҳар гуна хароҷоти маъмурӣ ва дигар хароҷоти борхатиро мансуб медонанд.

**Хароҷоти тағйирёбанда** хароҷоти фирмаро мавод, қувваи барқ, маснуоти маҷмаавӣ, музди меҳнат фаро мегирад. Онҳо дар ҳар тағйирёбии ҳаҷми бароришИ молҳо ба ҳамон самт тағйир меёбанд (вақти болоравӣ ҳаҷм зиёд шуда, аммо вақти поён гаштани онҳо кам мегарданд).

?!

1. Фирма чӣ гуна ташкилот мебошад?
2. Хусусиятҳои асосии фаъолияти фирмаро муайян намоед.
3. Истеъдоди соҳибкорӣ чи гуна мушоҳида мешавад?
4. Хароҷотҳои фирмаро шарҳ диҳед.
5. Бартарӣ ва камбудиҳои фирма.
6. Фоидаи фирма ва шаклҳои он.

## МАВЗӮИ 11. СОҲИБКОРӢ: НАҚШ ВА МАҚОМИ ОН ДАР ИҚТИСОДИЁТ

Яке аз мавзӯъҳои муҳими илми иқтисод омӯзиши фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Ба ин назар ҳоло дар ҷомеа раванди азнавбаҳодиҳии падидаҳои иқтисодӣ рафта истодааст. Идораи фаъолияти соҳибкорӣ на ба ҳар як шахс муяссар мегардад. Аксарияти соҳибкорон фаъолиятро оғоз намуда (80% онҳо), онро номуваффақ анҷом медиҳанд, яъне, ин гурӯҳ сарватманд нашуда, балки аксаран дороии худро аз даст медиҳанд. Бахт ба рӯйи онҳое дарҳои худро боз менамояд, ки на танҳо соҳибкор шудан мехоҳанд, балки истеъдоди фаъолияти соҳибкориро пурра доранд, ё аз худ намудаанд.

### 11.1. Соҳибкорӣ ва ташкили тиҷорат (бизнес)

Соҳибкорӣ қисми ҷудонашавандаи хоҷагии бозорӣ буда, хусусияти асосии фарқкунандаи он рақобати озод мебошад.

Ба инкишофи таърихии соҳибкорӣ нигоҳ накарда, маънидодкунии муосири он дар давраи пайдоиш ва инкишофи капитализм ба миён

омадааст. Танҳо дар арафаи асрҳои XIX–XX иқтисодчиён аҳамияти ҳалкунандаи соҳибкориро барои пешравии иқтисодиёт эътироф намуданд. *А.Маршалл* ба се омили классики истеҳсолот – меҳнат, сармоя (капитал) ва замин омили чорум, яъне ташкилотро дохил намуд.

Соҳибкориро чун тарзи мустақилонаву навоваронаи пешбурди кор ва чун омили чоруми истеҳсолот низ ҳисоб мекунанд. Олими иқтисодчӣ *Йозеф Шумпетер* нахустин шуда (дар китоби «Назарияи тараққиёти иқтисодӣ» (1912)), соҳибкориро чун омили чоруми истеҳсолот ҷудо намудааст. Дар қатори замин, меҳнат ва сармоя соҳибкорӣ чун маҷмӯи қобилиятҳои пайвасткунии оқилонаи се омили зикршудаи истеҳсолот баромад мекунад. Ин омили истеҳсолот, яъне фаъолияти соҳибкорӣ дар қобилияти соҳибкорӣ, корчаллонӣ, фаъолмандии иноватсионии иштирокчиёни амалиёти иқтисодӣ ифода меёбад.

**СОҲИБКОР шахсест, ки дар асоси фаъолияти кории худ фирма ташкил намуда, захираҳои иқтисодиро барои истеҳсоли молу хизматрасониҳо истифода менамояд ва фоида ба даст меорад.**

Ҳалли ин масъалаҳо на ба ҳар як соҳибкор муваффақ мегардад. Қисми зиёди (қариб 80%) оғозкунии фаъолияти соҳибкорӣ бесамар анҷом меёбад. Муваффақият танҳо ба онҳое муяссар мегардад, ки на танҳо хоҳиши соҳибкорӣ, балки истеъдоди соҳибкориро доро мебошанд. Ин истеъдод дар самаранокии ҳалли масъалаҳои зерин бояд равона гардад: *кадом намуди молу хизматҳо истеҳсол карда шаванд? чӣ қадар бояд истеҳсол кард? кадом технологияи истеҳсолотро бояд истифода бурд? кадом омилҳои итсеҳсолотро бояд ба даст овард ва дар кадом ҳаҷм? чӣ тавр кор ва раванди истеҳсолотро бояд ба роҳ монд? чӣ тавр музди корро бояд пардохт намуд, ки ҳосилнокии баланди меҳнат таъмин гардад? чӣ тавр молу хизматҳоро ба бозор бояд ворид намуд? бо кадом нарх молҳои худро бояд пешкаш намуд?*

Маҳфуми соҳибкорӣ ва бизнес тавъаманду фаъолияти хоҷагидорӣ, муносибатҳою фаъолияти кориро тавсиф медиҳад ё дар маънои сода ***соҳибкорӣ ҳамчун фаъолияти махсуси инсон оид ба фароҳам овардани шароит барои ба ҳам пайвастани меҳнату сармоя ва дар асоси таваккалӣ ташкил кардани тиҷорат (бизнес) тасаввур карда мешавад***. Таҳти мафҳуми соҳибкор шахс (субъекти иқтисодӣ) ё худ иштирокчӣ (унсур)-и омили истеҳсолот – ифодакунандаи қобилият ва фаъолияти меҳнатӣ, феълан фаъолияти зеҳнии як ё якчанд одамонеро, ки маҳорат, қобилият, маблағҳои пулӣ ва ҳама гуна захираҳои мавҷудаи худро дар асоси талаботи илми муосири маркетинг ва менеҷмент, умуман, фаъолияти истеҳсолии худро ташкил ва пеш мебаранд, фаҳмида мешавад.

Фаъолияти соҳибкорӣ таҳти кӯшишҳои *ташаббус, таваккал, тадбиркории озод*, яъне *интихоби озоди захираҳои иқтисодӣ, истеҳсоли молҳои дилхоҳ, фурӯхтан, хизматрасонӣ, ташкили гирифтани даромад, озодона ва ба таври дилхоҳ тақсим кардани онҳо* ташкил карда мешавад. Дар илми иқтисод аксар вақт соҳибкориро ҳамчун шакли махсуси хоҷагидорӣ, ки хислати хоси иқтисоди бозорӣ мебошад, тасаввур мекунанд.

## 11.2. Хусусиятҳои фарқкунандаи соҳибкор аз менеҷер

Аслан дар илми иқтисод фаъолияти соҳибкорӣ ва идоракунии он, яъне менеҷмент аллакай ба ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Маҳз маҳорат ва истеъдоди баланд метавонад шахсро ба муваффақиятҳо ноил гардонад.

Соҳибкорӣ асосан дар соҳаи истеҳсолот, тиҷорат ва молия бештар истифода карда мешавад. Аз ин ҷиҳат шаклҳои гуногуни онро аз ҳамдигар фарқ мекунанд: соҳибкории истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, бунёд кардани корхонаҳои хурд, корхонаҳои саҳҳомӣ, иҷоравӣ, кооперативӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, фермерӣ ва ғайра.

Худи соҳибкор шахсест, ки бо боварии комил даст ба истеҳсолот мезанад, ба ихтироъкорию навоварӣ, тавлиду ҷорӣ намудани намудҳову навъҳои навтарини неъматҳову хизматрасониҳо, баланд бардоштани сифати онҳо ва гирифтани даромад бештар ҳавасманд мебошад.

Новобаста ба шаклу намуд, нақшу мақом, сатҳ ва мавзеи ҷойгиршавӣ соҳибкорӣ барои иҷрои чунин вазифаҳо омода карда мешавад:

– *бо таври инқилобӣ гузаронидани ислоҳот, такмил ва ривоҷу равнақ додани раванди истеҳсолот;*

– *истифодаи кашфиёти илму техника, ихтироот у навовариҳо ва дар ин асос ба роҳ мондани истеҳсоли намудҳои нави молҳо ва хизматрасониҳо;*

– *ҷустуҷӯи роҳҳои нав ба нави фаъолияти хоҷагидорӣ, гирифтани фоида, таъмин кардани корхона бо захираҳои зарурии иқтисодӣ, алоқаи байни коллектив, коллективу харидор ва фурӯшанда, озодии соҳибкорӣ ва маблағгузорӣ.*

Соҳибкор ҳамеша дар кадом ҳолате ва давлате набошад, ҳар соату дақиқа, шабу рӯз дар фикри фаъолияти соҳибкории худ мебошад ва дар ҳолате ки дигарон истироҳат менамоянд, ӯ кору фаъолият менамояд. Ва барои соҳибкорон фарқ байни рӯзҳои корию истироҳат қариб вуҷуд надорад. Соҳибкорон дар назди худ нақшаҳо ва орзуҳои зиёд доранд ва муттасил дар пайи амалӣ гардонидани онҳо мебошанд.

Донишманди соҳаи бизнес *Генри Минтсберг* чунин сифатҳои сарварон (соҳибкорон)-ро тавсиф намудааст:

1) Санъати баробарӣ доштан, яъне қобилияти ташкил кардани низоми муносибатҳои якхела бо дигарон; 2) Қобилияти роҳбарӣ нисбат ба

зердастон доштан, аз уҳдаи ҳалли масъалаҳои мушкили ҳаёт баромадан, ки баробари соҳиб шудан ба вазифа ва ҳокимият ба миён меоянд; 3) Аз уҳдаи ҳалли ихтилофот баромада тавонистан, доштани қобилияти миёнравӣ ва ҳаллу фасли низоъҳо; 4) Доштани маҳорати ҳисобу китоб ва коркарди иттилоот; 5) Доштани истеъдоди ҳалли ғайристандартии идоракунӣ; 6) Дар шароити маҳдуд будани захираҳо интихоб карда тавонистани вариантҳои муносиб ва тақсими онҳо; 7) Доштани истеъдоди соҳибкорӣ – қобилият ба таваккалӣ, ихтирооту навигарӣ; 8) Санъати худтаҳлилкунӣ доштан – қобилияти мавқеи роҳбарро фаҳмидан, нақш ва нуфузи онро дар ташкили кор муайян кардан ва ғайра.

Ҳамин тавр, мазмуни иқтисодии соҳибкорӣ дар он таҷассум меёбад, ки он раванди пайвастани оқилонаи омилҳои истеҳсолот ва истифодаи самараноки захираҳоро бо мақсади қонеъгардонии талаботи бозор фаро мегирад. Ҳамзамон, соҳибкорӣ чун раванд дар худ ҷустуҷӯи ғояҳои нав, мақсадгузорӣ, ҷӯяндагии усули беҳтарини пайвастани омилҳои истеҳсолотро ғунҷоиш дода, ба гирифтани даромади соҳибкорӣ равона гардидааст.

Фаъолияти соҳибкории шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ дар қаламрави Тоҷикистон бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ» танзим карда мешавад. Ин қонун асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии амалигардонии соҳибкориро муайян сохта, шароитҳои интихоби мустақилонаи соҳаи фаъолият, зоҳирнамоии ташаббуси хоҷагидорию корчаллонии шаҳрвандонро муқаррар менамояд.

Инчунин ҷузъи асосии иқтисоди бозор корхонаҳо маҳсуб мешавад, ки фаъолияти онҳо чун соҳибкорӣ ё бизнес арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, афзоиши шумораи корхонаҳо дар мамлакат гувоҳи густариши доираҳои соҳибкорӣ аст. Дар мамлакатҳои мутараққии иқтисоди бозорӣ шумораи корхонаҳо хеле зиёд мебошанд. Масалан, дар ИМА шумораи корхонаҳо ба 16 миллион расидааст. Афзоиши талаботи ҷомеа ба намудҳои нави молу хизматрасониҳо ба пайдоиши миқдори зиёди корхонаҳо мусоидат мекунад. Онҳо на танҳо дар соҳаи истеҳсоли маҳсулот, инчунин, дар соҳаҳои хизматрасонӣ низ созмон дода мешаванд. Дар як қатор мамлакатҳо корхонаҳои соҳаҳои тандурустӣ, савдо, хӯроки умумӣ, маориф, фарҳанг, туризм на камтар аз 1/3 ҳиссаи шумораи умумии корхонаҳоро ташкил дода, то 80% аҳолии қобили меҳнат дар онҳо машғули фаъолиятанд. Дар Тоҷикистон захираҳои азими ривоҷи соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ мавҷуд буда, истифодаи самаранокии онҳо метавонад муаммои бекориро низ як андоза ҳал намояд. Рушди соҳибкорӣ дар Тоҷикистонояндаи калон дошта, самти бартариятноки инкишоф дар рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад.

## 11.3. Муҳити соҳибкорӣ: шакл ва намудҳои он

**Муҳити соҳибкорӣ**. Соҳибкорӣ дар муҳити муайяни иҷтимоӣ – иқтисодӣ дар сатҳи микроиқтисодӣ ва макроиқтисодӣ амалӣ мегардад. Дар поён равияҳои асосии муҳити иҷтимоӣ – иқтисодии соҳибкорӣ мавриди таҳлил қарор дода мешавад.

**Муҳити иқтисодӣ** – соҳибкор бояд донад, ки дар кадом давраи иқтисодӣ, иқтисодиёти мамлакат қарор дорад, ҳолати савдои беруна чӣ гуна аст, бекорӣ ва таваррум дар кадом сатҳ қарор доранд, устувории низоми андоз, сатҳи зиндагонии аҳолӣ чӣ гуна аст.

**Ҳолати сиёсӣ** – боварӣ ба ҳукумат ва устувории вазъи он, муносибати ҳукумат ба сектори хусусӣ ва ҷамъиятӣ.

**Муҳити иҷтимоӣ** – муътадилии вазъи иҷтимоӣ дар ҷамъият, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мутобиқати сиёсати иҷтимоӣ ба талаботи ҷомеа.

**Муҳити фарҳангӣ** – ҳар қадаре ки сатҳи тараққиёти фарҳанг ва маданият баланд бошад, ҳамон қадар соҳибкории пешбинишуда муътадил аст.

**Муҳити ҳуқуқӣ** – соҳибкорӣ танҳо дар ҳолати қонунгузории устувор ва муътадил инкишоф ёфта метавонад.

**Муҳити техникӣ-технологӣ**, яъне ҳолати корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва соҳаҳои истеҳсолоти илмӣ дар мамлакат.

**Шакл ва намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ**. Субъектҳои соҳибкорӣ пеш аз ҳама, шахсони хусусӣ (ташкилкунандагони истеҳсолоти шахсӣ, оилавӣ ва ё истеҳсолоти ҳаҷман калонтар) ба шумор меравнд. Фаъолияти чунин соҳибкорон ҳам дар асоси меҳнати худӣ ва ҳам бо воситаи меҳнати ҷалбшуда амалӣ карда мешавад. Фаъолияти соҳибкорӣ инчунин аз тарафи гурӯҳи шахсони бо муносибатҳои шартномавӣ ва манфиатҳои иқтисодӣ ба ҳам алоқаманд амалӣ шуда метавонад. Субъектҳои соҳибкории гурӯҳӣ дар мисоли ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, гурӯҳҳои иҷоравӣ, кооперативҳо ва ғайраҳо баромад мекунанд. Дар баъзе ҳолатҳо ба субъектҳои соҳибкорӣ давлатро дар шахсияти ниҳодҳои муайян дохил мекунанд. Ҳамин тавр, дар иқтисодиёти бозорӣ се шакли фаъолияти соҳибкорӣ мавҷуд аст: **давлатӣ, гурӯҳӣ, хусусӣ**.

Вобаста аз таркиби фаъолияти соҳибкорӣ ва бо назардошти зинаҳои асосии раванди такрористеҳсол (истеҳсолот, тақсимот, мубодила ва истеъмолот) чунин намудҳои соҳибкориро фарқ мекунанд: **истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ, суғуртавӣ, миёнаравӣ**.

**Соҳибкории истеҳсолӣ** ба намуди аз ҳама зарур ва мураккаби фаъолияти соҳибкорӣ мансубият дорад. Ин намуди соҳибкорӣ ба зудӣ ба монанди дигар намудҳои соҳибкорӣ фоидаро таъмин намекунад, бинобар ин барои оғози фаъолияти соҳибкорӣ он қадар диққатҷалбкунанда

нест. Асоси соҳибкории истеҳсолиро офаридан, яъне ба вуҷуд овардани неъматҳои моддӣ ва маънавӣ ташкил медиҳад.

**Дар соҳибкории тиҷоратӣ** соҳибкор дар нақши савдогар баромад мекунад, зеро ӯ молҳои тайёреро мефурӯшад, ки аз дигар соҳибкорон харидорӣ карда буд.

**Соҳибкории молиявӣ** намуди махсуси соҳибкории тиҷоратист, ки дар он ба сифати ашёи хариду фурӯш: пулҳо, асъори хориҷӣ, қоғазҳои қиматнок ба харидор фурӯхта ва ё ба қарз дода мешаванд.

**Соҳибкории суғуртавӣ** чунин намуди фаъолият мебошад, ки соҳибкор ба суғуртакунанда бо пардохти муайян зарари имконпазири амвол, ҳаёт ва ғайраҳоро дар натиҷаи сар задани ҳодисаҳои нохуш ҷуброн мекунад.

**Соҳибкории мутавассит (миёнарав).** Ин навъи соҳибкорӣ мустақиман бо дигар намудҳои соҳибкорӣ (истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, суғуртавӣ, молиявӣ) алоқаманд мебошад. Хусусияти ин навъи соҳибкорӣ дар он аст, ки он мол истеҳсол намекунад ва онро намефурӯшанд, ба фурӯши коғазҳои қиматнок машғул нест ва ба дигарон қарз ҳам намедиҳад. Он фақат ба сифати даллол (миёнарав) дар ин ҳавзаҳои соҳибкорӣ иштирок мекунад. Мавқеи он байни истеҳсолкунанда (фурӯшандаи молу хизматрасониҳо) ва истеъмолкунанда (харидор) ҷойгир аст. Он барои дар амал татбиқ намудани мақсад ва мароми дигар субъектҳои бозор, яъне харидану фурӯхтан ва ба ҳам пайваст кардани онҳо (истеҳсолкунандаву истеъмолкунанда) дар доираи ҳалқаи соҳибкорӣ, ба даст овардани маълумот оид ба талабот ва таклифоти мол, сатҳ ва шакли рақобат, нарх ва ғайра кумак мерасонад. Албатта, ба ивази адои хизмати худ онҳо бо даромади муайян мукофотонида мешаванд. Миёнарав ҳамчун сарчашмаи асосии ташкил ва густариши фаъолияти соҳибкории мутавассит истифода мешавад.

**Омилҳои соҳибкорӣ**. Фаъолияти соҳибкорӣ бо худ маҷмӯи амалҳои соҳибкорро дар назар дорад, ки пай дар пай ва ё ҳамрадиф дар давраи пурраи фаъолият аз маблағгузории ибтидоӣ то гирифтани фоида ба миён меоянд. Ҳамчун намуди фаъолияти хоҷагидорӣ соҳибкорӣ омилҳои истеҳсолотро ба монанди замин, сармоя ва меҳнат истифода мебарад. Ба таври аниқтар барои амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ воситаҳои асосӣ (биноҳо, таҷҳизот, мошинҳо ва дастгоҳҳо, воситаҳои нақлиёт), воситаҳои гардон (ашё, масолеҳ, энергия, воситаҳои пулӣ) зарур мебошанд.

## 11.4. Моҳияти иқтисодии менеҷмент ва маркетинг

Яке аз масъалаҳои муҳими рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва фирма маҳорат ва дониши амиқи иқтисодӣ, инчунин таҳлили дурусти бозор мебошад, ки асоси идоракунии онро менеҷмент ва маркетинг ташкил

менамоянд. **Менеҷмент** ҳамчун самти махсуси илм замоне пайдо гашт, ки усулҳои илмиро дар амал ҳамчун фаъолияти муайяни ташкилию функсионалӣ истифода намудаанд. Мисол, соли 1914 *Ф. Тойлер* дар рисолаи «Қоидаҳои менеҷменти илмӣ» менависад: ***«Менеҷмент худ илми ҳақиқие мебошад, ки дар асоси қонунҳо, қоидаҳо ба вуҷуд омадааст. Маҳз барои ҳамин ҳам он дар тамоми намудҳои фаъолияти инсонӣ истифода мешавад ва агар ин қонунҳо ва қоидаҳо дуруст истифода шаванд, он гоҳ натиҷаҳои мафтункунандаро мушоҳида кардан мумкин аст».***

Менеҷмент (аз калимаи анг. – *menejment*) ҳамчун маъмурият, мудирият, идоракунӣ, ташкилкунандаи истеҳсолот фаҳмида мешавад. Он ҳамчун илм дар бораи маҷмӯи принсипҳо, усулҳо ва шаклҳои идораи истеҳсолот ба мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, ҳосилнокӣ ва шиддатнокии меҳнат ва ба даст овардани даромаду фоидаи баланд нигаронида мешавад.

Тамоми таърихи инкишофи менеҷмент чунин як ақидаи олии ҳақиқатро исбот намудааст.

Исбот карда шудааст, ки менеҷменти замонавӣ ягонагии ҷудонашавандаи усулҳои илмию амалие мебошад, ки имконоти баланд бардоштани самараи фаъолияти мақсадноки ташкилотҳоро таъмин менамояд.

Менеҷмент пеш аз ҳама, нақши ҳамоҳангсозии захираҳои инсониро бо дигар захираҳо бо мақсади ҳалли вазифаҳои дар назди ташкилотҳо гузошташуда мебозад.

Вобаста ба инкишофи имрӯзаи тиҷорати ҷаҳонӣ ва ташкилотҳои байнидавлатии тиҷоратӣ ба ақидаи аксари мактабҳои менеҷмент «менеҷменти тиҷорати хориҷӣ» пайдо шудааст.

Маркетинг бошад (аз калимаи анг. – *market*), бозор ё худ бозорёбӣ, яъне ҳамчун ҳавзаи иқтисод ё намуди фаъолияти иқтисодие фаҳмида мешавад, ки истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунанда онро ба ҳам пайваст карда, имкон медиҳад, ки маҳсулоти истеҳсолкардашуда ба зудӣ мубодила карда шавад. Дар адабиёти иқтисодӣ тарз ва услубҳои гуногуни маънидодкунии маркетинг дида мешавад. Таҳти истилоҳи маркетинг низоми идораи фаъолияти фирма оид ба коркарду тадқиқот, истеҳсол ва фурӯши молу хизматрасониҳо, дар асоси омӯзиши бозор ва ба даст овардани фоида фаҳмида мешавад.

Яке аз донишмандони соҳаи маркетинг, иқтисодчии амрикоӣ *Ф. Котлер* маркетингро чунин таъриф кардааст: ***«Маркетинг яке аз намудҳои фаъолияти инсонӣ мебошад, ки ба воситаи мубодила эҳтиёҷ ва талаботи инсон қонеъ гардонда мешавад»***. Он ба шиори «талаботи истеъмолкунандагонро дарёб ва онро қонеъ гардон», ки мақсади асосияш аст, асос меёбад.

## 11.5. Бизнес-нақша, моҳият ва шаклҳои ташкили он

Бизнес аз вожаи англисии «*business*» гирифта шуда, маънои кор, фаъолият, шуғлеро ифода мекунад, ки он гирифтани ягон навъи даромад ва фоидаро таъмин карда тавонад. Яке аз унсурҳои асосии ташкили фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ бизнес-нақша мебошад, ки ҳамчун асоси баҳодиҳии лоиҳаҳои пешбинишудаи соҳибкорон баромад мекунад. Бизнес-нақша кулли ҷанбаҳои фаъолияти соҳибкориро дар бар гирифта, барои расидан ба мақсади ниҳоӣ, яъне гирифтани фоидаи назаррас, тарҳрезии нақшаи пешакиро барои фаъолияти пурсамар пешбинӣ мекунад.

Бизнес-нақша барномаи татбиқи маҷмӯи амалҳои соҳибкорро барои ҷорӣ намудани ягон ғояи фоидаовар нишон медиҳад. Он якчанд вазифаҳоро иҷро мекунад, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

– якум, он метавонад барои коркарди консепсияи бизнес истифода шавад;

– дувум, бизнес-нақша ҳуҷҷатест, ки бо воситаи он ба натиҷаи фаъолияти соҳибкории ширкат баҳо дода мешавад;

– сеюм, бизнес-нақша шарти имконияти ҷалби сармоягузориҳо мебошад, зеро сармоягузорон, танҳо пас аз ошно шудан бо бизнес-нақшаи фирма ба он маблағгузорӣ мекунанд.

Дар бизнес-нақша диққати асосӣ ба нишондиҳандаҳои молиявӣ-иқтисодӣ ҷалб мешавад. Сохтор ва тартиби таҳияи бизнес-нақша қолаби ягона надошта, дар аксари адабиёти иқтисодӣ даҳ фаслро дар бар мегирад. Барои хонанда бизнес-нақша аз муаррифнома (резюме) шурӯъ мешавад: 1) *Мол ва хизматрасонӣ*; 2) *Бозори фурӯш*; 3) *Рақибон*; 4) *Нақшаи истеҳсолот*; 5) *Нақшаи ташкил*; 6) *Стратегияи маркетинг*; 7) *Нақшаи ҳуқуқӣ*; 8) *Баҳодиҳии хафвҳо ва суғуртанамоӣ*; 9) *Стратегияи банақшагирӣ;* 10) *Молиякунонӣ*.

Таҳлили пурраи фаслҳои дар боло овардашуда метавонад фаъолияти ояндаи ширкатро пурра инъикос намояд ва барои қадамҳои устувор дар соҳаи соҳибкорӣ замина гузорад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ аксарияти бонкҳои тиҷоратӣ низ барои додани қарзҳои хурду бузург аз соҳибкорон ва ширкатҳо бизнес-нақшаро талаб менамоянд, ки ин аз аҳамият, зарурат ва нақши муҳими он дар фаъолияти минбаъда ва баргардонидани қарзҳо шаҳодат медиҳад.

**?!**

1. Мақсади ҳар як соҳибкор аз чӣ иборат аст?
2. Муҳити соҳибкорӣ гуфта, чиро дар назар доред?
3. Кадом намуди фаъолиятҳои соҳибкориро медонед?
4. Мафҳуми менеҷментро шарҳ диҳед.
5. Бизнес-нақша чӣ гуна ҳуҷҷат аст?
6. Мафҳуми ***маркетинг*****ро шарҳ диҳед.**

# МАВЗӮИ 12. ДАРОМАДИ ОИЛАҲО: НОБАРОБАРИИ ДАРОМАД ВА ОҚИБАТҲОИ ОН

## 12.1. Даромад ва хароҷоти оилаҳо

Олими оморшиноси олмонӣ *Эрнст Энгел* дар асри XIX тасдиқ намудааст, ки (имрӯз низ ин маъмул аст) истеъмоли худӣ дар ҳама давлатҳо аз рӯи моделҳои тафриқавӣ афзоиш ёфта истодааст ва таҳлилу сохтори даромади оилаҳо имконият медиҳад сатҳи некуаҳволии ҳар як фард дар олам муайян карда шавад.

Хотиррасон мекунем, ки яке аз масъалаҳои асосии ҷаҳони иқтисод масъалаи инсон ва оилаҳо мебошад. Ин аст, ки зиндагии оилаҳо ҳамарӯза диққати олимони соҳаи иқтисодиётро ба худ ҷалб мекунад. Чунки ҳодисаҳои ҳамарӯзаи хоҷагиҳои хурд ба иқтисодиёти миллӣ таъсири бузург мерасонанд. Барои шинос шудан бо муаммоҳои иқтисодии оилаҳо мо қисмати кам, вале аз ҳама муҳими онро барои мисол гирифтаем:

– *сарчашмаи даромади оилаҳо;*
– *сохтори хароҷоти оилаҳо;*
– *муаммоҳои камбизоатӣ ва роҳҳои бартараф намудани он;*
– *сиёсати иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;*
– *таъсири таваррум ба даромади оила.*

Яке аз масъалаҳои баҳсноки иқтисодиёт дар ҷамъият даромади оилаҳо ва харҷи онҳо ба шумор меравад. Оилаҳо даромадҳои худро аз ҳисоби моликият ва дороии худ бо истифода аз омилҳои истеҳсолот мегиранд. Ин шакли моликият метавонад ба дигарон барои хизматрасонӣ пешниҳод гардад ё ин ки ширкатҳо (масалан, метавонанд бо пул хонаро ба шахсони дигар ба иҷора диҳанд) барои истеҳсоли молу хизматрасониҳо онро истифода баранд ва дар интиҳо ба дигарон онро метавонад бо пул фурӯшанд.

Тақсимоти бозории даромадҳо дар асоси механизми рақобатии талабот ва пешниҳоди омилҳои истеҳсолот ба он оварда мерасонад, ки таъмини даромади ҳар як оила мувофиқи маҳсулоти интиҳоии он ба миён меояд. Муқаррарист, ки чунин механизми тақсимоти даромадҳо баробариро дар тақсимоти даромадҳо кафолат намедиҳад. Бинобар ҳамин, дар шароити иқтисоди бозорӣ нобаробарии тақсимоти он ба назар мерасад. Механизми бозории тақсимоти даромадҳо талабот ва хусусиятҳои истеъмолкунандагонро ба эътибор намегирад. Аз ин лиҳоз, бозор нисбат ба истеъмолкунанда беэътиноӣ зоҳир мекунад: мол ба шахсе мансуб мегардад, ки онро пардохт карда метавонад, дар ин ҷо манфиати эҳтиёҷмандон ба ҳисоб гирифта намешавад. Ба муаммои «барои кӣ истеҳсол кардан» бозор ҷавоби аниқ медиҳад: барои онҳое, ки ин молҳоро

харидорӣ карда метавонанд. Аз ин сабаб мавзӯи даромадҳои оилаҳо ва хароҷоти онҳо имрӯзҳо кулли иқтисоддононро бетараф намегузорад.

Маълум аст, ки аз нуқтаи назари гуманитарӣ чунин принсипи тақсимоти маҳсулот ва ҳамчунин тақсимоти даромади дар иқтисодиёти бозорӣ бадастоварда ба тағйирот ва ислоҳкуниҳо ниёз дорад. Ҳамин тавр, масъалаи азнавтақсимкунии адолатноки даромад ба миён меояд, ки шакл ва андозаҳои онро давлат муайян мекунад. Аниқтараш, бояд қайд намуд, ки давлат масъалаи азнавтақсимкунии даромадҳоро дар асоси амалигардонии сиёсати иҷтимоии худ ҳал мекунад. Аз ин лиҳоз, сиёсати иҷтимоии давлат фаъолияти ҳукумат буда, ба тақсимот ва азнавтақсимкунии даромадҳои аъзо ва гурӯҳҳои гуногуни ҷамъият равона карда шудааст.

Баробари барномаи азнавтақсимкунии даромадҳо, интихоби самаранокӣ ва адолатнокӣ мушоҳида карда мешавад. Маънои ин гуфтаҳо дар он ифода меёбад, ки кӯшиши ба баробарии ҳадди аксар барои ҷамъият метавонад ба пастшавии самаранокии иқтисодӣ оварда расонад. Айнан ин ҳолатро *А. Смит* қайд карда буд, ки «иқтисодиёт набояд адолатнок бошад, балки он бояд, ки самаранок бошад ва бо воситаи самаранокӣ адолатнокиро таъмин намояд».

Барои сарфаҳм рафтан дар масъалаҳои тақсимоти даромадҳо бояд муайян намуд, ки аҳолӣ чӣ гуна даромадҳо дорад, дар асоси кадом сарчашмаҳо онҳо таъсис меёбанд ва чӣ тавр тақсим карда мешаванд.

**Мафҳуми даромад**. *Даромад маблағи умумии пулиест, ки дар фосилаи давраи муайян (одатан як сол) ба даст оварда шудааст. Даромад дар шакли пулӣ маънои даромади номиналиро дорад. Дар иқтисодиёти бозорӣ ба даромади номиналӣ музди меҳнат, дивидендҳо, даромадҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ, пардохтҳои гуногуни трансфертӣ (ҷубронпулиҳо барои таъмини иҷтимоӣ, бекорӣ, нафақа) ва ғайраҳо дохил мешаванд.* Ба даромад пешкаш намудани мол ва хизматрасониҳо аз рӯи барномаҳои ҳукуматӣ, субсидияҳо барои пардохти хонаи истиқоматӣ, кумаки озуқаворӣ, чубронпулиҳо барои таҳсилот, даромадҳо аз баланд шудани арзиши саҳмияҳо, вомбаргҳо ва дигарҳо низ дохил мешаванд.

Ду намуди даромадро аз ҳамдигар фарқ мекунанд: **номиналӣ** ва **ҳақиқӣ**. Ҳаҷми даромадҳое, ки бо воситаи пул ҳисоб карда мешавад, даромади номиналиро ифода мекунад. Даромади пулӣ бо назардошти тағйирёбии сатҳи нархҳо даромади ҳақиқӣ номида мешавад.

Даромади ҳақиқиро бо роҳи тақсими даромади номиналӣ (пулӣ) ба сатҳи умумии нархҳои молҳо ва хизматрасониҳои харидоришаванда ҳисоб кардан мумкин аст.

**Сатҳи зиндагӣ**. Сатҳи зиндагӣ гуфта, маҷмӯи неъматҳои моддӣ ва маънавиро дар назар дорем, ки ба шаҳрвандони мамлакат бар ивази

даромадҳои пулии онҳо ва инчунин, бо воситаи фондҳои ҷамъиятӣ (давлатӣ) дастрас шудаанд.

Нишондиҳандаи паҳнгаштаи сатҳи зиндагонӣ даромад ба ҳар сари аҳолӣ мебошад. Низоми нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагонӣ, ки аз тарафи Созмони Миллали Муттаҳид (СММ) пешкаш карда мешаванд, тавсифҳои васеъро дар бар мегиранд, ки шароитҳои ҳаёти одамонро ифода мекунанд. Вобаста ба ин чунин гурӯҳҳои нишондиҳандаҳоро аз ҳам фарқ мекунанд:

1) *Ҳолати демографӣ дар мамлакат: сатҳи таваллуд, фавт ва дигар тавсифот;* 2) *Шароитҳои санитарию гигиении ҳаёт;* 3) *Истеъмоли маводи хӯрокворӣ;* 4) *Шароитҳои манзилӣ;* 5) *Маориф ва фарҳанг;* 6) *Шароитҳои меҳнат ва шуғл;* 7) *Даромад ва хароҷоти аҳолӣ;* 8) *Арзиши ҳаёт ва нархҳои истеъмолӣ;* 9) *Мавҷудияти воситаҳои нақлиёт;* 10) *Ташкили истироҳат;* 11) *Таъминоти иҷтимоӣ;* 12) *Ҳуқуқҳои инсон.*

Назарияи иқтисодии муосир сатҳи зиндагониро дар сатҳи макроиқтисодӣ, яъне дар миқёси тамоми аҳолии мамлакат ва дар сатҳи микроиқтисодӣ, яъне дар чаҳорчӯбаи гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ муайян мекунад. Дар сатҳи макроиқтисодӣ таҳлили муқоисавии сатҳи зиндагонии мамлакатҳои гуногунро аз рӯи нишондиҳандаи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (*ММД*) ба ҳар сари аҳолӣ амалӣ кардан мумкин аст.

Даромади ба ҳар сари аҳолӣ истеҳсолшуда сатҳи зиндагониро ба пуррагӣ тавсиф намекунад. Бинобар ҳамин одатан даромадҳои пулӣ ва хароҷоти аҳолӣ, муайян намудани сатҳи афзоиши даромадҳои номиналӣ ва ҳақиқӣ, сатҳи тафриқа (дифферентсиатсия)-и онҳо, истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ, таносуби дастрас намудани молҳои хӯрокворӣ ва саноатӣ, вазни қиёсии молҳои истифодаашон дарозмуддат ва манзил, сатҳи бекорӣ, давомнокии ҳаёт, сатҳи саводнокии аҳолӣ, миқдори одамони таҳсилоти олидошта ва ғайраҳо муқоиса карда мешаванд.

*СММ* нишондиҳандаи якҷоякардашудаи намоя (индекс)-и сифати ҳаётро пешкаш намуд, ки бо чунин нишондодҳо ба монанди вазъи тандурустӣ, сатҳи таълимгирӣ, давомнокии миёнаи ҳаёт, сатҳи шуғли аҳолӣ, қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ ва дастрасии ҳаёти сиёсӣ ҳисоб карда мешавад. Бо назардошти талабҳои афзоишёфта ба муайян намудани сатҳ ва сифати ҳаёт соли 1990 дар омори *СММ* нишондиҳандаи намоя (индекс)-и рушди имкониятҳои инсонӣ (*НРИИ*; *ИРЧП*) ва бо ибораи кӯтоҳ, намояи рушди инсон (*НРИ*; *ИЧР*) ҷорӣ карда шуд. Нишондиҳандаҳои асосие, ки *НРИ* муайян мекунанд, инҳо мебошанд: давомнокии пешбинишавандаи ҳаёт, сатҳи таҳсилот, *ММД* – ҳақиқӣ ба ҳар сари аҳолӣ. Агар *НРИ* аз 0 то 1 муайян карда шавад, он гоҳ бо *НРИ* аз сатҳи 0,5 пасттар сатҳи пасти тараққиёти инсониро тавсиф мекунад.

**ДАРОМАДИ ОИЛА воситаҳои пулие мебошад, ки аъзои оила аз шахсони алоҳида ё ин ки ширкатҳо гирифта, метавонанд онро барои қонеъ гардонидани талаботи худ истифода намоянд**.

Сохтори ҳама намуди даромади оилаҳо аз алоқаманди омилҳои истеҳсолот дар ҷадвали зер оварда шудааст:

| **Омилҳои истеҳсолот** | **Намудҳои даромад** |
|---|---|
| Меҳнати коргари кироя | Музди меҳнат |
| Меҳнати соҳибкор ва сармояи ширкат, ки аз ҳисоби сармояи худӣ ташкил шудааст | Даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ |
| Сармояи истеҳсолии ширкат | Даромад дар шакли фоиз |
| Замин (захираҳои табиӣ) | Рента |
| Сармояи пулӣ | Фоиз |

Дар аксарияти давлатҳои дунё аз ҳама зиёдтар даромади оилаҳо аз ҳисоби музди меҳнат ба назар мерасад ва дар баробари ин аз дигар омилҳои истеҳсолот низ даромад гирифта мешавад.

Яке аз мушкилоти асосие, ки ба даромади аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад, дар давраҳои муайян ба миён омадани бuҳронҳои иқтисодист.

Масъалаи муҳими дигар тақсимоти даромадҳо ва ҳисоб намудани сатҳи нобаробарии онҳо мебошад, ки ба буҷаи оилаҳо таъсири хеле зиёд мерасонад.

## 12.2. Муаммоҳои камбизоатӣ ва роҳҳои бартараф кардани онҳо

Бо муаммои нобаробарии даромадҳо масъалаи камбизоатӣ алоқаманд аст. Лекин камбизоатӣ ба монанди хушбахтӣ ва некуаҳволӣ аниқ муайян карда намешавад.

Барои муайян кардани камбизоатӣ нишондиҳандаи **ҳудуди камбизоатӣ** истифода мешавад. Ин нишондиҳанда сатҳи даромадро ифода мекунад, ки барои нигоҳдории сатҳи ҳадди ақали зиндагонӣ кифоягӣ мекунад.

Одатан ҳудуди камбизоатӣ аз тарафи ниҳодҳои дахлдори давлатӣ вобаста аз эҳтиёҷоти объективии инсон ва сатҳи дастрасшудаи сатҳи рушди иқтисодӣ муайян карда мешавад.

Ҳудуди камбизоатӣ (ҳадди ақали зиндагӣ) дар асоси ҳаҷми ҳадди ақали истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ, хароҷот барои молҳои саноатӣ ва хизматрасониҳо, пардохти андозҳо, пардохтҳои ҳатмӣ ва ғайраҳо муайян карда мешавад.

Ду намуди муайянкунии камбизоатӣ вуҷуд дорад: **камбизоатии мутлақ** ва **камбизоатии нисбӣ**.

**Камбизоатии мутлақ** чунин сатҳи даромадро ифода мекунад, ки оила барои нигоҳдории ҳолати истеъмоли хӯрокворӣ ва дигар ашёи аввалиндараҷа дар сатҳи ҳадди ақали зарурӣ худро таъмин карда наметавонад.

**Камбизоатии нисбӣ** чунин ҳолатеро мегӯянд, ки мувофиқи он сифати зиндагонӣ ба ғайр аз неъматҳои моддӣ, ҳолати маънавии инсонро низ дар бар мегирад.

**Буҷети истеъмолӣ**. Ҳангоми муайян намудани ҳадди ақали истеъмолӣ як қатор буҷетҳои истеъмолӣ ҳисоб карда мешаванд: *барои оилаҳои миёна; барои нафақахӯрон; буҷети таъминоти зиёд; буҷети таъминоти моддии ҳадди ақал.*

Аслан дар тамоми давлатҳои дунё кӯшиши паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ барномаҳо таҳия мегарданд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо мақсади паст намудани сатҳи камбизоатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаҳои дарозмуддату миёнамуҳлат, ба монанди «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи соли 2015» ва «Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007–2009»-ро қабул намуд. Пеш аз ҳама, таҳия ва баррасии ин барномаҳо барои пешгирӣ ва паст намудани сатҳи камбизоатӣ равона гардидааст.

Дар натиҷаи татбиқи ҳадафҳои стратегӣ ва афзалиятҳои миллӣ густариши ислоҳоти иқтисодӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, татбиқи вазифаҳои стратегӣ ва барномавӣ, андешидани тадбирҳо оид ба таъмини суботи макроиқтисодӣ дар кишвар рушди иқтисодиёт таъмин гардид. Дар заминаи он сатҳи камбизоатӣ мутобиқ ба тадқиқотҳои охирин дар даҳ соли қаблӣ (1999–2009) аз 81 фоиз ба 46,7 ва дар соли 2010 ин нишондиҳанда то 45 фоиз коҳиш ёфт. Тибқи ҳисобҳо дар асоси рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар нафар аҳолӣ дар соли 2011 нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ 42%, дар соли 2012 – 38,3% ва дар соли 2014 – 34,0%-ро ташкил дод.

Паст гардидани сатҳи камбизоатӣ дар ин солҳо аз бисёр ҷиҳат ба рушди иқтисодӣ алоқаманд буда, дар натиҷаи таъмини суботи макроиқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар кишвар ба даст омадааст.

Хулоса, барои ҳарчӣ зудтар барқарор намудани суръати рушди иқтисодӣ ва тавассути он баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум дар чорчӯбаи пешбининамудаи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015–2020» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон талош дорад, ки масъалаҳои рушди устувори макроиқтисодӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, пешрафти бахшҳои воқеии иқтисодиёт,

диверсификатсияи истеҳсолот, инчунин, таҳкими имконияти содиротии мамлакат, беҳтар сохтани фазои сармоягузорӣ, дастгирии соҳибкорӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, инкишофи бозори меҳнат ва таҳкими неруи инсониро ҳаллу фасл намояд.

## 12.3. Сиёсати иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

Сиёсати иҷтимоӣ аз аввал барои танзимкунии муносибатҳои иҷтимоӣ дар чаҳорчӯбаи низоми капиталистӣ барои таъмин кардани аъзои ҷамъият, ки мустақилона сарчашмаҳои мавҷудияти худро дарёфт карда наметавонистанд, таъсис ёфтааст.

Дар давраи муосир дар таркиб ва васеъшавии объектҳои таъсири сиёсати иҷтимоӣ тағйироти ҷиддӣ ба миён омада истодааст. Фаъолияти сиёсати иҷтимоӣ дар доираи гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ (меҳнаткашон ва қобили меҳнат надоштагон) маҳдуд карда намешавад. Ба сифати объекти мустақими таъсири сиёсати иҷтимоӣ қариб ҳама гурӯҳҳои демографӣ ва иҷтимоӣ баромад мекунанд. Сиёсати иҷтимоӣ аз доираи ислоҳи таъсири оқибатҳои рушди иқтисодӣ берун баромадааст. Дар сиёсати иҷтимоӣ на танҳо азнавтақсимкунии даромадҳо, балки амалигардонии равияҳои нави таъминоти аҳолӣ бо хизматҳои иҷтимоӣ, танзими шуғл ва ғайраҳо мавқеи хосаро ишғол мекунанд.

**Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ва сиёсати иҷтимоӣ**. Равияи зарурии сиёсати иҷтимоӣ барои аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, яъне ба аҳолии даромадро дар шакли музди меҳнат ба даст меоварда, нигаронда мешавад. Дар ин ҷода сиёсати иҷтимоӣ ба таъсисдиҳии шароитҳо барои истифодабарии оптималии қувваи корӣ дар истеҳсолот, бартараф намудани сӯиистеъмоли истифодабарии коргарон муосидат менамояд.

Ин ҷиҳати сиёсати иҷтимоӣ дар муайян кардани музди меҳнати ҳадди ақал дар тамоми иқтисодиёт ва муайян намудани нишондодҳои пардохти меҳнат дар корхонаҳои давлатӣ ифода меёбад. Вазифаҳои сиёсати иҷтимоӣ инчунин нигоҳдории сатҳ ва сохтори шуғл, муайянкунии қонунии шароитҳои меҳнат дар истеҳсолот ва ҳифзи меҳнат ба ҳисоб мераванд.

**Таъминоти иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ**. Азбаски бозор ҳуқуқ ба меҳнат, даромад, маориф, ҳифзи иҷтимоии маъюбон, камбизоатон, нафақахӯрон ва дигар гурӯҳҳои аҳолиро таъмин намекунад, зарурати дахолати давлат ба соҳаи тақсимоти даромадҳо ва таъсисдиҳии низоми муайяни таъминоти иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ба миён меояд.

Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ низоми чораҳоеро дар бар мегирад, ки ҳар як шаҳрванди мамлакатро аз мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ на танҳо дар натиҷаи бекорӣ, балки ҳангоми аз даст додани даромадҳо ва ё камшавии онҳо, дар ҳолати беморӣ, тавлиди кӯдакон, маъюбӣ, ҳангоми пиронсолӣ ва ғайраҳо эмин медорад.

Тақсимоти инфиродии даромадҳо, ки оид ба он дар боло сухан рафта буд, натиҷаи азнавтақсимкунӣ буда, дар навбати худ аз тарафи давлат амалӣ карда мешавад.

Фишанги асосии азнавтақсимкунии даромадҳо буҷети давлатӣ ва иҷрои он ба ҳисоб меравад.

Дар чаҳорчӯбаи сиёсати иҷтимоӣ барномаҳои суғуртаи иҷтимоӣ ва барномаҳои кумаки давлатӣ коркард мешаванд.

Воситаҳои суғуртаи иҷтимоӣ дар шакли пардохтҳои пулӣ (нафақа ва ҷубронҳо), молиякунонии хизматрасониҳо (пардохти кумаки муолиҷавӣ-профилактикӣ, нигоҳдории хона-интернатҳо ва ғайраҳо) тақсим карда, имтиёзҳоро пешкаш мекунад. Барномаи кумаки давлатиро онҳо бо ҷубронпулиҳо таъмин мекунанд. Онҳо аз сабаби нобарории корҳо ва ё нигоҳубини кӯдакони хурдсол даромадҳои заруриро надоранд.

## 12.4. Таъсири таваррум ба сатҳи зиндагии оилаҳо

Оқибатҳои таваррум аз хусусияти пешбинишавандагӣ ва ё ногаҳонии он вобастаанд. Оқибати умумии таваррум пастшавии қобилияти харидории пул мебошад.

**Дар илми иқтисод зери мафҳуми таваррум номувофиқ будани талаботу таклифоти пул ва дигар таносубҳои иқтисодиро меноманд, ки дар афзоиши сатҳи нархҳо намудор мешаванд.**

Дар амалияи ҷамъиятӣ дар зери мафҳуми беқурбшавии пул паст шудани қобилияти харидории пул, афзоиши умумии нархҳо ё ин ки раванди зиёд шудани миқдори пули нақдро дар муомилот низ мефаҳманд.

***Қобилияти харидории пул миқдори мол ва хизматрасониҳоест, ки онро ба як воҳиди пулӣ харидан мумкин аст.*** Агар нархи мол ва хизматрасониҳо баланд шаванд, он гоҳ ба маблағи пулии додашуда миқдори ками мол ва хизматрасониҳоро харидан мумкин аст, ки ин ба даромади оилаҳо таъсири худро мерасонад.

Мувофиқан чӣ қадаре ки сатҳи нархи мол, хизматрасониҳо ва суръати таваррум баланд бошад, ҳамон қадар миқдори ками мол ва хизматрасониҳоро одамон ба даромади номиналии худ харидорӣ карда метавонанд, аз ҳамин сабаб даромади ҳақиқӣ кам мешавад. Махсусан, оқибатҳои ногуворро дар ин хусус таварруми шиддатнок ба миён меоварад, ки на танҳо ба камшавии даромадҳои ҳақиқӣ, балки ба пастшавии некуаҳволӣ оварда мерасонад.

Дар шароити **таварруми пешбинишаванда** агентҳои иқтисодӣ ҳамин тавр метавонанд рафтори худро мувофиқ кунанд, то ки андозаи камшавии даромадҳои ҳақиқиро то ҳадди ақал расонанд. Масалан, коргарон метавонанд пешакӣ баланд намудани меъёри номиналии музди

меҳнатро талаб кунанд, фирмаҳо бошанд, метавонанд баландшавии нархи маҳсулоти худро бо мутаносибии суръати пешбинишавандаи таваррум мувофиқ гардонанд.

Лекин дар шароити таварруми ногаҳонӣ (пешбининашаванда) пастшавии даромадҳои ҳақиқиро барои ҳама агентҳои иқтисодӣ бартараф кардан ғайриимкон аст. Бинобар ҳамин оқибати махсуси таварруми ногаҳонӣ ба сифати азнавтақсимкунии даромадҳо ва бойигарӣ баромад мекунад. Таварруми ногаҳонӣ баъзе агентҳои иқтисодиро аз ҳисоби дигарон бой мегардонад. Даромадҳо ва бойигарӣ аз як агент ба агенти дигар мегузаранд:

– ***аз қарздиҳандагон ба қарзгирандагон***. Қарздиҳанда қарзро бо меъёри фоизи номиналӣ (*R*) вобаста аз андозаи даромади ҳақиқии дастрасшаванда (меъёри фоизи ҳақиқӣ ва суръати таварруми пешбинишаванда) пешкаш мекунад. Масалан, бо мақсади ба даст овардани даромади ҳақиқӣ дар андозаи 5% ва бо назардошти таварруми пешбинишаванда дар сатҳи 3%, қарздиҳанда меъёри фоизи номиналиро дар сатҳи 8% (5+3) ҷорӣ мекунад. Агар сатҳи аслии таваррум ба ҷои 3%-и пешбинишуда 8%-ро ташкил кунад, он гоҳ қарздиҳанда даромади ҳақиқиро ба даст намеорад ($r$=8–8=0). Агар суръати таваррум 10 фоизро ташкил кунад, он гоҳ даромади ҳақиқӣ дар ҳаҷми 2% аз қарздиҳанда ба қарзгиранда мегузарад ($r$=8–10=–2). Бинобар ҳамин дар давраҳои таваррум аз ин назар (пешбининашаванда) қарз гирифтан нисбат ба қарз пешкаш намудан фоидаовар аст;

– ***аз коргарон ба фирмаҳо.*** Вақте ки таваррум аз сатҳи пешбинишудааш баландтар мешавад, шахсони пулгиранда (коргарон) зарар дида, шахсони пулдиҳанда (фирмаҳо) бурд мекунанд. Фирмаҳо дар он ҳолат аз ҳисоби коргарон бурд мекунанд, ки агар таваррум аз сатҳи пешбинишудаашон баландтар бошад. Агар сатҳи таваррум аз сатҳи пешбинишудаашон паст бошад, он гоҳ коргарон бурд карда, фирмаҳо зарар мебинанд;

– ***аз оилаҳои даромади устувордошта ба оилаҳои даромади тағйирёбанда дошта***. Одамони даромади устувордошта, пеш аз ҳама, хизматчиёни давлатӣ ва одамоне, ки аз ҳисоби кумакпулиҳо (трансфертҳо) зиндагӣ мекунанд, доир ба афзоиши даромадҳои худ чора андешида наметавонанд, бинобар ҳамин дар давраҳои таварруми ногаҳонӣ, агар индексатсияи пурраи даромадҳо гузаронида нашавад, даромадҳои ҳақиқии онҳо бо суръати баланд паст мешаванд. Одамони даромади тағйирёбанда дошта, барои афзоиш додани даромади номиналии худ вобаста аз суръати таваррум имконият доранд, бинобар ҳамин даромадҳои ҳақиқии онҳо на танҳо кам намешавад, балки имкон дорад афзоиш ёбад;

– ***аз одамони пасандозҳои дар шакли пулӣ дошта ба одамони пасандоз надошта.*** Арзиши ҳақиқии пасандозҳо дар баробари

афзоишёбии суръати таваррум паст мешавад, бинобар ҳамин бойигарии ҳақиқии одамони пасандозҳои пулӣ дошта кам мешавад;

– ***аз калонсолон ба ҷавонон.*** Калонсолон аз таварруми ногаҳонӣ бештар зарар мебинанд, чунки аз як тараф, онҳо даромадҳои устувор (нафақа) мегиранд ва аз тарафи дигар, одатан онҳо пасандозҳои пулӣ доранд. Ҷавонон имконияти зиёд намудани даромадҳои номиналии худро дошта, пасандозҳои пулӣ надоранд ва аз ҳамин сабаб камтар зарар мебинанд.

– ***аз агентҳои иқтисодии пулҳои нақддошта ба давлат.*** Аз таварруми ногаҳонӣ бо дараҷаи муайян тамоми аҳолӣ зарар мебинад. Танҳо як субъекти иқтисодӣ бурд карда метавонад, яъне давлат. Ба муомилот пулҳои иловагиро бароварда (амалигардонии эмиссияи пулҳо), давлат ҳамзамон ба пулҳои нақд андоз, яъне андози таваррумиро ҷорӣ мекунад. Даромади давлат аз эмиссияи пулҳо **сенораж** номида мешавад. Давлат мол ва хизматрасониҳо (арзишҳои ҳақиқӣ)-ро харидорӣ намуда, бо пулҳои беқурбшуда пардохт мекунад. Лекин хароҷоти таваррум барои давлат низ вуҷуд дорад. Зарари давлат дар он аст, ки дар шароити ҷой доштани таваррум аҳолӣ кӯшиш мекунад, ки пардохти андозҳоро кашол диҳад, дар натиҷа арзиши ҳақиқии воридшавии андозҳо (даромади давлат) кам мешавад. Ин ҳодиса дар адабиёти иқтисодӣ самараи Оливер-Танзи номида шуда, аввалин маротиба дар миёнаи солҳои 80-ум дар мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ ба назар расида буд.

Оқибатҳои нисбатан ҷиддӣ ва шадид таварруми шиддатнок (гиперинфлятсия 1000%) ном дорад. Сабаби он афзоиши аз ҳад зиёди миқдори пул барои молиякунонии хароҷоти буҷети давлатӣ аз ҳисоби сенораж мебошад, ки бо ҷангҳо ва ё молиякунонӣ карда натавонистани касри калони буҷети давлатӣ бо дигар роҳҳо (тарзҳои ғайритаваррумӣ ва ё ғайриэмиссионӣ) алоқаманд аст.

Яъне таваррум дар бозори пулӣ пайдо шуда, шохаҳои он ба бозори молӣ, бозори сармоя ва ба бозори қувваи корӣ ворид мешавад ва дар натиҷа тамоми хаёти иқтисодиро фаро мегирад. Ин маънои онро дорад, ки ҳангоми оғоз ёфтани таваррум танҳо муътадилгардонии бозори пулӣ кифоя нест, барои ин мақсад амалҳои зарурӣ дар соҳаҳои сармоягузорӣ, истеҳсолот, муносибатҳои меҳнатӣ ва ғайраҳо зарур мебошанд.

Хулоса, таваррум дар асоси номувозинатии талабот ва пешниҳод дар иқтисодиёт пайдо шуда, дар афзоишёбии сатҳи умумии нархҳо ҳангоми пастшавии қобилияти харидории пул зоҳир мегардад, ки ҳисоби он тавассути формулаи назарияи миқдории пул имконпазир аст:

$$MV = PY$$

Аз ин формула маълум мегардад, ки сатҳи нархҳо ($P$) ба маҷмӯаи хароҷотҳои харидорон барои дастрас намудани неъматҳои истеҳсолшуда

(*MV*) мутаносибии рост дошта, аз ҳаҷми истеҳсолот (*Y*) вобастагии чаппа дорад:

$$P = \frac{MV}{Y}$$

Аз ин ҷо се сабабҳои зерини таваррумро муайян намудан мумкин аст: а) *афзоиши миқдори пул*; б) *баландшавии суръати гардиши пул;* в) *камшавии ҳаҷми бароriши маҳсулот.*

Таварруми шиддатнок (гиперинфлятсия) ба чунин оқибатҳо оварда мерасонад:

– **шикасти низоми молиявӣ** (пулҳо аҳамияти худро гум мекунанд, чунки қобилияти харидории онҳо бо суръати баланд паст шуда, пул вазифаи ченаки арзиши молро аз даст медиҳад, бинобар ҳамин гузариш ба иқтисодиёти бартерӣ ба вуҷуд меояд, ки дар он молҳо ба пул не, балки ба молҳои дигар мубодила карда мешаванд);

– **пастравии некуаҳволӣ** (даромадҳои ҳақиқии аксарияти аҳолӣ ба таври фоҷиавӣ кам мешавад);

– **вайроншавии механизми сармоягузорӣ** (сармоягузориҳо ба истеҳсолот муҳлати дарози ҷуброншавӣ дошта, дар шароити беқурбшавии суръатнокии пул ғайри самаранок мегарданд);

– **афзоиши шиддатнокии иҷтимоӣ,** ки дар натиҷаи он сар задани нофаҳмиҳои сиёсӣ, табаддулоти ҳарбӣ, ҷангҳои шаҳрвандӣ, инқилобҳо ва ғайраҳо имконпазир аст.

Аз он сабаб ки таварруми шиддатнок дар шароитҳои ҳозира касри буҷети давлатӣ ва зарурати сеноraж мебошад, барои боздоштани таварруми шиддатнок ҳукумат дар баробари қатъ гардонидани эмиссия, яъне интишори пул бояд ислоҳоти соҳаи буҷетиро амалӣ гардонад, яъне кам кардани хароҷоти давлатӣ ва баланд гардондани андозҳоро таъмин намояд.

Ҳамин тавр, новобаста аз он ки таварруми шиддатнок ҳама вақт ҳодисаи софи пулӣ аст, бартараф намудани он ҳама вақт ба гуфти *М. Фридман*, ҳодисаи фискалӣ (буҷету андоз) мебошад.

Таваррум новобаста аз пешбинишаванда ва ё ногаҳонӣ буданаш, хароҷоти зиёде дорад. Андозаи онҳо бо суръати таваррум муайян карда мешавад: чӣ қадаре ки суръати таваррум баланд бошад, ҳамон қадар хароҷоти он зиёд мешавад.

**?!**

**1. Сарчашмаҳои даромади оилаҳо аз куҷо ташкил меёбанд?**
**2. Мафҳуми даромад ва сатҳи зиндагиро шарҳ диҳед.**
**3. Одатан кадом намуди тақсимоти даромадҳоро аз ҳамдигар фарқ мекунанд?**
**4. Ба аҳолии аз ҷиҳати иқтисодии фаъол киҳо дохил мешавад?**
**5. Таваррум ба сатҳи зиндагии оилаҳо чӣ гуна таъсир мерасонад?**

# МАВЗӮИ 13. ВАЗИФАҲОИ ИҚТИСОДИИ ДАВЛАТ

## 13.1. Сабабҳо ва шаклҳои иштироки давлат дар танзимнамоии иқтисодиёт

Дар мавзӯҳои дар боло зикргардида мо оид ба кумаки давлат ба шаҳрвандони камбизоат, фаъолона ширкат варзидани он дар ҳалли муамоҳои иқтисодӣ, рушди соҳибкорӣ, танзими бозор фаъолияти босамар доштани давлатро дарк намудем. Аммо вазифаҳои воқеии давлат аз ин ҳам васеътар мебошанд. Ин мавзӯъ доимо дар мадди назари шаҳрвандон ва иқтисодчиён қарор дошта, баҳснок ба ҳисоб меравад. Барои муайян кардани ин сабабҳои иштироки давлатро дар танзимнамоии иқтисодиёт, роҳҳои ҳалли муаммоҳои ҷойдошта ва нақши онро дар иқтисодиёт бояд пурра таҳлил намоем.

Чӣ гуна шароитҳо лозиманд, ки ҳар як давлат ва шаҳрвандонаш соҳиби хоҷагидории самаранок бошанд? Ба ин савол *Адам Смит* (1723–1790), ки яке аз бузургтарин намояндагони иқтисоди сиёсии классикӣ мебошад, чунин мегӯяд: *«Барои давлатро аз зинаи поёнӣ ба зинаи болои рушди хоҷагидорӣ баровардан танҳо сулҳ, ва инчунин, андозҳои сабуку тоқатпазир дар идоракунӣ лозиманд, боқӣ худ ҷо ба ҷо хоҳад шуд»*. Аз назари дигар, давлат набояд ба фаъолияти хоҷагидории шаҳрвандон халал расонад, балки ҳуқуқҳои онҳоро бояд ҳимоя карда, фазои кориро барои онҳо муҳайё намояд ва онҳоро аз душманони берунӣ ҳифз кунад.

Дар маҷмӯъ инро озодии иқтисодӣ меноманд, ки дар асоси он санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ ба роҳ мондани фаъолияти озодонаи шаҳрвандонро таъмин мекунад. Дар иртибот бо ин давлат – сохтори сиёсию ҳукмрон ва назорату таъминкунандаи ҳаёти орому осоиштаи мардум мебошад. Аз назари таърих бармеояд, ки пайдоиши давлат ба замонҳои хеле қадим мансуб аст. Мувофиқи далелҳо давлат ҳамчун сохтори зери итоат нигоҳдорандаи мардум ҳанӯз дар зинаҳои болоии даврони қабилагии инсоният арзи вуҷуд кардааст. Пешрафти минбаъдаи қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷомеа боиси миқёсан васеву калон гардидани давлат мегардад.

Дахолати давлат ба иқтисодиёт асосан ба воситаи сиёсати иқтисодӣ ба роҳ монда мешавад. Давлат барои ин фишангҳои иқтисодиро истифода намуда, усул ва услубҳои ташкили ҳаёти иқтисодӣ ва таркиби онро муайян мекунад. Он ҳимоятгари моликият, манфиатҳои субъектҳо ва агентҳои иктисодӣ буда, имконият медиҳад, ки мақсадҳои иқтисодии онҳо дар амал тадбиқ карда шаванд. Давлат ба воситаи «дастҳои ноаён» қонунҳои иқтисодиро дар амал тадбиқ менамояд.

Давлат фақат масрафи нигоҳ доштани соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ, соҳаҳои иҷтимоӣ ва зербинои иқтисодию иҷтимоӣ (сохтани роҳҳо,

фурудгоҳҳо, шабакаҳои алоқа, нақлиёт, барқ, илм, фарҳанг, мудофиа, маориф...)-ро ба уҳда мегирад.

## 13.2. Вазифаҳои иқтисодии давлат дар шароити бозор

Дар солҳои охир рушди иқтисодиёти аксари мамлакатҳоро бе иштироки васеи давлат тасаввур кардан мушкил аст. Зеро рушди иқтисодиёти муосир омехта гаштааст. Ин маънои онро дорад, ки батанзимдарории бозор аз истеҳсолоти ҷамъиятӣ вобастагӣ дошта, аз тарафи давлат тавозун нигоҳ дошта мешавад. Давлат дар иқтисодиёт мавқеи дутарафиро ба худ гирифта метавонад. Аз рӯи ин нишона давлатҳое дучор мешаванд, ки ҳиссаи афзалиятнок ва ё тамоми иқтисодиётро ба зери тасарруфи худ мегиранд ва ё дар он ба монанди хоҷагиҳои ҷудогона нақши маълумро соҳиб мегарданд.

Яке аз вазифаҳои асосии давлат дар шароити иқтисоди бозорӣ пешбурди рушди иқтисодӣ ба шумор меравад. Маҳз бо ҳамин шарт давлатҳо метавонанд нақши худро васеъ намоянд (расми 13.1). Албатта, давлат на танҳо ба фаъолияти соҳибкории худ, балки якбора бо роҳи қонунгузориҳои хоҷагӣ, мусоидат ба корхонаву соҳибкорон, дастгирию мададгорӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои қонунӣ бо иқтисодиёт алоқаманд гардида метавонад. Дар аксарияти кишварҳои тараққикардаи низоми иқтисоди бозорӣ, давлатҳо моҳирона фаъолияти хоҷагиҳо ва сармояи хусусию давлатиро равнақ медиҳанд. Ва дар мавридҳои зарурӣ бо кумаку маҳдуд кардани онҳо мусоидат менамоянд. Ба ин восита аз мутобиқати фаъолияти якҷояи давлат ва сектори хусусӣ иқтисодиёти онҳо босуръат пеш меравад. Яъне дар ин равишҳо давлатҳо чунин вазифаҳоро иҷро мекунанд: роҳнамоӣ, танзимгарӣ, идоравӣ, маҳдудкунӣ, ҳавасмандгардонӣ. ***Давлат институти волоиятест, ки ҳуқуқ дорад аз болои хоҷагиҳо ва ширкатҳо дар ҳолатҳои зарурӣ ҳукмронӣ намояд.*** Барои давлатҳои ҳозира вазифаҳои мураккаб ва бисёрҷанба хос мебошад. Ҳар яке аз онҳо нақш ва мақоми хоса дошта, ба мақсад ва иҷрои вазифаҳои мушаххас нигаронида шудаанд. Онҳо мувофиқи инкишофи стратегияи иҷтимоию иқтисодӣ ба мақсади интиҳоӣ ва марҳалаҳои инкишофи мамлакат бештар мусоидат мекунанд.

Дар адабиёти иқтисодии мамлакатҳои Ғарб бештар ба чунин вазифаҳои иқтисодии давлат диққат дода мешавад: *ташкилию хоҷагӣ; иҷтимоию маданӣ; таъмини базаи ҳуқуқӣ ва муҳити иҷтимоӣ; истиқрори иқтисодиёт; ҳавасмангардонии рушди иқтисод; ҳифз ва инкишофи ҳамаҷонибаи моликияти давлатӣ ва моликияти хусусӣ; ҳифзи рақобату муҳити зист; тақсим ва азнавтақсимкунии даромад ва сарват; ба ҳадди муносиб (оқилона) расондани таркиби маҳсулоти миллӣ;*




Расми 13.1. **Вазифаҳои иқтисодии давлат**

*танзими намудҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ; таъмини шуғли аҳолӣ ва амнияти иқтисодӣ; танзими нарх, бозори сармоя, меҳнат, замин, молия ва раванди иҷтимоиёт; таъмини ҳамкорӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ; раванди боэътимод нигоҳ доштан ва пурзӯргардонию механизми иқтисоди бозорӣ ва ғайра.*

Инчунин вазифаҳои иқтисодии давлат дар шароити бозор аз таъмини заминаи ҳуқуқӣ ва муҳити ҷамъиятӣ, ҳифзи рақобат, азнавтақсимкунии даромад, назорати сатҳи таваррум, шуғл ва ҳавасмангардонии рушди иқтисодӣ, ки барои самаранок амал кардани бозор шароити муфид муҳайё мекунад, иборат мебошад.

Яке аз вазифаҳои асосии давлат таъмини заминаи ҳуқуқии субектҳои хоҷагидор ва муҳити ҷамъиятӣ мебошад. Дар қонунҳову кодексҳои қабулгардида нақшу мақом, мақсад, вазифа, шаклу намуд, принсипҳо ва методҳои фаъолият, шаклу намуди моликият ва тарзу услуби хоҷагидорӣ, соҳибкорию корчаллонӣ, идораю тарҳрезӣ, ташкили фоидаю тақсими он, андозу андозбандӣ, ташкили муносибатҳои меҳнатӣ (музди кор, шартномаю қарордодҳо), муносибати иттифоқи касаба ва корфармоён, ҳифзи истеъмолгару тавлидгар ва ғайра инъикос меёбанд.

**1. Ҳимоя намудани ҳуқуқҳои моликият ва таъмини суботи сиёсӣ.** *Ҳуқуқи моликият ба одамон имконият медиҳад, ки захираҳои дар ихтиёрдоштаро дар фаъолияти худ истифода карда тавонанд.* Барои меҳнат, пасандозкунӣ, сармоягузорӣ, савдо, ихтироъ кардан одамон бояд боварӣ дошта бошанд. Бояд давлат натиҷаи меҳнати онҳо ва моликияти дар ихтиёрдоштаи онҳоро ҳифз карда, бо санадҳои меъёрию ҳуқуқии қабулгардида ба иҷрои созишномаҳои баимзорасонидаи онҳо мусоидат намояд. Ҳатто имконияти хурди номуътадилии сиёсӣ нисбат ба ҳуқуқҳои моликият номуътадилиро ба миён меорад, зеро ҳокимияти инқилобӣ метавонад моликият ва махсусан, сармояҳоро мусодира

намояд. Ин равияи сиёсат дар аввал ҳамчун асоси институтсионалӣ барои зиёд гардондани сармоягузориҳои дохилӣ зарур буда, барои ҳифзи моликияти зеҳнӣ низ аҳамияти калон дорад ва барои пешравии технологӣ мусоидат менамояд.

**2. Ҳавасмандгардонии савдои озод.** Савдои озод ба мамлакат имконият медиҳад, ки тамоми маҳсулотҳоро мустақилона истеҳсол накарда, қисме аз онҳоро аз дигар мамлакатҳои нисбатан пешрафта харидорӣ намояд. Одатан барои мамлакатҳои тараққикардаистода ҳимояи соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт аз рақобати хориҷӣ ва амалигардонии сиёсати протексионизм (ҳимоятгарой) зарур аст. Лекин чунин амал кардан нисбатан ғайрисамаранок аст, зеро васеъшавии савдо бо кишварҳои мутараққӣ ба мамлакатҳои тараққикардаистода имконият медиҳад, ки дар хароҷоти истеҳсолӣ сарфа намоянд, маҳсулоти ғайрисамаранокро истеҳсол накунанд ва аз дастовардҳои техникию технологии ҷаҳонӣ бархӯрдор бошанд.

**3. Назорат кардани афзоиши аҳолӣ.** Барои таъмини рушди некуаҳволӣ суръати афзоиши истеҳсолот бояд аз суръати афзоиши аҳолӣ зиёд бошад. Суръати баланди афзоиши аҳолӣ омилҳои боқимондаи истеҳсолотро «нозук» гардонда, имкониятҳои рушди иқтисодиро паст мекунад. Афзоиши босуръати аҳолӣ таъминоти сармояро паст карда, ба пастшавии ҳосилнокии меҳнат ва сатҳи некуаҳволӣ сабаб мешавад.

**4. Ҳавасманд гардондани сармоягузориҳо ва пасандозҳои дохилӣ.** Афзоиши захираи сармоя (капитал) дар иқтисодиёт бо воситаи сармоягузориҳо ба миён меояд. Чи қадаре ки ҳиссаи сармоягузориҳо ба иқтисодиёт зиёд бошад, ҳамон қадар суръати рушди иқтисодӣ баланд мешавад. Азбаски афзоиши захираи сармоя бевосита ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат таъсир мерасонад, шарти асосии рушди иқтисодӣ зиёд намудани сармояҳо мебошад. Асоси сармояҳоро пасандозҳо ташкил мекунанд. Агар ҷамъият камтар истеъмол карда, бисёртар пасандоз намояд, он гоҳ ин ҷамъият барои сармоягузорӣ захираҳои зиёдтар дорад.

**5. Ҳавасманд намудани ҷалби сармояҳо аз хориҷа.** Афзоиши сармоя метавонад на танҳо аз ҳисоби сармояҳои дохилӣ, балки аз ҳисоби сармояҳои хориҷӣ ба вуҷуд ояд. Ду намуди сармояҳои хориҷиро аз ҳам фарқ мекунанд: мустақим ва портфелӣ. Сармояҳои мустақими хориҷӣ – маблағгузориҳо ба сармояи асосӣ буда, онро шаҳрвандони хориҷӣ (нерезидентон) соҳибӣ ва идора мекунанд. Мисоли ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ таъсисдиҳии филиали фирмаи хориҷӣ дар мамлакат мебошад. Сармояҳои ҷузвдонӣ (портфелӣ)-и хориҷӣ маблағгузорӣ ба сармоя буда, аз тарафи шаҳрвандони хориҷӣ маблағгузорӣ карда мешаванд ва зери идоракунии истеҳсолкунандагони мамлакат қарор доранд. Ба сармояҳои портфелии хориҷӣ хариди саҳмияҳо ва вомбаргҳои

фирмаҳои мамлакат, ки аз тарафи шаҳрвандони хориҷӣ харидорӣ карда мешаванд, мисол шуда метавонад. Сармояҳои хориҷӣ ба рушди иқтисодии мамлакат мусоидат мекунанд. Ба барориши қисми фоидаи фирмаҳо ба хориҷа нигоҳ накарда, сарчашмаҳои молиякунонии иқтидорҳои иқтисодии мамлакатро зиёд менамоянд ва сатҳи ҳосилнокӣ ва музди меҳнатро баланд мекунанд. Ба ғайр аз ин, сармояҳои хориҷӣ ба мамлакатҳои тараққикардаистода имконият медиҳанд, ки технологияҳои пешқадами дар кишварҳои мутараққӣ ихтироъ ва истифодашавандаро аз худ намоянд.

**6. Ҳавасамандгардонии маориф**. Маблағгузорӣ ба соҳаи маориф асоси рушди сармояи инсонӣ мебошад. Дар ИМА мувофиқи маълумотҳои оморӣ, ҳамасола маблағи барои таҳсил сарфшуда музди меҳнати коргарро ба ҳисоби миёна ба 10% баланд мекунад. Рушди маориф на танҳо ҳосилнокии меҳнати инсонро баланд мекунад, ба ғайр аз ин, самараи мусбии беруна низ дорад. Самараи беруна ҳамон вақт ҷой дорад, ки агар амали як шахс дар некуаҳволии шахси дигар ва ё дигар одамон инъикос ёбад. Шахси маълумотнок ақидаҳоеро пешкаш карда метавонад, ки барои дигарон низ фоидаовар буда, барои истифода дастраси ҳамагон мегарданд. Ин асосноккунӣ нисбат ба маорифи давлатӣ мебошад. Дар баробари ин ҳодисаи «фирори ақлҳо», яъне муҳоҷирати мутахассисони нисбатан маълумотнок аз мамлакатҳои камбизоат ва мамлакатҳои дар иқтисодиёти гузариш буда, ба мамлакатҳои мутараққӣ таъсири манфӣ дорад.

**7. Ҳавасмандгардонии тадқиқот ва ихтироот**. Тадқиқот ва ихтирооти илмӣ асоси дониши технологӣ буда, омили асосии суръатбахшии рушди иқтисодӣ ба ҳисоб мераванд. Бо мурури замон дониш ба неъмати ҷамъиятӣ мубаддал гардид, ки барои истифода бурда тавонистан аксарият кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Бинобар ҳамин донишҳои технологӣ, ҳамчун маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ дорои самараи берунӣ мебошанд. Тадқиқот ва ихтироот бо воситаи бурсияҳо, паст намудани андоз ва додани патентҳо ихтироъкунандагонро ҳавасаманд карда метавонанд.

Дар ҳолати танзим гардидани ин бандҳо ва иҷрои қонунҳо аз ҷониби ташкилотҳои махсуси давлатӣ, ширкатҳо ва хоҷагиҳои хонагӣ иқтисоди давлат пеш рафта, натиҷаҳои назаррас ба даст хоҳанд расид.

## 13.3. Нақш ва мақоми давлат дар танзими давлатии иқтисодиёт ва ташаккули даромадҳо

Сабабҳое, ки давлатро барои амалигардонии танзими давлатӣ ва сиёсати ҷорӣ водор месозанд, гуногун мебошанд.

Тағйирёбии фаъолнокии иқтисодӣ дар низоми иқтисодӣ ҳодисаи муқаррарӣ ва қонунӣ мебошад. Ба монанди дигар равандҳо дар иқтисодиёт, ноустувории ҷараёни инкишоф ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии худро

дорад. Ҷихати мусбӣ бо он алоқаманд аст, ки бо шарофати тағйирёбии вазъият, зинаҳои нисбатан суст ва ғайрисамараноки иқтисодиёт дарёфт ва бартараф карда мешаванд.

Таърихан иқтисодиётро тибқи ду усул: усули ғайридавлатӣ, яъне бозорӣ ва давлатӣ танзим мекунанд. Танзими ғайридавлатӣ аз ҷониби субъектҳо ва агентҳои алоҳидаи иқтисодӣ – ширкатҳо ва фирмаҳо перомуни тақсими бозори фурӯш ва ташаккули нархҳо, ҳавзаи тиҷорат, биржаҳои молию пулӣ, савдои яклухт ва чакана, намоишгоҳҳо, низоми итилоотӣ, асъор ба роҳ монда мешавад.

Ин тарз ва усули танзим ҳамаҷониба иқтисоди миллиро фаро гирифта наметавонад. Бинобар ин танзими комили иқтисодиёт аз тарафи давлат ба роҳ монда мешавад.

**Танзими давлатии иқтисод** маҷмӯи тадбир ва меъёрҳои муайяни қонунгузорӣ, иҷроия ва назоратие мебошад, ки ба мақсади истиқрори иқтисод ва баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволӣ нигаронида шудааст. Он ҳамчун ҷузъи муҳимтарини макроиқтисод, алалхусус, такрористеҳсоли ҷамъиятӣ сурат гирифта, ба мақсади ҳавасмандгардонии рушди иқтисод, танзими шуғл, дастгирии афзоиш, пешгирии таназзули иқтисод ва бартараф намудани нобаробариҳои иқтисодӣ истифода карда мешавад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки танзими давлатии иқтисод вобаста аз шароитҳои таърихӣ, захираҳои иқтисодӣ, захираҳои молию пулӣ, ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, таҷрибаи хоҷагидорӣ ҳархела сурат мегирад.

Дар олами муосири иқтисод чунин усулҳои танзими давлатӣ бештар истифода карда мешаванд: *ҳуқуқӣ*, *маъмурӣ*, *иқтисодӣ*, *мустақим* ва *ғайримустақим*.

Аз расми 13.2 аён мегардад, ки дар сатҳи макроиқтисод тарзу услуб, фишанг ва нишондиҳандаҳои зиёди танзими иқтисод истифода карда мешаванд. Фишанг ва нишондиҳандаҳои танзими иқтисод низ дар алоҳидагӣ методи куллан фарогиранда нестанд. Агар дар яке аз бахш ё худ риштаи иқтисод манфиати онҳо бештар бошад, шояд дар дигар нуқтаи он фоиданокиашон камтар бошад. Аз ин нигоҳ давлат ҳангоми муайян кардани сиёсати пулию қарзӣ, бонкӣ, хазинадорӣ, асъор, иҷтимоӣ, бурунмарзӣ имкониятҳои беҳтарин ва мусоидаттарини онҳоро дарёфт намуда, тибқи захираҳои иқтисодӣ ва ҳаллу фасли вазифаҳои иқтисодию иҷтимоӣ онҳоро истифода мебарад.

Нақши дигари асосии давлат дар замони ҳозира танзими роҳҳои гирифтани даромад мебошад: *ситонидани андоз аз аҳолӣ ва корхонаҳо; даромад аз фаъолияти берунии иқтисодӣ; даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ; кулли дигар даромадҳо аз соҳаҳо.*




Расми 13.2. **Нақш ва мақоми давлат дар танзими давлатии иқтисод**

Роҳҳои дар боло номбаршуда ба давлат имкон медиҳанд, ки вай соҳиби маблағҳои муайян гардида, даромади буҷети худро таъмин намояд. Ва дар маҷмӯъ ин ба молияи давлатӣ мубаддал гардида, қисми хароҷотро низ ташкил медиҳад, ки тавассути он давлат маблағҳои гирдовардашударо бо мақсадҳои муайян масраф менамояд: *хароҷоти нигоҳдории сохторҳои давлатӣ; хароҷоти мудофиаю ҳифзи ҳуқуқ; чораҳои иҷтимоию фарҳангии сокинон; хароҷоту кумакҳои дастгирии иқтисод; хароҷоти ҳифзи муҳити зист; ширкат дар фондҳову чорабиниҳои байналмиллалӣ; харидани молҳову хизматрасониҳо ва ғайраҳо.*

Инчунин дигар хароҷоти давлатӣ вуҷуд доранд, ки дар ин ҷо мо онҳоро пурра оварда наметавонем. Бинобар ин дар мавзӯъҳои дигар ин масъалаҳоро таҳлил хоҳем кард.

## 13.4. Низоми мақсадҳои сиёсати иқтисодӣ

Сиёсати иқтисодӣ раванди амалигардонии мақсадҳои муайянро дар назар дорад. Ошкор аст, ки дар ҷараёни инкишофи ҷамъият ҳал намудани мақсадҳои зиёд зарур аст. Барои дарки пурра, ишоракунӣ ва иҷрои дуруст тасаввуроти аниқи тамоми сохтори вазифаҳои ҷамъият талаб карда мешавад.

**Мақсади асосии сиёсати иқтисодӣ** дар дастрас гардондани некуаҳволии ҳадди аксари тамоми ҷамъият ифода меёбад. Лекин таҷриба нишон дод, ки то кадом андоза ин мафҳум аз нуқтаи назари илмӣ мураккаб аст. Сабаб дар он аст, ки оид ба некуаҳволӣ сухан ронда, миқдоран муайян кардани он душвор аст. Бинобар ҳамин дар ин ҷо оид ба низоми мақсадҳои асосии сиёсати иқтисодӣ сухан рондан дуруст аст.

Мақсадҳои асосии сиёсати иқтисодӣ:

**Рушди босуботи иқтисодӣ ҳангоми нархҳои муътадил**. Кӯшиш ба рушди иқтисодӣ ба кӯшиши инсоният барои инкишофёбӣ ва мақсади асосии танзими давлатии иқтисодиёт, яъне барои нигоҳдорӣ ва мустаҳкамгардонии сохтори мавҷудбуда мувофиқат мекунанд. Танҳо дар шароити рушди иқтисодӣ шуғли муътадил, афзоиши сатҳи зиндагонӣ, инкишофи инфрасохтор, афзоиши даромадҳои буҷети давлатӣ, таъмини шароитҳои мусоид барои тараққиёти минбаъдаи иқтисодиёт имконпазир аст. Лекин рушди иқтисодӣ бе ба эътибор нагирифтани оқибатҳои манфӣ хатарнок аст. Бинобар ҳамин яке аз вазифаҳои амиқи сиёсати иқтисодии давлат муайян кардани суръати имконпазир ва дархостшавандаи рушд ҳамчун мақсади барномавии иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб меравад.

**Рушди иқтисодии муътадил** суръати устувори афзоиш дар ҳолати нархҳои муътадил мебошад. Муътадилии нархҳо ҳаммаънои тағйирнопазирии онҳо нест. Мақсади танзими давлатии иқтисодиёт дар соҳаи нархҳо муътадилии нисбӣ мебошад. Барои ин муайян намудани ҳудудҳои имконпазири афзоиши нархҳо ва назорат аз болои омилҳое, ки сатҳи онҳоро муайян мекунанд, заруранд.

**Дастгирии шуғл**, пеш аз ҳама, мавҷудияти бекориро дар ҳудудҳои имконпазир дар назар дорад. Воситаи асосии мубориза бо бекорӣ ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ мебошад. Дар маҷмӯи фишангҳои сиёсати иқтисодии давлатӣ, бо мақсадҳои афзоишдиҳии шуғл, як қатор чораҳои намунавӣ, ба монанди ташкили корҳои ҷамъиятӣ, аз бозомӯзӣ гузаронидани бекорон, кумак барои муҳоҷират ба минтақаҳои дигар, равона сохтани коргарон ба хориҷа ва ғайраҳо дар назар дошта мешавад.

**Мукаммалгардонии сохтори хоҷагидорӣ**. Мукаммалгардонии секторӣ, соҳавӣ ва минтақавии сохтори иқтисодиёт бо воситаи баланд намудани зудҳаракатии омилҳои истеҳсолот амалӣ мегардад.

**Дастгирӣ намудани рақобат.** Сиёсати иқтисодии давлатӣ оид ба дастгирии рақобат танҳо дар ҳолати мавҷудияти чунин заминаҳо имконпазир аст: *фаъолияти озодонаи соҳибкорон, ки қонунан кафолат дода шуда, дар амал истифода мешавад; озодии созишномабандӣ; шаффофияти бозор; озодона воридшавӣ ба бозор; тайёрии аҳолӣ барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ.*

**Тақсимоти баробари даромад ва моликият**. Мутамарказонии афзоишёбандаи моликият ва даромад, ҷудошавӣ байни сарватмандон ва камбизоатон, дар қисми муайяни аҳолӣ нисбат ба низоми мавҷуда нобовариро ба миён оварда, ҳолати иҷтимоиро шиддатнок мегардонад. Баробари ин, сиёсати иқтисодии давлат мақсади худро дар тақсимоти баробари даромадҳо ва моликият мебинад.

Барои ноилгардӣ ба ин мақсад чунин фишангҳо истифода мешаванд: *дастгирии давлатии пасандозҳои шахсони бо киро коркунанда; истифодаи қисми музди меҳнат ба мақсади сармоягузорӣ; иштироки коргарони корхона дар тақсимоти фоидаи он; барориши саҳмияҳои халқӣ барои объектҳои давлатии хусусигардонидашаванда.*

**Мувозинатии беруниқтисодӣ ҳамчун мақсади сиёсати иқтисодии давлат**. Мувозинати беруниқтисодӣ танҳо бо механизмҳои бозорӣ таъмин нагардида, танзими доимии давлатиро талаб мекунад.

Мақсадҳои танзими беруниқтисодӣ бо ҳамзистӣ бо фишангҳо ва механизмҳои амалигардонии онҳо, ки барои инкишофи алоқаҳои беруниқтисодӣ равона карда шудаанд, самти сиёсати беруниқтисодии давлатӣ ба ҳисоб мераванд. Унсурҳои таркибии сиёсати беруниқтисодӣ сиёсати савдои беруна, сиёсати баланд намудани самаранокии фаъолияти беруниқтисодии ғайритиҷоратӣ ва инкишофи ҳамкориҳои иқтисодии дарозмуддат ба ҳисоб мераванд.

**Ихтилофи «шуғл ва нархҳо»**. Чи қадаре ки сатҳи шуғли аҳолии қобили меҳнатдошта баланд шавад, ҳамон қадар сатҳи музди меҳнати маҷмӯи қувваи корӣ ва мувофиқан ҳаҷми маҷмӯи талабот баланд мешаванд. Дар натиҷа нархҳо ногузир баланд мешаванд. Истеҳсоли маҳсулот ва хизматҳо низ афзоиш меёбанд. Дар зинаи рушди иқтисодӣ (ҳангоми зиёдшавии шуғл) суръати афзоиши музди меҳнат аз суръати ҳосилнокии он зиёдтар шуда метавонад. Ин ҳолат бо он алоқаманд аст, ки дар зинаи рушди иқтисодӣ иттифоқҳои касаба фишори худро ба иттифоқҳои кордиҳандагон пурзӯр намуда, баланд намудани меъёри афзоиши ҳармоҳинаи музди меҳнатро талаб мекунанд. Иттифоқҳои соҳибкорон ба талабҳои коргарон дар давраҳои пастравӣ ва ретсессия итоат накарда, дар ҳолати номбурда талаби онҳоро қонеъ мегардонанд.

Дар навбати худ шиддатёбии таваррум пастравии вазъиятии истеҳсолотро ба миён оварда, ба камшавии шуғл сабаб шуда метавонад.

Мувофиқан, сиёсати иқтисодиро барои зиёд намудани шуғл равона сохта, ҳатман бояд арзиши ин амал, яъне шиддатёбии таваррумро дар назар дошт. Ҳангоми қабули қарор бояд муайян намуд, ки кадом вазифа дар худ хатари иҷтимоӣ – иқтисодиро ифода мекунад.

?!

1. Кадом вазифаҳои иқтисодиро давлат дар шароити бозорӣ иҷро менамояд?
2. Ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти мамлакат чӣ афзалият дорад?
3. Роҳҳои танзими давлатиро номбар кунед.
4. Мақсади асосии сиёсати иқтисодии давлат аз чӣ иборат аст?
5. Давлат бо кадом роҳҳо иқтисодиётро ба танзим медарорад?

# МАВЗӮИ 14. НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ МАКРОИҚТИСОДИЁТ

## 14.1. Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва усулҳои ҳисоби он

Олими иқтисодшиноси амрикоӣ *С. Кузнес* дар ибтидои солҳои сиюми асри XX оқибатҳои буҳрони шадиди умумиҷаҳонии солҳои 1929–1933-ро дар Америка таҳлил намуда, ба хулосае омад, ки натиҷаи фаъолияти иқтисодиёт дар миқёси мамлакат бояд бо нишондиҳандаҳои муайяни иқтисодӣ ҳисоб карда шавад.

Барои муайян кардани ҳаҷми истеҳсолоти мамлакат, бояд ҳаҷми истеҳсоли хамаи молҳо ва хизматрасониҳо ҷамъ карда шавад. Вале дар ҳолати ҷамъ кардани миқдори куртаҳои истеҳсолкардашуда бо миқдори телевизорҳо ва масолеҳи сохтмонӣ номумкин аст. Бинобар ин дар ин ҷо сухан оид ба арзиши онҳо меравад. Арзиши молҳо ва хизматрасониҳоро ҷамъ карда истода, мо нишондиҳандаи асосии ҷамъбасткунандаи макроиқтисодӣ – *маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ* (*ММД*)-ро мебарорем. Аз рӯи сатҳи ин нишондиҳанда мо метавонем муайян намоем, ки иқтисодиёти мамлакат рушд ё таназзул ёфта истодааст.

***ММД* арзиши бозории ҳамаи молҳо ва хизматрасониҳои ниҳоиест, ки дар давоми як сол дар мамлакат истеҳсол карда шудааст.**

Ин таърифро шарҳ додан зарур аст.

Якум, неъматҳо ва хизматрасониҳое, ки дар бозор фурӯхта намешаванд, аммо истеҳсол гардида, масалан, дар дохили хоҷагии хонагӣ мавриди истифода қарор мегиранд, ба *ММД* дохил намешаванд. Агар шахс дар қитъаи замини наздиҳавлигӣ маҳсулотро барои оилаи худ истеҳсол карда, онро барои фурӯш ба бозор набарорад, он гоҳ ин маҳсулот ба *ММД* дохил намешавад.

Дуюм, ба *ММД* молҳо ва хизматрасониҳое, ки дар истеъмоли ниҳоӣ истифода нашуданд, дохил карда намешаванд. Фарз мекунем, ки дар

давоми сол деҳқон пахта кишт карда, ҳосили ҷамъкардаашро ба корхонаи коркарди пахта мефурӯшад; корхонаи коркарди пахта онро коркард намуда, матоъ истеҳсол менамояд ва онро ба корхонаи дӯзандагӣ мефурӯшад; корхонаи дӯзандагӣ ин матоъро истифода карда, аз он либос дӯхта ба истеъмолкунандагон мефурӯшад. Савол ба миён меояд. Дар натиҷаи ин амалиётҳо афзоиши *ММД* ба чӣ баробар аст? Ҷавоби дуруст: ба арзиши либоси фурӯхташуда. Арзиши пахта ва арзиши матоъ ба арзиши либос дохил мешаванд, бинобар ин, агар мо онҳоро ба *ММД* дохил намоем, ин чунин маъно дорад, ки мо арзиши матоъро ду маротиба, арзиши пахтаро бошад, се маротиба (як маротиба – арзиши худи пахта, маротибаи дуюм – дар арзиши матоъ, маротибаи сеюм бошад, дар арзиши либос) ҳисоб менамоем. Пахта ва матоъ дар ин ҳолат маҳсулоти фосилавӣ (мобайнӣ) маҳсуб меёбанд, маҳсулоти ниҳоӣ танҳо либос мебошад. Агар мо ба *ММД* маҳсулоти фосилавиро дохил намоем, он гоҳ ба ҳисоби такрорӣ роҳ медиҳем. Дар таҷриба *ММД*-ро чунин ҳисоб мекунанд: аз арзиши маҳсулоти ҳар як истеҳсолкунанда арзиши молҳоеро, ки вай аз дигар истеҳсолкунандагон харида буд, тарҳ мекунанд ва ҳамонеро ки боқӣ мемонад (арзиши иловашуда), ҷамъ мекунанд. Суммаи ҳамаи арзишҳои иловашуда ба арзиши молҳо ва хизматрасониҳои ниҳоӣ ё ки *ММД* баробар аст.

Сеюм, дар *ММД* молҳо ва неъматҳое, ки дар иқтисодиёти ниҳонӣ (ғайриқонунӣ) истеҳсол мешаванд, ба ҳисоб гирифта намешаванд. Агар соҳибкорон фаъолияти истеҳсолии худро расман ба қайд нагирифта, молу хизматрасониҳоро истеҳсол намуда, мувофиқан ба давлат андоз насупоранд, молҳои истеҳсолкарда ва хизматрасониҳои иҷронамудаи онҳо дар *ММД* ба ҳисоб гирифта намешавад.

Чорум, ба *ММД* арзиши маҳсулоти истеҳсолкардаи фирмаҳои хориҷии дар ҳамин мамлакат фаъолияткунанда низ дохил мешавад. Масалан, арзиши роҳҳое, ки аз тарафи фирмаҳои хитоӣ бунёд карда мешаванд, дар *ММД* Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Панҷум, дар *ММД* аризиши молҳо ва хизматросониҳои танҳо дар ҳамин сол истеҳсолгардида дохил мешавад. Масалан, ҳангоми муайян кардани ҳаҷми *ММД*-и соли 2015 фақат арзиши бозории молҳо ва хизматрасониҳои дар соли 2015 истеҳсолгардида ба ҳисоб гирифта мешавад. Арзиши молҳои солҳои қаблӣ истеҳсолгардида (масалан, соли 2013, 2014) ба ММД дохил намешавад.

Ҳамчунин бояд дар назар дошт, ки амалиётҳои молиявӣ дар *ММД* ба ҳисоб гирифта намешаванд. Маблағи хариди саҳмияҳо, вомбаргҳо, фоизҳо аз рӯи вомбаргҳои давлатӣ ва трансфертҳоро ҳангоми ҳисоби *ММД* ба назар намегиранд.

Ҳисобкунии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо истифода аз усулҳои гуногун имконпазир аст. Аз модели гардиши даврии захираҳо, пул, молҳо ва хизматрасониҳо медонем, ки даромадҳо ва хароҷоти агентҳои иқтисодӣ мувофиқи давра ҳаракат менамоянд, илова бар ин, даромадҳои яке




аз агентҳои иқтисодӣ хароҷотҳои дигар агентҳои иқтисодӣ мебошад. Мувофиқан барои муайян кардани бузургии *ММД* усулҳои ҳисоб карданро «аз рӯи хароҷот» ва «аз рӯи даромадҳо» истифода мекунанд. Ба ғайр аз ин, ба таркиби *ММД* танҳо молҳо ва хизматрасониҳои ниҳоӣ ворид карда мешаванд, бинобар ин барои ҳисоби *ММД* усули ҳисобкуниро аз рӯи ҷамъ кардани арзишҳои иловашудаи дар мамлакат давоми як сол истеҳсолгардида истифода мекунанд.

Дар аввал усули ҳисобкунии *ММД*-ро аз рӯи усули хароҷот дида мебароем. Ҳар яке аз агентҳои макроиқтисодӣ хароҷоти муайян мекунад ва *ММД* бошад, ба суммаи хароҷоти ҳамаи агентҳои макроиқтисодӣ барои молҳо ва хизматрасониҳо баробар аст.

Хароҷоти истеъмолкунандагон (*consumption – C*) ба се гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: *хароҷот барои молҳои истеъмоли ҷорӣ; хароҷот барои молҳои истифодаи дарозмуддат; хароҷот барои хизматрасониҳо.*

Бояд дар назар дошт, ки хароҷоти истеълкунандагон дар таркиби *ММД* ҷамъшавандаи калонтарин маҳсуб меёбанд.

Хароҷоти фирмаҳо сармоягузориҳо (*investments – I*) низ аз се гурӯҳ иборат аст: *хароҷот барои хариди таҷҳизот; хароҷот барои сохтмон (аз ҷумла, хароҷот барои сохтмонҳое, ки на танҳо фирмаҳо, инчунин, шаҳрвандон масраф мекунанд); сармоягузориҳо барои захираҳо (маводҳо, маҳсулоти фурӯхтанашуда дар анборҳо).*

Хароҷоти давлат барои молҳо ва хизматрасониҳо (*government – G*) самтҳои гуногунро фаро мегиранд, аз ҷумла, хароҷотро барои: *тандурустӣ; маориф; фарҳанг; мудофиа; инфрасохтор ва ғайраҳо.*

Хароҷоти бахши берунииқтисодӣ ҳамчун фарқияти байни содирот (*export* – *Ex*) ва воридот (*import* – *I*) муайян карда мешавад, ки онро содироти соф (*NX*) меноманд.

Ҳамин тавр, формулаи ҳисоби *ММД*-ро аз рӯи хароҷот дар намуди зерин тасвир кардан мумкин аст;

$$Y = C + I + G + NX$$

дар ин ҷо: $Y$ – маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, $C$ – хароҷоти истеъмолкунандагон, $I$ – сармоягузориҳои умумӣ (хароҷоти фирмаҳо), $G$ – хароҷоти давлат, $NX$ – содироти соф.

Мувофиқан аз рӯи даромадҳо ҳисоби *ММД* бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

*ММДд = A + T + W + R + % + P = истеҳлок (амортизатсия) + + андозҳои ғайримустақим + даромад аз меҳнат (музди кор) + рента + + фоизи қарз + фоидаи корхонаҳо (даромад аз моликият, дивиденд)*

Истеҳлок маблағҳое мебошанд, ки аз даромади умумии фирмаҳо барои нав кардани сармояи асосӣ бинобар сабаби фарсудашавии онҳо ҷудо карда мешаванд.

Андозҳои ғайримустақим андозҳое мебошанд, ки соҳибкорон ба буҷет баъди фурӯши молу хизматҳояшон пардохт мекунанд.

Даромад аз меҳнат шакли асосии даромад ба ҳисоб меравад ва дар шакли музди кор зоҳир гашта, онро фирмаҳо ва муассисаҳои давлатӣ ба коргарон ҳамчун нархи қувваи корӣ медиҳанд. Инчунин ба музди кор мукофотпулиҳо низ дохил карда мешаванд.

Рента фоидае мебошад, ки аз истифодаи амвол, хусусан аз истифодаи замин гирифта мешавад. Масалан, соҳибони замин барои ба иҷора додани замин дар ихтёрдоштаашон маблағи муайян мегиранд. Ба ин маблағҳо соҳиби замин ҳамчун даромад аз истифодаи амволаш соҳиб мешавад.

Фоизи қарз даромади соҳибони сармояи пулӣ мебошад, ки ба он бар ивази истифодаи сармоя соҳиб шудаанд.

Фоидаи корхонаҳо ба самтҳои зерин тақсим карда мешавад: ба буҷаи давлатӣ ҳамчун андоз, ба соҳибони саҳмияҳо ҳамчун дивиденд ва фоидаи тақсимнашаванда, ки барои сармоягузорӣ истифода карда мешавад.

Даромад аз моликият даромади бахши хусусӣ аз сармоя мебошад.

Дивиденд даромади соҳибони саҳмияҳо мебошад, ки аз фоидаи умумии фирмаҳо ҷудо карда мешавад. Дивиденд як қисми асосии даромади оилаҳо низ ба ҳисоб меравад.

Ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти миллӣ як қисми воситаҳои асосии истеҳсолот фарсуда мешаванд, бинобар ҳамин *ММД* ҳаҷми ҳақиқии иқтидори истеҳсолиро нишон намедиҳад. Дар иртибот бо ин нишондиҳандаи дигар – маҷмӯи маҳсулоти соф (*ММС*) истифода карда мешавад.

***ММС* маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бе дарназардошти маблағи истеҳлок (амортизатсия) мебошад, яъне:**

$$ММС = ММД - А$$

Нишондиҳандаи дигари макроиқтисодӣ даромади миллӣ мебошад. Даромади миллӣ (*ДМ*) маҷмӯи даромадҳои ҳамаи соҳибони омилҳои истеҳсолот мебошад. Барои муайян кардани даромади миллӣ аз консепсияи марксистӣ ва консепсияи неоклассикӣ истифода мекунанд.

Мувофиқи консепсияи марксистӣ даромади миллӣ гуфта, арзиши аз нав бавуҷудовардашударо меноманд. Бинобар ин *К. Маркс* барои ҳисоб кардани даромади миллӣ формулаи зеринро пешниҳод кардааст:

$$ДМ = V + m$$

Яъне сармояи гардон (музди кори коргарон) + арзиши илова.

Мувофиқи консепсияи неоклассикӣ даромади миллӣ арзиши бозории мол ва хизматҳое мебошад, ки баъд аз хориҷ намудани маблағи истеҳлок ва андозҳои ғайримустақим боқӣ мондааст. Аз ин ҷо барои ҳисоб намудани даромади миллӣ онҳо формулаи зеринро пешниҳод кардаанд:

$$ДМ = ММС - Т$$

дар ин ҷо: *ДМ* – даромади миллӣ, *ММС* – маҷмӯи маҳсулоти соф, *Т* – андозҳои ғайримустақим.

Мақсади асосии истеҳсоли бештари молу хизматрасониҳо баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад. Дар сатҳи макроиқтисодӣ барои нишон додани сатҳи зиндагии аҳолӣ аз нишондиҳандаҳои даромади шахсӣ ва даромади дар ихтиёрбуда истифода мебаранд.

Даромади шахсӣ (*ДШ*) суммаи ҳамаи даромадҳоест, ки то супоридани андозҳо дар ихтиёри шахсони алоҳида ё оилаҳо боқӣ мондааст. Ба даромади шахсӣ ҳамаи даромадҳо ва пардохтҳои трансфертӣ дохил мешаванд, ки он барои истеъмол, пасандоз ва пардохти андозҳо сарф карда мешавад. Даромади шахсӣ (*ДШ*) аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

*ДШ = ДМ – ҳиссаҷудокунӣ ба фонди суғурта – андоз аз фоидаи корхонаҳо – фоидаи тақсимнашудаи корхонаҳо + пардохтҳои трансфертӣ*

Даромади дар ихтиёрбуда (*ДД*) даромадест, ки баъд аз супоридани андозҳо дар ихтиёри шахсони алоҳида ва ё оилаҳо боқӣ мемонад, ки барои ҳисоб кардани он формулаи зеринро истифода кардан мумкин аст:

$$ДД = ДШ - Андозҳо$$

Даромади дар ихтиёрбуда ҳамчун нишондиҳандаи асосӣ ҳангоми таҳлили некуаҳволии халқ ва вазъи иҷтимоии аҳолӣ истифода карда мешавад.

Усули ҳисобкунии *ММД*-ро мувофиқи арзиши иловашуда усули истеҳсолӣ низ меноманд. Азбаски як намуди молҳо барои намуди дигари молҳо ҳамчун ашёи хом баромад мекунанд, ҳангоми ҳисоби *ММД* ҳисоби дубора сурат мегирад. Аз ҳамин ҷиҳат барои бартараф намудани ҳисоби дубора *ММД*-ро бо усули истеҳсолӣ, яъне аз рӯи арзиши иловашуда низ ҳисоб мекунанд. Ин усули ҳисоби *ММД* тақозо менамояд, ки тамоми молу хизматрасониҳои дар як сол истеҳсолшуда танҳо як маротиба ба ҳисоб гирифта шаванд. Яъне ҳангоми ҳисобгирӣ маҳсулоти ниҳоии ба ҳисоб гирифта шуда, маҳсулоти фосилавӣ, ки якчанд маротиба метавонад хариду фурӯш шавад, ба ҳисоб гирифта намешавад.

Маҳсулоти ниҳоӣ молу хизматрасониҳое мебошанд, ки барои истеъмоли ниҳоӣ харидорӣ мешаванд. Маҳсулоти фосилавӣ ин молу хизматрасониҳое мебошанд, ки бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ якчанд маротиба мавриди хариду фурӯш қарор мегиранд.

Ҳамзамон бояд мо *ММД*-и номиналиро аз *ММД*-и ҳақиқӣ фарқ намоем. *ММД*-и номиналӣ аз рӯи нархҳои соли ҷорӣ ҳисоб карда мешавад. *ММД*-и номиналӣ аз сатҳи нархи дар ҳамин вақт ҷойдошта дар мамлакат вобаста аст. Агар дар мамлакат таваррум баланд бошад, сатҳи нархи бозорӣ низ метавонад хеле баланд бошад. Мувофиқан ҷамъи арзишҳои молҳо ва хизматрасониҳои дар мамлакат истеҳсолшуда назар ба солҳои қаблӣ зиёд мешавад. Ҳатто дар ҳолати кам шудани ҳаҷми истеҳсол *ММД*-и номиналӣ аз ҳисоби болоравии нархи бозорӣ зиёд шуда метавонад. Бинобар ин *ММД*-и номиналӣ сатҳи некуаҳволии ҷамъият, пуёи инкишофи онро тавсиф дода наметавонад.

Барои ҳисоби *ММД*-и ҳақиқӣ соли базавиро интихоб мекунанд. Дар ин замина тағйирёбии сатҳи нарх дар давраи байни соли базавӣ ва соли ҷорӣ муайян карда мешавад. Бинобар ин *ММД*-и ҳақиқӣ (*ММДҳ*) дар нархҳои муқоисавӣ (доимӣ)-и соли базавӣ ҳамчун таносуби *ММД*-и номиналӣ (*ММДн*) ба намоя (шохис, индекс)-и нарх (*P*) муайян карда мешавад. Бо формула онро чунин тасвир кардан мумкин аст:

$$ММДҳ = ММДн : P$$

Нишондиҳандаи *ММД*-и ҳақиқиро барои таҳлили сатҳи инкишофи иқтисодии мамлакат дар давраҳои гуногун истифода кардан мумкин аст. Дар ин ҳолат муқоиса дар асоси нархҳои доимӣ ба амал бароварда мешавад, ки он дар навбати худ пуёи ҳаҷми истеҳсолотро дар мамлакат нишон медиҳад.

*ММД*-ро ба теъдоди шаҳрвандони мамлакат тақсим намуда, мо ба нишондиҳандае соҳиб мегардем, ки онро «*ММД* ба сари аҳолӣ» меноманд. Агар нишондиҳандаи *ММД* бузургии умумии иқтисодиёти мамлакатро ҳисоб намояд, он гоҳ *ММД* ба сари аҳолӣ имконияти муайян кардани сатҳи зиндагиро дар мамлакатҳои гуногун медиҳад.

## 14.2. Мафҳуми мувозинати макроиқтисодӣ ва нақши давлат дар таъмини он

Муаммои мувозинати макроиқтисодӣ пай дар пай дар се марҳила коркард шудааст. Дар аввал мувозинати иқтисодӣ ҳамчун ҳолати мувозинати бозорҳои инфиродӣ ба монанди бозори мол ва хизматрасониҳо, омилҳои истеҳсолот ва пулҳо таҳлил карда шуд. Бо вуҷуди ин таркиби механизми бозорӣ кушода дода шуд, ки он ба пойдор намудани мувозинати бозорӣ ҳамчун ҳолате, ки дар он нақша ва кӯшишҳои харидорон ва фурӯшандагон мувофиқат карда, дар ҳолати нархи додашуда ҳаҷми талабот ба ҳаҷми пешниҳоди мол ва хизматҳо баробар аст.

Марҳилаи навбатӣ дар инкишофи назарияи мувозинати макроиқтисодӣ бо пайдоиши модели назариявии мувозинати рақобатнокии умумӣ алоқаманд аст, ки аз тарафи *Л. Валрас* таҳия карда шудааст. Ин аввалин модели математикии иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад, ки он дар нишондиҳандаҳои микроиқтисодӣ асос ёфта, рафтори истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони алоҳидаро тавсиф мекунад ва аз мавқеи мувозинати умумии иқтисодӣ, талабот ба моли алоҳида (аз он ҷумла ба хизматҳо ва омилҳои истеҳсолот) на танҳо аз нархи он, балки аз нархи молҳои дигар ва маҳдудиятҳои буҷетии ҳар як истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда вобаста аст.

Минбаъд таҳлили назарияи мувозинати умумӣ барои муайян кардани сабабҳои номувозинатии иқтисодиёти муосир нигаронида шуд. Масалан, тарафдорони ин равия сабабҳои номувозинатиро дар зиёд шудани миқдори пулҳои қоғазӣ, аз он ҷумла, қоғазҳои қиматнок, фючерсҳо, векселҳо ва дигар воситаҳои пардохт медиданд. Ба ақидаи онҳо, дунё ба қиморхонаи калон мубаддал шудааст, ки дар он ҳатто хариду фурӯши ҳаво низ имконпазир аст.

**Мафҳуми мувозинат**. Мувозинат мафҳуми умумиест, ки қариб дар ҳама илмҳои дақиқ ва табиӣ истифода мешавад. Ин истилоҳро ҳангоми таҳлили низомҳои мураккаб истифода мебаранд, ки дар чаҳорчӯбаи онҳо қисмҳои алоҳида дар алоқамандандӣ ва вобастагии мутақобил қарор мегиранд. Дар чунин ҳолатҳо муаммои таъминоти фаъолияти устувор ва мувофиқшудаи ҳама қисмҳои низом ба миён меояд. Низоми мураккаби иқтисодиёт низ аз ин хусусиятҳо холӣ нест. Дар низоми иқтисодӣ унсурҳои гуногуни бо ҳам алоқаманд ва аз ҳам вобаста ҷой доштани мувофиқаро байни ҳамдигар дар назар дорад.

Таҳлили шароитҳои пойдор намудани мувофиқакунии равандҳои бо ҳам вобаста мазмуни назарияе мебошад, ки мувозинатро дар иқтисодиёт меомӯзад. Мувозинат на танҳо баробарӣ, балки мустаҳкамиро дар назар дорад, ки мавҷудият ва ё мавҷуд набудани механизмҳои барқароркунии вайроншавиҳои мувозинатро дар бар мегирад.

Баробари ин таҳлили мувозинат на танҳо маънои муайян кардани нишондодҳои ҳолатҳои устувор, балки сабабҳои вайроншавии мувозинат ва механизмҳои барқароршавии онро дар назар дорад.

**Мувозинати макроиқтисодӣ** чунин ҳолати иқтисодиёти миллӣ мебошад, ки дар он мутаносибӣ байни захираҳои мавҷуда ва истифодабарии онҳо, байни ҳаҷми истеҳсолот ва истеъмолот, байни равандҳои молиявӣ ва моддӣ, байни пасандозҳо ва сармояҳо ва ғайра таъмин мегардад. Дар амал ин ҳолат қонеъгардонии пурраи эҳтиёҷоти ҷамъиятиро ба мол ва хизматрасониҳо бе захираҳои барзиёд истифодашуда ва маҳсулоти ба фурӯш нарафта дар назар дорад. Ба ҳолати мувозинат аз ҳад зиёд калон шуда рафтани як соҳа (масалан, муносибатҳои молиявию қарзӣ ва ё комплекси саноати ҳарбӣ) бар зарари дигар соҳаҳо ғайриимкон аст.

**Мувозинати умумӣ ва таносубҳои умумӣ дар иқтисодиёт**. Пойдоргардонии мувозинати макроиқтисодӣ дар ҳолате имконпазир аст, ки дар он мутаносибӣ ва баробарӣ байни равандҳои алоқаманд ва аз ҳам вобаста буда дастрас карда шавад. Мувофиқакунонӣ бояд байни чунин нишондодҳои низоми иқтисодӣ таъмин гардад: *байни истеҳсолот ва истеъмолот; маҷмӯи талабот ва маҷмӯи таклифот; маҳсулоти молӣ ва эквиваленти пулии он; пасандозҳо ва сармояҳо; бозори меҳнат, сармоя, неъматҳои истеъмолӣ ва ғайраҳо.*

Таъмини мувофиқа байни низомҳои иқтисодии аз ҳам вобаста будаи номбурда маънои мутаносибиҳои умумиро дар иқтисодиёт дар назар дорад. Мавҷуд набудани мувозинат дар чунин муносибат дар назар дорад, ки соҳаҳои иқтисодиёт нобаробаранд. Вайроншавии мутаносибиҳои умумӣ дар чунин ҳодисаҳо ба монанди таваррум, бекорӣ, пастравии истеҳсолот, камшавии ҳаҷми даромади миллӣ ва камшавии даромадҳои ҳақиқии аҳолӣ ифода меёбанд.

Дар илми иқтисодии муосир ду равияи назариявӣ ба тавсифи мувозинати макроиқтисодӣ мавҷуд аст. Равияи якум аз тарафи намояндагони мактаби иқтисоди сиёсии классикӣ дар нимаи аввали асри XIX ва даҳсолаҳои аввалини асри XX асос гузошта шуда буданд. Равияи дуюм аз тарафи *Ҷ.М. Кейнс* ва пайравони ӯ дар ибтидои солҳои 30-юми асри XX (1936) асос гузошта шуда буд.

**Назарияи классикии мувозинати макроиқтисодӣ**. Ғояи асосии назарияи классикии мувозинати макроиқтисодӣ дар он асос меёбад, ки истеҳсолот хароҷотро муайян мекунад. Дар намуди сода ин ҳолат дар принсипи аз тарафи *Ж. Б. Сэй* таҳиягардида ифода меёбад. «Маҳсулот ба маҳсулот мубодила карда мешавад». Ин принсип кушод ва ё пинҳонӣ дар назарияҳои ҳамаи иқтисодчиёни равияи классикӣ мавҷуд буд. Лекин аз ҷониби Ҷ. Кейнс ин принсип «қонуни Сэй» номида шуд.

**Қонуни Сэй**. Мувофиқи қонуни Сэй **«пешниҳоди молҳо талаботи худиро тавлид мекунад»**. Бо ибораи дигар, маҷмӯи талаботи ҳақиқӣ ҳама вақт барои истеъмоли ҳаҷми мол ва хизматрасониҳо кифоя мебошад, ки онро иқтисодиёти миллӣ бо истифодабарии захираи (омилҳои истеҳсолот)-и мавҷудбуда истеҳсол карда метавонад. Мувофиқан байни хароҷоти умумӣ ва маҷмӯи таклифот ҳама вақт мувозинат пойдор карда шуда, сабаби хавотирӣ аз бухрони барзиёдистеҳсолкунӣ вуҷуд надорад.

**Назарияи кейнстабории мувозинати макроиқтисодӣ**. Аввалин санҷиши ҷиддии назарияи классикии мувозинати макроиқтисодӣ бухрони иқтисодии ҷаҳонии солҳои 1929–1933 буд, ки одатан онро «Депрессияи Бузург» меноманд. Аввалин иқтисодчие, ки хусусиятҳои нави иқтисодиёт, қонуниятҳои фаъолияти онро нишон дода, барои раҳоӣ додани он аз ҳолати бухронӣ пешниҳодро пешкаш карда буд, иқтисодчии англис *Ҷ. Кейнс* мебошад. Номбурда яке аз иқтисодчиёни номдори таърихи афкори иқтисодии асри XX ба шумор меравад. Китоби машҳури ӯ «Назарияи умумии шуғл, фоиз ва пул», ки соли 1936 баромада буд, ҳақиқатан ҳам табаддулоти ҷиддиро дар афкори иқтисодӣ ба миён овард.

Яке аз хулосаҳои фундаменталии Кейнс дар он зоҳир мегардад, ки механизми бозорӣ худ ба худ қобилияти пойдор намудани мувозинатро дар сатҳи шуғли пурра надорад. Аз нуқтаи назари ӯ, мувозинати умумӣ дар ҳолати бухронии иқтисодиёт бо назардошти бекорӣ ба миён омада метавонад.

Фарқиятҳо дар ақидаҳои Кейнс ва классикон дар баҳодиҳии самаранокии фаъолияти механизми бозорӣ буда, он дар оқибатҳои истифодабарии методологияҳои таҳлили иқтисодии гуногун асос меёбад. Методологияи назарияи кейнстаборӣ аз назарияи классикӣ бо чунин хусусиятҳо фарқ мекунад: *муносибати агрегатӣ ба таҳлили иқтисодӣ; такя ба номукаммалиҳо дар амал намудани механизмҳои бозорӣ (ҳокимияти монополӣ, ҷорӣ намудани маъмурии нархҳо, амалигардонии муомилот дар асоси шартномаҳои дарозмуддат, номуайянӣ дар оянда); мушоҳида намудани вазъияти иқтисодӣ, ки бо механизми бозорӣ дар давраи дарозмуддат таъсис дода нашуда (ба монанди классикон), балки дар давраи кӯтоҳмуддат таъсис дода мешавад; диққати махсус ба нақши пул дар низоми иқтисодӣ.*

Натиҷаи чунин фарқиятҳо заминаи хулосаҳои принсипан гуногун оид ба асосҳои рафтори субъектони хоҷагидорӣ ва оид ба алоқамандиҳои асосӣ дар иқтисодиёт гаштанд.

Ҷиҳати зарурии назарияи кейнстабории мувозинатии макроиқтисодӣ дар боварӣ оид ба он буд, ки низоми иқтисодии муосир бе дахолати фаъолонаи ниҳодҳои давлатӣ амал карда наметавонад ва онҳо

фишангҳои сиёсати иқтисодии дар даст доштаи худро бо мақсади мусоидат намудан ба шуғли пурра истифода мебаранд.

Консепсияи классикон оид ба бетарафии пул аз тарафи Кейнс зери шубҳа гузошта шуд. Дар назарияи худ ӯ тарафдори он буд, ки пул нисбат ба истеҳсолоти воқеӣ бетараф нест. Бинобар ҳамин яке аз унсурҳои назарияи иқтисодии кейнстаборӣ муттаҳидшавии пул ва тағйирёбандаҳои ҳақиқӣ мебошад. Кейнс нишон дод, ки пулро ба сифати бақияҳои истифоданашуда барои ояндаи номуайян нигоҳ доштан мумкин аст, ки он дар навбати худ ба камшавии талаботи самаранок ба мол ва хизматрасониҳои муайян ва бекорӣ мусоидат карда метавонад.

Кейнс муайян намуд, ки афзоиши даромадҳо ва пасандозҳо дар иқтисодиёти бозорӣ маънои онро надорад, ки сармояҳо бо ҳамин мутаносибӣ зиёд мешаванд. Ягон кафолат нест, ки агар пасандозҳои аҳолӣ афзоиш ёбанд, фирмаҳо сармоягузориро зиёд мекунанд. Дар баробари ин кӯшиши эҳтиёткорона маънои кам кардани истеъмолотро дорад, ки ба сармоягузориҳои минбаъда таъсири манфӣ мерасонанд: фирмаҳо наметавонанд истеҳсолотро дар шароити афзоишёбии молҳои ба фурӯш нарафта васеъ намоянд. Ягон кафолат нест, ки ҳама воситаҳои пасандозшуда аз тарафи аҳолӣ ба бонкҳо гузошта мешаванд. Баръакс, маълум аст, ки қисми зиёди пасандозҳо дар хазинаҳои хоҷагиҳои хонагӣ дар шакли нақдина нигоҳ дошта мешаванд. Охирон, новобаста аз сатҳи пасандозҳо ба сатҳи сармоягузориҳо қарзҳои бонкӣ ба сармоягузорон таъсир расонида метавонанд.

Консепсияи Кейнс бо консепсияи классикон дар масъалаи тасвири асосҳо ва пуё (динамика)-и пасандозҳо ва сармояҳо фарқият мекунад. Агар классикон ҳаҷми пасандозҳои хоҷагиҳои хонагиро бо меъёри фоиз вобаста кунанд, Кейнс пасандозҳои хоҷагиҳои хонагиро бо андоза ва тағйирёбии даромадҳо алоқаманд мекунад. Дар модели кейнстаборӣ сармоягузориҳо инчунин аз меъёри фоиз вобастагӣ дорад, лекин дар сатҳи нисбат ба назарияи классикӣ пасттар. Агар дар назарияи классикон меъёри фоиз ҳосилнокии интиҳоии сармояро ифода кунад, дар консепсияи кейнстаборӣ сармоягузориҳо бо нархи пулҳо ифода карда мешаванд. Ба ғайр аз ин, бояд дар назар дошт, ки дар модели кейнстаборӣ омили асосии ба ҳаҷми сармоягузориҳо таъсиррасонанда нисбат ба меъёри фоиз меъёри фоидаи пешбинишаванда ба сармояи гузошта шуда, инчунин боварӣ ва ё нобоварии соҳибкорон ба ҳисоб мераванд.

Кейнс гумон дорад, ки дар иқтисоди бозории воқеӣ сатҳи истеҳсолот ва шуғл аз сатҳи нархҳо вобаста нестанд. Ӯ нишон дод, ки камшавии талабот ба пастшавии сатҳи нархҳо оварда нарасонида, балки ба камшавии истеҳсолот ва шуғл оварда мерасонад, зеро иқтисодиёти бозорӣ ба таври мукаммал рақобатнок нест. Устувории нархҳо дар бозорҳои молӣ

ва монополизми иттифоқҳои касаба дар бозори меҳнат ба пастшавии нархҳо ва музди меҳнат бо ҳаҷмҳои барои барқарор намудани мувозинат дар сатҳи шуғли пурра имконият намедиҳанд.

Ҳамин тавр, нодурустии ақидаҳои назарияи классикии мувозинати макроиқтисодӣ, ки ба қонуни Сэй оид ба даромадҳо ва талабот ба молҳо аз тарафи истеҳсолот такя мекарданд, нишон дода шуданд. Кейнс алоқаи байни таклифот ва талаботро дигаргун намуд. Ӯ ба хулосаи куллан баръакс омад: ҳаҷми истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва шуғл бо омилҳои истеҳсолот нею (ақидаи классикон) бо омилҳои талаботи пардохтпазир муайян карда мешаванд. Бо ин мақсад ӯ ба назарияи худ мафҳуми талаботи самаранокро ворид намуд.

Зуҳуроти аёнии вайроншавии мувозинати макроиқтисодӣ инкишофи сиклӣ мебошад. Инкишофи сиклӣ шакли тараққиёти иқтисодиёт буда, ҳаракат аз як ҳолати мувозинати макроиқтисодӣ ба дигар ҳолати мувозинати макроиқтисодиро ифода мекунад. Бинобар ҳамин инкишофи сиклӣ ҳамчун яке аз усулҳои худтанзимкунии иқтисодиёти бозорӣ мебошад. Азбаски хусусияти хоси инкишофи сиклӣ ҳаракати даврагӣ набуда, ҳаракат ба таври морпеч аст, он шакли тараққиёти пешраванда мебошад.

### 14.3. Маҳфуми давраҳо (сиклҳо)-и иқтисодӣ ва хусусиятҳои онҳо

Назарияи давраҳои иқтисодӣ баробари назарияи рушди иқтисодӣ ба назарияҳои ҷараёни инкишофи иқтисодӣ шомил буда, ҳаракати иқтисодиётро дар умум маънидод мекунад. Агар назарияи рушди иқтисодӣ омилҳо ва шароитҳои рушдро ҳамчун тамоюли дарозмуддат тадқиқ кунад, назарияи даврагӣ сабабҳои тағйирёбии фаъолнокиро дар фосилаи вақт тадқиқ мекунад.

**Ду намуди пуё ё ки сатҳи инкишофи иқтисодиро фарқ мекунанд: трендӣ ва сиклӣ**. Дар назарияи сикли иқтисодӣ одатан сикл ва трендро аз ҳам фарқ мекунанд. Сикл (аз калимаи юнонии *cyklos* – давра гирифта шудааст) бозгашти низоми иқтисодиро ба як ҳолати додашуда дар назар дошта, тренд бошад, тамоюл, самти бартариятноки ҳаракати нишондиҳандаҳоро ифода мекунад.

Хатти тренд чунин сохта мешавад, ки тағйироти кӯтоҳмуддатро дар фосилаи вақти дарозмуддат муътадил мегардонад. Агар ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодии ягон мамлакат дар тӯли вақти кӯтоҳ ва ё дарозмуддат назар кунем, он гоҳ мебинем, ки новобаста аз тағйироти пастравиҳо ва болоравиҳои бонавбат дар фосилаи вақти муайян, иқтисодиёти мамлакат ба тараққиёти муайян рӯ ба рӯ мегардад. Ҳамин тавр, бояд




Расми 14.1. **Тасвири нақшагии давра (мавҷ)-и ҳаракат**

динамикаи дарозмуддат (тренд)-ро аз тағйироти кӯтоҳмуддати фаъолнокии иқтисодӣ фарқ намуд (ниг. ба расми 14.1).

**Мафҳуми сикли иқтисодӣ**. Сикли иқтисодӣ (ва ё сикли корӣ) бо худ пастравиҳо ва болоравиҳои даврагиро дар иқтисодиёт, тағйирёбии фаъолнокии кориро ифода мекунад. Ин тағйирот доимӣ набуда, пешбининашавандаанд, бинобар ҳамин истилоҳи «сикл» мафҳуми шартӣ мебошад.

**Сабабҳои инкишофи сиклии иқтисодиёт**. Омӯзиши қонуниятҳои тараққиёти иқтисодӣ яке аз қисмҳои таркибии таҳлили макроиқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Наслҳои зиёди тадқиқотчиён кӯшиш намуданд, ки сирру асрори тағйироти сиклии иқтисодиёти бозориро муайян кунанд.

Дар назарияи иқтисодӣ сабабҳои сиклҳои иқтисодӣ ҳамчун ҳодисаҳои гуногун баён карда мешуданд: *сатҳи фаъолнокии офтоб; ҷангҳо ва инқилобҳо; сатҳи нокифоягии истеъмолот; суръати баланди афзоиши аҳолӣ; боваринокӣ ва нобоварии сармоягузорон; тағйирёбии пешниҳоди пул; навовариҳои техникӣ ва технологӣ; шокҳои нархӣ*[1] *ва ғайраҳо.*

Дар асл муттаҳид шудани ҳамаи ин сабабҳо ба як сабаби асосӣ имкон дорад. Сабаби асосии сиклҳои иқтисодӣ номувофиқати маҷмӯи талабот ва маҷмӯи таклифот, номувофиқати хароҷоти умумӣ ва истеҳсолоти умумист. Бинобар ҳамин, хислати сиклии тараққиёти иқтисодиётро бо тағйирёбии маҷмӯи талабот дар ҳолати тағйир наёфтани маҷмӯи таклифот (афзоиши хароҷоти умумӣ ба зиёдшавии маҷмӯи таклифот сабаб шуда, камшавии онҳо бошад, ретсессияро ба миён меорад) ва ё тағйирёбии маҷмӯи таклифот ҳангоми тағйир наёфтани маҷмӯи талабот (камшавии

[1] Мафҳуми «шокҳои нархӣ» – ногаҳон тағйирёбии нарх ба ин ё он неъмат ё ки гурӯҳи неъматҳо мебошад, ки ба шароитҳои истеҳсолот ва ё сатҳи зиндагӣ таъсири шадид мерасонд.

маҷмӯи таклифот маънои пастравиро дошта, афзоиши он маънои болоравиро дорад).

**Самтҳои асосии омӯзиши инкишофи сиклӣ**. Инкишофи сиклӣ раванди бисёромиларо дар назар дошта, тадқиқоти он ногузир бисёр консепсияҳои назариявиро ба миён меорад. Масалан, иқтисодчии немис *Г. Шмелдерс* 200 омили гуногунеро муайян кард, ки бӯҳронҳоро ба миён меоранд.

Лекин мавқеъҳои зарурии назариявӣ, ки дар онҳо омӯзиши сабабҳои сиклҳо ва бӯҳронҳо асос мегирад, бо се самти асосӣ алоқамананд.

**1) Инкишофи сиклӣ ва пешравии илмӣ-техникӣ**. Дар ин самт бо дараҷаи муайян таҳаввулоти омилҳои асосии истеҳсолот маънидод карда мешаванд, ки зери таъсири шаклҳои гуногуни *ПИТ* қарор доранд.

*К. Маркс* яке аз аввалинҳо шуда, дар солҳои 60-уми асри XIX ба мубаддалшавӣ (трансформатсия)-и сармоя ба сабаби бевоситаи даврагии бӯҳронҳо диққат дод, ки бо ҷараёни азнавкунии умумии сармояи асосӣ алоқаманд аст. Ин ҷараёни азнавкуниеро, ки бо шарофати пешравии илм ва техника ба миён меояд, К. Маркс «асоси моддӣ»-и сикли иқтисодӣ номид. Дар баробари ин, бӯҳронҳоро К. Маркс ҳамчун натиҷаи муваққатӣ ва тасодуфии ҳалли зиддияти асосии капитализм, яъне зиддияти байни хислати ҷамъиятии истеҳсолот ва шакли хусусии азонихудкунии натиҷаҳои он мушоҳида мекард. Аз нигоҳи ӯ, ки ин зиддият метавонад ба пуррагӣ танҳо дар ҳолати ивазшавии капитализм бо сотсиолизм ҳалли худро ёбад, зеро сотсиолизм ба моликияти ҷамъиятӣ ба воситаҳои истеҳсолот асос меёбад.

Лекин дар марҳилаи муосири иқтисодиёти бозории аз тарафи давлат танзимшаванда ва дар шакли омехта инкишофёбанда ҷараёни шиддатёбии бӯҳронҳое ба назар мерасанд, ки хислати иҷтимоии онро пурзӯр намуда, бо васеъшавии моликияти коллективӣ ва хусусӣ ва демократикунонии сармоя дар ҳолати мавҷудияти моликияти давлатӣ тавсиф карда мешаванд.

Дар асри XX иқтисодчиён даврагии бӯҳронҳоро бо азнавкунии на танҳо сармояи асосӣ, балки бо навсозии сармояи гардон (махсусан, захираҳои молӣ) алоқаманд мекунанд.

Дар чаҳорчӯбаи ин равия назарияи «мавҷҳои дарози фаъолнокии иқтисодӣ» аз тарафи *Н. Д. Кондратев* таҳия гардид, ки он дар илми иқтисодӣ аҳамияти хоса дорад. Давомнокии миёнаи «сиклҳои Кондратев» аз 50–60 сол иборат буда, ба асоси онҳо муаллиф хислати ҷаҳишкунандаи *ПИТ*, инқилобҳои даврагӣ дар техника ва технологияи истеҳсолотро гузоштааст.

Дар охири солҳои 30-юми асри XX иқтисодчии австрягӣ *Й. Шумпетер* назарияи умумии сиклҳои давомнокиашон гуногунро пешкаш

намуд, ки онҳо дар мувофиқати худ калавиши муайяни тағйироти макроиқтисодиро таъмин мекарданд. Ин назария инчунин ба омилҳои илмӣ-техникии пешравии иқтисодиёт такя мекард.

**2) Инкишофи сиклӣ ва омилҳои пулию-қарзӣ**. Ба ин консепсияи иқтисодчии амрикоӣ *И. Фишерро* мансуб медонанд, ки буҳронро ҳамчун натиҷаи вайроншавии мувозинати байни талабот ба пул ва пешниҳоди онҳо мушоҳида карда, худи танзими муомилоти пулиро механизми асосии таъсиррасонӣ ба тағйирёбии вазъияти бозор меҳисобид. Омилҳои пулию қарзӣ меҳвари назарияи монетарии сиклии *Ф. Хаек* ба ҳисоб меравaнд. Мавқеи асосиро дар ин назария муаммои барзиёдӣ ва ё норасоии сармояҳо ишғол карда, ба сифати сабаби ҳалкунандаи ғасб (экспансия)-и пулию қарзии аз тарафи низоми бонкӣ амалӣ мегардида ба ҳисоб мерафт. Мувофиқан омили новобастаи гузариш аз авҷи инкишоф ба буҳрон норозигии бонкҳо барои васеъ намудани қарзҳост.

Аз солҳои 70-уми асри XX сар карда, консепсияи сиклии М. Фридмен васеъ паҳн мегардад. Мувофиқи ин консепсия дар ҷараёни инкишофи сиклҳо нақши асосиро номуътадилии пешниҳоди пул мебозад, ки сабабгори асосии он худи давлат мебошад. Бар ивази сиёсати зиддисиклии давлат, ки ба тағйирёбии миқдори пулҳои дар муомилот буда меоварад, танзими қатъии он бо афзоиши имконпазири 3–4% дар як сол пешбинӣ мегардад.

**3) Инкишофи сиклӣ ва сохтори биполярии бозор**. Самти асосие, ки тағйироти воқеии сиклиро тавсиф медиҳад, назарияҳое мебошад, ки таҳлили тағйиротро дар сохтори биполярии бозор, яъне таносуби байни талабот ва таклифотро дар сатҳи макроиқтисодӣ ба амал мебароранд. Дар ин назарияҳо сухан оид ба мушоҳида намудани пуё (динамика)-и маҷмӯи талабот ва аз тарафи дигар пуёи маҷмӯи таклифот меравад. Одатан дар ин назарияҳо ба муайян намудани омилҳои ба сохтор ва тағйирёбии ҳаҷми талабот ва ҳам ба ҳаҷми таклифот бо шиддатнокии гуногун таъсир расонанда эътибори махсус дода мешавад.

Барои иқтисодиёти бозории муосир дахолати фаъоли давлат хос аст. Барои ҳамин як қатор назарияҳои нави сикл (дар чаҳорчӯбаи равияҳои кейнстаборӣ, монетарӣ ва институтсионалӣ) кӯшиш мекунанд, ки тағйироти иқтисодиро бо натиҷаҳои сиёсати макроиқтисодии давлат вобаста намоянд.

Хулосаи умумие, ки аз назарияҳои сиклҳо ва буҳронҳо бармеояд, чунин аст: аз нуқтаи назари вайроншавӣ ва барқароршавии минбаъдаи мувозинати макроиқтисодӣ (васеъшавӣ ва ё маҳдудшавии такрористеҳсоли ҷамъиятӣ) ҳама гуна сикли конкретӣ (миллӣ ва ё ҷаҳонӣ) ва ҳама гуна буҳрони конкретӣ таҳлили фарққунандаи омилҳои дохилӣ ва берунаи онҳоро талаб мекунад.

Сикли иқтисодиро одатан ба давраҳо (фазаҳо)-и алоҳида ҷудо мекунанд. Ду таснифоти асосии сиклҳо вуҷуд дорад: модели чордаврагӣ ва модели дудаврагӣ.

**Модели чордаврагии сикли иқтисодиро** одатан классикӣ меноманд. Ин модел давраҳои буҳрон, депрессия, ҷоннокшавӣ ва болоравиро дар бар мегирад. Ба ҳар яки онҳо тавсифоти миқдории муайян ва хусусиятҳои сифатӣ хосанд.

***Дар давраи якум (буҳрон)*** камшавии истеҳсолот то сатҳи ҳадди ақал ба миён меояд.

***Дар давраи дуюм (депрессия)*** пастравӣ боздошта шуда, айни ҳол афзоиш ба назар намерасад.

***Дар давраи сеюм (ҷоннокшавӣ)*** афзоиши истеҳсолот то сатҳи тобуҳронӣ мерасад.

***Дар давраи чорум (болоравӣ)*** афзоиши истеҳсолот аз ҳудудҳои сатҳи пешазбуҳронӣ зиёд гашта, ба авҷи инкишофи иқтисодӣ мубаддал мегардад. Маълум аст, ки ҳама гуна сикл ва ҳар як давраи он давомнокии муайянро дорад. Мувофиқан тавсифи миқдории сикл бо назардошти давраҳои ба он дохилшаванда имконият медиҳад, ки ҷараёни инкишофи ҷаҳишкунандаи иқтисодиёт муайян карда шавад (ниг. ба тасвири нақшагии давраи ҳаракат).

Дар баробари ин ҳар яке аз ин чор давра бо хусусиятҳои хос аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

**Буҳрон** пеш аз ҳама, дар барзиёдистеҳсолкунии молҳо, камшавии қарзҳо ва баланд шудани меъёри фоизи қарз ифода меёбад. Ҳамаи ин ба камшавии фоида ва камшавии истеҳсолот, афзоиши қарзҳои бонкӣ ва муфлисшавии корхонаҳо сабаб мешавад.

Баъд аз буҳрон **депрессия** ба миён меояд. Дар ин давра истеҳсолот кам ва ё зиёд намешавад. Баризофагии молӣ оҳиста-оҳиста ҷаббида шуда, савдо суст мегардад. Меъёри фоизи қарз то ҳадди ақал кам мешавад. Лекин, оҳиста-оҳиста дар иқтисодиёт «нуқтаи рушд» пайдо шуда, гузариш ба **ҷоннокшавӣ** ба миён меояд.

Корхонаҳое, ки ба шароитҳои нави бозор мутобиқ мешаванд, барориши маҳсулотро зиёд карда, сохтмонҳои нави саноатиро амалӣ мегардонанд, дар натиҷа меъёри фоида, меъёри фоизи қарз ва сатҳи музди меҳнат баланд шуда, давраи болоравӣ оғоз меёбад.

Сатҳи *ММД* аз сатҳи тобуҳронӣ зиёд шуда, афзоишёбии истеҳсолот давом меёбад, ки ин ба афзоиши шуғл мусоидат намуда, ба афзоишёбии талаботи молӣ ва баландшавии сатҳи нархҳо сабаб мешавад. Дар натиҷа оҳиста-оҳиста ҳаҷми истеҳсолот боз аз чаҳорчӯбаи талаботи пардохтпазир зиёд гардида, бозор бо молҳои ба фурӯшнарафта пур мегардад ва сикли нави саноатӣ оғоз меёбад.

Чунин аст тавсифи мухтасари сикли саноатии *К. Маркс*.

Бояд қайд намуд, ки таснифоти дигари сикл низ вуҷуд дорад. Олимон – иқтисодчиёни муосир танҳо ду давраи сиклро ҷудо мекунанд: ***давраи пастравӣ*** *ва ё* ***ретсессия****, ки аз қулла то нуқтаи поён давом мекунад. Пастравии махсусан давомнок депрессия номида мешавад. Аз ҳамин сабаб буҳрони солҳои 1929–1932 номи Депрессияи Бузургро гирифтааст;* ***давраи болоравӣ*** *ва ё* ***ҷоннокшавӣ****, ки аз нуқтаи поён то қулла давом мекунад.*

**Намудҳои сиклҳои иқтисодӣ**. Дар илми иқтисодии муосир 1380 намуди сикл маълум аст. Дар назарияи иқтисодӣ одатан чунин намудҳои сиклҳои иқтисодӣ мушоҳида карда мешаванд:

**Сикли Жугляр**. Пеш аз ҳама, илми иқтисодӣ сикли 7–12-соларо ҷудо мекард, ки дертар номи *сикли Жуглярро* гирифтааст. Ин сикл номи дигар низ дорад: «бизнес-сикл», ба сикли марксистии «сикли саноатӣ» ҳаммаъно аст.

**Сикли Китчин (сикли захираҳо)**. Китчин диққати худро дар асоси омӯзиши ҳисобҳои молиявӣ ва нархҳои фурӯш ҳангоми ҳаракати захираҳои молӣ ба тадқиқоти мавҷҳои 2–4-сола ҷалб намуд.

**Сикли Кузнетс**. *Кузнетс* дар рисолаи худ «Даромади миллӣ» ба хулосае омад, ки нишондиҳандаҳои даромади миллӣ, хароҷоти истеъмолӣ, сармоягузориҳои умумӣ барои таҷҳизоти таъйиноти истеҳсолидошта, инчунин, барои биноҳо ва иншоот тағйирёбии 20-сола доранд.

**Сикли Кондратев**. Сиклҳое, ки давомнокии онҳо 40–60 солро ташкил кардаанд, ба номи иқтисодчии рус *Николай Дмитриевич Кондратев* номгузорӣ карда шудаанд, ки номбурда назарияи «мавҷҳои тӯлонии вазъияти иқтисодӣ»-ро таҳия намудааст. Кондратев муайян намуд, ки бухронҳои нисбатан вайроншаванда дар ҳолате ба назар мерасанд, ки агар нуқтаҳои пастравии фаъолнокии кории сиклҳои мавҷҳои дароздошта бо сикли классикӣ мувофиқат кунанд.

Дар иқтисодиёти муосир давомнокии давраҳои сикл ва калавиши тағйирёбиҳо гуногун шуда метавонанд. Пеш аз ҳама, ин аз сабабҳои бухрон ва инчунин аз хусусиятҳои иқтисодиёт дар мамлакатҳои гуногун вобаста аст: *дараҷаи дахолати давлат ба иқтисодиёт; хислати танзими давлатии иқтисодиёт; ҳисса ва сатҳи тараққиёти соҳаи хизматрасонӣ; шароитҳои инкишоф ва истифодабарии ПИТ*.

**Тағйирёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар давоми сикл**. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар давраҳои гуногуни сикл ба таври гуногун тағйир меёбанд.

Агар сабаби сикл тағйирёбии маҷмӯи талабот (хароҷоти умумӣ) бошад, он гоҳ дар давраи авҷи инкишоф лаҳзае мерасад, ки дар он ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолшуда ба пуррагӣ фурӯхта намешавад, яъне

хароҷоти умумӣ нисбат ба ҳаҷми барориш кам мебошанд. Дар натиҷа баризофагии молҳо ба миён омада, фирмаҳо маҷбуранд захираҳои маҳсулоти фурӯхтанашуда (захираҳои молӣ)-ро зиёд намоянд, ки ин ба қатъгардонии истеҳсолот сабаб шуда, ба афзоиши бекорӣ оварда мерасонад, зеро фирмаҳо коргаронро аз кор озод мекунанд.

Дар натиҷа даромадҳои умумӣ кам мешаванд (даромадҳои хоҷагиҳои хонагӣ дар натиҷаи бекорӣ ва даромадҳои фирмаҳо дар натиҷаи фурӯхта натавонистани маҳсулоти истеҳсолшуда), мувофиқан хароҷоти умумӣ низ кам мешаванд. Хоҷагиҳои хонагӣ талаботро ба молҳои дарозмуддат кам мекунад. Фирмаҳо талаботи сармоягузориро аз ҳисоби васеъгардонии бемаънои истеҳсолот дар шароитҳои кам шудани маҷмӯи талабот кам мекунанд.

Камшавии даромадҳои умумӣ (базаи андозбандӣ) воридоти андозҳоро ба буҷети давлатӣ кам мекунад. Маблағи умумии пардохтҳои трансфертии давлатӣ (ҷубронпулиҳо барои бекорӣ, камбизоатӣ) ва касри буҷети давлатӣ зиёд мешавад.

Дар натиҷаи камшавии даромадҳои умумӣ воридот кам шуда, ба афзоиши содироти соф ва ба миён омадани барзиёдии тавозуни савдо мусоидат менамояд.

Барои фурӯхтани маҳсулоти худ кӯшиш карда, фирмаҳо метавонанд нархи онҳоро паст кунанд, ки ин ба пастшавии сатҳи умумии нархҳо, яъне ба дефлятсия оварда мерасонад. Бо имконнопазирии фурӯши маҳсулоти худ дар сатҳи нархҳои пасттар дучор шуда, фирмаҳо (ҳамчун агентҳои оқилона амалкунанда) метавонанд:

*– таҷҳизоти истеҳсолии иловагиро харидорӣ намуда, истеҳсоли моли додашударо (агар талаботи онҳо ба пуррагӣ қонеъ нагардида бошад) бо хароҷоти камтар давом диҳанд, ки ин барои пастшавии нархи маҳсулот бе кам намудани ҳаҷми фоида мусоидат карда, барои зиёд намудани ҳаҷми фурӯш имконият медиҳад;*

*– агар талабот ба молҳои аз тарафи фирма истеҳсолшуда ба пуррагӣ таъмин бошаду то ҳатто паст намудани нархҳо ба зиёдшавии ҳаҷми фурӯш оварда нарасонад, он гоҳ фирма метавонад ба истеҳсоли моли нав шурӯъ намояд, ки ин азнавтаҷҳизонидани техникиро талаб мекунад.*

Дар ҳар ду ҳолат талабот ба молҳои сармоягузорӣ зиёд мешавад. Дар соҳаҳои молҳои сармоягузорӣ истеҳсол мекарда ҷоннокшавӣ оғоз ёфта, шуғл афзоиш меёбад ва фоидаи фирмаҳо низ зиёд мешавад.

Даромадҳои умумӣ зиёд шуда, ба афзоиши талабот ва васеъшавии истеҳсолот дар соҳаҳои молҳои истеъмолӣ истеҳсолкунанда оварда мерасонад.

Ҷоннокшавӣ, афзоиши шуғл (камшавии бекорӣ) ва зиёдшавии даромадҳо тамоми иқтисодиётро фаро мегирад. Дар иқтисодиёт болоравӣ

оғоз меёбад. Сатҳи нархҳо баланд, воридоти андозҳо зиёд мешавад. Касри буҷети давлатӣ кам гашта, имконоти барзиёдии даромадҳои давлатӣ ба миён меояд.

Афзоиши даромадҳо ба зиёдшавии воридот, пастшавии содироти соф ва ба миён омадани касри тавозуни пардохт меоварад.

Болоравии иқтисодиёт, афзоиши фаъолнокии корӣ ба авҷи инкишофи иқтисодиёт мусоидат карда, баъд аз он пастравии минбаъда оғоз меёбад.

Асоси сикли иқтисодиро тағйирёбии хароҷоти сармоягузорӣ ташкил мекунанд. Сармояҳо қисми нисбатан номуътадили маҷмӯи талабот (хароҷоти умумӣ) мебошанд.

Дар шароитҳое, ки пастравии иқтисодиёт бо камшавии маҷмӯи талабот ба миён наомада, балки бо камшавии маҷмӯи таклифот ба миён меояд, аксарияти нишондиҳандаҳо (*ММД*-и ҳақиқӣ, сатҳи бекорӣ, ҳаҷми даромади умумӣ, захираи фирмаҳо, ҳаҷми фурӯш, фоидаи фирмаҳо, воридоти андозҳо, ҳаҷми пардохтҳои трансфертӣ ва ғайраҳо) ба монанди маҷмӯи таклифот тағйир меёбанд. Ба таври истисно сатҳи умумии нархҳо дар баробари пастравӣ баланд мешаванд.

Асоси раҳоиро аз чунин пастравӣ сармоягузориҳо ташкил мекунанд, зеро онҳо захираи сармояро дар иқтисодиёт зиёд карда, барои афзоиши маҷмӯи таклифот шароитҳоро муҳайё мекунанд.

**Нишондиҳандаҳои сикли иқтисодӣ**. Зуҳуроти асосии давраи сикл нишондиҳандаи суръати афзоиши солонаи *ММД* мебошад. Ин нишондиҳанда тағйирёбии фоизии *ММД*-и ҳақиқиро дар ҳар соли оянда нисбат ба соли гузашта тавсиф мекунад.

Агар суръати афзоиш ҳаҷми мусбӣ бошад, он гоҳ иқтисодиёт дар давраи болоравӣ қарор дорад, агар суръати афзоиш ҳаҷми манфӣ бошад, он гоҳ иқтисодиёт дар давраи пастравӣ қарор дорад. Ин нишондиҳанда барои як сол ҳисоб карда шуда, суръати тараққиёти кӯтоҳмуддат (ҳамасола)-и иқтисодиёт, яъне тағйирёбии *ММД*-и ҳақиқиро ифода мекунад.

Дар вобастагӣ аз рафтори нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар давраҳои гуногуни сикл чунин нишондиҳандаҳоро аз ҳам фарқ мекунанд: **нишондиҳандаҳои просиклӣ**, ки дар давраҳои болоравӣ зиёд шуда, дар давраи пастравӣ кам мешаванд (*ММД*-и ҳақиқӣ, ҳаҷми даромадҳои умумӣ, ҳаҷми фурӯш, фоидаи фирмаҳо, ҳаҷми воридоти андозҳо, миқёси қоғазҳои қиматнок, ҳаҷми воридот); **нишондиҳандаҳои контрасиклӣ**, ки дар давраи пастравӣ зиёд шуда, дар давраи болоравӣ кам мешаванд (сатҳи бекорӣ, ҳаҷми пардохтҳои трансфертӣ, ҳаҷми содироти соф, касри буҷети давлатӣ ва ғайраҳо); **нишондиҳандаҳои асиклӣ**, ки хислати сиклӣ надошта, ҳаҷми онҳо бо давраҳои сикл алоқаманд нестанд (ҳаҷми содирот).

## 14.4. Таваррум ва усулҳои ченкунии он. Намудҳои таваррум, оқибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва роҳҳои пешгирии он

**Таваррум** ҳодисаи мураккаби бисёромилаест, ки вайроншавии раванди такрористеҳсолотро тавсиф менамояд ва ба иқтисодиёте хос аст, ки дар он муомилоти пулии коғазӣ истифода мешавад. Таваррум пеш аз ҳама, дар шакли баландшавии сатҳи нархҳо ва дар шакли қиматшавии нисбии тилло ва асъори хориҷӣ ифода меёбад.

Дар ҳолатҳои алоҳида афзоиши нархҳо имконпазир буда, бо ҷараёни таваррум алоқамандӣ надорад. Ин ҷараён дар ҳолате ба миён меояд, ки дар он шароитҳои умумии такрористеҳсолот тағйир ёфта, дар натиҷаи он афзоиши хароҷоти истеҳсолӣ ба миён меояд. Масалан, қиматшавии ашёи хом аз сабаби бадшавии шароитҳои истихроҷи он; афзоиши сифати маҳсулот, ки хароҷоти иловагии меҳнатро талаб менамояд.

Ҷараёни таваррумӣ бо афзоишёбии нархҳо вобаста буда, бо афзоиши хароҷоти истеҳсолӣ алоқаманд нест. Таваррум натиҷаи номуътадилии макроиқтисодӣ буда, дар он маҷмӯи талабот аз маҷмӯи таклифот зиёд аст.

Дар шароити муомилоти тангаҳои тиллоӣ ва нуқрагӣ, таваррум ғайриимкон аст, зеро ин гуна пулҳо бойигарии ҳақиқӣ, на нишони онро ифода мекунанд. Миқдори зарурии пулҳо бо чунин вазифаи бойигарии онҳо танзим карда мешавад. Агар тангаҳо аз миқдори барои харидҳо зарурбуда зиёд бошанд, он гоҳ пулҳо ҳамчун бойигарӣ захира карда мешаванд. Дар баробари ин онҳо беқурб намешаванд. Ҳангоми таъминоти барзиёдии бозор бо молҳо, тангаҳои аз муомилот гирифташуда дар савдо иштирок намекунанд. Беқурбшавии пулҳо дар ин шароит ба миён намеояд.

Вале дар ҳолати мавҷудияти пулҳои коғазӣ шароит дигар хел аст. Дар ин ҷо пул танҳо нишона буда, бойигарии ҳақиқиро ифода намекунад ва ҳам вазифаи бойигариро иҷро карда наметавонад. Пулҳои коғазӣ дар ҳаҷми муайян ба сифати пасандозҳо нигоҳ дошта мешаванд. Миқдори зиёди изофагии пулҳои коғазӣ дар муомилот боқӣ мемонанд. Мавҷудияти ин пулҳо дар аҳолӣ маҷмӯи талаботро зиёд карда, дар навбати худ барои баландшавии нархҳо фишор меоварад.

Таварруми муътадили то 10% дар як сол, дар адабиёти Ғарб ҳамчун зароровари иҷтимоӣ мушоҳида карда намешавад. Баръакс, гумон меравад, ки чунин таваррум иқтисодиётро барои инкишоф равона сохта, ба он такони мусбӣ мебахшад.

Дар асл ҳангоми афзоиши нархҳо аҳолӣ харидҳои худро зиёд мекунад, чунки дар оянда чунин харидҳо боз ҳам қимат мешаванд. Ин ҷараён истеҳсолкунандагонро барои зиёд намудани таклифот водор

месозад, дар натиҷа бозор тез пур карда мешавад. Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми таваррум нархҳо дар соҳаҳо бо суръати гуногун афзоиш меёбанд. Ҳолати фоидаоварии гуногуни истеҳсолот нигоҳ дошта мешавад. Бинобар ҳамин дар ин ҷо механизме зарур аст, ки номувозинатиҳо (диспропортсияҳо)-и иқтисодиро бартараф намуда, хоҷагидории бозориро солим гардонад.

Лекин ҳангоми сатҳи таварруми зиёд аз 10% ҳолати хатарнок ба миён меояд. Махсусан, иқтисодиёт дар ҳолати таварруми шиддатнок (гиперинфлятсия) вайрон мешавад, ки дар он нархҳо бо фоиз не, балки ба маротибаҳо баланд мешаванд. Дар чунин ҳолат пул бо суръати тез беқурб мешавад. Аҳолӣ пасандозҳои худро аз даст медиҳад, зеро сармояи гузошташуда беқурб мешавад. Бинобар ҳамин рағбати сармоягузорӣ ба истеҳсолот аз байн меравад, чунки онҳо даромадро ба зудӣ таъмин намекунанд ва дар муддати дароз гум шудани қимати ин сармояҳо имконпазир аст. Дар ин гуна шароит танҳо бизнеси ҳаннотӣ афзоиш меёбад, ки ба азнавфурӯхтан равона карда шуда, маҷмӯи таклифотро зиёд намегардонад. Агар таклифот дар давраи дуру дароз афзоиш наёбад, он гоҳ мамлакат бо хатари таназзул (стагнатсия) дучор мешавад. Таназзуле, ки баробари таваррум ба миён меояд, иқтисодиётро вайрон карда, ба афзоиши таклифот оварда наметавонад.

**Мафҳуми таваррум**. Истилоҳи «таваррум» аввалин маротиба дар Амрикои Шимолӣ дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ (1861–1865) истифода бурда шудааст. Дар ҳамон вақт кӯшиш кардаанд, ки хароҷоти ҳарбиро аз ҳисоби бисёртар интишор намудани пулҳои коғазӣ рӯпӯш кунанд. Дар зери мафҳуми таваррум афзоиши аз ҳад зиёди пулҳои коғазӣ нисбат ба таклифоти ҳақиқӣ фаҳмида мешуд. Таваррум ҳамчун ҳодисаи иқтисодӣ ҳангоме пайдо гашт, ки дар он пуршавии каналҳои муомилоти пулҳои қоғазӣ ба миён омад ва дар натиҷа қобилияти харидории онҳо паст шуд.

Мувофиқи маънидодкунии марксистӣ, бо назардошти формулаи миқдори пулҳои барои муомилот зарурбуда, таваррум пеш аз ҳама, ҳамчун барзиёдии воситаҳои пардохт, афзоиши миқдори пулҳо нисбат ба ҷамъи нархҳои молҳо ба миён меояд:

$$МП = \frac{ҶН - Қ + П + ПД}{Г}$$

ки дар ин ҷо: *МП* – миқдори пули барои муомилот зарурбуда; *ҶН* – ҷамъи нархҳои молҳои фурӯхташуда; *Қ* – молҳои ба қарз фурӯхташуда; *П* – пардохтҳое, ки муҳлати рӯйпӯшкунӣ (пардохт)-и онҳо расидааст; *ПД* – ҷубронҳои мутақобил (взаимопогашение); *Г* – суръати гардиши пул.

Дар шароитҳои идеалии абстрактӣ формулаи додашуда метавонад миқдори пули барои муомилот зарурро муайян намояд. Вале ин тавсифи таваррум нокифоя буда, сабабҳои таваррумро муайян намекунад.

Интишори пулҳои бо молҳо таъминнабуда ҳамчун таваррум муайян шуда буд. Дар асл зиёдшавии пул назар ба ҳаҷми молҳо маънои ба миён омадани номувозинатиро байни миқдори пули дар муомилот буда ва ҳаҷми молҳоро дар бозор ифода мекунад. Бо ибораи дигар, таваррум ҳамчун зуҳуроти вайрон шудани қонуни муомилоти пулӣ ва номувозинатии макроиқтисодӣ мебошад.

**Шаклҳои зуҳурот ва сарчашмаҳои таваррум.** Одатан таваррум дар болоравии нархи молҳо ва хизматрасониҳо ифода меёбад. Дар ин ҷо сухан оид ба баландшавии сатҳи умумии нархҳо меравад. Агар нархи баъзе молҳо гоҳ-гоҳ баланд шавад, ин ҳолат ҳоло таваррум нест, зеро чунин баландшавии нархҳо аз сабаби баландшавии сифати молҳо ба миён омада метавонад. Танҳо баландшавии сатҳи умумии нархҳо маънои фишори миқдори пулиро ба миқдори молӣ дар назар дорад, яъне пулҳо беқурб шуда, даромади аҳолӣ паст мешавад. Номувофиқати талаботи пардохтпазир ва миқдори молҳо дар он ифода меёбад, ки талабот ба мол ва хизматрасониҳо аз захираҳои гардиши мол зиёд гардида, ба вазъ барои баланд намудани нархҳо аз тарафи истеҳсолкунандагон ва фурӯшандагони молҳо новобаста аз сатҳи хароҷоти истеҳсолӣ ва муомилот, мусоидат мекунад.

Ба миён омадани номутаносибии байни талабот ва таклифот метавонад ба вайрон шудани таносуби даромадҳо ва хароҷот оварад. Ба ин пеш аз ҳама, касри буҷети давлатӣ (барзиёдии хароҷоти давлатӣ аз даромадҳои давлатӣ) дохил мешавад. Ба ин инчунин, сармоягузории аз ҳад зиёд дохил шуда метавонад, ки барзиёдии ҳаҷми хароҷоти сармоягузориро аз эҳтиёҷот ва имкониятҳои иқтисодиёти миллӣ дар назар дорад. Ба ин гурӯҳ ҳамчунин кам намудани молҳои воридотиро дар иртибот бо вобастагии бозори истеъмолӣ аз савдои беруна дохил кардан мумкин аст.

**Таваррум ҳамчун номувозинатӣ (дисбаланс)-и талабот ва таклифот**. Сабабҳои асосии таваррум аз вайрон шудани мувозинати макроиқтисодӣ ва мутаносубиҳои иқтисодӣ иборат аст. Дар баробари ин, ба ғайр аз вайрон шудани мувозинати молию пулӣ, инчунин номувозинатии талабот ва таклифот қайд карда мешавад. Мактабҳои гуногуни иқтисодӣ сабабҳои чунин номувозинатӣ (дисбаланс)-ро ба таври гуногун маънидод мекунанд.

**Назарияи кейнстаборон** дар он зоҳир мегардад, ки сабаби номувозинатӣ (дисбаланс) бо талаботи аз ҳад зиёд дар шароити шуғли пурра муайян карда мешавад. Бинобар ҳамин тарафдорони ин равия гумон доранд, ки агар сатҳи истифодабарии иқтидорҳои истеҳсолӣ аз қобилияти

харидорӣ паст буда, бо воситаи касри буҷет ва барориши пулҳо васеъ карда шавад, метавонад ба таваррум оварда расонад.

Тарафдорони **назарияи неоклассикӣ** сарчашмаи таваррумро дар афзоиши аз ҳад зиёди истеҳсолот, афзоиши хароҷоти истеҳсолот ҷустуҷӯ мекунанд.

Ҳамин тавр, кейнстаборон таваррумро аз тарафи талабот ва неоклассикон аз тарафи таклифот маънидод мекунанд. Дар шароити муосири иқтисодӣ кӯшишҳои омезиши ин ду назария ва маънидод намудани тарафҳои гуногуни ин ҷараён ба харҷ дода мешаванд. Таҳлили таваррум аз мавқеи мувозинати макроиқтисодӣ нишон медиҳад, ки ҳолати мӯътадили иқтисодиёт дар лаҳзаи муайяни вақт бо мувозинати талаботи пардохтпазир ва ҷамъи умумии арзишҳои ҳама молҳо (таклифот) тавсиф карда мешавад. Барои чӣ сухан танҳо оид ба молҳои истеъмолӣ нарафта, инчунин оид ба молҳои сармоявӣ (воситаҳои истеҳсолот) меравад? Агар танҳо талабот афзоиш ёбад, он гоҳ ҳолати мувозинат вайрон мешавад, зеро ба талаботи афзоишёфта миқдори молҳо низ муқобилият нишон медиҳанд. Бартараф намудани ин раванд танҳо бо воситаи баланд намудани нархҳо имконпазир буда, дар навбати худ ба пастшавии қобилияти харидории воҳиди пулӣ ва эҳтиёҷоти иқтисодиёти миллӣ ба миқдори иловагии пулҳо оварда мерасонад.

Бояд дар назар дошт, ки тағйирёбии ҷараёнҳои иқтисодӣ ва алоқамандии онҳо ҳолати ба миёномадаро мушкил мекунанд. Самараҳои ҷараёнҳои таваррум метавонанд ба зудӣ, то ҳатто ҳангоми сатҳи пасти истифодабарии иқтидорҳои истеҳсолӣ ба миён оянд. Яъне давраи ночорӣ (порочный круг) ба миён меояд: беқурбшавии пул ба афзоиши касри буҷети давлатӣ меоварад, молиякунонии он бошад, аз ҳисоби қарзҳо сурат мегирад ва чун натиҷа миқдори пул аз нав зиёд мешавад.

**Суръати таваррум**. Ба таваррум ҳамчун ҳодисаи иқтисодӣ муайянкунии миқдорӣ хос аст. Нишондиҳандаи паҳнгашта ва расмии таваррумро намоя (индекс)-и нархҳои истеъмолӣ ташкил мекунад. Барои ҳисоб кардани суръати таваррум аз формулаи зерин истифода мекунанд:

$$\pi = \frac{P_t - P_{t-1}}{P_{t-1}} \times 100\%$$

Тибқи ин формула аз намояи нархҳои истеъмолии соли ҷорӣ намояи нархҳои истеъмолии соли гузаштаро тарҳ мекунем, баъд ба намояи нархҳои истеъмолии соли гузашта тақсим намуда, натиҷаро ба 100% зарб мекунем.

**Нишондиҳандаҳо ва намудҳои таваррум.** Нишондодҳои асосии таваррум инҳо мебошанд: суръати афзоиши нархҳо, дараҷаи фарқияти афзоиши нархҳо барои гурӯҳҳои гуногуни молҳо (таносубии

афзоиши нархҳо барои молҳои гуногун); таварруми пешбинишаванда ва пешгӯишаванда.

Намудҳои таваррум аз нигоҳи суръати афзоиши таваррум (тавсифи миқдорӣ) чунин мешаванд: **таварруми муътадил (хазанда)**, вақте ки нархҳо бо суръати аз 20% пасттар дар як сол афзоиш меёбанд (арзиши пулҳо нигоҳ дошта мешавад); **таварруми ҷаҳишкунанда**, вақте ки нархҳо дар як сол аз 20 то 200% афзоиш меёбанд (пул бо суръати тез ба молҳо мубаддал карда мешавад); **таварруми шиддатнок (гиперинфлятсия)**, вақте ки нархҳо бо суръати ниҳоят баланд афзоиш ёфта, фарқияти байни нарх ва музди меҳнат ба андозаи ниҳоят калон ба миён омада, ҳатто некуаҳволии сарватмандон халалдор мешавад.

**Таварруми шиддатнок (гиперинфлятсия)**. Чи қадаре ки суръати таваррум баланд бошад, ҳамон қадар одамон кӯшиш мекунанд пулҳои худро сарф намоянд. *Дж. Кейнс* ҳолати Англияро баъд аз ҷанги якуми ҷаҳон тасвир мекунад, ки дар он одамон якбора ду қадаҳ пиво мегирифтанд, чунки нархҳо нисбат ба суръати пешкаш намудани пиво тезтар баланд мешуданд.

*Милтон Фридмен* таварруми шиддатнокро дар Германия дар моҳи октябри соли 1923 таҳлил намуда, фарқияти онро аз таварруми муътадил чунин тавсир намуд:

*«Агар нафаре аробаи пур аз халтаи пулдоштаро бурда истода бошаду аробаи худро назди мағоза гузорад ва баъд аз мағоза баромадан бинад, ки ароба дар ҷояш, вале халтаҳои пул нестанд, он гоҳ ин ҳолат таварруми муътадил мебошад ва агар соҳиби ароба бинад, ки ароба несту халтаҳои пулдошта дар ҷояш, он гоҳ ин ҳолат гиперинфлятсия мебошад».*

Гумон меравад, ки таваррумро бо воситаи чораҳои молиявӣ, инчунин бо роҳи қатъгардонии эмиссияи пул боздоштан мумкин аст. Ин ба таври мустақим сатҳи таваррумро паст карда, суръати гардиши пулро суст мекунад. Чунин роҳи ҳал аз он бармеояд, ки таварруми шиддатнокро буҳрони буҷети давлатӣ, камшавии даромадҳои ҳақиқии ҳукумат ба миён меорад. Баъд аз он ки таваррум ба сатҳи муайян мерасад, он танзимнашаванда мегардад ва ба афзоиши минбаъдаи касри буҷет оварда мерасонад. Ҳамин тавр, касри буҷет ба миён омада, таварруми шиддатнок ин касрро пурзӯр мекунад. Дар баробари ин тамоюли камшавии даромадҳои ҳақиқии давлат аз ҳисоби андозҳо ба назар мерасад. Боздошташавии пардохтҳои андозӣ ба миён меояд. Дар ҳолати афзоиши нархҳо ба 50% дар як моҳ боздоштшавии пардохтҳо ба як моҳ ба аз даст додани 1/3 ҳиссаи даромади ҳақиқӣ оварда мерасонад. Дар ин давра интизоми андоз вайрон шуда, корхонаҳо дар тӯли моҳҳо ба буҷет пардохтҳоро интиқол намедиҳанд. Хароҷоти давлатӣ кам намешавад ва касри буҷет афзоиш меёбад.

**Намудҳои таваррум аз рӯи шаклҳои зоҳиршавӣ**. Аз рӯи шаклҳои зоҳиршавӣ се намуди таваррумро аз ҳамдигар фарқ мекунанд:

**– таварруми фишурдашуда** – нархҳо ҳангоми афзоиши якбораи талаботи қонеънагашта баланд намешаванд. Норасоӣ (дефитсит) ба миён омада, молҳо ба бозори пинҳонӣ равона шуда, номгӯи молҳо кам мешавад. Ин намуди таваррум барои иқтисодиёти маъмурӣ-амрӣ хос аст;

**– таварруми пӯшида** – сифати мол ва хизматрасониҳоро ҳангоми сатҳи муътадили нархҳо паст карда, таваррум соҳаи инвеститсиониро фаро мегирад, яъне арзиши сметавии фондҳои асосии истеҳсолӣ афзоиш меёбад. Чунин ҳолат барои собиқ ИҶШС, Булғория ва Руминия дар солҳои 80-уми асри XX хос буд;

**– таварруми кушод** – афзоиши сатҳи нархҳо, пастшавии қобилияти харидории воҳиди пулӣ, афзоиши арзиши сабади истеъмолӣ. Ин намуди таваррум ба иқтисодиёти бозорӣ хос мебошад, зеро нархҳо танҳо дар натиҷаи ба ҳам таъсиркунии талабот ва таклифот муайян карда мешаванд.

Вобаста аз омилҳое, ки таваррумро ба вуҷуд меоваранд, таварруми талабот ва таварруми хароҷотро фарқ мекунанд.

**Моҳият ва сабабҳои таварруми талабот.** Таварруми талабот бо барзиёдии пулҳо нисбат ба миқдори молҳои пешниҳодшаванда алоқаманд буда, дар натиҷаи он сатҳи нархҳо баланд мешаванд. Дар чунин ҳолат шуғли пурра таъмин аст, зеро истеҳсолоти саноатӣ бо нархҳои баланд ҳавасманд карда шуда, иқтидорҳои истеҳсолӣ пурра истифода мегарданд. Лекин афзоиши талабот ҳангоми истифодабарии пурраи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва шуғли пурра бо пешниҳоди чандирӣ вобаста карда намешаванд, бинобар ҳамин нархҳо баланд мешаванд. Давлат хароҷотро барои соҳаи ҳарбӣ ва барномаҳои иҷтимоӣ дар давраи шуғли пурра зиёд мекунад ва иқтисодиёт ногузир ба доми таваррумӣ дучор мешавад.

Соҳибкорон талаботро ба захираҳои сармоягузорӣ зиёд намуда, ба ҳаракати таваррумии иқтисодиёт мусоидат мекунанд. Иттифоқҳои касаба бошанд, афзоиши музди меҳнатро дар иқтисодиёт талаб карда, дар ҳолати маҳдудиятҳои бо шуғли пурра алоқаманд ба натиҷаҳои дар боло қайдшуда мусоидат менамоянд.

**Таварруми хароҷот**. Барои иқтисодиёти муосир мавҷуд набудани шуғли пурра, бозорҳои озод ва нархҳои муътадил хос аст. Нархҳо доимо, то ҳатто дар давраи пастравӣ (ҳангоми истифодаи иқтидори истеҳсолӣ ба 30%) афзоиш меёбанд.

Вақте ки нархҳо дар натиҷаи афзоиши хароҷоти истеҳсолӣ дар шароитҳои истифода накардани иқтидорҳои истеҳсолӣ баланд мешаванд, он гоҳ дар иқтисодиёт таварруми хароҷот ба назар мерасад.

Таварруми хароҷот афзоиши арзиши омилҳои истеҳсолотро ба миён меорад. Дар ин ҳолат хароҷот зиёд шуда, нархи маҳсулоти

истеҳсолшавандаро баланд мегардонад. Ин мол метавонад барои истеҳсолкунандаи дигар ба сифати захира баромад кунад. Бинобар ҳамин, барои дигар истеҳсолкунандагон низ мавҷи хароҷоти афзоишёбанда таъсир мерасонад. Дар натиҷа хароҷот дар истеҳсолоти бо ҳам алоқаманд якбора бо нархи молҳои истеҳсолшаванда афзоиш меёбанд.

Таварруми хароҷот метавонад афзоиши нархи ҳама гуна омилҳои истеҳсолот (замин, сармоя, қувваи корӣ)-ро ба миён орад. Хароҷоти истеҳсолот зиёд мешавад ва баъдан онҳо ба маҳсулоти истеҳсолмешуда гузаронида мешавад. Моли қиматшуда аз тарафи харидор пардохт мегардад. Агар барои харидор ин мол ҳамчун омили истеҳсолот баромад кунад, он гоҳ хароҷоти истеҳсолии ӯ низ зиёд мешавад ва истеҳсолкунандаро барои рӯйпӯш намудани зарарҳо бо воситаи нархи баланд маҷбур месозад. Механизми гузарандаи таваррум ба миён омада, таварруми хароҷот дар мамлакат ба монанди бемории сироятӣ паҳн мегардад.

Инчунин дигар варинат низ имконпазир аст, ки дар он хароҷот зиёд мешавад, вале дар шароити бозори ташаккулёфта соҳибкор наметавонад афзоиши хароҷотро бо нархи баландтар рӯйпӯш кунад. Дар ин ҳолат фоида кам шуда, қисми сармоя аз истеҳсолоти даромаднокиаш кам шудаистода, ба пасандозҳо мегузарад. Маҷмӯи пешниҳод кам гашта, ногузир ба баландшавии сатҳи умумии нархҳо сабаб мешавад.

**Сарчашмаҳои таварруми хароҷот**. Сарчашмаҳои таварруми хароҷот дар се шакл ифода меёбанд – дар амалҳои давлат, иттифоқҳои касаба ва худи корхонаҳо (фирмаҳо).

Давлат метавонад ба таварруми хароҷот бо воситаи механизмҳои молию қарзӣ мусоидат намояд. Масалан, меъёри фоизро баланд намуда, давлат дар шахсияти бонки марказӣ ба қиматшавии қарз мусоидат менамояд. Корхонаҳо аз қарз даст намекашанд, лекин барои пардохти фоизи баландшуда онҳо нархи молҳоро баланд ва аз ҳисоби харидорон хароҷоти афзударо рӯйпӯш мекунанд. Сатҳи баланди меъёри андозҳо низ ба ҳолати дар боло зикршуда меоварад.

Иттифоқҳои касаба ба афзоиши хароҷоти истеҳсолӣ бо воситаи музди меҳнат таъсир мерасонанд. Бинобар ҳамин талаби иттифоқҳои касаба оид ба баланд намудани музди меҳнат дар аксари ҳолатҳо ба ҳайси сарчашмаи асосии таварруми талабот ва хароҷот баромад мекунад.

Сарчашмаи сеюми таварруми хароҷот монополияи корхонаҳо (фирмаҳо) барои ҷорӣ намудани нархҳост. Назарияи иқтисодии марксистӣ монополияи корхонаҳоро ҳамчун сабаби асосии таваррум арзёбӣ мекунад.

***Механизми инкишофи таваррум***. Таваррум дар намуди таварруми ба таври морпеч (спиралӣ) инкишоф меёбад. Чунин таваррум дар

натиҷаи якҷояшавии таварруми ғайричашмдошти талабот ва таварруми хароҷот ба миён меояд.

Механизми таварруми ба таври морпеч бо чунин тарз амал мекунад:

*– агар бонки марказӣ пешниҳоди пулро зиёд намояд, он гоҳ ин раванд ба афзоиши маҷмӯаи талабот оварда мерасонад ва мувофиқан таварруми талаботро ба миён оварда, ба баландшавии сатҳи нархҳо сабаб мешавад;*

*– азбаски меъёри музди меҳнат дар сатҳи пештара боқӣ мемонад, даромадҳои ҳақиқӣ паст мешаванд. Коргарон баландкунии меъёри музди меҳнатро мувофиқи афзоиши сатҳи нархҳо талаб мекунанд;*

*– ҳолати дар боло қайдшуда хароҷоти фирмаҳоро зиёд карда, ба камшавии таклифот оварда мерасонад, ки дар натиҷа таварруми хароҷот ба миён омада, сатҳи нархҳо боз ҳам баландтар мешаванд;*

*– коргарон боз баланд намудани музди меҳнати номиналиро талаб менамоянд. Афзоиши онро дар аввал ҳамчун зиёдшавии музди меҳнати ҳақиқӣ қабул карда, хароҷоти истеъмолиро зиёд мекунанд, дар натиҷа таварруми талабот ба миён меояд, ки дар навбати худ бо таварруми хароҷот якҷоя мешавад;*

*– ҳамаи ин афзоиши боз ҳам баландтари нархҳоро ба миён меорад. Камшавии даромадҳои ҳақиқӣ  боз ба талабот оид ба баланд намудани музди меҳнат сабаб шуда, ба таври морпеч идома меёбад. Ҳаракат ба таври морпеч ба миён омада, ҳар як давраи он ба сатҳи баландтари нархҳо, яъне ба сатҳи баландтари таваррум мувофиқат мекунад. Ин раванди фузунсозӣ номи таварруми ба таври морпеч ва ё спирали «музди меҳнат – нархҳо»-ро гирифтааст. Афзоиши сатҳи нархҳо ба баландшавии музди меҳнат мусоидат карда, афзоиши музди меҳнат бошад, барои баландшавии минбаъдаи сатҳи нархҳо ҳамчун замина баромад мекунад.*

**Сиёсати зидитаваррумӣ ва роҳҳои пешгирии он**. Азбаски таваррум ба монанди бекорӣ ба ҳодисаҳои макроиқтисодӣ дохил мешавад, мубориза бо онҳо танҳо дар миқёси тамоми иқтисодиёт бо қувваи давлат имконпазир аст. Лекин амалҳои давлатро, ки ба сабабҳои таваррум дахл надошта, балки ба оқибатҳои он (индексатсияи даромадҳо, пардохтҳои иҷтимоӣ, назорати маъмурӣ аз болои нархҳо ва ғайраҳоро) тааллуқ доранд, ба чорабиниҳои зиддитаваррумӣ дохил кардан мумкин нест.

Чунин чораҳо муаммои таваррумро ҳал накарда, балки онро ба оянда мегузоранд.

Чорабиниҳои зиддитаваррумиро танҳо дар ҳолати таварруми кушод амалӣ гардонидан мумкин аст, чунки таварруми фишурдашуда ба бартарафкунӣ мутобиқ нест, он ченнашаванда аст. Таварруми фишурдашударо дар аввал бояд ба таварруми кушод мубаддал намуда, баъд барои мубориза бар зидди он чораҷӯӣ кардан зарур аст.

Мубориза бо таваррум маънои маҳдудкунӣ дар сатҳи муътадил ва пурра аз байн бурдани онро дар назар надорад. Таваррумро пурра нест кардан ғайриимкон аст, зеро асоси мавҷудияти он хислати сиклии инкишофи иқтисоди бозорӣ мебошад.

Барои ҳамин ҳам таваррум ва бекорӣ ҳамрадифони доимии хоҷагидории бозорӣ буда, сиёсати давлатии нигоҳдории шуғли пурра ва муътадилии нархҳо мақсади асосии танзими макроиқтисодӣ мебошад.

Барои воқеӣ будани сиёсати зиддитаваррумӣ, пеш аз ҳама, муайян кардани сабаби таваррум зарур аст. Дар боло қайд шуда буд, ки таваррум натиҷаи номувозинатии байни маҷмӯи талабот ва маҷмӯи таклифот буда, дар ҳолате ба назар мерасад, ки талабот аз таклифот зиёд аст. Вале ин номувозинатӣ метавонад ҳам аз таъсири омилҳои пулӣ ва ё монетарӣ (афзоиши миқдори пул, баландшавии суръати гардиши пул) ва ҳам аз сабабҳои ғайримонетарӣ инҳисоригардонӣ (монополизатсия)-и иқтисодиёт, афзоиши хароҷот ба миён ояд.

Лекин новобаста аз он ки кадом омилҳо ба вусъатёбии таваррум сабаб шудаанд, маҳдудкунии он танҳо дар ҳолати паст намудани суръати афзоиши миқдори пул имконпазир аст.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар ҳама мамлакатҳои дунё миёни таваррум ва суръати афзоиши пешниҳоди пулҳо вобастагии зичи иртиботи мутақобила (коррелятсионӣ) вуҷуд дорад. Дар навбати худ ин маънои онро дорад, ки «таваррум ҳама вақт ва дар ҳама ҷо бо худ ҳодисаи пулиро ифода мекунад».

Дар баробари ин афзоиши миқдори пул нисбат ба эҳтиёҷоти гардиши молӣ бо сабабҳои гуногун ба миён омада метавонад: *бо барориш (эмиссия)-и иловагии пулҳо; касри буҷет; сиёсати қарзии бонки марказӣ; низоми номукаммали андоз.*

Бинобар ҳамин чораҳои аввалиндараҷаи ҳукумат бар зидди таваррум бояд ба чунин чорабиниҳо равона гарданд:

– *кам кардани миқдори пул;*

– *баланд намудани меъёри ҳисобии фоиз (меъёри бозтамвил);*

– *баланд гардондани меъёри захираҳои ҳатмӣ;*

– *кам кардани хароҷоти давлатӣ;*

– *мукаммалгардонии низоми андоз ва зиёд намудани даромадҳои андозии буҷети давлатӣ.*

Лекин дар ҳаёти воқеӣ амалӣ гардондани ин чорабиниҳо на ҳамеша натиҷаҳои хуб медиҳад. Пеш аз ҳама, ин ба кам кардани пешниҳоди пул тааллуқ дорад. Натиҷаҳои ногузири камшавии пешниҳоди пул пастшавии сатҳи истеҳсолот ва шуғл мебошанд.

Бинобар ҳамин ҳукумат имконият дорад, ки танҳо барои чӣ тавр кам кардани суръати афзоиши пул муносибат кунад – якбора (шоковая терапия) ва ё оҳиста-оҳиста (градуирование).

?!

1. Нишондиҳандаҳои рушди иқтисодии давлатро номбар кунед.
2. Бойигарии миллӣ чист?
3. Мафҳуми ***рушди иқтисодиро*** шарҳ диҳед.
4. Зарурати мувозинии макроиқтисодӣ дар чист?
5. Давраҳои иқтисодӣ ва хусусиятҳои онҳоро шарҳ диҳед.

## МАВЗӮИ 15. МОЛИЯИ ДАВЛАТӢ

### 15.1. Андоз ҳамчун сарчашмаи даромади давлат

Иқтисодиёте, ки дар асоси моликияти хусусӣ ва механизмҳои бозорӣ ташкил ёфтааст, сарчашмаҳои захираҳои пулии давлатро пеш аз ҳама, аз ҳисоби ҳамаи андозҳо, аз даромад ва аз моликияти шаҳрвандону ширкатҳо таъмин менамояд. Чунин тарзи ташкилёбии молияи давлат солҳои охир дар Тоҷикистон пайваста ба шакли муайян даромада истодааст.

Молия 1) маблағҳои пулӣ, қоғазҳои қиматнок ва дигар уҳдадориҳои пулии оила, корхона, давлат мебошад; 2) маҷмӯи муносибатҳои пулиест, ки давлат раванди ташкил ва истифодаи фондҳои воситаҳои пулии умумидавлатиро ба вуҷуд оварда, барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ истифода мебарад.

Бо ҷаҳони муосир ошноӣ пайдо карда, омӯзиши молияи давлатро ба ташкил ва фаъолияти низоми андози муосир оғоз менамоем. Андозҳо пеш аз ҳама, бевосита ба ҳаёти ҳар як шаҳрванд новобаста аз он ки вай ба кадом кор машғул аст ва дар куҷо кор мекунад, таъсир мерасонад.

Андоз пардохти муқаррарнамудаи ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ мебошад, ки барои шаҳрвандон, хоҷагиҳои хонагӣ, фирмаҳо ва муассисаҳо муқаррар шудааст ва тартибу шартҳои онро қонунҳои мамлакат муайян мекунанд.

Механизми ситонидани андозҳо – **андозситонӣ** яке аз механизмҳои қадимтарини иқтисодӣ мебошад, ки дар баробари давлат ба вуҷуд омадан арзи вуҷуд кардааст.

Зери механизми андозситонӣ меъёри андозҳо ҷой дошта, дар асоси он андозаи маблағҳои пулии хоҷагиҳои хонагӣ ё ин ки муассисаҳо ҳисоб карда шуда, ба қисми даромади давлат пардохта мешавад. Бе андозситонӣ давлат умуман вуҷуд дошта наметавонад, гарчанде ки дар баъзе мавридҳо бе артиш ва ҳатто бе асъори миллӣ ҳам мумкин аст.

Зери низоми андозситонии мамлакат фаҳмида мешавад (расми 15.1.): *номгӯи намудҳои андозҳо, ки давлат мувофиқи қонунҳои амалкунанда аз*

*хоҷагиҳои хонагӣ ва муассисаҳо барои ташкили даромадҳои худ ситонида метавонад; усулҳои муайян кардани бузургии пардохтҳо ба ин ё он намуди андозҳо; усулҳои ташкили ҷамъ кардан ва истифодаи андозҳо; номгӯи мақомоти давлатӣ, ки бо ҷамъ намудани андозҳо машғул мешаванд.*

Таҷрибаи дуру дароз ва мунокишавии андозситонӣ ба илми иқтисодиёт имкон дод, принсипҳои ташкили низоми андозро коркард намояд, ки он мутобиқан чунин аст: *бетарафона; одилона; самаранок ҳамчун сарчашмаи ба даст овардани даромади давлат.*



Расми 15.1. **Сохтори низоми андози ҷумҳурӣ**

Низоми андоз агар ба се саволи асосии иқтисодӣ: Чӣ бояд истеҳсол кард? Чӣ гуна бояд истеҳсол намуд? Барои кӣ истеҳсол кард? таъсир нарасонад, ки одамон ва ширкатҳо ба онҳо чи гуна ҷавоб медиҳанд, он гоҳ **бетараф** ҳисоб карда мешавад. Ба вуҷуд овардани низоми андозҳои бетарафи мутлақ (масалан, ба таври одӣ аз ҳар як шаҳрванди мамлакат гирифтани миқдори маблағи мутлақи якхела) дар ҳақиқат ба ягон кас муяссар нагардидааст, лекин ҳар як давлат бо андозситонии бетараф кӯшиш менамояд, масалан, то сатҳи минималӣ ҳар гуна имтиёзро барои пардохти маблағи ҳамон як намуди андоз ба супорандагони гуногун кам намояд.

Ба амал баровардани принсипи одилона бошад, боз ҳам мушкилтар мебошад, зеро ҷавоб гардонидан ба саволи «Кадом тарзи андозситонӣ нисбатан одилона аст?» дар ҳар мамлакат гуногун аст. Танҳо давлат воқеан метавонад чунин тарзи низоми андозситонеро ташкил намояд, ки пардохти андозҳо барои андозсупоранда мувофиқ бошад.

Принсипи самаранокӣ як маъно дорад. Аз рӯи мазмун дар назар дорад, ки низоми андоз аз як тараф, ба давлат бояд гирифтани даромади зарурро таъмин намояд ва аз тарафи дигар, набояд он зиёд, гарон ва амалиёти мураккаб бошад. Муваффақ гардидан ба ин осон нест. Масалан, ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андоз аз моликият вуҷуд дорад, ки ҳар як хоҷагии хонагии моликияти истиқоматии шахсидошта дар як сол як маротиба месупорад. Бузургии ин намуди андоз на он қадар зиёд аст.

Ҳар мамлакат низоми андозситониро ташкил дода, ҳамон як масъаларо ҳал менамояд: *ба чӣ андоз гузошта мешавад (асоснокунии андозситонӣ чӣ гуна аст); меъёри ҳар як намуди андоз бояд чӣ қадар бошад (механизми андозситонӣ).*

**Асоснокунии андозситонӣ.** Механизми ҷамъ намудани андозҳоро инсоният ҳазорсолаҳо такмил додааст. Ба ҳар ҳол, агар мо низоми андози дар давраи империяи Рим амалнамударо таҳлил намоем, он принсипҳоеро пайдо карда метавонем, ки то давраи охири асри XX истифода карда шудаанд.

Масалан, ҳанӯз римиҳо низ андозҳои мустақим ва ғайримустақимро истифода бурдаанд. Вақте ки сухан оид ба андози мустақим меравад, он гоҳ ситонидани маблағ аз ҳар як шаҳрванд ва фаъолияти хоҷагии муасссисаҳо ба фоидаи давлат дар назар дошта мешавад. Андозаи маблағи мазкур аз омилҳои гуногун вобастагӣ дорад, лекин дар аксар маврид аз ҳаҷми даромад ё ин ки арзиши амвол вобаста аст.

Ба намуди андози мустақим андози сарикасӣ, яъне, ситондани андоз аз ҳар як «инсони зинда» баромад мекунад. Андоз аз даромад чунин аст, ки ҳар як шаҳрванд уҳдадор аст онро пардохт намояд.

Дар баробари андози мустақим дар таҷриба аз замони қадим андози ғайримустақим низ истифода мешавад, ки онро шаҳрвандон бевосита ба хазинаи давлат намесупоранд: он аввал аз фурӯшандагони молҳои муайян ҷамъ карда мешавад, баъд маблағи дар онҳо ғуншуда ҳамчун андоз ба буҷети давлат гузаронида мешавад.

Масалан, агар гӯем, боҷ аз винои римӣ андози мустақим мебошад, зеро онро на ҳамаи шаҳрвандони Рим, балки танҳо онҳое, ки бо савдои вино машғул ҳастанд, бояд супоранд. Ба ин гурӯҳ, инчунин ҷамъкунии пардохт барои иваз ва майдакунии пул дохил мешуд ва онро аз он нафароне меситониданд, ки чунин амалиётро бо воҳидҳои пулӣ иҷро менамуданд. Дар шароити муосири фаъолияти Тоҷикистон андози ғайримустақим аксизҳо ба намуди молҳои алоҳида (аз ҷумла тамоку, маснуоти заргарӣ ва спиртӣ) ё ин ки андоз аз фурӯши манзил ба ҳисоб меравад.

Аксиз андозе мебошад, ки аз харидорон ҳангоми ба даст овардани якчанд намуди мол ситонида шуда, одатан бо фоиз ба нархи фурӯши ҳамин мол муқаррар карда мешавад.

Андози аксизӣ дар тамоми ҷаҳон хеле васеъ паҳн шуда, қисми бештари нархи ниҳоиро ташкил медиҳанд, ки харидорони мол пардохт мекунанд. Истифодабарии андозҳои аксизӣ (махсусан, вақте ки он бо сиёсати дурандешонаи иқтисодӣ бо дигар соҳаҳо якҷоя карда мешавад) имконияти мустаҳкам кардани буҷетро медиҳанд, ки барои рушди мамлакат маблағҳо ҷудо намояд.

Механизмҳои андозҳои муосир гуногун мебошад ва истифодабарии он дар асоси қонунҳои махсус (дар Тоҷикистон, Кодекси андоз) танзим

карда мешавад. Дар баробари ин якчанд намуди андоз мақсаднок ба ҳисоб меравад, ки ба соҳаҳои мушаххаси хароҷоти давлатӣ равона гардонда шудаанд.

Масалан, дар Тоҷикистон андоз барои такрористеҳсолкунии базаҳои ашёвию-минералӣ ва андоз барои ташкили фонди роҳ мақсаднок ҳисобида мешаванд. Маблағи намуди якуми андози мақсаднок барои молиякунонии корҳои геологӣ ва пармакунӣ, ҷустуҷӯ ва тайёркунии ба истифода додани тавлиди ҷойҳои нави саноати маъданҳои фоиданок равон карда мешавад. Маблағҳои намуди дуюми андозҳои мақсаднок бошанд, барои молиякунонии таъмир ва сохтани роҳҳо истифода карда мешаванд. Баъзе андозҳо аз рӯи мазмуни иқтисодиашон умуман нархҳоро ба хотир меоранд. Ба ин гурӯҳ махсусан, боҷи давлатӣ наздик мебошад.

**БОҶ пардохти ҳатмиест, ки давлат аз шаҳрвандон ва муассисаҳо ҳангоми иҷрои хизматрасониҳои муайян меситонад.**

Масалан, давлат мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» барои хизматрасониҳои зерин боҷи давлатӣ меситонад: *аз аризаҳои даъвогӣ, аризаҳо (шикоятҳо, шикоятҳои аппелятсионӣ, кассатсионӣ ва назоратӣ), ки ба судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешаванд; барои анҷом додани амалиётҳои дорои аҳамияти ҳуқуқӣ дар мақомоти адлия ва андоз; барои анҷом додани амалиёти нотариалӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; барои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; барои баррасӣ ва додани ҳуҷҷатҳое, ки бо гирифтани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё баромадан аз шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманданд; барои анҷом додани дигар амалиёти дорои аҳамияти ҳуқуқӣ, ки қонун «Дар бораи боҷи давлатӣ» муайян мекунад.*

Боҷҳои мазкур ба он хизматҳое пардохт карда мешаванд, ки ба мақомоти давлатӣ аз тарафи шаҳрвандон муроҷиат карда шуда, худи давлат ҳамчун яке аз фурӯшандаи хизматрасониҳо дар бозор амал менамояд.

**Намудҳои андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андозҳои умумидавлатӣ ва андозҳои маҳаллӣ муқаррар карда мешаванд. Дар ҳолатҳои дахлдор тибқи тартибе, ки Кодекси андоз пешбинӣ намудааст, андозсупорандагон низоми андозбандии махсус ё имтиёзнокро истифода мебаранд.

Ба андозҳои умумидавлатӣ инҳо дохил мешаванд: *андоз аз даромад; андоз аз фоида; андоз аз арзиши иловашуда; аксизҳо; андози иҷтимоӣ; андозҳо барои захираҳои табиӣ; андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард; андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалия.*

Ба андозҳои маҳаллие, ки бо Кодекси андоз муқаррар шуда, бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар

шаҳру ноҳияҳо мавриди амал қарор дода мешаванд, инҳо дохил мешаванд: *андоз аз воситаҳои нақлиёт; андозҳо аз молу мулки ғайриманқул.*

Меъёри андоз миқдори андози ситонидашаванда буда, бузургии ҳисоб кардани андозҳоро ба воҳиди ченаки манбаи андоз мефаҳмонад ва нисбат ба воҳиди ченаки манбаи андоз бо фоиз ё маблағи мутлақ муқаррар карда мешавад.

Меъёри андоз ҳамчун маблағи софи пардохт ё ин ки ҳамчун меъёр аз арзише, ки андози мазкур ба чӣ алоқамандӣ дорад (масалан, даромад ё ин ки ба арзиши амвол), муайян карда мешавад. Дар ин маврид доимо масъалаи миқдоран бузургии ин меъёр чӣ қадар бояд бошад ва оё он бояд ягона бошад ё ин ки аз рӯи ягон схема тағйир ёбад, баҳснок ба ҳисоб меравад.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ се низоми гуногунро аз рӯи намуди меъёрҳои андоз муайян кардан мумкин аст: *прогрессивӣ; таносубӣ; регрессивӣ.*

*Дар низоми прогрессивӣ* меъёри андоз аз рӯи афзоиши бузургии андозгузорӣ аз даромад ё ин ки аз арзиши амвол зиёд мегардад.

*Дар низоми таносубии андозситонӣ* меъёри ягонаи андозситонӣ новобаста аз бузургиҳои мутлақи манбаъҳои андозситонӣ (даромад, фоида, амвол ва ғайра), истифода бурда мешавад. Чунин андозситонӣ дар Тоҷикистон масалан, ҳангоми ситондани андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ ва инчунин аз даромади шахсии шаҳрвандон истифода мешавад.

Ниҳоят, схемаи ҳисоби андозҳо аз рӯи низоми регрессивӣ баръакси прогрессивӣ нишон дода шудааст: дар он пасткунии меъёри андозбандӣ дар баробари афзоиши бузургии мутлақи даромад ё ин амвол ба назар гирифта шудааст. Схемаи регрессивӣ ҳангоми ситонидани андоз аз даромади шаҳрвандони бой бисёр мувофиқ мебошад. Бояд дар назар дошт, ки ҳангоми меъёри андоз баланд набудан, саркашӣ аз андозсупорӣ кам мегардад.

Усулҳои гуногуни андозситонии дар боло номбар кардашуда тасодуфӣ нестанд. Онҳоро зарурати дар ҳар як мамлакат ташкили чунин низоми ҷамъ кардани андозҳо ба вуҷуд оварда, аз тарафи ҷамъият нисбатан ё ин ки қисман боадолатона қабул карда мешаванд. Ду тарзи таъмини адолати низоми андозситонӣ вуҷуд дорад – *адолати горизонталӣ (уфуқӣ)* ва *адолати вертикалӣ (амудӣ)*.

Адолати горизонталӣ меъёри андози баробарро барои андозбандӣ аз даромадҳои якхела дар назар дорад. Баръакс, адолати вертикалӣ бошад, меъёри андози гуногунро вобаста аз сатҳи даромад истифода мебарад.

Ҳар як низоми андозбандӣ бартарӣ ва камбудии худро дорад. Вобаста ба ин, онҳо дар доираи маҷмӯи андозҳо ва низомҳои гуногун истифода мешаванд, зеро дар таҷриба қариб ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон даромади худро на аз як намуди андоз, балки андозҳои гуногун ҷамъ мекунанд.

Андозаи андозбандӣ аз ҳалли масъалаҳои ҷамъиятии ба давлат вогузоргашта вобаста мебошад. Ҳар қадаре ки ин масъалаҳо муҳим бошанд, ҳамон қадар ба давлат маблағҳои зиёд барои ҳалли ин масъалаҳо зарур буда, ҳамон қадар низоми андоз низ вазнин мегардад.

Акнун бояд муайян намуд, ки андозҳои ҷамъгардида чӣ гуна ба хароҷоти давлатӣ табдил меёбанд.

## 15.2. Моҳияти буҷети давлатӣ

Тақдири андозҳо аз нигоҳи аввал одӣ ба назар мерасад: ҳамаи онҳо ба буҷети мақомоти идоракунии давлатӣ ворид мегарданд. Андозҳои ҷумҳуриявӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва андозҳои маҳаллӣ ба буҷети маҳаллӣ ворид мешаванд.

**БУҶЕТ нақшаи ҷамъбастии ҷамъоварии даромад ва истифодаи он барои пӯшондани хароҷоти мақомоти ҳокимияти давлатии ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ дар давраи муайян мебошад.**

Ҷамъоварии маблағҳо дар буҷет, ба давлат имкон медиҳад, ки манбаъҳои молиявиро барои инкишофи соҳаҳои асосӣ ва бахшҳои мушаххаси иқтисодӣ истифода намояд. Ба таркиби даромади буҷети маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ пардохту андозҳое дохил мешаванд, ки дар асоси Кодекси андоз ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ҳар сол қабул мегарданд, муайян карда мешаванд. Манбаъҳои даромади муқарраршуда имконияти ҳалли масоили иҷтимоию иқтисодиро пурра ё қисман таъмин карда метавонанд. Дар мавриде ки манбаи даромади муқарраршуда фаъолияти иқтисодӣ ва идораи онро таъмин карда натавонад, давлат аз механизми муносибатҳои буҷетӣ истифода мекунад.

Давлат барои имконияти танзими иқтисодиёт ва ҷобаҷогузории истеҳсолоту инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда механизми муносибатҳои байнибуҷетиро истифода мебарад. Механизми буҷетӣ вобаста ба талаботи бозор воситаи бавуҷудорандаи сохти таркибии иқтисодиёти дорои сатҳи муайяни рақобатпазир мебошад. Амалӣ намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ба танзимдарорӣ, ҷалб ва истифодаи мақсадноки сармоягузориҳои хориҷӣ ва роҳ надодан ба зиёдшавии қарзҳои беруна, таъмини ухдадориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди ташкилотҳои сиёсӣ ва молиявии байналмилалӣ ва давлатҳои дигари хориҷӣ дар буҷети ҳарсола инъикос мегардад.

Буҷети давлатӣ захираи асосии маблағҳои пулӣ мебошад, ки дар шакли нақшаи молияи давлатӣ оид ба ҷамъоварӣ, аз нав тақсим кардан ва истифодаи маблағҳои пулӣ тартиб ёфта, дар шакли қонун қабул ва

амалӣ карда мешавад ва аз ин ҳисоб мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ вазифаҳои ба зиммаи онҳо вогузоштаро иҷро менамоянд.

Буҷети давлатӣ пеш аз ҳама, даромад ва хароҷоти давлатро ба назар мегирад. Буҷет аз ҷониби мақомоти қонунгузор – Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул ва тасдиқ карда мешавад. Буҷети солона барои як соли молиявӣ тартиб дода мешавад. Он ба соли тақвимӣ мувофиқ буда, аз 1 январ то 31 декабр давом мекунад.

**Вазифаҳои асосии буҷет инҳоянд:** 1) *Тақсимоти даромади миллӣ ва ММД;* 2) *Танзими давлатӣ ва баланд бардоштани иқтисодиёт;* 3) *Таъмини молиявии сиёсати иҷтимоии давлат;* 4) *Назорат аз ҷамъоварӣ ва истифодабарии фонди марказонидашудаи маблағҳои пулӣ.*

**Таркиб ва сохтори буҷети давлатӣ.** Сохтори буҷет ташкили низоми буҷетӣ ва принсипҳои сохти он мебошад. Сохтори буҷет аз рӯи принсипҳои ягонагӣ, пуррагӣ, ошкорбаёнӣ ва мустақилияти ҳамаи намудҳои буҷет, ки бо низоми буҷет дохил мешаванд, асос меёбад.

Сохтори буҷет, ташкили буҷети давлатӣ ва низоми буҷети мамлакат, муносибати байниҳамдигарии сатҳҳои ҷудогонаи буҷетҳои ба низоми буҷетӣ дохилшаванда, таркиби буҷетҳо, тарафҳои расмии ташкилёбии он ва истифодабарии воситаҳои буҷетиро муайян менамояд. Қисми таркибии сохтори буҷетро низоми буҷетӣ ташкил медиҳад. Маҷмӯи бешумор ва ё намудҳои буҷетро низоми буҷет меноманд. Низоми буҷет аз маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи асосёфтаи буҷети ҷумҳурӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ иборат мебошад. Асосҳои сохтори буҷет аз рӯи сохтори давлатии мамлакат, аз рӯи санадҳои асосии қонунгузорӣ, нақши буҷет дар такрористеҳсолкунии истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва равандҳои иҷтимоии он муайян карда мешавад. Низоми буҷет аз шакли сохтори давлатӣ вобаста аст. Аз рӯи тақсимоти ҳокимият байни марказ ва сохторҳои марзию маъмурӣ, давлатҳо ба давлати унитарӣ, федеративӣ ва конфедеративӣ тақсим мешаванд. Низоми буҷети давлатҳои федеративӣ аз 3 сатҳ: *буҷети федератсия*; *буҷети субъектони федератсия* ва *буҷетҳои маҳаллӣ* иборат мебошад.

Давлати унитарӣ шакли сохти давлатие мебошад, ки дар давлат сарқонуни ягона, ҳуқуқҳои умумӣ амал мекунанд. Низоми буҷети давлатҳои унитарӣ аз ду сатҳ: *буҷети ҷумҳуриявӣ* ва *буҷети маҳаллӣ* иборат мебошанд.

Алоқаи байниҳамдигарии звеноҳои ҷудогонаи буҷет, ташкилёбӣ ва принсипҳои сохтори буҷавиро сохтори буҷет меноманд. Низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии асосёфтаи буҷети ҷумҳурӣ, буҷети Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва буҷети воҳидҳои марзию маъмурӣ иборат мебошанд ва

азбаски давлати мо унитарӣ мебошад, низоми буҷети мо аз ду сатҳ иборат аст: 1) *Буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷети фондҳои мақсадноки давлатӣ;* 2) *Буҷетҳои маҳаллӣ.*

Низоми буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипҳои зерин асос меёбад: 1) *Ягонагии низоми буҷети давлатӣ;* 2) *Тафриқаи даромаду хароҷот байни сатҳҳои гуногуни низоми буҷет;* 3) *Баробарии буҷетҳо;* 4) *Истифодаи самарабахшу сарфакоронаи маблағҳои буҷетӣ;* 5) *Пардохтҳои пурраи хароҷоти буҷетҳо;* 6) *Ошкоро будани буҷетҳо;* 7) *Мустақилии ҳамаи буҷетҳо;* 8) *Инъикоси пурра ва ҳатмии даромаду хароҷоти буҷет.*

Даромад ва хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз ҳисоби андозҳо буда, даромадҳо барои маблағгузори соҳаҳои гуногуни ҷомеа бо мақсади беҳбудӣ бахшидан ба вазъи иқтисодӣ равона карда мешаванд.

Самтҳои асосии буҷети давлатӣ, аз ҷумла буҷети ҷумҳуриявӣ ба мусоидати ҳамаҷонибаи рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, бахусус маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии шаҳрвандон дар асоси марҳила ба марҳила зиёд намудани музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ, нафақа, стипендия ва дастгирии оилаҳои камбизоат бо назардошти бо ҷубронпулӣ ва дигар намуди кумакпулиҳо таъмин намудани аҳолии камбизоат равона карда шудааст.

Таҳияи буҷет бояд ба якхелагии буҷет тобеъ гардонда шавад:

**Хароҷот барои харидӣ молҳо ва хизмат** + **Трансферҳо** = **Даромади андозҳо ва боҷҳо**

**ТРАНСФЕРТ (БУҶЕТӢ) аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои сатҳи поёнӣ гузаронидани пул бо мақсади пур намудани онҳо мебошад.**

Ҳангоми ба ҳам мутобиқ омадани даромад ва хароҷоти ҳукумат, буҷети давлатӣ *баробаркардашуда* номида мешавад. Ин барои дилхоҳ молияи давлатӣ ҳолати идеалӣ (идеали мутлақ-вақте ки даромади буҷет аз хароҷот зиёд буда, маблағ ба пасандози давлатӣ барои дар оянда истифода кардан гузошта мешавад) ба ҳисоб меравад.

Лекин идоракунии қотеъонаи молияи давлатӣ аз рӯи нақшаи Диксен – дар асоси буҷети ягона хеле мушкил аст: нафақахӯрон, соҳаҳои дар ҳолати буҳронӣ қарордошта, омӯзгорон, олимон, қувваҳои мусаллаҳ аз ҳукумат хароҷоти нав ба навро ба таври доимӣ талаб менамоянд. Номгӯйи мазкури талабкунандагон ниҳоят муассир аст. Ҳар як талабкунанда асоси худро дорад, лекин захираҳои молияи давлатӣ низ беохир нестанд.

**Мафҳуми каср ва изофагии буҷети давлатӣ.** Давлат агар тамоми хоҳиши талабкунандагонро иҷро намояд, он гоҳ, дар вазъияте қарор хоҳад гирифт, ки дар он маблағҳои хароҷотӣ аз даромади эҳтимолии давлат аз ҳисоби андозбандӣ барзиёд мегардад. Ба таври дигар, қисми чапи баробарӣ назар ба қисми рости он зиёд мегардад ва ягонагии буҷет ба нобаробарӣ табдил меёбад:

$$\left(\text{Хароҷот барои хариди молҳо ва хизматрасониҳо} + \text{Трансферҳо} = \text{Даромади андозҳо ва боҷҳо}\right) > 0,$$

яъне буҷети давлатӣ бо **каср** (камчинӣ) таҳия карда шудааст.

**КАСРНОКИИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ вазъи молиявиест, ки дар натиҷаи аз ҷониби давлат ба нақша гирифта шудани хароҷоти барзиёд назар ба даромади воқеии буҷет ба вуҷуд меояд.**

Буҷети давлатӣ, дар тӯли зиёди солҳои 90-ум камчин буд. Давлат барои рӯйпӯш намудани норасоии молиявӣ аз аҳолӣ ва ширкатҳо бо ба фурӯш баровардани қоғазҳои қиматнок (УДХ – уҳдадориҳои давлатии хазинавӣ), дар асоси ваъдаи даромади калон фаъолона қарз мегирифт. Ин сиёсати хатарноки молиявӣ мамлакатро ба бухрони қарз оварда расонид. Давлат имконияти баргардонидани қарзи худро пайдо накард. Танҳо аз ибтидои асри XXI сар карда, ба туфайли зиёд гардидани даромади андозӣ ва пардохтҳои дигар, буҷети мамлакат баробар ва изофагӣ гардид.

**ИЗОФАГИИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ** вазъи молиявиест, ки дар натиҷа аз ҷониби давлат хароҷоти кам дар назар гирифта шуда, даромади воқеӣ аз ҳисоби тамоми андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ ба вуҷуд меояд.

$$\left(\text{Хароҷот барои хариди молҳо ва хизматрасониҳо} + \text{Трансферҳо} = \text{Даромади андозҳо ва боҷҳо}\right) < 0$$

– буҷет бо изофагӣ таҳия карда шудааст.

Давлат чӣ гуна метавонад назар ба даромаде, ки аз шаҳрвандон ва ширкатҳо мегирад, хароҷоти бештар намояд? Он чӣ гуна метавонад аз уҳдаи ҳалли касри буҷет барояд?

Таҷрибаи ҷаҳонӣ чор усули асосии ҳалли ин масаъаларо медонад: 1) *Кам намудани хароҷоти буҷет*; 2) *Пайдо кардани сарчашмаҳои иловагии даромад;* 3) *Барориш (эмиссия)-и пулҳои таъминнабуда, ки барои молиякунонии хароҷоти давлатӣ истифода мешаванд;* 4) *Гирифтани қарз аз шаҳрвандон, бонкҳо, ширкатҳо, дигар мамлакатҳо ва ташкилотҳои молиявии хориҷӣ.*

**Кам кардани хароҷоти буҷет.** Ин усули бартараф намудани камчинии буҷет зоҳиран аз ҳама одӣ, лекин дар ҳақиқат аз ҳама мушкил (дардманд) мебошад. Давлат одатан он эҳтиёҷи ҷамъиятро маблағгузорӣ мекунад, ки дигар ягон нафар инро намехоҳад ё наметавонад. Бинобар ин кам намудани хароҷоти буҷет ҳатман оқибатҳои номатлубро ба амал меорад. Масалан, дар Тоҷикистон давлат то ҳол қисми бештари хароҷоти нигоҳ доштани хоҷагии манзилию коммуналӣ (гармидиҳӣ, об, таъмири биноҳо)-ро маблағгузорӣ мекунад ва норасоии маблағҳоро барои пардохти нафақаи шаҳрвандон таъмин менамояд.

Бешубҳа, ихтисор гардидани барномаҳои иҷтимоӣ, кумакпулӣ ва трансфертҳо одатан ба афзоиши шиддатнокӣ дар ҷамъият сабаб гардида, муътадилии сиёсиро халалдор месозад. Бинобар ин ҳукумат ба чунин рафтор дар навбати охирон, яъне дар сурати муяссар нагардидан бо истифода аз се усули дигари бартараф кардани камчинии буҷет даст мезанад.

**Пайдо кардани сарчашмаҳои иловагии даромад**. Усули аз ҳама беҳтарини пӯшондани касри буҷет ҷалби даромадҳои иловагӣ ба шумор меравад.

Амалан ҳалли масъалаи мазкур мушкил аст. Дар ин ҷо метавонад кӯшиши зиёд намудани андозҳо ва пардохтҳо ҷой дошта бошад, лекин ин усули хатарнок ба шумор меравад. Зеро илми иқтисодӣ исбот намудааст, ки аз меъёр зиёд баланд намудани андозҳо ва пардохтҳо на ба афзоиши даромади андози давлат, балки барои камшавии он боис мегардад.

Ин ду сабаб дорад:

1) *Одамон ҳавасмандиро нисбат ба меҳнат гум менамоянд, агар қисми зиёди музди меҳнати онҳоро давлат гирад;*

2) *Одамон ба пинҳон намудани даромади худ аз андозбандӣ шурӯъ мекунанд ва дар ин ҳолат «иқтисодиёти пинҳонӣ» (соҳаи фаъолият, даромадҳо аз андозбандӣ пинҳон карда мешавад) дар мамлакат зуд инкишоф меёбад, муносибатҳои хоҷагӣ бошанд, криминалӣ мегарданд.*

Ҳолати мазкур дар графики пешниҳоднамудаи иқтисодчии амрикоӣ *Артур Лаффер* ба хубӣ аён аст, ки ба шарофати ӯ *каҷхатаи Лаффер* номгузорӣ гардидааст. Каҷхатаи мазкур дар расми 15.2. нишон дода шудааст.

Дар графики мазкур ду хатро мебинем. Якум – каҷхатаи гипотетикии ҷамъкунии андозҳо – суммаи мутлақи даромади андоз ба буҷет, ки ҳангоми баланд гардидани меъёри андозситонӣ зиёд шудааст, нишон медиҳад, ҳатто агар андозаи он байни одамон ва фирмаҳо фарқ надошта бошад ҳам. Лекин, дар воқеъ бузургии ин меъёр қариб диққати ҳамаи андозсупорандагонро бениҳоят ҷалб менамояд, ки чунин афзоиши даромади буҷет ҳеҷ гоҳ ба амал намеояд. Баръакс, маҳз инро каҷхатаи




Расми 15.2. **Каҷхатаи Лаффер-модели сиётсати андоз**

Лаффер нишон медиҳад, ки ба ҳудуди муайян зиёдшавии меъёри андозситонӣ аллакай на ба афзоиш, балки ба камшавии бузургии мутлақи даромади воситаҳои пулӣ ба буҷет меорад.

**Барориш (эмиссия)-и пулҳои таъминнабуда**. Усули аз ҳама сабук ва хатарноки «дарбеҳ кардани сӯрохӣ»-и буҷет-барориш (эмиссия)-и воситаҳои пулӣ мебошад, ки аз талаботи ҳақиқии иқтисодиёт зиёд мегардад. Чунин усули пӯшондани камчинии буҷет монанд ба мухаддироти молиявӣ аст – дард ва бонги хатарро муваққатан табобат мекунад, лекин боз пастшавии вазъияти иқтисодиро ба вуҷуд меорад.

**Сабаб одист**: бозори умумимиллӣ ба эмиссияи пул бо баландшавии нарх ва ғайбзании молҳо аз пештахта зуд вокуниш нишон медиҳад (агар давлат кӯшиш намояд, ки ба афзоиши нарх маҳдудият муқаррар намояд). Бинобар ин бурди буҷет дурударoз намегардад.

Ба ғайр аз ин, таҷрибаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад, ки буҷет дар мусобиқа бо беқурбшавии пул доимо бой медиҳад. Зеро хароҷот имрӯз бо нархҳои ҷорӣ ҳисоб карда мешаванд, андоз бошад, ҳама вақт аз даромади рӯзи гузашта гирифта мешавад, ки бо сатҳи нархи кӯҳна муайян карда шудааст. Дар натиҷа камчинӣ кам нагардида, баръакс зиёд мешавад.

Дар баъзан кишварҳо давлат кӯшиш мекунад андозро пешакӣ, яъне дар шакли пешпардохт, то гирифта шудани даромади воқеӣ ситонад. Фаҳмидан душвор нест, ки чунин таҷриба фаъолияти фирмаҳоро аз меъёр зиёд душвор гардонда, маҷбур мекунад даромади худро аз андозситонӣ пинҳон намоянд.

**Гирифтани қарзи пулӣ**. Давлат ҳангоми камчинии воситаҳои пулӣ метавонад онро ба монанди шаҳрвандон аз фирмаҳо қарз гирад, то он ки нобаробарии буҷет боз ба мувозинат табдил дода шавад. Дар ин холат баробарӣ намуди дигар мегирад:

| Хароҷот барои хариди молҳо ва хизматрасониҳо | + | Трансферҳо | = | Даромади андозҳо ва боҷҳо | + | Қарзҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|

Давлат аз кӣ метавонад пул қарз гирад?

Пеш аз ҳама, аз бонки давлатӣ. Ин усул аз солҳои 90-ум дар кишвари мо истифода мегардад. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ», ба Бонки миллӣ иҷозат дода шудааст, ки ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсади пӯшонидани камчинии буҷети ҷумҳуриявӣ ва ба шарти фоизнок баргардонидан қарз пешниҳод намояд.

Лекин имконияти қарздиҳии давлат аз ҷониби Бонки миллӣ одатан маҳдуд мебошад. Ғайр аз ин, баробари аз Бонки миллӣ гирифтани воситаи пулӣ, давлат он даромадҳоеро, ки вай ҳамчун соҳиби бонки мазкур метавонад гирад, аз даст медиҳад. Бинобар ин гирифтани қарзи пулӣ аз шаҳрвандон ва ташкилотҳои мамлакат судмандтар аст. Чунин шакли гирифтани қарз гуногун шуда метавонад, лекин одатан бо роҳи фурӯши қоғазҳои қиматноки давлатӣ ба амал бароварда мешавад.

Фаҳмост, ки гирифтани қарз як масъаларо ҳал намуда (маҳз камчинии пул дар шароити имрӯза), фавран масъалаи дигарро ба вуҷуд меорад яъне пагоҳ зарурати пайдо кардани пул барои пардохти қарз ба вуҷуд меояд. Азхудкунии воситаҳои пулӣ ҳамин тавр қарзи давлатиро ба вуҷуд меоранд.

**ҚОҒАЗҲОИ ҚИММАТНОКИ ДАВЛАТӢ уҳдадории давлат оид ба баргардонии маблағи қарзии гирифташуда ва ҷамъи фоиз барои истифода бурдани пулҳои мазкур аст.**

**ҚАРЗИ ДАВЛАТӢ маблағи қарз аст, ки аз тарафи мақомоти давлатӣ гирифта шуда, ҳоло ба қарздиҳанда баргардонида нашудааст.**

Қарзи давлатӣ ду намуд шуда метавонад: 1) *Қарзи дохилӣ* – назди шаҳрвандон, бонкҳо ва фирмаҳои мамлакати худ, инчунин хориҷиёне, ки қоғазҳои қиматноки қарзии (вомбарҳои) дохилиро хариданд;

2) *Қарзи берунӣ* назди ҳукуматҳо, бонкҳои байналхалқӣ ва созмонҳои молиявӣ, ки воситаҳои пулиро дар асоси созишномаи ҳукуматӣ ҳамчун қарз пешниҳод намудаанд.

Аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон имрӯз бо қарзҳои калони давлатӣ зиндагӣ мекунанд. Ҳатто дар мамлакатҳои тараққикарда бузургии қарзҳои давлатӣ баробари 100% ММД-и мамлакат мебошад.

Агар қарз давлатӣ бошад, аҳолӣ дар ин ҷо чӣ гуноҳ дорад? Дар воқеъ, дар ин маврид баргардонидани он бо фоиз аз ҳисоби ситондани андозҳо аз аҳолии мамлакат ба амал бароварда мешавад. Пас, масъалаи ҷалби

қарзҳои хориҷӣ бевосита ба манфиати ҳар як шаҳрванди мамлакат зарари худро мерасонад.

Ҳангоми оқилона истифода шудани қарзи давлатӣ, иқтисодиёти мамлакат хароб намегардад ва ба мунокишаи сахти иҷтимоӣ намеорад. Лекин агар маблағҳои пулии дар шакли қарз ҷалбгардида ғайримақсаднок истифода гарданд, таъминоти қарз вазъи буҷетро душвор мегардонанд. Солҳои 90-ум ин вазнинӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон чунин душвориро овард, ки ҳукумат аз пардохти уҳдадории худ оид ба уҳдадории давлатии хазинадорӣ даст кашид. Дар натиҷа ин боиси буҳрони молиявӣ дар мамлакат гардид ва ба муфлисшавии бисёр бонкҳо овард, ки аз ҳукумат бо пулҳои амонатгузорони худ уҳдадориҳои давлатии хазинадориро харидорӣ карда буданд. Мувофиқан амонатгузорон низ пулҳои худро аз даст доданд. Имрӯз Тоҷикистон қарзҳои берунии давлатии худро вобаста ба мӯҳлати он аз ҳисоби буҷети мамлакат баргардонида истодааст. Мувофиқи маълумоти Вазорати молия, қарзи берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1-уми январи соли 2015, 2095,9 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки баробари 22,7%-и ММД мамлакат мебошад ва ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2013 3 фоиз кам шудааст. Қарзи берунии Тоҷикистон асосан ба Бонки умумиҷаҳонӣ, Бонки Осиёи рушд ва Эксимбонки Ҷумҳурии халқии Хитой рост меояд.

Қарзи дохилӣ бошад, дар охири соли 2014 баробари 4,9%-и ММД-ро ташкил дода, нишондиҳандаи мазкур бо ифодаи номиналӣ ба 2,37 млрд. сомонӣ баробар шудааст. Қарзи дохилӣ иборат аст аз: векселн давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори 236 млн. сомонӣ; векселҳои хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миқдори 153,8 млн. сомонӣ; векселҳои давлатӣ барои азнавсармоягузории Бонки миллии Тоҷикистон ба миқдори 520 млн. сомонӣ; векселҳои давлатии хазинавӣ ба мӯҳлати 91 рӯз барои пӯшондани камчинии буҷет ва ғайра.

Ҳамин тавр, гирифтани воситаҳои пулӣ ҳамчун қарз қарзи давлатии берунӣ ва дохилиро ба вуҷуд меорад. Пардохткунандаи ниҳоии ин қарзҳо дар воқеъ, шаҳрвандони мамлакат ба ҳисоб мераванд, зеро қарзҳо дар оянда маҳз аз гирифтани андоз аз даромади онҳо баргардонида мешаванд.

?!

1. Мафҳуми ***андозро*** шарҳ диҳед.
2. Мафҳуми ***молия*** чиро ифода мекунад?
3. Намудҳои андозро номбар кунед.
4. Буҷети давлатӣ чист?
5. Вазифаҳои буҷети давлатиро номбар кунед.
6. Мафҳуми ***каср*** ва ***изофагии буҷетро*** шарҳ диҳед.
7. ***Қарзи давлатӣ*** ва намудҳои онро шарҳ диҳед.

## МАВЗӮИ 16. РУШДИ ИҚТИСОДӢ

### 16.1. Моҳият ва намудҳои рушди иқтисодӣ. Усулҳои ченкунии рушди иқтисодӣ

Чи тавре ки дар бобҳои пештара қайд намудем, талаботи инсон номаҳдуд буда, афзоянда аст: чун як талаботаш қонеъ гардид, ҳатман талаботи нави дигараш пайдо мегардад. Ғайр аз ин аҳолӣ дар рӯи Замин сол то сол зиёд мешавад, мувофиқи ҳисоби ҷойдошта ин шумора чунин тағйир ёфтааст: соли 1930 – 2 млрд, соли 1975 – 4 млрд, соли 2011 – 7 млрд. ва ё ин ки аз рӯи пешгӯии олимони соҳаи демография, соли 2020 аҳолии кураи Замин то ба 8 млрд. мерасад (расми 16.1).

Рушди иқтисодӣ яке аз масъалаҳои муосири иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, тавассути тағйироти он, ба дараҷаи инкишофи иқтисоди миллӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ баҳо медиҳанд.

Рушди иқтисодӣ ба мамлакат имконияти ҳар чӣ зиёдтар истеҳсол ва таъмин намудани манфиатҳо ва хизматрасониҳои гуногунро медиҳад. Дар бораи рушди иқтисодӣ ҳамон вақт сухан рондан мумкин аст, ки агар афзоиши истеҳсолот на бо роҳи маҷбурию зӯроварӣ, балки мунтазам дар ҳолати муътадилии фаъолияти хоҷагидорӣ таъмин карда шавад.

Дар илми иқтисодӣ ақидаи ягона оид ба таърифи рушди иқтисодӣ вуҷуд надорад. Бинобар ин рушди иқтисодӣ мувофиқи консепсияҳои миқдорӣ ва миқдорию сифатӣ таъриф дода мешавад.

Мувофиқи консепсияи миқдорӣ **рушди иқтисодӣ** гуфта, афзоиши миқдории ҳаҷми нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро (маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва даромади миллӣ) меноманд.




Расми 16.1. **Тағйироти рушди иқтисодӣ вобаста ба таъсири омилҳои суръатбахши он** *(1 – афзоиши сармояталабии меҳнат; 2 – беҳгардонии технологияи истеҳсолот дар асоси истифодаи навигариҳои илму техника; 3 – баланд бардоштани сатҳи дониши коргарон; 4 – беҳгардонии усулҳои тақсимоти захираҳои маҳдуд; 5 – нишондиҳандаи самаранокии ҳудуди истеҳсолӣ)*

Мувофиқи консепсияи миқдорию сифатӣ бошад, **рушди иқтисодӣ** гуфта, такмилдиҳии миқдорию сифатии истеҳсолот ва зиёдшавии ҳаҷми маҳсулоти дохилиро меноманд, ки дар ҳалли масъалаи маҳдудияти захираҳо ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ кумак мекунад.

Асосан се шакли рушди иқтисодиро аз ҳамдигар фарқ мекунанд:

**1) Рушди иқтисодии экстенсивӣ** – афзоиши ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (*ММД*) аз ҳисоби истифодаи омилҳои иловагии истеҳсолот. Дар ҳолати ҷой доштани ин шакли рушди иқтисодӣ афзоиши маҳсулот дар асоси афзоиши шумораи коргарон ва зиёд кардани иқтидори истеҳсолӣ ба даст меояд, аммо истеҳсоли маҳсулот ба ҳар як коргар бетағйир мемонад.

**2) Рушди иқтисодии интенсивӣ** – афзоиши ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (*ММД*) аз ҳисоби истифодаи самаранок ва мукаммал намудани омилҳои истеҳсолот (хусусан, техника ва технология). Аз ҷумла истифодаи қувваи кории тахассуснок, захираҳои камхарҷ ва технологияи пешқадам ба таъмини чунин шакли рушди иқтисодӣ мусоидат мекунанд.

**3) Рушди иқтисодии омехта** – афзоиши ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (*ММД*) аз ҳисоби зиёд намудани шумораи омилҳои иловагии истеҳсолот ва такмилдиҳии техникаю технология.

Рушди иқтисодӣ ба воситаи нишондиҳандаҳои зерин чен карда мешавад:

А) Нишондиҳандаи суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (*ММД*), ки аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$ММД_{\Delta} = \frac{ММД_1}{ММД_0} \times 100\%$$

Дар ин ҷо: $ММД_1$ – маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар соли ҷорӣ; $ММД_0$ – маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар соли ҳисоботӣ (базавӣ), (соли базавӣ ё базисӣ гуфта, аз миқдори умумии солҳои таҳлилшаванда солеро меноманд, ки нархҳо ба миқдори 100% ё ин ки аз ҳама бештар тағйир ёфта бошанд). Дар ин ҳолат рушди иқтисодиро дар асоси тағйирёбии *ММД*-и ҳақиқӣ баҳо додан зарур аст, яъне ҳаҷми *ММД*-ро аз таваррум тоза намудан лозим аст.

Б) Барои нишон додани миқдори мутлақи афзоиши *ММД* аз нишондиҳандаи афзоиши ҳаҷми *ММД* низ истифода мекунанд, ки аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\Delta ММД = ММД_1 - ММД_0$$

В) Баъзе аз иқтисодчиён нишондиҳандаи *ММД*-ро ба сари аҳолӣ (*ММД*(*S*)) ҳамчун нишондиҳандаи асосии рушди иқтисодӣ маънидод мекунанд, ки формулаи ҳисобкунии он намуди зеринро дорад:

$$ММД(S) = \frac{ММД}{S}$$

Дар ин ҷо: *S* – шумораи аҳолӣ мебошад ва *ММД*-ро ба сари аҳолӣ тақсим карда, фаҳмидан мумкин аст, ки ба ҳар сари аҳолӣ чӣ қадар мерасад. Агар ҳангоми ҳисоб ҳаҷми *ММД* ба сари аҳолӣ кам бошад, пас, сатҳи зиндагии одамон паст аст. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки дар мамлакат рушди иқтисодӣ таъмин нагардидааст ё ин ки суръати афзоиши рушди иқтисодӣ аз суръати афзоиши аҳолӣ паст аст ва баръакс.

## 16.2. Сарчашмаҳо ва омилҳои таъминкунандаи рушди иқтисодӣ

Ба сарчашмаҳои рушди иқтисодӣ захираҳои иқтисодӣ ва пешрафти илмию техникӣ дохил карда мешаванд. Ба захираҳои иқтисодӣ (захираҳои табиӣ, меҳнатӣ, моддӣ, молиявӣ) маҷмӯи омилҳои истеҳсолотро дохил мекунанд. Ба омилҳои истеҳсолот меҳнат, замин (бо канданиҳои фоиданок) ва сармоя дохил мешаванд. Ҳар яке аз ин омилҳо хусусияти ба худ хос дошта, ба рушди иқтисодӣ таъсири гуногуни худро мерасонанд.

Сарчашмаи дигари рушди иқтисодӣ пешрафти илмию техникӣ буда, такмилдиҳии технология ва шаклҳои нави идоракуниро дар истеҳсолот мефаҳмонад. Агар пешрафти илмию техникӣ (*ПИТ*) вуҷуд надошта бошад, пас, тадриҷан андӯхтан (ғункунӣ)-и сармоя ба пастравии маҳсулнокии ниҳоӣ ва коҳиш ёфтани рушди иқтисодӣ оварда мерасонад. Дар шароити истифодаи пешрафти илмию техникӣ сармоя ва меҳнат нисбатан маҳсулноктар мешаванд.

Пешрафти илмию техникӣ афзоиши маблағгузориро ба миён меорад. Маблағгузориҳо ба рушди иқтисодӣ метавонанд таъсири гуногун дошта бошанд. Баъзеи онҳо ба сарфаи хароҷоти меҳнат ва зиёд шудани хароҷоти сармоя оварда мерасонанд, ки онҳоро маблағгузориҳои сарфакунандаи меҳнат меноманд. Маблағгузориҳои дигар хароҷоти сармояро нисбат ба меҳнат камтар менамоянд, ки онҳоро маблағгузориҳои сарфакунандаи сармоя низ меноманд. Дар ҳолати сарфаи баробари меҳнат ва сармоя онҳоро маблағгузориҳои бетараф меноманд. Бояд қайд намуд, ки бо истифодаи техникаю технологияи нав, усулҳои нави идоракунии истеҳсолот ва истифодаи навовариҳои илмию техникӣ истеҳсоли маҳсулоти миллӣ зиёд мешавад, яъне рушди иқтисодӣ ба вуҷуд меояд.

Ба рушди иқтисодӣ омилҳои гуногун таъсир мерасонанд, ки онҳоро ба омилҳои таклифот (арза, пешниҳод), талабот (тақозо) ва омилҳои манфӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Омилҳои таклифот инҳо мебошанд: миқдор ва сифати захираҳои табиӣ (замин, канданиҳои фоиданок, иқлим ва ғайра). Яъне то чӣ андозае

ки шароитҳои табиии кишвар хубтар бошанд, ҳамон андоза имконияти бештари таъмини рушди иқтисодӣ вуҷуд дорад; шумора ва сифати қувваи корӣ, яъне, қувваи корӣ бояд донишҳои технологии замонавӣ дошта бошад; мавҷудияти сармояи асосӣ, яъне раванди истеҳсолот бояд аз ҳама ҷиҳат таъмин бошад; дараҷаи технологияи дар истеҳсолот истифодашаванда, яъне технологияи истифодашаванда бояд ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ гардад.

Ба омилҳои талабот омилҳое дохил мешаванд, ки маҷмӯи талаботро зиёд мекунанд. Аз ҷумла: музди кор, яъне бо зиёд будани он талабот низ зиёд мешавад; сиёсати буҷетӣ – андозӣ (фискалӣ)-и давлат, яъне афзоиши меъёри андоз ба даромад боиси камшавии музди кори ҳақиқӣ, маҷмӯи талабот ва пастравии истеҳсолот мегардад; майли ниҳоӣ ба пасандоз, ки ҳангоми афзоиш боиси камшавии маҷмӯи талабот ва зиёдшавии маҷмӯи таклифот мегардад.

Ба омилҳои манфӣ омилҳое дохил мешаванд, ки ба маҷмӯи таклифот ва маҷмӯи талабот таъсир мерасонанд. Аз ҷумла: таваррум, ки боиси баланд шудани нархи сармоя ва паст шудани нархи меҳнат (қувваи корӣ) мешавад; афзоиши бекорӣ боиси паст шудани сифати қувваи кориву афзоиши андозҳо боиси кам шудани *ММД* мегардад (мувофиқи қонуни Оукен); касри буҷа, сабаби кам шудани маблағгузориҳои давлатӣ ва кам шудани хароҷоти иҷтимоии давлат гардида, афзоиши *ММД*-ро бозмедорад.

## 16.3. Сармояи инсонӣ ва мақоми он дар таъмини рушди иқтисодӣ

Дар замони муосир сармояи инсонӣ яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Мувофиқи тадқиқоти иқтисодчиёни Бонки ҷаҳонӣ, ки омилҳои рушди иқтисодии кишварҳои дунёро таҳлил намудааст, дар кишварҳои ба иқтисоди бозоригузаранда (кишварҳои собиқ Шӯравӣ) 16 фоизи рушди иқтисодӣ аз ҳисоби сармояи ҷисмонӣ (таҷҳизот, бино ва дигар инфраструктураҳои истеҳсолӣ), 20 фоиз аз ҳисоби сармояи табиӣ (замин, канданиҳои фоиданок ва дигар сарватҳои табиӣ) ва 64 фоизи боқимонда аз ҳисоби сармояи инсонӣ таъмин карда мешавад. Дар кишварҳои мутараққӣ бошад, то 40 фоизи маҳсулоти ҷамъиятӣ ба самараи системаи маориф вобаста мебошад. Назарияи сармояи инсонӣ дар нимаи дуюми асри XX аз ҷониби намояндагони мактаби неоклассикӣ *Г. Беккир* ва *Т. Шултс* пешниҳод шудааст. Мафҳуми «сармояи инсонӣ» дар доираи ин назария бо шаклҳои гуногун шарҳ дода шудааст. Баъзе аз намояндагони ин мактаб онро маҷмӯи қобилият, донишу маҳорати инсон ва баъзе аз онҳо онро маблағгузорӣ барои гирифтани

таҳсилот ва баланд бардоштани савияи донишу маҳорат шарҳ додаанд. Дар шакли пуррааш мафҳуми сармояи инсонӣ чунин шарҳ дода мешавад:

**Сармояи инсонӣ** маҷмӯи дониш, малакаю маҳорат, қобилият ва саломатии инсонро меноманд. Маҷмӯи дониш, малакаю маҳорат, қобилият ва саломатии инсон барои он сармоя номида мешаванд, ки онҳо сарчашмаи гирифтани фоида ва таъмини талаботи оянда мебошанд. Бо дарназардошти ин унсурҳои таркибияшон шаклҳои зерини сармояи инсониро аз ҳамдигар фарқ мекунанд: сармояи маърифатӣ, сармояи маданӣ ва сармояи тандурустӣ.

Сармояи инсонӣ дар муқоиса ба дигар шаклҳои сармоя (сармояи табиӣ, сармояи ҷисмонӣ ва сармояи молиявӣ) дорои хусусиятҳои зерин мебошад: ташкили сармояи инсонӣ аз худи одамон ва ҷомеа сарфи муайяни хароҷоти пулию моддиро тақозо менамояд; сармояи инсонӣ хусусияти андӯхт (ҷамъ) шуданро дорад; сармояи инсонӣ мисли сармояи ҷисмонӣ хӯрда шуда, маблағи муайянро барои истеҳлок тақозо менамояд; сармояи инсонӣ аз худи инсон, яъне соҳиби он ҷудо буда наметавонад; новобаста аз сарчашмаҳои ташкилии он (давлатӣ, оилавӣ, хусусӣ ва ғ.) сармояи инсониро танҳо соҳибаш идора менамояд.

Бо назардошти хусусияти таъсири сармояи инсонӣ ба некуаҳволии омма ду шакли сармояи инсониро аз ҳамдигар фарқ мекунанд:

1) Сармояи инсонии истеъмолӣ, ки ба эҷодкорию дониши инсон вобаста буда, манфиатҳои истеъмолии ҷамъиятии хизматрасониҳои алоҳидаро баланд мебардорад. Масалан, донишҳои нави муҳандисе, ки шакли нави самараноки хизматрасонии нақлиёти ҷамъиятиро пешниҳод ва амалӣ менамояд. 2) Сармояи инсонии истеҳсолӣ: эҷодкорию дониши нав барои истеҳсоли хизматрасониҳои наве, ки истеъмолашон манфиатҳои истеҳсолии ҷамъиятиро афзун менамояд. Масалан, кашфи технологияи нав, ба вуҷуд овардани воситаи нави истеҳсолот ва ғ. Ин шакли сармояи инсонӣ, пеш аз ҳама, ба фаъолияти маърифатию илмии инсон вобаста аст, ки натиҷаҳои онро дар истеҳсолот истифода менамоянд.

## 16.4. Маҳфуми мегаиқтисод. Норасоиҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва хусусиятҳои муосири тараққиёт. Роҳҳои бартарафсозии масъалаҳои умумумибашарии иқтисодӣ ва муноқишаҳо байни давлатҳои мутараққӣ ва рӯ ба инкишоф

То ҳол мо масъалаҳоро дар микро ва макросатҳ меомӯхтем, яъне дар сатҳи бозорҳои алоҳида ё иқтисодиёти миллӣ. Вале боз як сатҳи баланди масъалаҳо вуҷуд дорад. Ин масъалаҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар маҷмӯъ, ё бо ибораи дигар, масъалаҳои ***геоэкономика*** (аз лот. *geo* – замин ё

ин ки мегаиқтисод) мебошанд. Ин масъалаҳо рушди тиҷорати байналхалқӣ, муносибатҳои байналхалқии молиявӣ, масъалаҳои умумибашарӣ ва ғайраро дар бар мегиранд.

**ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОНӢ маҷмӯи соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллии давлатҳои ҷаҳон мебошад, ки дар муносибатҳои иқтисодии байни давлатҳо иштирок менамоянд.**

Хусусиятҳои асосии хоҷагии ҷаҳони муосир инҳоянд:

*– инкишофи ҳаракати байналхалқии омилҳои истеҳсолот, пеш аз ҳама, дар шакли содирот-воридоти сармоя, қувваи корӣ, технология;*

*– дар асоси ин рушди шаклҳои байналхалқии истеҳсолот дар корхонаҳое, ки дар якчанд мамлакат ҷойгиранд, пеш аз ҳама, дар ҳудуди корпоратсияҳои фаромилалӣ;*

*– сиёсати иқтисодии давлатҳо, ки дастгирии ҳаракати байналхалқии молҳо ва омилҳои истеҳсолотро дар асоси муносибатҳои дутарафа ва бисёртарафа пешбинӣ мекунад;*

*– бавуҷудоии иқтисодиёти навъи кушода дар чаҳорчӯбаи давлатҳо ва иттиҳодияҳои байнидавлатӣ.*

Марҳилаҳои таърихии ташаккули иқтисодиёти ҷаҳонӣ инҳоянд:

*Марҳилаи якум асрҳои XV–XVII-ро* дар бар мегирад, ки онро марҳилаи ҳукмронии сармояи тиҷоратӣ меноманд. Хусусиятҳои ин марҳила чунинанд: васеъшавии масоҳати савдои байналхалқӣ, зиёдгардии номгӯи маҳсулоти тиҷоратӣ, кушодашавии аввалин биржаҳои молӣ дар ҷаҳон, аввалин бор болоравии нарх ва беқурбшавии пул.

*Марҳилаи дуюм асрҳои XVIII–XIX-ро* дар бар мегирад, ки марҳилаи ҳукмронии сармояи саноатӣ мебошад. Хусусиятҳои ин марҳила чунинанд: зиёдшавии истеҳсолоти саноатӣ дар ҷаҳон, ба вуҷуд омадани аввалин бӯҳронҳои иқтисодӣ дар ҷаҳон (соли 1825 аввалин бӯҳрони ҷаҳонӣ).

*Марҳилаи сеюм асрҳои XX–XXI-ро* дар бар мегирад ва онро марҳилаи ҳукмронии сармояи молиявӣ меноманд. Ин марҳила дорои хусусиятҳои зерин аст: аҳамияти зиёд пайдо кардани содироти сармоя нисбат ба содироти мол, яъне кушодани корхонаҳо дар хориҷа, ба роҳ мондани фаъолияти васеи ширкатҳои фаромилалӣ – ширкатҳое, ки аз рӯи сармоя ба як мамлакат тааллуқ дошта, аз рӯи фаъолият байналхалқӣ мебошанд, таъсисёбӣ ва фаъолияти ташкилотҳои байналхалқии иқтисодӣ.

Ба ғайр аз ин, боз як қатор масъалаҳои асосие мавҷуданд, ки моҳияти онҳоро башарият дар асри XX дарк намуда буд ва ин масъалаҳо дар асри XXI низ ба ҳаёти инсоният таъсири калон расонда истодаанд.

Масъалаи аввалиндараҷа зиёд гардидани фарқият байни сатҳи некуаҳволии мамлакатҳои бойтарин ва камбизоати ҷаҳон мебошад (расми 16.2).




Расми 16.2. **«Қайчии нобаробарӣ» дар байни аҳолии бойтарини мамлакатҳои ҷаҳон ( ) ва аҳолии дигари боқимондаи Замин ( )**

Алҳол ба сари 25 мамлакати бойтарини ҷаҳон (ба онҳо мамлакатҳои тараққикардаи саноатӣ, инчунин мамлакатҳои Ховари Наздик – содиркунандагони нафт дохил мешаванд) 80%-и маҷмӯи маҳсулоти ҷаҳонӣ рост меояд. Шумораи умумии аҳолии ин мамлакатҳо танҳо 17%-и аҳолии кураи Заминро ташкил медиҳад (онҳоро баъзан «миллиарди тиллоӣ» низ меноманд, чунки шумораи онҳо тақрибан ба миллиард баробар аст). Дар баробари ин миқёси фарқият байни некуаҳволӣ кам нашуда, баръакс, зиёд шуда истодааст.

Ин ба як қатор сабабҳо вобастагӣ дорад, ки асоси онҳоро бо суръати баландтар зиёдшавии шумораи аҳолии мамлакатҳои камбизоат назар ба ҳаҷми истеҳсолоти маҷмӯи маҳсулоти дохилии онҳо ташкил медиҳад. Ҳатто *ММД*-и онҳо назар ба мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон бо суръати нисбатан баландтар афзоиш меёбад (3,2% – мамлакатҳои қафомонда ва 2,3% – мамлакатҳои тараққикарда дар як сол дар тӯли солҳои 1965–1987), аммо дараҷаи баланди таваллуд натиҷаҳои суръати афзоиши истеҳсолотро бесамар мегардонад. Дар натиҷа мувофиқи маълумоти СММ, агар дар соли 1960 даромади 20%-и аҳолии Замин, ки дар мамлакатҳои тараққикарда ба сар мебурданд, нисбат ба даромади 20%-и аҳолие, ки дар мамлакатҳои камбизоат зиндагонӣ мекарданд, 30 маротиба зиёд бошад, он гоҳ ин зиёдшавӣ дар соли 1989 ба 59 маротиба баробар шуд. Имрӯзҳо ин ҳолат дар вазъи боз ҳам хатарноктар қарор дорад.

**КОЭФФИТСИЕНТИ ДЕТСИЛӢ таносуби байни даромадҳои миёнаи 10%-и аҳолии бойтарин ва 10%-и аҳолии камбизоати мамлакат мебошад.**

Дар мамлакатҳои Скандинавия (Дания, Финляндия ва Шветсия), ки ҳаматарафа кӯшиш менамоянд фарқияти байни бойигариҳои гурӯҳҳои гуногуни аҳолии худро кам намоянд, коэффисиенти детсилӣ ба 3–4 баробар аст. Дар Германия, Австрия ва Франсия ин нишондиҳанда ба 5–7, дар ИМА ба 15, дар Бразилия ба 39% баробар аст. Дар собиқ ИҶШС ин нишондиҳанда аз 6 кам буд ва ҳоло дар Россия бошад, он ба 17% баробар аст. Аз ҳама нишондиҳандаи беҳтарини фарқият мувофиқи ақидаҳои иқтисодчиён ва сиёсатмадорон ба 5–7 маротиба баробар аст. Нуқтаи ниҳоӣ 10 ба шумор меравад, чунки аз он зиёд гардидани нобаробарӣ барои бесарусомониҳо (бетартибиҳо)-и иҷтимоӣ шароит фароҳам меорад (вале сар задани чунин воқеа ҳатмӣ нест).

Аммо дар ҷаҳон нобаробарӣ байни даромадҳои аҳолӣ хеле зиёд аст. Нишондиҳандаи миёнаи *ММД* ба сари аҳолӣ дар мамлакатҳои бо ном «миллиарди тиллоӣ» (мамлакатҳои аъзои СҲИР-ро мегирем, ки шумораи аҳолиашон ба 1,2 млрд. ё 17,6%-и аҳолии кураи Замин баробар аст) 31 ҳаз. долл.-ро ташкил медиҳад.

Дар баробари ин, дар ҷаҳон 48 мамлакати камбизоаттарин мавҷуд буда, дар онҳо 12%-и шумораи аҳолии кураи Замин зиндагонӣ менамоянд. Нишондиҳандаи миёнаи ММД-и ҳақиқӣ ба сари аҳолӣ дар ин мамлакатҳо 500 долл.-ро ташкил медиҳад. Ғайр аз ин, 2,7 млрд. нафар дар ҷаҳон (40%-и аҳолӣ) бо даромади камтар аз 2 долл. дар як рӯз, зиёда аз 1 млрд. нафар (15%-и аҳолии Замин) – камтар аз 1 долл. дар як рӯз (365 долл. дар як сол) ба сар мебаранд.

Ин маънои онро дорад, ки фарқияти даромад байни аҳолии мамлакатҳои «миллиарди тиллоӣ» ва аҳолии мамлакатҳои сусттараққикарда бешумору рӯзафзун аст. Коэффисиенти детсилӣ дар ҷаҳон имрӯзҳо ба наздики 100 баробар аст. Алҳол ин вазъият яке аз сарчашмаҳои асосии хатари нобасомониҳо дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад.

Мутаассифона, дарояндаи наздик ноил гардидан ба баробарии некуаҳволии аҳолии мамлакатҳои гуногун ғайриимкон аст. Барои ин мувофиқи ҳисобу китоб истеҳсолоти имрӯзаи захираҳоро бояд 40 маротиба афзун намуд. Вале илми муосир дорои технологияҳое, ки ин масъаларо ҳал мекунанд, нест. Барои ҳалли ин масъала гумоне аст, ки захираҳои Замин кофӣ набошанд.

Албатта, метавон хароҷоти захираҳои табииро барои истеҳсоли неъматҳои ҳаётӣ (зарурӣ) кам намуд ва имкониятҳои зиёдеро ба даст овард. Масалан, ба туфайли технологияҳое, ки истифодаи захираҳоро ихтисор менамояд, ҳоло ИМА барои истеҳсоли 1 долл.-и ММД назар ба Россия 6 маротиба обро камтар сарф менамоянд. Аммо азхудкунии чунин технологияҳо сармоягузориҳои калонро талаб менамояд ва амалинамоии

онҳо дар мамлакатҳои камбизоат аз сабаби дар боло зикргардида (суръати баланди афзоиши шумораи аҳолӣ нисбат ба ММД) ғайриимкон аст.

Дар асри XX мамлакатҳои бойтарини ҷаҳон кӯшиш карданд, ки тавассути додани қарз ба лоиҳаҳои рушди мамлакатҳои камбизоат ин ҳолатро аз байн баранд. Аммо натиҷаҳои чунин лоиҳаҳои кумаки молиявӣ назаррас набуданд.

Аз ин сабаб то ҳол дар ҷаҳон ҳатто масъалаи пешгирии гуруснагии оммавӣ ҳалли худро наёфтааст. Ин бо назардошти он ки мувофиқи иттилооти СММ оид ба озуқаворӣ ва хоҷагии қишлоқ, дар соли 2004 хоҷагидорони ҷаҳон бори аввал зиёда аз 2 млрд. тонна зироатҳои ғалладонагӣ ҷамъ намуданд, ки ин ними меъёри хӯроки инсонро таъмин менамояд. Ҳозир ба ҳар як нафар аҳолии кураи Замин қариб 322 кг ғаллаи ғуншуда рост меояд. Дар баробари ин мутахассисони СММ чунин мешуморанд, ки меъёри хӯроки минималии инсон бояд 2350 килокаллорияро дар як шабонарӯз ташкил диҳад. Ҳаҷми ҷаҳонии истеҳсоли маҳсулоти хӯрока бошад, ҳоло имконият медиҳад, ки ба ҳисоби миёна ба сари аҳолии Замин 2805 килокаллория рост ояд, ки ин аз ҳадди ниҳоӣ (минимум) қариб 20% зиёдтар аст.

Вале айни ҳол шумораи гуруснагикашандагон дар ҷаҳон зиёд шуда истодааст. Ҳоло дар Замин аз гуруснагии дуру дароз ва нимгуруснагӣ зиёда аз 1 млрд. аҳолӣ азият мекашанд. Аз ин сабаб таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини глобалӣ (умумибашарӣ) мебошад. Минтақаҳое, ки дар он ҷо аксарияти аҳолӣ аз гуруснагӣ ва нимгуруснагӣ азият мекашанд, ҳудуди калонро дар бар мегирад: Африка, Осиёи Ҷанубӣ ва Ҷанубу Шарқӣ ва қисман Америкаи Лотинӣ.

Моҳияти масъалаи озуқаворӣ аз он иборат аст, ки географияи истеҳсолоти озуқаворӣ бо географияи истеъмоли он мувофиқ намеояд. Ҳам дар ИМА, ҳам дар Канада ва ҳам дар Аврупои Ғарбӣ барзиёдии озуқаворӣ назаррас аст, аммо мамлакатҳои рӯ ба инкишоф барои хариди озуқаворӣ маблағи кофӣ надоранд.

Бинобар ин мутахасиссони СММ ба хулосае омаданд, ки сабаби асосии гуруснагӣ дар норасоии озуқаворӣ не, балки дар дигар ҷост: гуруснагон барои харид намудани хӯрока маблағ надоранд ё дорои воситаҳо барои коркарди замини дар ихтиёрашон буда нестанд.

Гуруснагии дуру дароз сабабгори суст гардидани тараққиёти аксари мамлакатҳои ҷаҳон мебошад, чунки дар ин мамлакатҳо наслҳои носолим ва одатан камсавод ба воя мерасанд (соли 2002 ЮНИСЕФ натиҷаҳои тадқиқоти калонро нашр намуд, ки хулосаи он чунин буд: кӯдакони нимгурусна назар ба ҳамсолонашон, ки дуруст хӯрок мехӯранд, хеле бад таҳсил менамоянд). Тадқиқоте, ки дар Покистон гузаронида шуд, нишон

дод, ки агар таъминоти оилаҳои камбизоат бо озуқаворӣ беҳтар гардад, он гоҳ ба мактабҳо 4% писарбачаҳо ва 19% духтарон барои таҳсил мераванд.

Ин бошад, пояи рушди ояндаи некуаҳволии ҳама гуна мамлакат мебошад. Мувофиқи нишондодҳои ЮНИСЕФ деҳқоне, ки ақаллан таҳсилоти минималӣ (чорсола)-и мактабро гирифтааст, назар ба деҳқоне, ки умуман ягон таҳсилот нагирифтааст, ба 8,7% зиёдтар озуқаворӣ истеҳсол менамояд. Тадқиқоти дар Уганда гузарондашуда чунин тамоюли муҳимро ошкор намуд: ҷавонписарон ё ҷавондухтароне, ки мактаби миёнаро хатм намудаанд, 50% камтар гирифтори СПИД мегарданд. Одамоне, ки соҳиби таҳсилоти олӣ мебошанд, 90% камтар назар ба ҳамсолони бетаҳсилот ба ин сироят гирифтор мегарданд.

Ҳайратовар ин аст, ки қариб ҳамаи мамлакатҳо мувофиқи баҳодиҳии СММ дорои иқтидори истеҳсол намудани ҳамон қадар озуқаворӣ мебошанд, ки метавонанд аҳолии худро пурра таъмин намоянд.

Масъала аз он иборат аст, ки одамон ниҳоят камбизоат буда, барои худ хӯрока харида наметавонанд. Гуруснагиро нобаробарии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба миён меоранд: афзоиши босуръати аҳолӣ танҳо ба мамлакатҳое таҳдид менамояд, ки дар он ҷо механизмҳои давлатӣ ва иҷтимоӣ, ки қисмати зиёди аҳолии кишварро бо таҳсилот, тандурустӣ, ҷойҳои корӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ғ. таъмин менамоянд, вуҷуд надоранд.

Дар баробари ин арзиши лоиҳаҳое, ки имконият медиҳанд масъалаи гуруснагиро дар ҷаҳон ҳал намоянд, начандон зиёд аст. Аз рӯи баҳодиҳии СММ барои ин на зиёда аз 13 млрд. долл. дар як сол лозим аст. Барои муқоиса: мувофиқи баҳодиҳии Институти тадқиқоти ҷаҳон (дар Стокголм) дар соли 2010 хароҷоти ҳарбӣ дар ҷаҳон 1630 млрд. долл.-ро ташкил дод. Аҳолии ИМА ва мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо барои хариди хӯроки сагҳо, гурбаҳо ва моҳиҳои аквариум тақрибан 14,6 млрд. долл. дар як сол сарф менамоянд.

Бинобар он сустӣ кардан дар ҳалли масъалаҳои номбаркардашуда ба сулҳу суботи тамоми кураи Замин таҳдид меорад.

?!

1. Шаклҳои асосии рушди иқтисодиро номбар кунед.
2. Усулҳои ченкунии рушди иқтисодӣ кадомҳоянд?
3. Сармояи инсонӣ чист?
4. Кадом масъалаҳои асосии иқтисодӣ дар ҷаҳон мавҷуданд?
5. Марҳилаҳои инкишофи иқтисодиёти ҷаҳонӣ чандтоянд?
5. Чӣ гуна муноқишаҳои иқтисодӣ дар байни мамлакатҳои ҷаҳон мавҷуданд?

# МАВЗӮИ 17. САВДОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

## 17.1. Сабабҳои иқтисодии пайдоиши савдои байналхалқӣ. Содирот ва воридот. Тақсимоти байналхалқии меҳнат ва савдои ҷаҳонӣ. Таъсири савдои байналхалқӣ ба имкониятҳои истеҳсолӣ ва сатҳи некуаҳволии давлатҳои содиркунанда

Савдои байналхалқӣ шакли анъанавӣ ва ибтидоии муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ ҳисобида мешавад. Тиҷорат таърихи ҳазорсола дошта, дар замони муосир низоми умумии робитаҳои хоҷагии ҷаҳониро фаро мегирад.

Дар тадқиқоти солҳои охир олимони иқтисодчӣ тавонистанд сабабҳои асосии мавҷудияти савдои байналхалқиро ҷудо намоянд. Ин сабабҳо дар расми 17.1 нишон дода шудаанд, ки мо онҳоро дар алоҳидагӣ дида мебароем.

**Нобаробар тақсим шудани захираҳои табиӣ (неъматҳо).** Сабаби якуми пайдошавии савдои байналхалқӣ ба табиат мансуб аст: он дар нобаробар тақсим шудани захираҳои табиӣ байни давлатҳои гуногун ва халқиятҳо зоҳир мегардад. Агар дар як давлат захираҳои нефтӣ ва дар давлати дигар пӯлод ҷойгир бошанд, он гоҳ барои он ки дар як давлат қисмҳои автомобилро аз пӯлод истеҳсол намоянд ва дар нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ бензин дошта бошанд, ин давлатҳо бояд байни ҳамдигар тиҷорат намуда, нефтро ба пӯлод иваз намоянд. Аз рӯи ин модел




Расми 17.1. **Асосҳои иқтисодии савдои байналхалқӣ**

Тоҷикистон ба хориҷи кишвар нахи пахтаро содир ва банану ананасро ворид мекунад.

Аммо ин мантиқ шарҳ намедиҳад, ки барои чӣ давлатҳо тиҷорат мекунанд ва онҳо метавонанд молҳоро худашон истеҳсол намоянд. Барои мисол, амрикоиҳо мошинҳо ва телевизорҳои ҷопониро харид мекунанд (ворид мекунанд), ҳол он ки онҳо дорои саноати пуриқтидори автомобилсозӣ ва телевизор истеҳсолкунанда мебошанд.

Мутобиқи маълумотҳои оморӣ автомобилҳо 21%-и воридоти амрикоӣ ва 11%-и содиротро ташкил мекунанд.

**ВОРИДОТ харид намудани молҳо аз тарафи аҳолии як давлат аст, ки дар давлатҳои дигар истеҳсол карда шудаанд.**

**СОДИРОТ фурӯши молҳо ба аҳолии давлати дигар аст, ки дар соҳаҳои иқтисодиёти ватанӣ истеҳсол карда шудаанд.**

**Принсипи бартарияти мутлақ.** Барои ҷавоб ба ин савол илми иқтисод пеш аз ҳама, ба фарқиятҳои мутлақ дар хароҷот барои истеҳсоли молҳои якхела рӯ меоварад.

Муқоиса менамоем хароҷоти истеҳсоли зағир ва шакарро дар Россия ва Украина. Аз сабаби шароитҳои иқлимию ҷуғрофӣ истеҳсоли зағир дар Украина дар 1 га замин нисбат ба Россия ҳосили камтарро таъмин менамояд ва баръакс. Агар ин давлатҳо дар истеҳсоли молҳои худ махсус гардонда шаванд, он гоҳ ҳар ду тараф бурд менамоянд. Онҳо ҳосили худро бо усулҳои самаранок истифода мебаранд.

Барои ҳамин дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ Россия дар истеҳсоли зағир махсус гардонда шуда, ба Украина маҳсулоти зағирро содир менамуд ва ба ивазаш шакар мегирифт.

Ба забони иқтисодӣ чунин асосро махсусгардонии байналхалқии истеҳсолот меноманд ва принсипи тиҷоратӣ бартарияти мутлақ номида мешавад.

**Принсипи бартарияти мутлақ:** давлатҳо аз тиҷорати байниҳамдигарӣ дар он вақт бурд мекунанд, ки ҳар кадоми онҳо истеҳсоли молҳои хосаашонро нисбат ба дигар шарикони тиҷоратиашон бо хароҷоти кам истеҳсол наоянд.

Махсусгардонӣ дар асоси принсипи бартарияти мутлақ ба он оварда мерасонад, ки инсоният самаранокии баландро дар истифодаи захираҳои замин ба даст меоварад. Дар натиҷа хоҷагии ҷаҳонӣ пайдо мегардад, ки истеҳсоли ҳар як намуди молро дар давлатҳое таъмин менамояд, ки барои онҳо хароҷоти кам сарф карда мешавад. Биноан инкишофи тиҷорати байналхалқӣ барои ҳамаи давлатҳои дунё аҳамияти муҳим дорад ва ба он диққати ҷиддӣ ҳам аз тарафи давлатҳо ва ҳам аз тарафи ташкилотҳои байналхалқӣ дода мешавад.

**Принсипи бартарияти нисбӣ**. Дарки мантиқи тиҷорати байналхалқӣ фақат бо эҳсос намудани нобаробар тақсим шудани неъматҳои моддӣ ва моҳияти принсипи бартарияти мутлақ ғайриимкон аст.

Илми иқтисодӣ дар аввали асри XIX баъди ба анҷом расидани ҷараёни саноатикунонии баъзе давлатҳо инро ошкор намуд. Як қатор давлатҳо пешсаф ва дар онҳо хароҷот барои истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои гуногун нисбат ба давлатҳои суст инкишофёфта камтар гардид. Агар тиҷорати байналхалқӣ дар ин шароит фақат дар асоси принсипи бартарияти мутлақ инкишоф ёбад, он гоҳ давлатҳои пешсаф бояд хариди молҳоро аз давлатҳои сусттараққикарда кам мекарданд ва ин ҳодиса рух намедод.

Қадами дигар барои дарк намудани сирри савдои байналхалқӣ аз тарафи олим-иқтисодчии бузурги англис *Давид Рикардо* (1772–1823) гузошта шуд. Вай дар инкишофи тиҷорати берунӣ таъсири як принсипи дигар – принсипи бартарияти нисбиро тавонист пешниҳод намояд.

**Принсипи бартарияти нисбӣ** барои ҳар як давлат дар содир намудани ҳамон молҳо фоидаовар аст, ки нархи онҳо нисбат ба дигар давлатҳо пасттар мебошад.

Ба ибораи дигар, ҳар як давлат дар истеҳсоли он молҳое махсус гардонда мешавад, ки нархи онҳо нисбат ба дигар давлатҳое, ки мехоҳанд дар он ҷо он молҳоро фурӯшанд, пасттар бошад. Дар таҷрибаи воқеии тиҷоратӣ, албатта, ҳеҷ кас чунин ҳисоботи илмӣ набурдааст. Онҳоро ба таври куллӣ таҳлили байниҳамдигарии нархи бозори дохила ва беруна иваз мекунад, то ба андозае ки ин таносуби байниҳамдигарӣ дар шароитҳои баробари ҷавобгӯ будани тафовутҳо дар муқоиса босамарии истеҳсолоти мол дошта бошанд. Тасаввур мекунем, ки нархҳои 1 т семент ва 1 кв. шиша дар Россия ба 5 ҳазор рубл баробар бошад. Дар Украина 1 т семент 20 ҳазор гривен ва шиша – 40 ҳазор гривен. Агар имрӯзҳо соҳибкорони рус 1м кв шишаро ба Украина ба нархи 40 ҳазор гривен ҳамчун кумак содирот намоянд, вай метавонад 2 т сементро дар шакле, ки дар худи Россия ба фурӯш мерафт, харидорӣ намояд.

Агар минбаъд Украина ин сементро ба Россия содир намояд, он гоҳ 10 ҳазор рублро фоида мегирад, ки ин 2 баробар нисбат ба истеҳсоли ҳамин миқдори шиша зиёдтар аст. Фарқияти байни ин маблағ, яъне 5 ҳазор (10–5) фоидаи иқтисодии соҳибкор мебошад.

Аммо ин ҳисоббаробаркунӣ ҳудуди муайян дорад ва дар асоси чунин таҳлилҳо тамоми фаъолияти тиҷорати берунӣ ташкил карда мешавад. Ин усули хеле одист: ҳамон молҳои ватаниро содир кардан фоидаовар аст, ки аз фоидаи фурӯши онҳо дар хориҷи кишвар молҳои зиёди маҳаллиро харидорӣ кардан мумкин бошад.

Ҳамин тавр, фирмаҳои берунитиҷоратии калон дар фаъолияти худ принсипи бартарияти нисбиро истифода мекунанд. Ин мантиқи

тиҷорати берунӣ дар ҳаёти дохилииқтисодӣ низ истифода карда мешавад. Манфиати фурӯшандагонро ҳар як давлат ба инобат гирифта, чунин махсусгардонии иқтисодиётро ба роҳ мемонад, ки барои ӯ имконият диҳад: *ба таври самаранок захираҳои мавҷудбударо истифода намояд; сатҳи баланди некуаҳолиро ба воситаи амалиёти содиротию воридотӣ ба даст оварад.*

Раванди чунин махсусгардонӣ на фақат барои инкишофи бозори ҷаҳонӣ, инчунин барои тақсимоти байналхалқӣ ва кооператсияи меҳнат низ асосро ташкил менамояд.

Нисбати он ки то чӣ андоза тақсимоти байналхалқии меҳнат зарур аст, дар мисоли зерин дида мебароем. Шаҳрванди ИМА аз ширкати америкоии «Дженерал моторс» автомобили истеҳсолкардаи «Понтиак»-ро харид мекунад ва дар ҳақиқат, қарордоди байналхалқиро амалӣ мегардонад. Ӯ барои ин мошин 10 ҳазор доллар пардохт мекунад, ки ба таври зерин тақсим карда мешавад: 3 ҳазор доллар ба Кореяи Ҷанубӣ барои амалиёти одӣ ва меҳнатталаб меравад; 1850 доллар ба Япония барои муҳаррик ва воситаҳои электронӣ дода мешавад; 700 доллар ба Олмон барои лоиҳакашии мошин меравад; 450 доллар ба фирмаҳои Тайван, Сингапур ва Гонконг барои истеҳсоли қисмҳои хурд равона карда мешавад; 250 доллар ба суратҳисоби фирмаҳои англис барои ташкили реклама ва фурӯши автомобил гузаронда мешавад; 50 доллар хизмати фирмаҳои Ирландия ва Барбадос барои коркарди маълумот сарф карда мешавад. Дар маҷмӯъ тақрибан 6 ҳазор доллар барои шаҳрвандони дигар давлатҳо дода мешавад.

Ба ҳиссаи шаҳрвандони ИМА, идоракунандагон ва саҳмдорони «Дженерал моторс», адвокатҳо ва бонкирҳо, фирмаҳои хизматрасонанда ва дигар иштирокчиёни истеҳсоли автомобили америкоӣ фақат 4 ҳазор доллар рост меояд. Хариду фурӯши байналмилалӣ, агар бо усули муқоисавӣ асос ёфта бошад ва ба ягон муқобилияте дучор нагардад, ҳамаи иштирокунандагонро ба комёбӣ ноил мегардонад.

Ҳамин тавр, хариду фурӯши байналмилалӣ ҳамеша бо низоъҳо ва зиддиятҳо дучор мешавад. Барои донистани сабаби онҳо ба ҳисоботи иқтисодчии франсуз *Фредерик Бастиа* (1801–1850), ки онро дар китоби «Софизми иқтисодӣ» ҷамъ овардааст, шинос шудан лозим аст. (Далелҳои истеҳзоомези рақибони хариду фурӯши озоди байналмилалии Бастиа «аз номи Борсов барои дахлнопазирии бозори дохила»).

**Протексионизм** сиёсати иқтисодии давлат мебошад, ки моҳияти он ҳимояи молистеҳсолкунандагони ватанӣ аз рақобати фирмаҳои дигар давлатҳо ба воситаи барқарор кардани намудҳои гуногуни маҳдудиятҳо барои воридот мебошад.

Барои ҳимояи бозори дохилӣ ва истеҳсолкунандагони миллӣ ҳукумат чунин фишангҳои протексионизмро ба монанди квотаи воридотӣ ва литсензия истифода мебарад.

**Квотаи воридотӣ** аз тарафи давлат маҳдуд кардани воридоти мол аз дигар давлатҳо мебошад.

**Иҷозатнома (литсензия)-и берунитиҷоратӣ** ба квота монанд буда, иҷозати давлатро барои воридот ё ин ки содироти молҳои муайян пешбинӣ мекунад.

**Демпинг** фурӯши молҳоро аз рӯи нархҳои аз хароҷотҳои истеҳсолӣ пасттар дар назар дорад.

## 17.2. Мафҳум ва моҳияти бозори асъор

Хусусияти муҳими тиҷорати байналхалқӣ нисбат ба тиҷорати дохилӣ дар он зоҳир мегардад, ки ба он воҳидҳои пулии гуногун, яъне асъори кишварҳои гуногун хизмат мерасонанд. Дар ин ҳолат ҳар як давлат талаб менамояд, ки дар ҳудуди он ҳисоббаробаркуниҳо фақат бо асъори миллӣ амалӣ гардонида шаванд. Фақат бо ин асъор андозҳои пардохташавандаи даромади фирмаҳо муайян карда мешаванд. Барои ҳамин тиҷорати байналхалқӣ доимо ҳалли масъалаҳои зеринро талаб менамояд:

1) *Ташкили хариду фурӯши молҳои худӣ;*

2) *Таъминнокии асъории амалиёти тиҷоратӣ.*

Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки агар ҳамаи давлатҳо барои инкишофи тиҷорати байналхалқӣ манфиатдор бошанд, пас, барои чӣ чунин монеаҳои асъорӣ дар роҳи савдои байналхалқӣ ташкил карда мешаванд? Дар иртибот бо ин якчанд сабабро қайд кардан мумкин аст:

1) *Мавҷудияти асъори миллӣ барои давлат дарёфти воситаҳоро барои ҳисоббаробаркуниҳои байналхалқӣ осон мегардонад;*

2) *Мавҷудияти асъори миллӣ барои давлат имконият медиҳад, ки иқтисодиёти мамлакатро идора намояд;*

3) *Асъори миллӣ истиқлолияти пурраи мамлакат ва робитаи мутақобилаи онро бо дигар мамлакатҳо таъмин менамояд;*

4) *Мавҷудияти асъори миллӣ роҳи беқурбшавии асъорро мегирад.*

Барои амалӣ гардонидан дар шароити мавҷудияти асъори гуногун инсоният механизми ҳисобаробаркуниҳои тарафайнро байни шаҳрвандон ва фирмаҳои давлатҳои гуногун ташкил намудааст. Одатан онро бозори асъор меноманд.

Асоси ин механизм таносуби мубодилаи асъор – қурби асъор мебошад, ки нархи асъори миллиро нишон медиҳад.

Қурби асъор яке аз унсурҳои асосии асъор мебошад ва ба бисёр равандҳои макроиқтисодии дар мамлакат ҷойдошта таъсири калон мерасонад. Бо ёрии қурби асъор нархи молҳо ва хизматрасониҳои дар

мамлакатҳои гуногун истеҳсолшуда муқоиса карда мешавад. Сатхи қурби асъор аз рақобатнокии молҳои миллӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ, ҳаҷми содирот ва воридот вобаста аст. Пуё (динамика)-и қурби асъор, сатҳ ва суръати пасту баландшавии он нишондиҳандаҳои устувории иқтисоди мамлакат мебошад.

**Қурби асъор «нарх»-и воҳиди пулии як мамлакат буда, дар воҳидҳои пулии хориҷӣ ифода ёфтааст.** Ин нарх вобаста ба он ки кадом асъор ба сифати воҳиди ҳисобкунӣ қабул мешавад, метавонад гуногун ифода шавад.

Муайян кардани қурби воҳиди пули миллӣ дар асъори хориҷӣ нархгузории асъор номида мешавад. Дар мамлакатҳои ҷаҳон намудҳои зерини нархгузорӣ истифода мешавад:

– *нархгузории мустақим*, вақте ки воҳиди асъори миллӣ ба воситаи миқдори муайяни воҳидҳои асъори хориҷӣ муайян карда мешаванд;

– *нархгузории ғайримустақим*, вақте ки воҳиди асъори хориҷӣ ба воситаи миқдори муайяни воҳидҳои асъорҳои миллӣ муайян мешавад;

– *нархгузории дуҷониба*, вақте ки қурби ду асъор ба воситаи қурби онҳо нисбат ба асъори сеюм (масалан, ба доллари ИМА) муайян карда мешавад. Ин намуд ба мақсади хисоби қурби асъори миллӣ дар аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон истифода мегардад.

Дар низоми асъор мафхуми паритет (таносуб)-и асъор фарқ карда мешавад. Ин таносуби байни ду асъор аст, ки дар асоси қонунӣ муайян карда мешавад. Бар хилофи паритети асъор қурби асъор метавонад дар асоси талабот ва таклифот муайян гардад. Вале асоси арзиши қурби асъор қобилияти харидории асъор мебошад.

Доираи махсуси муносибатҳои бозорӣ, ки ба сифати объекти додугирифти сармояи пулӣ хизмат мекунад, бозорҳои чаҳонии асъорро ташкил мекунад. Ин бозорҳо дар заминаи ташаккули муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ баркарор гаштаанд. Бозори ҷаҳонии асъор шабакаи глобалии электронии мамлакатҳои ҷаҳон мебошад, ки дар он хариду фурӯши асъор барои таъмини савдои байналхалқӣ, гардиши пардохтҳои байналхалқӣ оид ба иҷрои уҳдадориҳои пулии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии мамлакатҳои гуногун ва инчунин, гирифтани фоида гузаронида мешавад.

Бозорҳои асъор аз ду нуқтаи назар омӯхта мешаванд:

Аз нуктаи назари функсионалӣ – бозори асъор доираи муносибатҳои иқтисодиест, ки ҳангоми гузаронидани амалиёт оид ба хариду фурӯши асъори миллӣ ва хориҷӣ ба вуҷуд меояд.

Аз нуктаи назари институтсионалӣ бозори асъор, ин маҷмӯи бонкҳо, муассисаҳои махсуси молиявию қарзӣ, биржаҳои фондӣ, шабакаҳои муосири алоқа ва инчунин, марказҳои расмие мебошанд, ки дар онҳо

хариду фурӯши асъори хориҷӣ ба миллӣ аз рӯи қурби дар заминаи талабот ва таклифот барқароргашта гузаронида мешавад.

Бозори асъор дар тобеияти қонунҳои рақобат қарор дорад. Ба рафтори иштирокчиёни он хоҳиши ноил гаштан ба фоидаи баланд бо назардошти фарқият дар қурби асъор таъсир мерасонад. Бузургии фоида дар бозори асъор аз баҳисобгирии доираи васеи хавфҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ вобаста аст.

Бозорҳои миллии асъор, ки ба ҳаракати маблағҳои пулии дохили мамлакат хизмат мекунанд, ба бозори ҷаҳонии асъор пайваст мебошанд ва дар онҳо амалиёти асъорӣ ва ҳисоббаробаркуние гузаронида мешавад, ки ба ҳаракати байналхалқии молҳо, хизматрасониҳо ва сармояҳо вобастаанд. Бозори ҷаҳонии асъор, ки аз душанбе то ҷумъа шабонарӯзӣ амал мекунад, бозорҳои миллии асъорро бо ёрии воситаҳои муосири коммуникатсия, ба монанди телефон, телеграф, телекс, шабакаҳои компютерӣ пайваст мекунад.

Бозорҳои муосири ҷаҳонии асъор бо хусусиятҳои асосии зерин тавсиф дода мешаванд:

1) Байналмилалишавии бозорҳои асъорӣ дар заминаи байналмилалишавии робитаҳои хоҷагӣ, истифодаи васеи воситаҳои электронии алоқа ва гузаронидани амалиёт ва ҳисоббаробаркунӣ ба воситаи онҳо.

2) Пай дар пай дар давоми шабонарӯз дар ҳамаи қисмҳои ҷаҳон гузаронидани амалиёти асъорӣ.

3) Пешбурди амалиёт дар бозорҳои асъор бо назардошти минтақаҳои соатӣ аз меридиани сифрӣ, ки аз Гринвич – Greenwich Meridian Time (GMT) мегузарад, аз Зеландияи Нав (Веллингтон) оғоз шуда, пайваста ба воситаи минтақаҳои соатӣ аз Сидней, Токио, Гонконг, Сингапур, Москва, Франкфурти соҳили Майна, Лондон, Ню-Йорк ва Лос-Анҷелос гузаронида мешавад.

4) Техникаи пешбурди амалиёти асъорӣ якхела гардонида шудааст, ҳисоббаробаркуниҳо бо истифода аз ҳисобҳои муросилотии бонкҳо гузаронида мешаванд.

5) Амалиёти ҳаннотӣ (спекулятивӣ) ва арбитражӣ аз амалиёти асъории ба муомилоти тиҷоратӣ вобаста хеле зиёд аст, теъдоди иштирокчиёни онҳо якбора зиёд шуд ва на фақат бонкҳо ва ШФМ (ширкатҳои фаромилалӣ), балки дигар шахсони ҳуқуқӣ ва ҳатто воқеиро дар бар мегирад.

6) Ноустувории қурби асъор, ки ба монанди молҳои махсуси биржавист, тамоюлҳои аз омилҳои фундаменталии иқтисодӣ новобастаи худро дорад. Бозори ҷаҳонии асъор бозори пуриқтидор ва фаъол, аммо хеле дақиқ бо навигариҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ мебошад.

**Намуди бозорҳои асъор.** Вобаста ба ҳаҷм ва хислати амалиёти асъорӣ бозорҳои миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ аз якдигар фарқ мекунанд.

Бозорҳои миллӣ ва минтақавии асъор додугирифтро ба маҷмӯи муайяни асъори қобили табдили озод ва баъзе воҳидҳои маҳалии пардохт дар миқдори маҳдуд мегузаронанд, ҳол он ки дар бозорҳои ҷаҳонӣ амалиёти якхела фақат бо асъори қобили табдили озод ва дар ҳаҷми хеле калон гузаронида мешавад. Ҳаҷми умумии амалиёти асъорӣ дар ин бозорҳо то ба 1,6–2 трлн. доллари ИМА ҳар рӯз мерасад.

Бозорҳои ҷаҳонии асъор дар Лондон, Ню-Йорк, Франкфурти соҳили Майна, Париж, Сюрих, Токио, Сянган, Сингапур, Баҳрайн барқарор гаштаанд. Ин бозорҳо марказҳои ҷаҳонии молиявиро ташкил карда, имрӯз дар ҷаҳон нуфузи махсусро доро мебошанд.

Вобаста ба мӯҳлати гузаронидани амалиёти асъорӣ фарқ мекунанд: *бозори «спот»* (*spot*) ё ин ки бозори таҳвили фаврии асъор дар давоми ду рӯзи корӣ, яъне ҳисоббаробаркунӣ вобаста ба хариду фурӯши асъор ба таври фаврӣ гузаронида мешавад; *бозори мӯҳлатнок (форвардӣ)-и асъор*, ки дар он ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи шартнома, баъд аз мӯҳлати муайяни вақт (дар оянда) бо истифодаи қарордодҳои мӯҳлатнок оид ба хариди асъор гузаронида мешавад.

Дар сохтори бозори асъор бахшҳои муайян ҷудо карда мешаванд, ки миқёси амалиёти асъориро муайян мекунанд. Бахши аз ҳама инкишофёфтаи бозори асъор бозори байнибонкӣ (то 90%-и ҳаҷми муомила) мебошад, ки ба бозори мустақим ва брокерӣ (наздик 30% -и амалиёти асъорӣ) тақсим мешавад. Бахшҳои дигари бозори асъор бозори биржавӣ (тахминан 9-10%-и ҳаҷми муомила) ва мизоҷон мебошад, ки ба он 1%-и маблағи пардохтҳо мувофиқ меояд.

**Вазифаҳои бозорҳои асъор.** Бозорҳои муосири асъор вазифаҳои зеринро иҷро мекунанд:

1) Хизматрасонии асъорию қарзӣ ва ҳисоббаробаркунӣ оид ба амалиёти содироту воридот ва инчунин сармоягузории хориҷӣ;

2) Диверсификатсиякунонии (барқароршавии дороиҳо дар асъори гуногуни устувор) захираҳои асъории бонкҳо, корхонаҳо, давлат ва субъектҳои дигари муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ;

3) Танзимнамоии қурби асъор (бозорӣ ва давлатӣ) барои ҳалли масъалаҳои гуногуни макроиқтисодӣ;

4) Суғуртаи (хеджирование) хавфҳои асъорӣ. Дар вақти суғуртакунӣ иштирокчиёни бозор кам кардани хавфи ба пасту баландшавии қурби асъор вобастаро, ки ба сармояи онҳо таъсири манфӣ расонида метавонад, дар назар дошта, кӯшиш мекунанд, ки аз уҳдадориҳои соф дар асъори хориҷӣ озод бошанд, яъне тавозуни байни талабот ва уҳдадороиҳоро дар ин асъор таъмин намоянд;

5) Пешбурди амалиёти асъории ҳаннотӣ бо истифода аз таъсиррасонӣ ба тағйир додани қурби асъор ба мақсади гирифтани фоида.

Иштирокчиёни ин бозор, ки хоҳиши гирифтани бурди баланд аз муомилоти асъор доранд, ба тафовути байни меъёри фоиз дар бозори миллӣ ва хориҷии асъор ва инчунин ба тағйироти пешбинишавандаи қурби асъор вобастаанд.

**Саҳмдорони асосии бозори ҷаҳонии асъор.** Сатҳи инкишоф ва ҳаҷми бозори асъор ба ҳайати саҳмдорони он, сатҳи иштирок ва миқдори амалиёт вобаста аст. Саҳмдорони бозори асъор бонкҳои тиҷоратӣ ва марказӣ, биржаҳои асъор, агентии брокерӣ, ширкатҳои байналхалқӣ мебошанд.

Бонкҳои тиҷоратӣ на фақат ҷузвдони худро аз ҳисоби дороиҳои хориҷӣ диверсификатсия мекунанд, балки муомилоти асъориро аз номи ширкатҳои ба бозорҳои хориҷӣ ба сифати содиркунанда ва воридкунанда шомилшуда мегузаронанд.

Мувофиқи қонунҳои миллии бонкӣ ё ин ки асъорӣ, бонкҳои тиҷоратӣ амалиёти байналхалқӣ ва муомилаи асъориро дар сурати гирифтани иҷозатномаи махсус (литсензия) гузаронида метавонанд. Бонкҳое, ки ба онҳо ҳуқуқи гузаронидани амалиёти асъорӣ дода шудааст, бонкҳои намояндагӣ, девизӣ ё ин ки асъорӣ номида мешаванд. На ҳамаи бонкҳо иҷозати пешбурди амалиёти асъор гирифта, дар сатҳи баробар дар амалиёти бозори асъор иштирок менамоянд. Вусъати бонк, шуҳрати бонк, дараҷаи ташаккули шабакаю шуъбаҳо ва филиалҳои хориҷӣ, ҳаҷми ҳисоббаробаркунии байналхалқии ба воситаи бонк амалишаванда омилҳое мебошанд, ки нақши онро дар бозорҳои асъор муайян мекунанд. Нақши муайянро маҳдудиятҳои асъорӣ (даврӣ)-и вақт-вақт такроршаванда, вазъи алоқаи телексӣ ва телефонӣ дар маҳалҳои ҷойгиршудаи бонк иҷро мекунад. Бинобар ин хаҷми зиёди амалиёти асъориро ҳиссаи бонкҳои фаромилалӣ (БФМ): Citi Bank, Chase Manhattan Bank, Deutsche Bank, Dresden Bank, Barclays Bank, Union Bank of Switzerland, Sumitomo Bank, Mitsubishi Bank, ABN Amro ва дигарҳо ташкил менамоянд. Ин бонкҳо мубодилаи асъорро дар ҳаҷми хеле калон (100–500 млн. долл.) мегузаронанд, ҳол он ки мубодилаи стандартӣ аз 1 то 10 млн. долл. мебошад ва ба вазъи бозори асъор таъсири зиёд расонида, дар гузаронидани мубодилаи фоидаовар бартарияти рақобатӣ дорад. Онҳо дорои шабакаҳои шуъбаи хориҷӣ буда, шабонарӯзӣ амалиёти асъориро муттасил ба воситаи шуъбаҳои хориҷии худ мегузаронанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд бонки тиҷоратӣ иҷозатномаи пешбурди амалиёти асъорӣ доранд ва онҳо дар бозори байнибонкии асъор иштирок менамоянд. Дар қатори онҳо ҶСК «Тоҷиксодиротбонк», ҶСК «Ориёнбонк», ҶСК «Агроинвестбонк», БДА «Амонатбонк», ҶСК Бонки Эсхата ва дигарҳо мебошанд.

Бонкҳои марказӣ (миллӣ) дар бозори асъор иштирок намуда, захираҳои асъориро идора мекунанд, қурби асъори миллиро дастгирӣ менамоянд, мудохилаи асъорӣ мегузаронанд ва инчунин меъёри фоизи маблағгузориро дар асъори миллӣ ҳамчун воситаи қонунии пардохт танзим менамоянд.

Бонкҳои марказӣ дар танзими бозори миллии асъор, хусусан дар мамлакатҳои иқтисодиёти давраи гузариш нақши хеле калон мебозанд. Вазифаи асосии Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи сиёсати асъор нигоҳ доштани қурби асъори миллӣ мебошад, ки он то андозае бо роҳи иштирок ва фаъолияти бонк дар бозори асъор ба амал баровардa мешавад.

Саҳмдорони нави бозори асъор ташкилотҳои хислати ғайрибонкидошта (фондҳои суғуртавӣ ва нафақавӣ, ширкатҳои сармоягузорӣ) мебошанд, ки идораи диверсификатсионии ҷузвдони дороиҳоро бо ҷойгирнамоии асъор дар коғазҳои қиматноки бозоргир ва эътимодноки ширкатҳои гуногун таъмин карда истодаанд.

Аз ҳама зиёдтар фонди «Quantum»-и Ҷорҷ Сорос, фонди «Dean Wittek», хедҷ-фонди байналхалқии «Long-Term Capital Management» шуҳрати баланд доранд. Дар шароити либерализатсияи бозорҳои асъор пайдоиши онҳо ба зарурати суғуртаи хавфҳои зиёдшудаи асъорӣ ва қарзӣ вобаста аст. Дар таъсиси онҳо одатан бонкҳои фаромилалӣ ва фондҳои сармоягузорӣ иштирок мекунанд. Бинобар ин дар хедҷ-фондҳо маблағҳои хеле калон ҷамъ мешаванд, ки на фақат суғуртаи хавфҳо, балки бастани қарордодҳои ҳаннотии калонро имконпазир мегардонанд, ки қобилияти паст кардани қурби асъори мамлакатҳои начандон калонро доранд.

Дар сохтори ташкилии бозори асъор фирмаи брокерӣ мавқеи махсус дорад, ки ба воситаи он тахминан 30%-и амалиёти асъорӣ (дар бозори Лондон – 35%) гузаронида мешавад. Фирмаи брокерӣ вазифаи миёнаравро дар байни фурӯшандагон ва харидорони асъор иҷро менамояд. Ширкатҳои брокерӣ барои миёнаравӣ маблағи комиссионӣ меситонанд (то 20 долл. ИМА ба ҳар як миллион доллари харидшуда ё ин ки фурӯхташуда ва ё эквиваленти он). Бо ташаккули воситаҳои электроннии алоқаи байнибонкӣ ва такмилёбии муомилоти асъор (Рейтер-дилинг, Телерейт) нақши ширкатҳои брокерӣ дар бозори байнибонкӣ паст шуд, гарчанде онҳо нақши муҳимро дар амалиёти шахсони хусусӣ ва ширкатҳои начандон калон иҷро карда истодаанд.

Мавқеи асосиро дар байни ширкатҳои брокерӣ-дилерӣ «Меррил-Линч» (Merrill Lynch Pierce Fenner & Smith), И. Ф. Хаттон (E. F. Hutton), «Голдман Сакс» (Goldman Sachs), «Морган Стэнли» (Morgan Stanly) ишғол менамоянд.

Аз нуқтаи назари ташкилӣ биржаҳои асъорӣ низ саҳмдорони бозори асъор мебошанд. Аммо дар солҳои охир онҳо дар бозори асъор нақши хеле ночиз мебозанд. Онҳо фақат дар баъзе мамлакатҳо (ҶФО, Фаронса, Япония, мамлакатҳои Бенилюкс, Скандинавия) боқӣ монда амал мекунанд ва вазифаи асосияшон аз ташкили тиҷорати асъор, ҷалби захираҳо (ресурсҳо)-и озод, сабти қурби маълумотии асъор иборат аст.

?!

1. Мафҳуми ***савдои байналхалқиро*** шарҳ диҳед.
2. ***Воридот*** ва ***содирот*** гуфта, чиро мефаҳмед?
3. Принсипҳои савдои байналхалқиро шарҳ диҳед.
4. Дар савдои байналхалқӣ кадои сиёсатҳо мавҷуданд?
5. ***Ҳиссаҷудокунӣ*** ё ***квотакунонӣ*** дар савдои байналхалқӣ чӣ маъно дорад?
6. ***Қурби асъор*** чист?
7. Бозорҳои ҷаҳонии асъорро номбар ва таҳлил намоед.

## МАВЗӮИ 18. ХУСУСИЯТҲОИ ИНКИШОФИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 18.1. Зарурати гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди бозорӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди ҷумҳуриҳои дигари собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, баъд аз пош хӯрдани ин иттиҳод соли 1991 ҳамчун давлати соҳибистиқлол аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта шуда, давраи гузаришро аз низоми иқтисодиёти нақшавӣ ба низоми иқтисодиёти бозорӣ пеш гирифт. Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати гузаронидани ислоҳоти иқтисодиву иҷтимоӣ ба вуҷуд омад ва дар заминаи он дигаргуниҳои сохторӣ гузаронида шуданд. Пеш аз ҳама, гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ зарурати ҷорӣ намудани гуногуншаклии моликият ва ба вуҷуд овардани шароитҳоро барои рақобат байни субъектҳои иқтисодӣ ба миён овард. Аммо давраи гузариш бо сар задани бӯҳрони иқтисодиву иҷтимоӣ пайваста гашт, ки ин барои аксари чунин мамлакатҳо хос буд. Бӯҳрони иқтисодӣ ба пастравии истеҳсолот ва ба табақаҳои гуногун тақсим шудани аҳолиро вобаста ба даромад ба вуҷуд овард. Барои иқтисодиёти гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ҳолат хос буд:

*– зиёдшавии номутаносибии техникӣ-иқтисодӣ;*

*– паст шудани майл ба сармоягузорӣ ва пасандознамоӣ;*

*– зиёд шудани истифодаи экстенсивии қувваи корӣ дар ҳолати ҷой доштани тамоюли умумии бад шудани сифат ва таназзули сохтори он;*

*– баланд шудани шиддатнокии экологӣ ва паст гардидани сатҳу сифати зиндагӣ.*

Дар иртибот бо ин барои гузаронидани ислоҳот дар иқтисодиёт аз роҳҳои зерин истифода кардан мумкин аст:

Роҳи якум гузаронидани ислоҳоти куллиро дар муҳлати кӯтоҳтарин дар назар дорад ва дуюм бошад, ба қисман азнавсозиҳо ва марҳала ба марҳала тақвият додани онҳо асос меёбад.

Роҳи аввал роҳи қатъӣ (радикалӣ)-и гузаронидани маҷмӯи ислоҳотро дар назар дорад, ки барои иваз намудани банақшагирии марказонидашуда ва ба вуҷуд овардани асоси иқтисодиёти бозорӣ нигаронида шудааст. Сухан дар бораи ба зудӣ гузаронидани либерализатсияи нарх ва савдо, ҳамчунин оид ба татбиқ кардани барномаи мақсадноки устуворгардонии таъминкунандаи устувории нарх меравад. Чораҳои дигар гузариш ба бадалшавии асъор барои амалиёти ҷорӣ, ба вуҷуд овардани шароит барои барқароршавии корхонаҳои нави хусусӣ, ғайриинҳисоригардонии саноат, қабул кардани стандартҳои нави ҳисоби муҳосибӣ, гузаронидани ислоҳот дар низоми андозбандӣ, низоми судӣ, бахши молиявӣ ва идораҳои давлатиро фаро мегиранд.

Чунин модели комплексии гузаронидани ислоҳот барои иқтисодиёти мамлакатҳои Европаи Марказию Шарқӣ ва мамлакатҳои мустақили ИДМ хос буд.

Роҳи дуюм бошад, марҳала ба марҳала гузаронидани ислоҳотро дар назар дорад, яъне сараввал метавонад бо тартиби озмоишӣ ва минбаъд пиёда кардани таҷрибаи бобарор татбиқ гардад. Марҳала ба марҳала гузаронидани ислоҳот ҳамон роҳест, ки онро Хитой пеш гирифтааст.

Дар ҳамаи мамлакатҳои дорои иқтисодиёти давраи гузариш нақши муҳимро дар беҳтарсозии вазъи иқтисодӣ хусусигардонии моликият, либерализатсия ва устуворгардонии мунтазам иҷро мекунад. Агар хусусигардонӣ ташаккулёбии ҳуқуқи амвол ва моликияти хусусиро ифода кунад, он гоҳ либерализатсия нархгузории озод ва аз байн бардоштани назоратро аз тарафи давлат дар назар дорад. Нақши хусусигардонии моликият дар сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ назаррас аст. Пеш аз ҳама, ташаккули низоми гуногуншаклии моликият дар кишвар заминаи асосии муносибатҳои судманд оид ба азхудкунии воситаҳои истеҳсолот гардид, ки дар натиҷа ба муносибатҳои бозорӣ таҳким бахшид. Аз тарафи дигар, низоми гуногуншаклии моликият ба он оварда расонид, ки дар шароити буҳрони сиёсӣ ва давлатдорӣ соҳибмулкон тавонистанд баҳри ҳифзи моликияти худ кӯшиш ба харҷ диҳанд ва аз харобшавии навбатӣ онро нигоҳ доранд. Сеюм, моликияти хусусӣ бевосита ба шуури аҳолӣ оид ба муносибат ба бойигарии миллӣ таъсири мусбӣ расонид. Билохира, гуногуншаклии моликият дар низоми иқтисоди бозорӣ воситаи асосии

болоравии рақобат миёни истеҳсолкунандагон ва беҳдошти сифати маҳсулот гардид, ки ногузир аст.

Истиқлолияти сиёсии ба даст овардаи Точикистон ва рӯ ба сӯи иқтисоди бозорӣ ниҳодани он водор месозад, ки мустақиман ба ҷараёни тақсими байналмилалии меҳнат ва ҷаҳонишавӣ (глобализатсия)-и истеҳсолот, меҳнат, сармоя ва тиҷорат шарик гардад.

Соҳибистиқлолиятӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо мустақилияти сиёсӣ, балки мустақилияти иқтисодиву иҷтимоиро низ таъмин намуд. Давраи аввали соҳибистиқлолии кишвар бо ислоҳоти зерин оғоз гардид, ки ин: *гузариш аз низоми сотсиалистӣ ба иқтисоди бозорӣ; гузариш аз иқтисоди пӯшида ба иқтисоди кушод; интихоби мустақили робитаҳо ва муайянкунии самти онҳо мебошанд.*

Соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инкишофи иқтисодии онро аз нуқтаи назари иқтисодшиносони муосир ба се давра тақсим кардан мумкин аст:

**Давраи якум (1991–1997)**. Марҳалаи буҳрон, ҷанги шаҳрвандӣ ва харобии сохтори иқтисодиёт.

**Давраи дуюм (1997–2007)**. Марҳалаи барқарорсозии иқтисодиву иҷтимоӣ ва ислоҳот.

**Давраи сеюм (2007 инҷониб)**. Марҳалаи инкишоф, бунёди иншооти нав ва барқарору мустаҳкамсозии мавқеи мамлакат дар арсаи ҷаҳонӣ.

Имрӯз бошад, дар Тоҷикистон иқтисодиёти омехта ба миён омада истодааст, ки он, пеш аз ҳама, аз гуногуншаклии моликият, яъне ҷой доштани моликияти давлатӣ ва хусусӣ бармеояд. Ба монанди мамлакатҳои иқтисодиётияшон рӯ ба инкишоф, дар мамлакатҳои иқтисодиёти давраи гузариш ислоҳот бояд ҳам устуворгардонии макроиқтисодӣ ва ҳам ислоҳоти сохториро фаро гирад, то ки кушод будани иқтисодиёти кишвар таъмин гардад.

Иқтисодиёти кушод барои либерализатсияи нарх аҳамияти муҳим дорад. Натиҷаи ниҳоии тағйир додани нархҳо мувофиқ кардани сохтори онҳо бо таносубҳои ҷаҳонӣ мебошад. Дар баробари ин мавҷуд будани нархҳои ҷаҳонӣ худ ба худ ҷараёни барқароршавии мувозинати нархҳоро пас аз саршавии либерализатсияи онҳо метезонад. Хислати кушод доштани иқтисодиёт ҳамзамон ба пайдо шудани сармоягузорони стратегии хориҷӣ ва ҳал кардани масъалаи ҷалби сармояи хориҷӣ мусоидат менамояд.

Аз рӯи ҳисоби олимони мамлакат Тоҷикистон ба қатори мамлакатҳои дорои иқтисодиёти хурди кушод мансуб буда, хусусиятҳои зеринро соҳиб аст:

1) Иқтисодиёти хурди кушод ба нархи ҷаҳонии молу хизматрасонӣ таъсир расонида наметавонад ва дар зери таъсири ин нархҳо савдои берунии худро ба амал меорад. Дар ҳақиқат, дар содироти пахта ва алюминий Тоҷикистон ба нархҳои ҷаҳонии ин молҳо такя мекунад.

2) Сатҳи меъёри фоизи қарз дар иқтисодиёти хурди кушод ба сатҳи меъёри фоизи ҷаҳонӣ таъсир намерасонад.

Инчунин дигар хусусиятҳо ба иқтисодиёти хурди кушод мансубанд, ки ҳамаи ин хусусиятҳо ба Тоҷикистон низ хос мебошанд.

Сохтори соҳавии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таркиби зерин иборат аст: соҳаҳои саноат, сохтмон, нақлиёт, алоқа, кишоварзӣ, маориф ва илм, фарҳанг, тандурустӣ, мудофиа.

Чунин марҳилаҳои ташкилшавии робитаҳои иқтисодии хориҷии давлатҳои собиқ Шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистонро ҷудо кардан мумкин аст:

1) Марҳилаи монополиякунонии мустаҳками давлатии фаъолияти берунииқтисодӣ. Ин марҳила давраи шӯравиро то солҳои 80-ум дар бар мегирад.

2) Марҳилаи ташкили асосҳои мустақилона баамалбарории фаъолияти иқтисодии хориҷӣ. Ин марҳила аз солҳои 80-ум то соли 1991-ро дар бар мегирад.

3) Марҳилаи мустақилона баамалбарории фаъолияти иқтисодии хориҷӣ. Марҳилаи навбатӣ аз соли 1991 то ба имрӯз идома ёфта истодааст.

Робитаҳои иқтисоди хориҷӣ дар баробари барқароршавии иқтисоди бозории мутамаддин миқёс ва суръати раванди дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба меҳвари тақсимоти байналхалқии меҳнат бо сифати субъекти алоҳидаи хоҷагии ҷаҳонӣ муайян менамояд. Бинобар ҳамин сиёсати иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд вазифаҳои ташкиливу иқтисодиро бо чунин тартиб ҳал намояд:

*– интихоби соҳаҳои нисбатан мукаммал ва самтҳои фаъолияти мутақобилаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ бо хоҷагии ҷаҳонӣ;*

*– ташаккулёбии чунин механизми идоракунии робитаҳои иқтисодии хориҷӣ, ки ба дохилшавии иқтисоди кишвар ба хоҷагии ҷаҳонӣ мусоидат карда, шароитро ҷиҳати баҳисобгирии омилҳои таъминкунандаи амнияти иқтисодӣ фароҳам оварад;*

*– ба вуҷуд овардани шароит барои ислоҳоти чандирии механизми дохилшавии иқтисодиёти Тоҷикистон ба тақсимоти байналхалқии меҳнат дар сатҳи макро ва микро, ки имконияти фаъолияти самаранокро дар миқёси самтҳои ҳамкорӣ ва афзалиятҳои интихобкардашуда медиҳад.*

## 18.2. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун низоми таркибии хоҷагии ҷаҳонӣ

Дохилшавии ҷумҳурӣ ба низоми хоҷагии ҷаҳонӣ барои инкишофи минбаъдаи қувваҳои истеҳсолкунанда ва ташаккул ёфтани сохтори хоҷагии халқ ва иқтидори содиротии кишвар замина гузошт. Ҷиҳати ноил гардидан ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола дар ҷумҳурӣ **Стратегияи миллии рушд (СМР)** барои давраи то соли 2015 ва Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ қабул гардид. Мақсад аз амалигардонии онҳо то дуюним баробар афзоиш додани маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ ва ду баробар паст кардани сатҳи камбизоатӣ мебошад, ки ин ҳадафҳо то ба имрӯз давра ба давра иҷро гардида истодаанд. Дар ин раванд суръатбахшии ислоҳоти иқтисодӣ, ки ба рушди тамоми соҳаҳои истеҳсоливу иҷтимоии кишвар нигаронида шудааст, вазифаи муҳимтарини давлат ба ҳисоб меравад.

Барои самаранок ноил гардидан ба **ҳадафҳои** гузошташуда дар доираи СМР чунин афзалиятҳои миллӣ дар назар дошта шудаанд:

1) **Ислоҳоти идоракунии давлатӣ**, ки барои дар кишвар ташаккул додани низоми рушди миллӣ нигаронида шудааст ва хусусияти хоси он шаффофият, тобеияти ҳисоботдиҳӣ ва мубориза алайҳи фасод (коррупсия) мебошад.

2) **Рушди бахши хусусӣ ва ҷалби сармояҳо**, ки ба тавсеаи озодиҳои иқтисодӣ, таҳкими ҳуқуқи моликият ва қонуният, рушди ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ асос ёфтааст.

3) **Рушди неруи инсонӣ**, ки асосан ба афзоиши ҳаҷм ва сифати хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолии камбизоат ва ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола, фаъолнокии иштироки аҳолӣ дар раванди инкишоф, таҳкими шарикии иҷтимоӣ нигаронида шудааст.

Ҳамгироӣ (интегратсия)-и иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми иқтисоди ҷаҳонӣ бо зарурати ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва баровардани иқтисод аз ҳолати тӯлонии бӯҳронӣ асоснок карда мешавад. Дар тӯли солҳои сипаришудаи соҳибистиқлолии инкишоф иқтисодиёти Тоҷикистон давраи барқарорнамоиро аз сар гузаронида, рушд карда истодааст. Ҳамгироии он ба хоҷагии ҷаҳонӣ метавонад барои суръати баланди рушди устувори иқтисодиёт ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ шароит муҳайё намояд.

Бағоят хуб аст, ки Президенти кишвар ва Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон ҳама гуна қадамҳои имконпазирро барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва баровардани иқтисодиёти кишвар аз ҳолати бӯҳронӣ дастгирӣ менамоянд.

Барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва устувор гардонидани мавқеи мамлакат дар арсаи ҷаҳонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳои иқтисодии худро дар доираи гурӯҳҳои ҳамгиро (интегратсионӣ) ва созмонҳои байналмилалӣ ба монанди Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони ҳамкории Шанхай, ИДМ (Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил), СУС (Созмони умумиҷаҳонии савдо) устувор гардонида истода, барои ҳимояи манфиатҳои мамлакат, ҳалли масъалаҳои минтақавӣ ва глобалӣ, ҷорӣ намудани низом ва механизмҳои устувори ҳамкориҳо талош карда истодаст. Истифодаи механизмҳои мавҷудаи ҳамкорӣ, инчунин низоми Созмонҳои умумиҷаҳонӣ барои манфиатҳои Тоҷикистон мувофиқи мақсад аст.

Манфиатҳои иқтисодии Тоҷикистон дар иттиҳоди интегратсионӣ бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), Созмони Ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ) дар он таҷассум меёбанд, ки ҷумҳурӣ стратегияи иқтисодии худро ба ҳалли чунин масъалаҳо равона мекунад:

– *эҳё ва таъмини инкишофи устувори иқтисодӣ;*

– *тезонидани тараққиёти саноатии иқтисодиёт, амалинамоии бозсозии сохторӣ;*

– *таъмини ҳаракати озоди мол, хизматрасонӣ ва сармоя дар ҳудуди иқтисодиёти ИДМ;*

– *таъмини харакати озоди қувваи коргарӣ дар ҳудуди байнидавлатӣ;*

– *нерубахшии иқтидори содиротӣ;*

– *табдилдиҳии Тоҷикистон аз минтақаи сарбаста ба минтақаи транзитӣ.*

Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои ҳарсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гаштаю баргашта таъкид менамоянд: «*Сиёсати хориҷии кишвари мо сиёсати дарҳои кушод буда, вазифаи он эҷоди шароити мусоиди байналмилалӣ ҷиҳати рушд ва инкишофи устувори кишвар мебошад*». Вобаста ба гуфтаҳои боло, ҳаминро кайд кардан зарур аст, ки то ба имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи 110 кишвари дунё шинохта шуда, узви даҳҳо созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалию минтақавӣ мебошад.

Дар ҳақиқат имрӯз дар арсаи дунё давлате нест, ки талаботи худро ба таври мутлақ аз ҳисоби захираҳои дохилӣ, бидуни робита ва истифодаи захираҳои иқтисодии умумибашарӣ қонеъ гардонида тавонад. Дар алоҳидагӣ бе истифодаи самараноки иқтидори истеҳсолӣ, техникию технологӣ, иттилоотӣ, ақлонӣ ва самаранокии захираҳои иқтисодӣ ҳалли амалии масъалаҳои умдаи рӯз, яъне муосиргардонӣ (модернизатсия)-и саноат, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва таварруму бекорӣ ғайриимкон мебошад. Аз ин рӯ Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз қисмҳои

ҷудонашавандаи хоҷагии ҷаҳонӣ ба шумор рафта, дар тақсимоти байналхалқии меҳнат ва раванди ҳамгироӣ (интегратсионӣ) фаъолона иштирок карда истодааст.

Инкишофи имрӯзаи иқтисодиёти миллии моро бо таҳлили се ҳадафи асосии стратегии давлат маънидод кардан мумкин аст. Инҳо таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бумбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ мебошанд. Бо мақсади рушди соҳаи энергетика таҷдиду бунёди неругоҳҳои барқию обии Норак, Роғун, «Сангтӯда-1», «Сангтӯда-2», Қайроққум, Сарбанд, Маркази барқу гармидиҳии Душанбе, хатти интиқоли барқи КАСА-1000 имкон медиҳанд, ки дар оянда ба истиқлолияти энергетикӣ ноил гардем. Бо мақсади аз бумбасти комуникатсионӣ баровардани кишвар, алҳол дар саросари кишварамон – 1200 км роҳҳои мошингард; 14 км нақбҳо; 93 пул бунёд шуда истодаанд. Роҳҳои Душанбе–Кӯлоб–Хоруғ–Қулма–Қарақурум, Душанбе–Нуробод–Ҷиргатол–Саритош, Душанбе–Бӯстон–Чанақ, бунёди роҳи оҳани навбунёд Туркманистон–Афғонистон–Тоҷикистон муносибати моро бо давлатҳои ҳамсоя қавӣ мегардонад.

Дар ин замина барои афзун намудани гардиши савдои хориҷии кишвар 4 нуқтаи савдои наздисарҳадӣ, аз он ҷумла дар ВМКБ бозори наздисарҳадии «Тем»-и шаҳри Хоруғ, «Ишкошим»-и ноҳияи Ишкошим ва «Рузвай»-и ноҳияи Дарвоз, дар вилояти Суғд бозори наздисарҳадии «Дӯстӣ»-и шаҳри Исфара фаъолият доранд. Инчунин таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҳудуди ноҳияҳои Қумсангир ва Данғараи вилояти Хатлон, шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд ва ноҳияи Ишкошими Бадахшон мувофиқи матлаб буда, дар онҳо рушди соҳаҳои саноати коркарди маҳсулоти нассоҷӣ, истеҳсоли маводи рӯзғор, техника ва қисмҳои эҳтиётӣ ва густариши фаъолияти тиҷоратӣ пешбинӣ шудааст.

Хусусияти асосии ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз он иборат аст, ки имтиёзҳои тиҷорати хориҷӣ, яъне низоми махсуси тарифӣ ва боҷи гумрукӣ сабаби бештар озод гаштани амалиёти тиҷоратӣ мегарданд. Андозҳои имтиёзнок шаклҳои гуногуни соҳибкориро ба вуҷуд оварда, боиси зиёд гаштани ҳавасмандии сармоягузорони ватанию хориҷӣ мешаванд. Инчунин дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ инфрасохтори мукаммали муосир ба вуҷуд меояд, ки арзиши боркашониҳоро паст карда, барои содироти маҳсулоти ватанӣ шароити мусоид ба вуҷуд меорад.

Ҳоло зиёда аз 75%-и аҳолии мамлакатамон дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва аз ин теъдод 46% дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият доранд. Мақсади асосӣ дар соҳаи кишоварзӣ бештар истеҳсол ва таъмин намудани аҳолӣ бо маводи озуқаворӣи ватанӣ ва кам кардани маҳсулоти озуқаворӣи воридотӣ дар бозори миллӣ мебошад. Раванди хусусигардонӣ дар деҳот

ваислоҳот дар ин самт барои ташаккули муносибатҳои нави истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ дар кишвар мусоидат намуданд. Хоҷагиҳои деҳқонӣ имрӯз ба субъекти асосии истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ табдил ёфтаанд. Таҷрибаи байналмилалӣ бартарияти хоҷагии деҳқониро ҳамчун шакли самараноки ташкили истеҳсолот дар сектори аграрӣ нишон дод.

Ҳалли муттасил ва оқилонаи масъалаҳои энергетикӣ, коммуникатсионӣ ва озуқаворӣ имкон медиҳанд, ки соҳаҳои воқеии иқтисоду саноати мамлакат сари вақт рушду нумуъ намоянд, арзиши боркашониҳо поён равад ва дар солҳои наздик бо ҷалби сармояи хориҷӣ объектҳои нави истеҳсолӣ бунёд гарданд.

Сармоягузорони хориҷӣ сармояи худро ба иқтисодиёти Тоҷикистон бештар дар шакли сармоягузории мустақим бо роҳи таъсиси корхонаҳои муштарак мегузоранд. Саҳми корхонаҳои дорои сармояи мустақими хориҷӣ дар инкишофи иқтисодиёти ҷумҳурӣ, алалхусус дар ташкили ҷойҳои нави корӣ ва ғанӣ гардонидани буҷети давлат назаррас аст.

Содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали истиқлолият бештар ба давлатҳои аврупоӣ рост меомад. Аз соли 2007 самти содирот тағйир ёфта, имрӯз алюминий, меваҳои хушку тар ва пахта бештар ба Чин, Эрон ва Туркия содир мешаванд. Аз ин бармеояд, ки ҷуғрофияи содироти молии Тоҷикистон мунтазам тағйир ёфта, на танҳо ба давлатҳои Аврупо, балки ба мамлакатҳои Осиё низ доман густурдааст.

Дар воридоти маҳсулот ҳиссаи Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Қирғизистон назаррас буда, дар солҳои охир ҳиссаи давлатҳои Чин, Эрон ва Покистон афзоиш ёфта истодааст.

Омодасозии мутахассисони баландихтисос ва таҳкими неруи илмӣ-техникии мамлакат барои амалигардонии мақсадҳои дар назди мардуми тоҷик гузошташуда муҳим аст. Тоҷикистон дорои захираҳои бойи меҳнатӣ мебошад, ки имконоти иқтисодии мамлакатро дар соҳаҳои гуногун фароҳам оварда, самтҳои стратегии инкишофро ташаккул дода метавонад. Ҷаҳонишавии иқтисодиёт ҳамчун инъикоскунандаи ягонагии мустақилияти давлатӣ ва вобастагии иқтисодӣ аз дигар кишварҳо ба равандҳои ҳамгироӣ асос меёбад. Чи хеле ки худи тақсимоти меҳнат табиӣ бошад, ҳамгироии иқтисоди кишварҳо ба хоҷагии ҷаҳонӣ ҳам ҳамон қадар қонунист. Дар айни замон гузариш ба иқтисоди глобалӣ, табдилёбии иқтисоди кишвар ба як қисми иқтисоди ягонаи ҷаҳонӣ ногузир бузургманишии давлатҳои ҷудогонаро тавлид менамояд, ки он ба манфиати геоосиёсӣ ва иқтидори иқтисодии онҳо алоқаманд мебошад. Ҷаҳонишавӣ бо зарурати ҳамкории равандҳои истеҳсолӣ ва махсусгардонии истеҳсолии кишварҳо ба миён омадааст, ки ҳамгироии мукаммалро ба низоми ягонаи иқтисодӣ дар назар дорад. Ҳамгироӣ ва махсусгардонӣ

бо кам кардани хароҷоти истеҳсолӣ ва қонеъ намудани талабот дар шароити маҳдуд будани захираҳои табиӣ алоқаманд мебошанд.

Раванди ҳамгироӣ ба низоми ягонаи иқтисодӣ ва ҷаҳонишавии робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ дар худ хатари табдилёбии гурӯҳҳои муайяни кишварҳоро ба макони иловагии ашёи хом барои кишварҳои муттараққӣ ҷой намудааст. Бинобар ин, дар қатори дигар кишварҳои иқтисодиёти дар гузариш қарордошта, амнияти иқтисодӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ яке аз масъалаҳои вокеӣ гардидааст.

Ваҳдати эҷоднамудаи тоҷикон имрӯз барои бисёр мардумони кишварҳои мухталиф сармашқест, ки барои ҳалли низоъҳои дохилию берунӣ мавриди омӯзиш ва истифода қарор мегирад. Идеяҳои эҷоднамудаи миллат бештар хусусиятҳои инсондӯстию байналмилалӣ дошта, бисёр олимону муҳаққиқон ва арбобони сиёсию давлатиро вазифадор менамояд, ки дар атрофи масъалаҳои бузурги глобалӣ таваққуф намоянд. Ҳамзамон, эҳёи саҳифаҳои аз ёд рафтаи таърихи тоҷикон, оштии миллӣ-сулҳофарӣ, бунёдкорӣ, роҳкушоӣ ва аз вартаи бухрони иқтисодӣ баровардани Тоҷикистон аз зумраи масъалаҳое мебошанд, ки дар ба ҳам омадани миллату минтақаҳои Тоҷикистон нақши калидӣ дорад. Мувофиқи нишондоди коршиносон аксари хавфу хатар ва таҳдидҳои асри XXI ба мушкилоти об вобаста мебошад. Дар баробари ин масъалаи тағйирёбии иқлим, об шудани пиряххо ва дар ин радиф ҳимояи амнияти энергетикӣ ба миён омадааст, ки метавонанд ба рушду нумуи Тоҷикистони азизи мо таъсири гуногун дошта бошанд.

Барои татбиқи ғояҳои миллӣ ва умумибашарӣ ва ба камол расонидани инсони дорои тафаккури созанда, давлатдорӣ ва озодихоҳ зарур аст, ки мо дар баробари соҳиби давлати соҳибистиқлол будан барои рушду пешравии иқтисодиёт **дурнамои махсуси миллӣ дошта бошем**.

**?!**

**1. Зарурати гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми иқтисоди бозорӣ дар чист?**
**2. Роҳҳои гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ кадомҳоянд?**
**3. Давраҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намоед.**
**4. Сиёсати «дарҳои кушод» чӣ маъно дорад?**
**5. Глобализатсия ё ҷаҳонишавӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ чӣ таъсир расонид?**
**6. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди интегратсионии ҷаҳонӣ чӣ гуна ворид гардид?**

## Рӯйхати адабиёти истифодашуда


1. Автономов В. С. Введение в экономику. – М.: Вита-пресс, 2008.
2. Автономов В. С. Экономика. Базовый курс. 10–11 классы. – М.: 2010.
3. Баликоев В.З. Общая экономическая теория. Учебник. Новосибирск, 2006.
4. Введение в рыночную экономику / Под. ред. Лившица А.Я. и Никулиной И.Н. – М.: Высшая школа, 1994.
5. Иванов С.И. Основы экономической теории. – М.: Вита-пресс, 2010.
6. Исоматов Б. Асосҳои назарияи иқтисод. Душанбе, 2007.
7. Давлатов И., Исоматов Б., Ҳабибов С. Иқтисоди бозоргонӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 9. – Душанбе: «Офсет», 2001.
8. Кайзер Ф.И., Веткина А.В., Курмелева А.С. Экономика: Базовый курс для 10–11 классов общеобразовательных учреждений. – М.: Вита-пресс, 2012.
9. Киреев А. Экономика. Пособие для 10–11 классов (базовый уровень). – М.: 2014.
10. Қодиров Ш.Ш, Раҳимов О.Н, Хоркашов И.С, Фозилхонов Д.О. Назарияи иқтисод. Қисми дуюм. Душанбе, 2008.
11. Линьков А. Я. Экономика. Учебник. – М.: Вита-пресс, 2010.
12. Липсиц И.В. Экономика. Учебник для 10–11 классов общеобразовательных учереждений. – М.: Вита-пресс, 2008.
13. Любимов Л. Л., Ранеева Н. А. Основы экономических знаний. – М.: Вита-пресс, 2009.
14. Равичев С.А., Михеева С.А. Современная экономика. Пособие для старших классов. – М.: Вита-пресс, 2003.
15. Усманова Т.Д., Алимова М.М. «Экономическая теория» (Макроэкономика); Душанбе:, 2005.
16. Хасбулатов Р. И. Экономика. 10 класс. Базовый и углубленный уровни. – М.: 2014.
17. Хасбулатов Р. И. Экономика. 11 класс. Базовый и углубленный уровни. – М.: 2013.
18. Экономическая теория. Учебник. / Под ред. Добрынина А.И. М. 2007.
19. Экономическая теория. Учебник. / Под ред. В.И. Видяпина. М. 2007.
20. Экономическая теория. Учебник. Под ред. Камаева М.: М, 2005.
21. Эргашев А., Муҳадбердиев Ҳ., Эргашева М. Курси назарияи иқтисодӣ (Макроиқтисод). Душанбе, 2004.

## Мундариҷа

САРСУХАН ........................................................................................3

МАВЗӮИ 1. МАСЪАЛАҲОИ АСОСИИ ИҚТИСОДИЁТ
1.1. Иқтисодиёт чист?...............................................................................5
1.2. Маҳдудияти захираҳои иқтисодӣ ......................................................9

МАВЗӮИ 2. НАМУДҲОИ НИЗОМИ ИҚТИСОДӢ
2.1. Низоми иқтисодиёти анъанавӣ ва бозорӣ.......................................13
2.2. Низоми иқтисодиёти маъмурию фармонфармоӣ ва омехта ............15

МАВЗӮИ 3. БОЗОР ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН.
УНСУРҲОИ АСОСИИ БОЗОР
3.1. Мафҳуми талабот ва бузургии он. Чандирӣ ва қонуни талабот ......18
3.2. Таклифот ва бузургии он. Чандирии таклифот ................................23
3.3. Ташаккули нархи бозорӣ, изофагӣ ва камчинӣ...............................28
3.4. Механизми ба амалбарории нархи мувозинатӣ дар бозор .............29

МАВЗӮИ 4. ГУРӮҲБАНДИИ БОЗОР ВОБАСТА БА ШАКЛҲОИ
РАҚОБАТ. ТАЪСИРИ ИНҲИСОР БА ВАЗЪИ БОЗОР
4.1. Мафҳум ва моҳияти рақобат .............................................................33
4.2. Рақобати озод .....................................................................................34
4.3. Инҳисори соф.......................................................................................38
4.4. Рақобати инҳисорӣ. Шарти пайдоиш ..............................................40

МАВЗӮИ 5. ПУЛ: ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ВАЗИФАҲОИ ОН ....... 43
5.1. Сабабҳои пайдоиш ва намудҳои пул ...............................................43
5.2. Вазифаҳои пул дар иқтисодиёт.........................................................46

МАВЗӮИ 6. БОНКҲО: САБАБҲОИ ПАЙДОИШ ВА
НАҚШИ ОНҲО ДАР ИҚТИСОДИЁТ
6.1. Сабабҳои пайдоиши бонкҳо дар ҷамъият .......................................48
6.2. Хизматрасониҳои асосии бонкӣ. Самараи иқтисодии
фаъолияти бонкҳо ...............................................................................49
6.3. Шаклҳои асосии бонкҳо ....................................................................51
6.4. Шарт (принсип)-ҳои қарзи бонкӣ. Шаклҳои пасандозҳои бонкӣ.
Қобилияти қарзадокунии бонкӣ. Гарав ҳамчун усули
таъмини баргардонии қарз..................................................................52
6.5. Нақши Бонки марказӣ дар танзими низоми пулию
қарзии мамлакат....................................................................................54

МАВЗӮИ 7. БОЗОРИ МЕҲНАТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН
7.1. Мазмуни иқтисодии бозори меҳнат...................................................56
7.2. Омилҳои бавуҷудорандаи талабот ба меҳнат. Музди кор ................59

7.3. Сабабҳои фарқи сатҳи пардохти музди кор дар бозори меҳнат ......61
7.4. Омилҳои бавуҷудоварандаи талаботу таклифот
дар бозори меҳнат ......64

МАВЗӮИ 8. МАСЪАЛАҲОИ ИҶТИМОИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ
8.1. Сабабҳои асосии мунокиша байни корманд ва корфармо.
Нақши иттифоқи касаба дар ҳалли он ......66
8.2. Ҳадди ақали зиндагӣ ва сохтори низоми музди меҳнат.
Нафақаи меҳнатӣ ҳамчун усули ҳавасмандгардонии инкишофи
ҳосилнокӣ ва сифати меҳнат ......70

МАВЗӮИ 9. МАСЪАЛАҲОИ ИҚТИСОДИИ БЕКОРӢ
9.1. Мафҳуми бекорӣ ва нишондиҳандаҳои асосии он.
Тартиби ҳисоб кардани сатҳи бекорӣ ......74
9.2. Шаклҳои бекорӣ ва сабабҳои пайдоиши он ......76
9.3. Шуғли нопурра ва зуҳуроти мавҷудияти он дар
Ҷумҳурии Тоҷикистон ......79
9.4. Роҳҳои паст кардани сатҳи бекорӣ ......80
9.5 Шуғли пурра ва ҳудудҳои он. Мафҳуми дараҷаи бекории табиӣ.
Имкониятҳо ва мушкилиҳои паст кардани сатҳи бекорӣ дар
Ҷумҳурии Тоҷикистон ......84

МАВЗӮИ 10. ФИРМА ВА МАВҚЕИ ОН ДАР НИЗОМИ ИҚТИСОДӢ
10.1. Сабабҳои пайдоиши фирма (корхона) ......85
10.2. Захираҳои дохиливу берунӣ ва хароҷоти фирма ......88

МАВЗӮИ 11. СОҲИБКОРӢ: НАҚШ ВА МАҚОМИ ОН
ДАР ИҚТИСОДИЁТ
11.1. Соҳибкорӣ ва ташкили тиҷорат (бизнес) ......92
11.2. Хусусиятҳои фарқкунандаи соҳибкор аз менеҷер ......94
11.3. Муҳити соҳибкорӣ: шакл ва намудҳои он ......96
11.4. Моҳияти иқтисодии менеҷмент ва маркетинг ......97
11.5. Бизнес-нақша, моҳият ва шаклҳои ташкили он ......99

МАВЗӮИ 12. ДАРОМАДИ ОИЛАҲО: НОБАРОБАРИИ
ДАРОМАД ВА ОҚИБАТҲОИ ОН
12.1. Даромад ва хароҷоти оилаҳо ......100
12.2. Муаммоҳои камбизоатӣ ва роҳҳои бартараф кардани онҳо ......103
12.3. Сиёсати иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ......105
12.4. Таъсири таваррум ба сатҳи зиндагии оилаҳо ......106

МАВЗӮИ 13. ВАЗИФАҲОИ ИҚТИСОДИИ ДАВЛАТ
13.1. Сабабҳо ва шаклҳои иштироки давлат дар
танзимнамоии иқтисодиёт ......110

13.2. Вазифаҳои иқтисодии давлат дар шароити бозор........................111
13.3. Нақш ва мақоми давлат дар танзими давлатии
иқтисодиёт ва ташаккули даромадҳо ....................................................114
13.4. Низоми мақсадҳои сиёсати иқтисодӣ ..............................................117

МАВЗӮИ 14. НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ
МАКРОИҚТИСОДИЁТ
14.1. Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва усулҳои ҳисоби он ...........119
14.2. Мафҳуми мувозинати макроиқтисодӣ ва нақши
давлат дар таъмини он .............................................................................125
14.3. Маҳфуми давраҳо (сиклҳо)-и иқтисодӣ ва хусусиятҳои онҳо.....129
14.4. Таваррум ва усулҳои ченкунии он. Намудҳои таваррум,
оқибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва роҳҳои пешгирии он........................137

МАВЗӮИ 15. МОЛИЯИ ДАВЛАТӢ
15.1. Андоз ҳамчун сарчашмаи даромади давлат ....................................146
15.2. Моҳияти буҷети давлатӣ ....................................................................151

МАВЗӮИ 16. РУШДИ ИҚТИСОДӢ
16.1. Моҳият ва намудҳои рушди иқтисодӣ. Усулҳои ченкунии
рушди иқтисодӣ ........................................................................................159
16.2. Сарчашмаҳо ва омилҳои таъминкунандаи рушди иқтисодӣ .......161
16.3. Сармояи инсонӣ ва мақоми он дар таъмини рушди иқтисодӣ ....162
16.4. Маҳфуми мегаиқтисод. Норасоиҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва
хусусиятҳои муосири тараққиёт. Роҳҳои бартарафсозии масъалаҳои
умумумибашарии иқтисодӣ ва муноқишаҳо байни давлатҳои
мутараққӣ ва рӯ ба инкишоф.....................................................................163

МАВЗӮИ 17. САВДОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ
17.1. Сабабҳои иқтисодии пайдоиши савдои байналхалқӣ.
Содирот ва воридот. Тақсимоти байналхалқии меҳнат ва савдои
ҷаҳонӣ. Таъсири савдои байналхалқӣ ба имкониятҳои истеҳсолӣ
ва сатҳи некуаҳволии давлатҳои содиркунанда .....................................169
17.2. Мафҳум ва моҳияти бозори асъор .....................................................173

МАВЗӮИ 18. ХУСУСИЯТҲОИ ИНКИШОФИ ИҚТИСОДИЁТИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
18.1. Зарурати гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба
иқтисоди бозорӣ .........................................................................................179
18.2. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун низоми таркибии
хоҷагии ҷаҳонӣ ...........................................................................................183

Рӯйхати адабиёти истифодашуда ............................................................188

*Мирбобоев Раҳматулло, Саидмуродова Малика,*
*Убайдов Фахриддин, Хоркашов Исломбек,*
*Фозилхонов Дилшод, Имомназаров Музаффар*

# АСОСҲОИ ИҚТИСОДИЁТ

***Китоби дарсӣ барои синфи 11-ум***

Муҳаррир
*Саида Набиева*

Муҳаррири ороиш
*Иброҳим Ғаниев*

Дизайн ва ороиш
*Владимир Казберович*

---

Ба чоп 12.11.2015 иҷозат дода шуд. Андозаи 60×90 1/16.
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 12.
Адади нашр 120 000 нусха. Супориши № 3.

Ҷамъияти маҳдудмасъулияти «Собириён», 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 37;
e-mail: sobiriyon@yandex.ru.

Китоб дар матбааи «Собириён» нашр шудааст.
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ, 126.